**Ато Мирхоҷа**

# САРОЙИ САНГ

## Романи таърихӣ

***Қисми сеюм***

*Ёди Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Фазлалибеки Сурхафсар –*
*худовандони «Таърихи Бадахшон», гиромӣ бод!*

Душанбе
«Эр-граф»
2020

ББК 84Тоҷик 7–4 + 63.3(2Тоҷик)
М–65

Муҳаррирон: **Низом Қосим, Абдураҳмони Абдуманнон**

**Ато Мирхоҷа**. Саройи Санг (романи таърихӣ, қисми 3). Душанбе: «Эр-граф», 2020. – 308 саҳ.

Дар қисми сеюми романи «Саройи санг» муаллиф саргузашту сарнавишти қаҳрамонони асарро давом дода, хонандаро бо вазъи риққатбори тоҷикони Шуғнонзамин ва авзои сиёсии солҳои 70-уми асри XIX ошно месозад.

Дар ин айём Афғонистон барои ба даст овардани Шуғнону Вахон даст ба омодагии ҳарбӣ мезанад. Таҳти роҳбарии тоҷики зарафшонӣ Муҳаммад Яъқуббеки Бадавлат мусалмонони Хитойи ғарбӣ давлате ба номи Йеттишаҳр ташкил мекунанд. Яъқуббек барои ҳимояи он англисҳоро ба хоки ин давлати навбунёд роҳ медиҳад. Қавму қабилаҳои қирғизони назди Помир низ барои муттаҳид гаштан тадбирҳоеро роҳандозӣ менамоянд. Мир Манзаршоҳ барои мустаҳкам намудани сарҳади шарқии Шуғнонзамин дастаҳои ғоратгари қирғизро шикаст медиҳад. Шоҳи Бадахшон Маҳмудшоҳ ба Шуғнон лашкар кашида, ба муқобилати ғайричашмдошти артиши он дучор мегардад. Юсуфалихон бо маслиҳати аҳли фазл бо Маҳмудшоҳ сулҳ мебандад, вале бо додани 70 навраси хуфӣ ба бардагӣ обрӯйи худро дар назди раият барбод медиҳад.

ISBN 978-99975-78-69-3

©Ато Мирхоҷа, 2020

# ПАЛТАН

Қурси офтоби хирасӯзи зимистон аз паси абрҳои сафеди на он қадар захим ба монанди фонуси танҳое дар биёбони пурбарф чеҳранамоӣ мекард. Барфрезаҳои чун пари қу сабук ба чор тараф лаппидаву рақсида, бо сустию диранг ба замини яхбаста менишастанд. Ҳаво сард буд, аммо аз бадани сарбозон, ки ба қасди машқ фарсахе давида, тоза дар рӯбарӯи қароргоҳ саф кашида буданд, ҳавр бармехост. Сафҳои чоркунҷашакли даҳ-дувоздаҳ палтани сурхиналибос рӯйи майдони сап-сафед ниҳоят зебою тамошобоб ва айни замон бимовару ҳавлнок ба назар мерасиданд. Фазои доимо пур аз ғавғою шавқуни омодгоҳро хомӯшии ғайриодӣ фаро гирифта буд. Ин хомӯшӣ ба андозае ғайримуқаррарӣ метофт, ки ингор сарбозон акнун ҳис карданд, ки ба ғайр аз онҳо дар ин дашти фарохпаҳно зоғони хунсард ва гунҷишкони беқарор низ зиндагӣ доранду онҳо ҳам дар кадом гӯшае дил мезананду садо баланд мекунанд. Зарраҳои сабукболи барф чеҳраҳои дар интизори амри фармондеҳ карахти сафоростагонро бо сардии лаҳзаинаи гуворои худ навозиш дода, сарозер мегаштанд ва худи ҳамон дам ҷояшонро зеррачаҳои нуқратоби дигар мегирифтанд.

Кифтони[1] баландболо бо қадамҳои низомӣ ба назди карнайл, ки дуруст дар мобайни майдон, рӯ ҷониби палтанҳо истода буд, рафт ва хомӯширо шикаст:

– Карнайл[2]-сойиб, омодгоҳ мунтазири фармони шумост!

Карнайл Абдуллоҳҷон, марди паҳлавонҷуссаи серриши босалобат, бо овози равғании пурқувваташ ба сафбастагон рӯ овард:

– Ассалому алайкум, сипоҳиёни ислом!

Дуруди аз даҳони даҳҳо низомӣ бархоста ҳавои лашкаргоҳро ба ларза овард:

– Аллоҳ ёратон, карнайл-сойиб!

– Сарсупурдагони мамлакат! Ман имрӯз омадам, ки миннатдорию сипоси беқиёси амири Афғонистонро ба шумо бирасонам ва бигӯям: инак соати корномаҳо расид! Шумо барои дифоъ аз шарафу номуси давлати динпаноҳи мо ба мавзеъҳои лозимӣ фиристода мешавед. Бахусус хутути марзии мо ором нестанд. Ҷаноби амир

---

[1] Кифтон – капитан

[2] Карнайл – полковник

дастур дода, ки қисме аз шуморо барои муҳкам намудани сарҳадот эъзом бикунем. Шумо дар муддати омӯзиш илму ҳунари ҳарбро азбар кардед, шумо дарк намудед, ки агар майҳани худро ҳифз нанамоем, онро русҳову инглисҳову туркистониҳову чиниҳо байни худ тақсим ва моро ғуломи ҳалқабаргӯши худ месозанд. Аммо мо миллате нестем, ки ба ғуломию бешарафӣ тан бидиҳем, мо бегонапарвар набудаем ва бегонапарвар нахоҳем шуд!

Карнайл дар ин ҷо сукуте варзид ва сафҳоро аз рост ба чап аз назар гузаронда, пурсид:

– Оё ҳамиҷӯрӣ нест?

Сафҳо бо як овоз ҷавоб доданд:

– Боракаллоҳ, карнайл-сойиб!

Фармондеҳ аз посухи ҳунаромӯзони мактаб рӯҳбаланд ва нутқаш бурротару муассиртар гашт:

– Тоза инглисҳоро бадар рондем, ки русҳо ба марзҳои шимоливу шарқии мо дасти таарруз дароз кардан мехоҳанд. Вале ин малласарҳо, ки ҳанӯз зарби мушти афғонро бар сари худ таҷруба накардаанд, аз куҷо медонанд, ки инглис барои чӣ рӯ ба ҳазимат овардааст!

***Он ҷо ки уқоб пар бирезад,***
***Аз пашшаи логаре чӣ хезад?!***

Бидонед, ки ҳар яке аз шумо уқоб ҳастед ва ин пашшаҳои касиф тобу тоқати ҳатто шамоли парруболатонро надоранд. Ба амри Аллоҳи таъолову гардиши қазо ба суди мост, ки дар суфуфи худ ду палтан аз шуғниёни меҳанпараст дорем. Ин ҷавонмардон барои Афғонистони якпарчаю озод аз Шуғнони дуродур ба Кобул омадаанд, то ҳамроҳи ману шумо нагузоранд, ки пойи манҳуси рус сарзамини мусулмонободашонро касиф гардонад. Ҳоло барои сазовор гаштанашон ба рутбаи кифтон, Доробшоҳ Нуруллоҳзода, Қулмуҳаммадбек Сафармуҳаммадбекзода, Хоҷаназар Дӯстназарзода, Ошурбек Чинизода, Гожобердӣ Турсунбойзодаро ба назди худ мехонам.

Номбаршудагон бо қадамҳои бардами низомӣ аз саф баромада, дар баробари карнайл истоданд. Карнайл амри фармондеҳи ғундро ба ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ бархонд, ки «фалонӣ барои нишон додани қобилият дар фаро гирифтани фунуни ҳарбӣ ва ғайратмандӣ дар амалиёти майдонӣ ба рутбаи кифтон сазовор гардида, дар та-

моми ҷабҳаҳо аз ваколатҳои мартабаи мазкури афсари шарафманди сипоҳи Афғонистон бархурдор мебошад».

Афсарон бо нидои «Поянда бод сипоҳи ислом!» арзи миннатдорӣ ба ҷо оварда, ба ҷойҳои худ баргаштанд. Карнайл Абдуллоҳҷон ба супоридани рутба ба сипоҳиёни дигар машғул гардид.

Эҳсоси гуворои хушбахтӣ саропои Доробшоҳро фаро гирифт. Вақте ба саф баргашт ва қундоқи панҷтирааашро ба замин нишонда, нафаси жарфе гирифту қомати баландашро рост кард, пиндошт сараш он қадар баланд шуда, ки ҳамсилоҳонаш аз чор гӯшаи майдон ӯро бармало мебинанд. Ҳатто ҳис кард рӯҳаш ба дараҷае сабук, пурвусъат ва тавонманд гашта, ки дар баландои фазои майдон болу пар мезанад.

Оре, Доробшоҳ хушбахт буд, зеро пас аз таҳаммули заҳматҳои ҳаёти сарбозӣ то расидан ба орзуи деринаи худ – саркӯб намудани шоҳи золими Шуғнон ва барқарор намудани адлу инсоф дар ватанаш, як-ду қадами дигар мондааст! Ин фурсат ба дараҷае наздик расида, ки ҳатто чи тавр аз тахт сарозер гаштани шоҳ ва ғелидани саллаи калонашро равшан тасаввур менамояд, гуфтан мумкин, ҳатто мебинад! Доробшоҳ ҳам ба як ҳаракати тунд салларо мебардорад, ба гардани Муҳаббатхони рангпаридаю чун барги бед ларзон мепечонад ва ҳалқаҷаф мекунад. Шоҳи овозадор даступозанон бо фишшосу фаххос илтимос мекунад, ки ҷонашро нагирад, аммо Доробшоҳ ду нӯги дасторро ҳарчи сахттар ба ду сӯ мекашад ва пайкари беҷони вайро лагаде зада, ба замин мепартояд.

Ду сол боз Доробшоҳ ҳамин манзарарo қариб ҳар рӯз аз хаёл мегузаронад. Ду сол боз ду фарсах берун аз Кобул, дар мавзее, ки мардум онро Дашти палтан меномад, илми ҷанг меомӯзаду муҳориба машқ мекунад. Пайкараш пур аз нерус, мушакҳои китфу бозу ва пойҳояш чандиру таранг гаштаанд, дар рагҳояшон зӯру саломатӣ ҷудо-ҷудо мавҷ мезананд, ҳатто мушакҳои бағалаш дамидаанд, гӯё дар зери бағал на мушак, балки ду саққои оҳанин дорад. Бо пашми ғӯлию бадани ҳузарбаш хирси бӯрро ба ёд меорад, хирсеро, ки ба як панҷа задан гардани бабрро мешиканад.

Қариб тамоми сипоҳиёни омодгоҳ ба мисли Доробшоҳ ҷавонмардони зӯровар, пурбардошт, далер, нотарс буданд. Бо шахси низомӣ будани худ ифтихор доштанд, либоси сарбозӣ бароияшон чизе аз муқаддасот ба ҳисоб мерафт. Фармондеҳон нисбат ба риояи оини

муқарраргаштаи лашкардорӣ ниҳоят сахтгир буданд, шабу рӯз тартибу низомро нигоҳ медоштанд ва агар Худо нокарда, сарбозе ё афсаре таҳаллуфе нишон медод, чунон ҷазое мегирифт, ки фақат аз хаёли дигарбора вайрон кардани қоидаи ҳарбӣ ба дилаш ларза меафтид.

Ҷангҳои тӯлонии ақвоми ин сарзамин бар зидди ҳамдигар ва, солҳои охир, ба муқобили англисҳо, боиси ба вуҷуд омадани сипоҳҳои ҷангозмуда, такмил ёфтани лашкардорӣ ва таҳкими тартибу интизоми ҳарбӣ гардида, хизмат дар артиш барои ҷавонмардон шарафу ифтихор ба шумор меомад. Дар тафовут аз мардуми Бадахшону Туркистону Бухоро халқҳои Афғонистони ҷавон, бахусус паштуҳо, ба кори ҳарбу ҷанговарӣ рағбати зиёд доштанд. Онҳоро як ҳадафи пурҷазаба дар ин росто собитқадам мегардонд: ба давлати ягонаю қудратманд табдил додани Афғонистон! Муҳаббат ба сипоҳиву сипоҳдорӣ ба дараҷае расида буд, ки баландпоятарин мансабдорони мамлакат писарони навраси худро барои ёд гирифтани илми ҷанг ба омодгоҳҳо медоданд, то баробари расидан ба балоғат рутбаҳои хурди афсариро ба даст оварда, ба иҷрои вазифаҳои гуногуни фармондеҳӣ дар қисмҳои низомӣ мушарраф гарданд. Ҳузури лашкари англис низ ба ташаккули сипоҳи худӣ ва ҷорӣ намудани шеваҳои муосири фунуни муҳорибаю лашкардорӣ таъсири бузурге расонида буд. Афсарон мегуфтанд, ки лашкари Афғонистон сипоҳи Бухороро сипоҳ намешуморад, лашкари Хитойро ҳарифи заиф медонад ва танҳо артиши Русро рақиби сазовори худ ба ҳисоб меоварад.

Доробшоҳу ҳамдиёронаш дар чунин муҳит чун сарбози ҳақиқӣ таълим мегирифтанду тарбия меёфтанд. Давлат онҳоро аз ташвиши ба даст овардани ризқу рӯзӣ фориғ сохта, шароит дода буд, ки танҳо машқ кунанду ҷанговароне гарданд, ки аз санъату ҳайбаташон душманон ба ҳарос афтанд. Ҳамин тавр ҳам шуд: палтанҳои шуғнӣ дар маҳорати ҳарб аз ҳамсафони худ камие надоштанд. Ин палтанҳо танҳо аз шуғнониён иборат набуданд. Ба онҳо вахониҳо, ишкошимиҳо, дарвозиҳо, ҳатто қирғизони Помир ҳам дохил мешуданд. Аз рӯзе, ки Доробшоҳ ба палтан омадааст, эҳсос намудааст, ки фармондеҳон он дағаливу дуруштиеро, ки ба палтанҳои дигар мекунанд, нисбат ба «шуғниҳо» раво намебинанд; дар ҳолатҳои ҳассос хашмашонро фурӯ мебурданд, аз задану ҷазоҳои сахт даст нигоҳ медоштанд. «Аз боло чунин дастур гирифтаанд, набошад ба-

рои афсар чӣ фарқ дорад, ки сарбозаш шуғнист ё барлос?» – меандешид ба худ Доробшоҳ ва дилаш гувоҳӣ медод ин ҳама гузашту чашмпӯшиданҳо аз он аст, ки ба хотири шуғниён аз афғонон ғубори кудурат нанишинад.

Ин тахмини Доробшоҳ пас аз ду рӯз дар ҳузури фармондеҳи ғунд билкул дуруст баромад. Он рӯз, тарафҳои бегоҳ, дафадори робитачӣ Доробшоҳ, Қулмаҳмадбек, Хоҷаназар, Ошурбек ва Гожобердӣ, хулоса, ҳар панҷ ҳамсилоҳро, ки рутбаи кифтон гирифта буданд, ба дафтари карнайл Абдуллоҳҷон даъват намуд. Ба ғайр аз фармондеҳ дар дафтар боз ду шахси дигар дар либоси мулкӣ нишаста буданд, ки якеашон дӯсти деринаи Доробшоҳ шайх Соҳибназари Қаландар буд. Баробари ворид гаштани шуғниён Соҳибназар чобукона аз ҷо баланд шуд ва Доробшоҳро дар оғӯш гирифт.

– Ҳо-о, ҳамдуволи пӯлодчангол Доробшоҳ, ассалому алайкум! Шукри Худованд, ки Дашти палтан ба тан-андомат форидаст. Паланг будӣ, наррашер шудаӣ.

***Дар пеши ҳамлаи ту куҷо истад аду?***
***Рӯбоҳро чӣ тоқати зӯри ғазанфар аст!***

Доробшоҳ аз дидори ғайричашмдошт бо дӯсти деринааш он қадар хурсанд шуд, ки якбора ба гилагузорӣ гузашт:

– Ҳаҷаб дӯстӣ, ки маро ба ин биёбон партофтиву дигар суроғ ам накардӣ.

Шайх хандаи сулфамонанде карду гуфт:

– Қабул. Ҳақ бо туст, Доробшоҳ. Аз хизмати фармондеҳ фориғ шавем, бафурҷа дирди дил мекунем.

Вақте даъватшудагон нишастанд, Абдуллоҳҷон аз курсӣ бархост, фаши кӯтоҳи чун гулбун аз байни саллаи сурхи назиф баровардаашро палмосида дуруст карду ба онҳо рӯ овард:

– Раҳбарияти олии Афғонистонро сарҳадоти шимолӣ ва шарқӣ сахт ба ташвиш гузоштааст. Марзбонони Хитой дар Помир хайма заданианд, хабар омадааст, ки неруҳои дар Андиҷон мустақаргаштаи русҳо низ мехоҳанд ҷониби Шуғнону Вохон[1] ҳаракат кунанд. Аммо мо ба ҳеҷ ваҷҳ заминҳои худро аз даст намедиҳем! Помир, Шуғнон, Вохон мулки мостанд. Афғонистоне, ки ин қадар шаҳид дода, ҳатто

[1] Вохон – тарзи талаффузи «Вахон» дар Афғонистон.

дасти ингилисҳои ҳампаймонашро аз хоки худ кӯтоҳ намуд, ҳаргиз намегузорад, ки русҳою хитойиҳо заминҳоямонро бо пойи номубо-ракашон касиф гардонанд.

Карнайл шунавандаҳои саропо гӯшу ҳушшудаи худро як-як аз назар гузаронд ва ба шахси ношиносе, ки дар паҳлуи Соҳибназари Қаландар менишаст, муроҷиат кард:

– Ин ашхосе, ки мебинед, барои раҳбарӣ ба сипоҳ омода ме-бошанд, Гулзорхон-сойиб! Бо амри қароргоҳи марказӣ ба ҳар кадом аз инҳо, ба ҳасби истисно, рутбаи кифтон дода шуд. Дигар амр аз шумост.

Гулзорхон аввал ба карнайл ишора кард, ки бинишинад, сипас бо садои мулоими шахси ғайриҳарбӣ ба Доробшоҳу ҳамроҳонаш рӯ овард:

– Ҷанобон! Барои сазовор омаданатон ба рутбаи баланди афсарӣ ҳар яки шуморо офарин мегӯям. Бармеояд корномаҳое дар машқу тамрин аз худ нишон додаед, ки маъмурин чунин сардӯшиҳоро ба шумо лоиқ донистаанд. Ҳазорон боракаллоҳ! Аммо аз ин ба баъд масъулияти шумо дар назди давлати мусулмонободи Афғонистон бештар мегардад. Дар назар аст, ки шуморо дар раъси чанд палтан ба ватанҳоятон бифиристем, то марзҳои он ҷоҳоро аз душманонамон нигаҳ бидоред. Раҳбарияти олӣ дар ин боб аз ҳар якатон умедҳои ка-лон дорад. Кадом вақт сурат гирифтани ҳаракат ба самти Бадахшон ҳоло дақиқ нест, аммо муҳим ин аст, ки шумо ҳар лаҳза ба ин кор омода бошед. Дар вақти зарурӣ ҷузъиёти мавзӯъро ҷаноби Соҳибназар ба ҳар кадоми шумо тавзеҳ медиҳад.

Сипас Гулзорхон бархоста, даст ба ҷузвдони қаҳваранги чармин бурд, ки болои миз хобида буд. Ҳозирон низ ҳамагӣ якҷо бархоста, қомат тарангиданд. Вай аз дохили он қуттикоғазҳои рӯкашашон зарҳалӣ берун кашид, бо табассуми фарохи шахси олиҳиммат як-як ба дасти афсарон гузошт ва нутқи буридаашро давом дод:

– Ин як миқдор пулест, ки ба хотири сахткӯшиатон дар кори таълим шахсан худи ҷаноби амир ба шумо ҳадя фармудааст. Мубо-рак бошад!

Афсарон, ҳар панҷ, баробар миннатдорӣ арз карданд:

– Поянда бод сипоҳи ислом!

– Бо ин пул шумо метавонед дар Кобул яктоӣ ҳавлии калон би-харед ё дар бозор дуконе бикушоеду тиҷорате дошта бошед. Амир

афсаронро аз супурдани ҳама гуна молиёт озод сохтааст. Ғайр аз ин, агар барои хизмат ба мавзеъҳои дурдаст биравед, молу мулкатон ҳифозат мегардад, агар мабодо дар ҷанг шаҳид шавед, давлат худаш дороиятонро ба ихтиёри ворисонатон месупорад, то ба дасти шахси бегонае наафтад.

Доробшоҳу ҳамгинонаш аз ноил гаштан ба чунин хушбахтии ногаҳонӣ дар ҷои истодаашон шах шуда монданд. Камбағалони кӯҳистоние, ки ба ҷуз аз нонхарҷӣ дар киса пуле надоштанд, ҳеҷ бовар карда наметавонистанд, ки дар як лаҳза ба одамони сарватманд табдил ёфтаанд! Гӯё замини зери қадамашон якбора як-ду газ баланд гашту онҳоро аз ёру дӯстонашон як сару гардан боло бурд. Дилҳошон аз ғалаёни бахту ифтихор пар-пар мезаданд.

– Ин ҳам охири кор нест, – пас аз он ки Гулзорхон қуттиҳоро супурда, ба ҷояш гузашт, карнайл Абдуллоҳҷон ба гап ҳамроҳ шуд: – аз ҳамин рӯз эътиборан ҳуқуқи кифтон бар шумо ҷорӣ гардид ва агар ба сафари ҳарбӣ эъзом шавед, ҳар рӯз даҳ баробари ин ҳуқуқро барои ба хатар андохтани ҷонатон мегиред.

Кифтонҳои рӯҳбаланду саодатёр бори дигар бонг заданд:

– Поянда бод сипоҳи ислом!

– Поянда бод Афғонистон! – қомат ёзонда, посух дод Гулзорхон ва сипас аз қолаби расмият бадар омаду гуфт: – Фикр мекунам, карнайл-сойиб муқобил нест, ки амалдорони нави мо ҳафтае ба сайри Кобул баромада, бо дили худашон бошанд.

– Ишколе надорад, – ҷавоб дод Абдуллоҳҷон, – амр амри шумост, фармондеҳ-сойиб! – Ва ба зердастон рӯ овард: – Биравед ба хайр!

Кифтонҳо ҷонибӣ дар шитофтанд. Доробшоҳ суоломез ба Соҳибназари Қаландар назар афканд. Шайх ӯро то остон гусел карду гуфт:

– Рост хона бирав. Субҳи пасфардо ману ҳамдуволонатро ҳамон ҷо интизор бош.

Доробшоҳ, аз қароргоҳ баромадан замон, ба ҳамроҳонаш гуфт:

– Пасфардо дар Кобул дар хонаи шайх ҳамдигарро мебинем. Ман обу ош мекунам, ҳамон ҷо бафурҷа чақ-чақ мекунем.

Вай бо дӯстонаш як-як худоҳофизӣ карду роҳи таббохии занонаро пеш гирифт, зеро бисёр мехост, ки хоҳараш ҳам дар ин таътили ҳафтрӯза бо ӯ бошад. Вай Марҷонро ҳамон рӯзи аввали ба

омодгоҳ омадан бо худ оварда буд. Ба ин амал низ ӯро Соҳибназари Қаландари дурандеш ташвиқ намуд:

– Дӯстам, – гуфта буд вай пеш аз сафараш ба ҷониби Пешовар, – дар хонаи ман мондани хоҳарат бароям гароние надорад, аммо заифаро тоза аз чанги ғуломборагон халос кардем. Ману ту набошем, кӣ медонад, дар ин шаҳри калон ба сари он худозадагон чӣ хаёлҳое меояд. Маслиҳат ин аст, ки ӯро бо худ бигиру ба Дашти палтан бибар.

– Ба палтан? – бо ҳайрат нидо баровард Доробшоҳ.

– Бале, ба омодгоҳ, дӯстам, – ҷиддӣ посух дод шайх, – эминтарин манзил барояш ҳамон ҷост. Албатта, ту фикр мекунӣ, омодгоҳ фақат аз мардон иборат аст. Дӯстам, дар он шаҳраки калон афсарон бо аҳли байташон зиндагонӣ доранд. Ғайр аз ин, бахшҳои козуриву таббохӣ дорад, ки ҳунари занона дар онон ба кор меояд. Дар ҳар сурат, ман бароят хате менависам, ки агар бо хоҳарамон мушкиле пеш омад, онро ба сардори қароргоҳ – Абдуллоҳҷон медиҳӣ.

Аммо кор то фармондеҳи қароргоҳ накашид. Дар Дашти палтан Марҷонро бо хушнудии зиёд истиқбол карданд. Дафадори масъули қабул арзи Доробшоҳро дар мавриди Марҷон гӯш карду аз хурсандӣ каф ба ҳам совида гуфт:

– Чи кори хубе мекунӣ, сойиб, мо ба хидмати сияҳсарон[1] бисёр ниёз дорем.

Ва тир барин аз дар берун шуду чанд дақиқа пас бо зани болобаланде, ки сару рӯяшро бо шоли сурх печонда буд, ба дафтар баргашт. Зан, бидуни он ки ҳарфе ба забон орад, дасти Марҷонро гирифту аз паси худ кашола кард. Баъдан Доробшоҳ фаҳмид, ки ҳақиқатан омодгоҳ панҷоҳ-шаст нафар зан доштаву барои хонумони хизматгузор таббохии алоҳидае ташкил карда шудааст. Марҷонро худи ҳамон соат дар ошхонаи занона ба кор гирифтанд ва музди хубе ҳам барояш муқаррар намуданд. Ин буд, ки Доробшоҳ аз ташвиши будубоши хоҳараш тамоман хотирҷамъ гашт ва кулли гӯшу ҳушашро бо садоқати росих ба машғулиятҳои омодгоҳ супурд.

Сартаббох Мушаррафа-саркор, ҳамон хонуме, ки рӯзи нахуст Марҷонро раҳнамоӣ карда буд, хоҳиши Доробшоҳро хушнудона пазируфт:

---

[1] Сияҳсар – киноя аз ҷинси зан

– Бисёр кори хубе мекунӣ, сойиб, ки ҳамшираи ҷоноҳанат боре ҳаво мехӯрад. Субҳоналлоҳ, ки ҳар даҳ рӯз бо худ барои харид Кобул мебарамаш, вагарна ҳоло дар анбори озуқа саргиҷа мешуд.

Марҷон либоси маърака пӯшид, чодар ба сар кард ва хоҳару бародар аз саис асп гирифта, савор шуда, ҷониби Кобул шитофтанд. Сари роҳ бозор даромаданд, ки хӯрокворӣ бихаранд. Ҳунари савдоталошии Марҷон, – бо камтарин нарх харидани озуқаи якҳафтаина, – Доробшоҳро ба ҳайрат овард.

– Акнун фаҳмидам, барои чӣ сартаббох-хонум бо ту бозор меомадааст, – ба ханда гуфт ӯ, вақте халтаи озуқаро пеши зин мегузошт.

– Кори неку кардан аз пур кардан аст, бародарҷон, – аз таърифи Доробшоҳ рӯҳ гирифт Марҷон, – аз Кобул лоақал ҳамин ҳунарро ба Рӯшон барам, ҳисоб кун, ки аз хирс мӯе канда тавониcтаам. Кай ба ватанамон бармегардем?

Ин суоле буд, ки Марҷон ҳар гоҳ бародарашро бинад, ҳатман мепурсид. Доробшоҳ медонист, ки хоҳараш дар ҳасрати Рӯшони гулафшонашон месӯзад. Худаш ҳам ёру диёрашро сахт ёд карда буд. «Як бори дигар ба забони падариам озод гап занам, беормон мемурам», – ҳасрат мекашид ҷавонмард. Не, Доробшоҳ ормони дигар низ дорад. Расидан ба висоли Беҷодамоҳи соҳибҷамол! Агарчи як соли охир ин хаёлро муҳол мешумурд. Зеро ғусса мехӯрд, ки золимон дилдодаашро ё бағал кашиданд, ё ба кадом палиди ҳамзоташон ба канизӣ доданд. «Куҷост марде, ки он ҷӯҷаи париро бинаду орому қарор аз даст надиҳад», – бо зардаи рашколуд Доробшоҳ дил хун мекарду аз оташи ниқор сию ду рагаш мисли мор ба худ мепечиданд.

– Меравем, фарзанди падар, бояд биравем. Фардо шайх Соҳибназар дақиқан дар ин хусус хабар медиҳад.

– Кошкӣ, – оҳи сард кашид Марҷон ва по бар рикоб даровардy чолок худро болои зин гирифт ва аспро ба ҳаракат даровард.

Доробшоҳ аз қафои асп вазнин қадам гузошт: дуди оҳи Марҷон табъашро хира сохт. Синни духтар аз бист гузашт, аммо бахт боре ҳам ба рӯяш нимтабассуме накардааст. Балоғат наёфта, ба асорат афтоду гулистони шарафаш поймоли кадом хукони ёбоӣ гашт; дар Кобули пурфуҷур чи таҳқирҳоеро таҳаммул кард, худ медонаду Худовандаш! Доробшоҳ, албатта, ин паҳлуи ҷузъиёти сар-

гузашти хоҳарашро намепурсид, вале аз умқи нигоҳҳои дардолудаш эҳсос мекард, ки асорат ба сари Марҷон чи рӯзҳои наҳсе овардааст.

Ин ҳама талхкомиро, ба андак диққат, ҳар одами бегона низ аз чашмони Марҷон хонда метавонист. Ду дидаи ҷавонзан дақиқае қарор надоштанд – ба чор тараф мечархиданд, ингор касе дар каминаш нишаста бошаду барои он ки мабодо аз ҳуҷуми ногаҳонии душманаш дар ғафлат намонад, лаҳза-лаҳза ба ҳар сӯ назаре меафканад. Чолокиву тезҳушии ғайримуқаррариаш низ ба он далолат мекарданд, ки духтар солҳои сол чун аскарон бо реҷаи «ҳар лаҳза ҳозир бош!» ба сар бурдаву чунин шеваи бераҳмонаи зиндагӣ дар рӯҳу равони ӯ таъсири амиқе гузоштааст. Тақдири номеҳрубон аз нозу назокати занона дар вуҷудаш қариб осоре боқӣ нагузоштааст. Агар ба ҷои пероҳану чодар либоси мардон мепӯшид, ба сабаби адами синаи баланд, ягон бинанда гумон намекард, ки дар наздаш ҷавонзане истода бошад. Қадаш баланду ҷуссааш камгӯшт бошад ҳам, дар тавонмандӣ аз ҷавонмардони ҳамсолаш камие надошт. Бахусус дастонаш ниҳоят бақувват буданд – инро Доробшоҳ ҳар боре, ки бо Марҷон салом мекард, эҳсос менамуд ва дар дилаш хурсандона мегуфт: «Чи панҷаҳои гирое дорад хоҳаракам!»

Онҳо чанд кӯчаю паскӯчаи аз ғояти сардӣ камодами Кобулро хомӯш тай карда, ниҳоят ба манзил расиданд. Дарвозаро шиноси деринаашон Анбарии хизматгор боз карду аз шодӣ худро ба оғӯши Доробшоҳ андохт.

– Кобулистон гулистон шуд, соиб, – фарёд кашид ӯ, – биёед, сафо овардед! Бовар кун, аз танҳоӣ девона шудам.

Доробшоҳ, ки дар тамоми муддати иқоматаш дар ин хона аз Анбарии камгап қариб ҳарфе нашунида буд, шӯхимомез посух дод:

– Эй Ҳамбарӣ, маълум, ки таноӣ ба ҷонат задаст. Ҳакнун як афта, чи қадар хоӣ, ҷоғ зану дилатро холӣ кун.

Онҳо секаса бору бухчаҳоро ба хона даровstyарданд. Анбарӣ аспро ба ахтахона бурду бо як бағал ҳезум баргашт. Доробшоҳ Марҷонро ба ҳуҷраи тангтар, ки гарм карданаш осонтар буд, даровarду худ ба ҳуҷрае, ки ҳамроҳи Хайримаҳмад дар он зиндагӣ мекарданд, ҷой гирифт. Анбарӣ дар ним соат хонаҳоро чунон гарм кард, ки Доробшоҳ пӯшоки рӯяшро бадар овард. Баъди соате Анбарӣ як лаган кабоби хушбӯйро ба ҳуҷраи Доробшоҳ дароварду хурсандона наҷво зад:

– Тамоми ҳунарамро сарф кардам, сойиб. Умедворам, ки писандатон меояд.

– Қулуғи бисёр, Ҳанбарӣ. Чӣ хел маъқул нашавад, вақте унари пухтупаз бар ту хатм шуда бошад. Марҷонро ҷеғ зану худат ам бо мо бишин.

Ин лаҳза дар боз шуду садои ҷарангосии Марҷон хонаро пур кард:

– Чӣ қадар бӯи гуворо, даҳонам об кушод-е!

– Мунтазири худатем, хоҳарҷон, бе ту аз гулумон намегузарад, – хушсуханӣ кард Доробшоҳ.

Онҳо сари табақи кабоб нишастанд ва таърифкунон базудӣ онро холӣ карданд. Анбарӣ дар чойники чинӣ чойи хушбӯи ҳиндӣ дам кард. Чойнӯшиашонро суҳбат дар бораи футувватпешагию саховатмандии соҳиби хона – Соҳибназари Қаландар гармтар намуд.

Бародару хоҳар ду рӯз дар хонаи гарм дам гирифтанду андаке ҳам бошад, кӯфти кору давуғеҷи чандинмоҳаи лашкаргоҳро аз баданашон бароварданд. Рӯзи сеюм, наздики намози аср, мувофиқи ваъдааш, Соҳибназари Қаландар дарвозаро кӯфт. Доробшоҳ, ҳамроҳи вай ба хона даромадани Қулмаҳмад, Хоҷаназар, Ошурбек ва Гожобердиро дида, аз хурсандӣ пару бол баровард.

– Акнун чи қадар дилатон хоҳад, ба забони шуғниатон «саранг-саранг» кунед, – лутф кард шайх пас аз вохӯрӣ бо Доробшоҳ. – Як ҳафта хонаи банда дар ихтиёри шумост!

– Бародарам Хайримамад куҷо рафту аволаш чӣ шуд? – бесаброна суол дод Доробшоҳ.

– Шукри Худованд, Хайримуҳаммади мо сиҳҳат асту саломат. Дар Пешовар як моҳ ҳамроҳ будем. Азми Бомбайравӣ дошт, ҳоло шояд дар он ҷо бошад. Ғам нахӯр, инсони донову ҷавонмард дар ягон гӯшаи олам хор намешавад.

Шайх то фуромадани торикӣ базми ҳамсилоҳонро тарк накард. Вақте ки онҳо сари дасторхони пурнеъмати Доробшоҳ нишастанд, Соҳибназари Қаландар забон ба саноящон баркушод:

– Савганд ба исми Аллоҳи таъоло, ки фарзанди инсон аз шумо пурбардошттар, аз шумо чолоктар, аз шумо софдилтар намешавад. Ман инро ба рафиқони кобулиам мегуфтам, бовар намекарданд. Вале он рӯз Абдуллоҳҷони карнайл гапи дар хусуси шумо гуфтаамро тасдиқ намуд. «Мо то ҳол дар бораи ин мардум

фикри ғалат доштем», – гуфт карнайл. – «Гапи шумо рост баромад. Инҳо афсарони содиқ ва ботадбир шуда, барои ҳифозати Бадахшонамон корҳои бузурге хоҳанд кард». Ман аз ҳар яки шумо аз замин то осмон миннатдор астам, ки сари маро дар назди дӯсту душман афрохтед.

***Ёд бод он ки сари кӯи туам манзил буд,***
***Дидаро равшанӣ аз хоки дарат ҳосил буд.***
***Рост чун савсану гул аз асари суҳбати пок***
***Бар забон буд маро, он чи туро дар дил буд[1].***

Шайх суханашро ба охир расонду бо нигоҳи пурмеҳр ҳамнишинонашро як-як аз назар гузаронд. Хомӯширо Хоҷаназар шикаст:

– Шайх-сойиб, гапатонро рӯшан нафаҳмидам. Чаро фақат Бадахшонро ҳифозат кунем? Шуғнон чӣ?

Ин асно Ошурбек ҳам ба гап ҳамроҳ шуд:

– Вахон ҳам набояд фаромушт шавад, сойиб.

Гожобердӣ низ аз қатор намонд:

– Кор бар ин қарор шавад, Помирро ё русҳо мегиранд ё хитойиҳо.

Соҳибназари Қаландар ба эътирози ҳамсуҳбатон бо табассуми дилкушодона посухе дод, ки аз ҳайрат дақиқае забони ҳамаашон лол гашт:

– Не, чаро? Мақсади асосӣ, албатта, пеш аз ҳама, муҳофизати Шуғнону Вахону Помир мебошад. Аммо гап дар он аст, ки мо ин се қаламравро, ки ҳар кадомашон ҷудо-ҷудо ҳукумат доранд, ба вилояти Бадахшонамон ҳамроҳ карда, онро ба музофоти муқтадир табдил медиҳем. Он вақт ҳам идора карданашон осон мегардад, ҳам муҳофизати сарҳаду аҳолии ин мантиқа.

Сукути гарон дар миён афтод: маълум, ки касе аз байни ҳамдиёрон чунин ранг гирифтани масъаларо чашмдор набудааст. Ниҳоят Гожобердӣ, марди паҳлавонҷуссаи қирғиз, ки ба дарӣ бисёр шево ҳарф мезад, изҳори ҳайрат кард:

– Худо нигаҳбонатон, шайх-сойиб, каромот кардед. Яъне, ҳудуди Рангкӯлу Қаракӯл ҳам дар назар аст?

---

[1] Моли Ҳофиз

– То наздики Ӯш, ҷоеро, ки «Дарвозаи Помир» меноманд, – кӯтоҳу фаҳмо посух дод Соҳибназари Қаландар.

– Рӯшону Бартанг ам дар назар аст ё иноро ба Дарвоз медиед? – нимшӯхиву нимҷиддӣ шубҳаи худро ба забон овард Доробшоҳ.

– Рӯшон, Бартанг, Язгулом чун як ҷузъи Шуғнон, бегуфтугӯ, аз Бадахшонанд, лекин Дарвоз, ба эътибори он ки қаламрави Бухорост, албатта, дар ихтиёри Бухоро мемонад.

– Шайх-сойиб, – ба гап ҳамроҳ шуд Ошурбеки вахонӣ, – мо, дар ин ҷо будагон, ба ҷону дил инро мехоҳем, аммо пурсиш ин аст, ки оё дағдаға бисёр калон нест? Оё зӯрамон ба Туркистону Хитойу Рус мерасад?

Соҳибназари Қаландар, ба сабаби хоидани луқмаи даҳонаш, дар посух дермонӣ кард. Банохост Қулмаҳмадбек, ки дар суҳбатҳо ҳама вақт гӯш карданро авло медонист, ба гап даромад:

– Афғонистон модари зори ҳамаашонро нишон медиҳад. Ин аморати Бухоро нест, ки амираш, ба ғайр аз сурсуракбозӣ бо занон, ҳунари дигаре надошта бошад.

Ҳама ба Қулмаҳмадбек мутаваҷҷеҳ шуданд. Вай ҷавонмарди шуғнонии тахминан сию панҷ-чилсолаи қаддарози биникалоне буд бо абрӯвони каммӯй, риши кулӯтаи сиёҳ, чашмони айёр, гардани дароз, пайкари чолоку чандир. Дар палтани шуғниён Қулмаҳмадбек ва Хоҷаназар, марди ғалчаи сурхмӯйи пурқувват, нафароне буданд, ки ҳафтае ҳамагӣ се рӯз дар машқҳо иштирок мекарданду рӯзҳои боқимонда ба куҷое ғайб зада, сиррашонро ба касе намегуфтанд.

Шайх аз пиёлаи чой гулӯяшро тар намуда, гапи Қулмаҳмадбекро тасдиқ кард:

– Мирзода айни воқеиятро гуфт. Мо давлати бузург ташкил мекунем. Барои ин лашкар, силоҳ, пул, сутур, озуқа, раҳбарияти фаъол, пушту паноҳи баэътимод дорем. Асси асос – молики дини ҳақем. Дар ҳама замонҳо пирӯзӣ бо ислом будааст, иншоаллоҳ, ин замон низ бо ислом мемонад. Шумо бо виҷдони рост ба мо хизмат кунед, мо пушти шуморо доимулвақт нигаҳ медорем. Агар касе аз шумо, ба монанди кокои Қулмуҳаммаду кокои Хоҷаназар, пулашро ба тиҷорат гузоштан хоҳад, танбаҳоии[1] ӯро шахсан худам ба гардан

[1] Танбаҳо – шахсе, ки дар муомилаи пулӣ ё молӣ барои шахси дигар гаравгон мешавад.

мегирам. Алҳамдулиллоҳ, дар бозорҳои Афғонистону Ҳиндустону Эрон аз хотирхоҳон бенасиб нестам.

– Ҳалло, ҷаноби шех, амаи моро «бадбадахшӣ»[1] карданий, бигӯй! – хулосаи худро баён кард Доробшоҳ, пас аз он ки Соҳибназари Қаландар гапашро ба охир расонд.

Соҳибназари Қаландар ҳам филҳол ҷавоби пухта дод:

– «Некбадахшӣ», Доробшоҳ, бадахшонии нек. Даврони кинатӯзии қабилавӣ гузашт. Вазъият тақозо дорад, ки барои наҷоти ҷону имонамон дар муқобили душманонамон муттаҳид бошем.

– О-оо, корҳои аҷиб моро интизор будаанд! – хитоб кард Ошурбек. – Кай ба сафар мебароем?

– Инро касе намедонад, – ҷавоб дод шайх, – шояд ҳамин шабу рӯз, шояд баъди як-ду сол. Ҳар вақте амири мамлакат зарур шуморад. – Ва пас аз сукуте афзуд: – Аммо дақиқан медонам, ки ҳар касро ба ватани худаш ба сафари ҳарбӣ мефиристанд.

– Аз ин чӣ бэтар! – шодона нидо баровард Доробшоҳ, – Каллаву пӯст мезанем. Мабатхонро бо аълу авлодаш несту нобуд мекунем!

## БОРОНШИТОБ

Корвони на он қадар калоне, ки аз шаш сарбози чусту чолоки сикҳ, Непи Илёс (барои осонии талаффуз кобулиён Нэп Элиасро чунин номиданд ва он машҳур шуд), Соҳибназари Қаландар, Хайримаҳмад, ду хизматгор ва се уштури пурбор иборат буд, рӯзи дуюм аст, ки дар тангноҳои пуршебу фарози дараи Хайбар қадам мезанад. Роҳ дар баъзе мавзеъҳо аз камари шаххҳои осмонбӯс гузарад ҳам, дар қиёс ба оврингҳои мушкилгузари Рӯшону Дарвоз, ки раванда ҷон ба каф гирифтаву калима гардонда, пой мегузорад, роҳи Каҳкашонро мемонд. Дар пайраҳаи паринҳои[2] Дарвозу Рӯшон пойи оҳуи кӯҳпарвард меларзад, вале аз тангтарин мавзеи кӯтали Хайбар, бидуни душворие, ароба мегузарад. Вақте ки Хайримаҳмад ин мушоҳидаашро ба Соҳибназар баён кард, вай саманди ҷавмасти зебояшро ба аспи ӯ тамоман наздик оварду гуфт:

[1] Бадбадахшӣ – бадахшонии бад; вожае, ки бар асари тохтутозҳои истилогаронаи Бадахшон дар Шуғнону Вахон нисбат ба бадахшиҳои он замон пайдо шудааст.
[2] Парин – овринг

– Барои ин аз ҷанг бояд миннатдор бошем, ҳамдувол!

– Аз ҷанг?! – нидо дардод Хайримаҳмад бо ҳайрати ошкоро.

– Оре, дӯстам. Ҷанг шаҳру деҳро хароб, аммо роҳҳоро обод мекунад. Хислати давлатдорон ин аст, ки замони осудагӣ санге аз роҳе барнамедоранд, аммо ба хотири забту ғорати кишваре кӯҳеро металқонанду барои лашкари худ роҳ мекушоянд. Ҳамин ҷода чандин сол пеш камбар буду ноҳамвор. Вақте барои англисҳо лозим омад, ки Кобулро фатҳ кунанд, бибин, чӣ нозанинаш сохтанд! Ё бигирем Ҳиндустонро. Аз Афғонистон тавофуте надошт. Вале ҳоло роҳи утумубил чӣ, роҳи оҳан дорад! Иншоаллоҳ, ба чашми худат мебинӣ.

Хайримаҳмад сухани шайхро хеле мулоҳиза карду гуфт:

– Аҷаб дунёе будааст дунёи одамизод. Ҳеҷ дар дилам намеғунҷад.

– Инро ба забони замон сиёсат мегӯянд. Ба як гап, ҳамдигарро чашмбандӣ кардани давлатҳо.

Хайримаҳмад, гӯё ба ҳоли ҷаҳон бошад, бурутханде заду пурсид:

– Аммо «раҳи оҳанин»-у «утбил»-атонро тамоман нафаҳмидам.

Шайх кафашро бар пешонӣ лапар сохта, ба ташвиш ба қуллаи кӯҳҳои Спинғар назар андохт:

– Бороншитоб! Баъди понздаҳ-бист дақиқа борон меборад, ҳамдувол, борони ин ҷо сахт аст, сарамонро бояд паноҳ кунем, – ва билфосила ба суоли ҳамроҳаш посух дод. – Роҳи оҳан ҷодаест, ки болояш хонааробаҳо мегарданд. Тасаввур кун, ки чандин аробаи чӯбинро ба мисли ушутурони корвон думбадум бастаанду чархҳояшон бар болои роҳи оҳанӣ, ки ба дарозии садҳо фарсах сохтаанд, ҳаракат мекунанд. Утумубил аробае мебошад, ки онро на асп мекашад, на хар, вай худаш ҳаракат мекунад.

Хайримаҳмад аз шарҳи шайх чизе нафаҳмид, аммо пурсиши кунҷковонаро дар болои асп номувофиқ ҳисобида, сӯи осмон чашм дӯхт. Абрҳои тирагун ба шакли ҷонварони гуногуншакли булъаҷаби афсонавӣ ситеғу гарданаҳоро дар оғӯши сиёҳи худ нопадид сохта, бар сари мусофирон метохтанд.

Аз қафо садои Непи Илёс баланд шуд:

– Ба фикрам, вақти чодир задан расид, ҷанобон!

– Бале, ҳарчи зудтар! – хитоб кард Соҳибназар, – дар зери шах пиёда шавед!

Сарбозон аз болои уштуре чодарҳоро гирифтанду чанд дақиқа пас дар ҷои нишондодаи шайх ду хайма барпо карданд, ки тамоми одамон ва бору бағоҷи корвон дар дохилашон баҳузур ғунҷид. Дар берун, дар зери бороншитоб фақат аспону уштурон монданду халос.

Борон, дар ҳақиқат, якбора сел барин фурӯ рехту дар даҳ дақиқа гирду атрофро пури лойоба кард. Аз чор сӯи дара овози рехтани он ба ҳар савте ба гӯш мерасиду ба дилҳо ташвишу изтироб меандохт. Азбаски чодарҳо дар таги шахе қарор доштанд, ки камараш аз тори он чанд метр дарунтар воқеъ буд, борон ба онҳо камтар мерасид.

Дар чодари аввал Хайримаҳмад, Неп, Соҳибназари Қаландар, Умар – хизматгори Неп ва сардори посбонон – марди тануманди гандумгуни сикҳ, ки риши ғӯлии сиёҳашро шаш қатор бофта буд, ҷой гирифтанд. Ба амри ин марди чолок сарбозонаш зинҳоро паҳлуи ҳам гузоштанд ва ба болояшон чанд пӯстак партофта, дар як нафас ҷои нишаст тайёр карданд. Посбонон баромаданду сикҳ ба нимтаъзими зебо ҳамсафаронашро ба нишастан муроот кард.

– Бори шашум аз ин дара тир мешавам ва ҳар бор ҳам зери борон мемонам, – гуфт Неп ва кулоҳи фарохлапарашро аз сар гирифта, ба «харак» нишаст ва ба гапаш давом дод. – Чӣ дуое рафта бошад, намедонам.

Сикҳ бо шакарханд лутф кард:

– Аммо аз ватани ҷанобашон бештар намеборад.

Бо шунидани ин сухан табъи Неп якбора чоқ гардид:

– Шумо магар дар Ингилистон будаед?

– Бале, сэр, ҳамроҳи даҳ нафар ҳамдиёрам ду сол дар Лондон мактаби ҳарбӣ хондем, – ҷавоб дод сикҳ бо лафзи тозаи дарӣ.

– Бале, боронҳои Лондон ҳам бисёр, ҳам ногаҳониaнд, – қаноатмандона сар ҷунбонд Неп, – аммо ин ҷо дара ки ҳаст, боронаш ғазаболуд менамояд.

– Мисли мардумаш, – мантиқи сухани Непро дигар кард сикҳ.

– Оре, – розӣ шуд Неп, – аммо мардуми шарқ бояд ба тамаддун даст ёбад… – ва давоми гапашро фурӯ бурд.

Сикҳ норизоёна сарашро аз буни гардан ба аломати инкор ҷунбонду пичингомез гуфт:

– Ин қадар бетамаддун ҳам нестем.

Соҳибназари Қаландар дид, ки асабҳо таранг мегарданд, ба миёни сухбат даромад:

– Банда Синкҳ, гапат дуруст, мо нодон нестем, аммо Фарангистон аз Машриқамон бисёр пеш рафтааст. Пас онон донотаранд.

Банда Синкҳ шамшери дарозашро миёни пойҳо гузошту ду каф рӯи дастааш монда, ба он такя зад ва аз зери пешонӣ ба шайх нигоҳи тезе афканду гуфт:

– Бале, мағрибиҳо хеле пеш рафтаанд, вале ин барояшон имтиёз намедиҳад, ки ба иллати ақиб мондан, дигар ҳар ҷавре, ки доранд, бар сари мо фурӯ бирезанд. Магар зӯроварӣ нишони доноист?

Шайх, ба умеди он ки шояд ба сикҳ посухи сазоворе бидиҳад, ба Неп чашм дӯхт, аммо вай бо чашмони нимпӯш оромона чӯбакнавозии боронро гӯш мекард. Ингор сухан на аз Мағрибу аъмоли мардуми он, балки аз кадом кори хонаводагии ҳамсафаронаш мерафт, ки дахолат кардан ба он барои шахси бегона аз доираи одоб берун мебошад. Соҳибназари Қаландар салоҳ надонист, ки пурсиши афсари сикҳ бепосух монад, бинобар ин, андешаашро чунин ба забон овард:

– Зӯру таъқиб, ҳаққо, ки ахлоқи ҳамида набошад, вале, маатаассуф, олам чунин сохта шудааст, ки зӯр нозӯрро тобеи худ месозад. Агар дар тамоми рӯи олам ду кас боқӣ монанд, боз ҳам он як зӯр ин як камзӯрро барои худ ғулом мекунад.

– Пас ту зӯрии фарангиёнро ба мо дуруст мешуморӣ? – ғур-ғур кард Банда Синкҳ.

– Зулми инсон бар инсон дуруст нест, вале вақте шумо – ҳиндуҳо, дӯсту душманро бетафовут бародари худ мешуморед, гуноҳ бар мусалмонон нест, ки фарангиён ватанатонро забт намуданд.

– Чаро бетафовут? – сухани шайхро бурид сикҳ.

– Магар андарзи гуруҳои[1] шумо ин нест, ки кулли одамон дар рӯи замин бародаранд?

– Оре, чунин таълим медиҳанд гуруҳои бузург. Гуфтаанд, ки ба ҳам бародарӣ кунанд, на зӯроварӣ, – ба оҳанги ифтихор ҷавоб дод Банда Синкҳ.

Шайх оҳи амиқе кашиду гапашро давом дод:

– Оре, бародарӣ бо мардуми олам олитарин ҳикмат аст, аммо:

---

[1] Гуру – пешвои динии сикҳо

***Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,***
***Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме.***

Ин аҳдофи ормониро бузургон талқин менамоянд, вале одамони одӣ дар муқобили он аз таҷрубаи зиндагии худ ин масалро ба вуҷуд овардаанд: «Бародари ман бош, аммо аз ман паст».

– Шайхо, тарзе масал мезанӣ, ки гӯё мағрибиён фақат ҳиндувонро зери по карда бошанду мусулмонон онҳоро ба Форсу Афғонистон роҳ надодаанд.

Соҳибназари Қаландар ришашро чанд бор бо панҷа шона заду пас аз тааммуле гуфт:

– Дар ҳар сурат, мусаллам ин аст, ки нахуст ҳиндувони хушбовар англисҳоро ба сарзамини худ роҳ доданду баъде, ки онҳо дар ин хок реша давонданд, Афғонистонро низ тасарруф карданд.

Сикҳ ҷониби Неп, ки бо чашмони нимпӯш ҳамоно ба садои бороншитоб гӯш дода, пинак зада буд, нигоҳи норизоёнае афканду:

– Дуруст, аммо магар ҷангҳои моро ба муқобилашон ёд надорӣ? Дидем, ки бародариро намедонанд, хоки Ҳиндустонро ба сарашон рехтем, – гуфт ва боз ба Неп назари маънидоре карду давом дод. – Аммо шумо, ҳамтаборони мусулмонамон оё тарафи моро гирифтед? Барои мо тамоми инсонҳо бародар бошанд, барои шумо танҳо мусулмон бародари мусулмон асту халос. Дар соли чилу нуҳум пушти моро мегирифтед, ҳоло на сикҳо дар ватани худ муттаҳам мебуданд, на Афғонистон ба чунин рӯзи сиёҳ мерасид.

Банда Синкҳ аз суханҳои тунди худ бештар ба ҳаяҷон омаду пагриашро[1] аз сар гирифта, рӯи зонувонаш гузошт ва мӯйҳои дарози ба пушту паҳлуҳо афтодаашро бо такон додани калла як афшонду хост гапашро давом диҳад, ки Соҳибназари Қаландар даст боло кард ва ба нимовоз наҷво зад:

– Тссс, сафир-сойиб хоб дорад.

Сикҳ сӯи Непи пинакрафта як песонду шамшерашро паҳлу гузошт ва ба ҷамъугир кардани мӯйи сараш машғул гашт.

Сукути одамон садо ва ҳатто шиддати боронро низ гӯё бештар сохт. Хайримаҳмад дар давоми роҳ номеҳрубонии сикҳоро нисбат ба Неп ҳис карда буд, аммо бори нахуст бо чашми сар медид, ки муносибаташон ҳам бо англисҳо ва ҳам бо мусулмонон ба ин

---

[1] Пагри – каллапӯши мардуми сикҳ

дарача бад бошад. Ҳар ойина, зиндадилӣ, дилкушодӣ ва чолокии чанговаронаи ин қавмро бениҳоят писандид. Аммо аз он ки сикҳо мусулмон набудаанд, дар шигифти сахт афтод. Вай дар Кобул бо ақвоми гуногуни ҳинду, ки бо либосҳои рангорангу мутафарриқашон дар миёни тӯдаҳо даррав ба чашм мерасиданд, борҳо дучор омада буд, аммо ҳеч фикр намекард, ки онҳо аҳли имон набошанд. Акнун ки ин камбуди онҳоро донист, як кунчи дилаш ғализ гардиду дар кадом гӯшааш баръакс – эҳсоси тараҳҳум нисбат ба онҳо падид омад. Вай нийят карда буд, ки баъди фуромадан аз гардана, макони иқомати Имоми замонашро аз сикҳо пурсида, бо мадади онҳо ба муродаш бирасад, зеро шайху Неп аз Пешовар форотар намерафтанд. Аммо акнун барои роҳбаладӣ ягон шахси мусулмонро бояд бичӯяд. «Оё раҳгумтар аз ин мардум дар чаҳон мардуми дигаре вучуд дорад, чи соҳиби замону осонкунандаи ҳама мушкил дар диёри инҳосту инҳо аз калимаи шаҳодат бенасибанд, – ба худ андешид Хайримаҳмад. – Ачаб дунёест ин олами номукаррам! – Ва нохудогоҳ ба нимово онҳоро коҳиш кард,– рӯ ба даргоҳи он ҳазрати бениёз биёред, на ба боргоҳи ангрезиҳо!»

Аз бими он ки мабодо садояшро касе шунида бошад, аз зери пешонӣ ба ҳамроҳонаш, ки ҳамагӣ рӯбарӯяш нишаста буданд, назар андохт, аммо чун дид, ки касе аз онон мутаваччеҳаш нест, ба ҳазоровои борон, ки тундиаш гузаштаву ҳанӯз аз шаст нафуромада буд, гӯш фаро дод.

– Росташ, ин ҳама ҳоло аҳамият надорад, – садои шамолхӯрдаи Неп банохост хомӯшии бамиёномадаро шикаст. – Гузашта дигар аз мо нест, ба имрӯзу оянда бояд биандешем. A danger foreseenis half avoided[1].

Хайримаҳмад намедонист гапи Непро кӣ чӣ тавр фаҳмид, аммо вай умуман мақсадашро дарнаёфт.

– A beggar can never be bankrupt[2], – садои гуворои Банда Синкҳ дар нимторикии чодар аз нав баланд шуд, – ҳар қавм ҳақ дорад дар меҳанаш ҳамон тавре ки мехоҳад, зиндагӣ бикунад. Ё фикри ман нодуруст аст?

Неп табассуми фарохе кард ва гуфт:

---

[1] Битарс аз хатаре, ки ҳоло наомадааст (англисӣ).
[2] Бараҳна ҳам чун авлиё аз бало наметарсад (англисӣ).

– Ҷаноби Банда Синкҳ, гӯё пеш аз сикҳо дар Пешовар паштунҳо ва пеш аз паштунҳо макдуниҳо набуданд ва ҳоло паштунҳо аз сикҳо даҳҳо бор зиёдтар нестанд. Пеши роҳи сарнавиштро ману ту гирифта наметавонем. Фақат коре, ки аз мо мебарояд, суди бештаре бардоштан *аз ҳодисот* асту халос. Чунин кардем – бурдем, натавонистем – бохтем.

– Паштун қавми бумии Ҳинд аст, сэр, Шумо худро ба онҳо баробар накунед.

Неп ба кадом андешае сар такон доду чизе гуфтан хост, ки Соҳибназари Қаландар пешдастӣ кард:

– Банда-сойиб, борону бӯрон мағзҳоро ба ҷӯш меоваранд, сабр кунед, то борон бигзарад.

Банда Синкҳ аз нешханд дандон сафед карду гуфт:

– Сабр? То ба кай? Пас барои чӣ шумо сабр накардеду инҳоро аз Кобул рондед? Ё чаро солҳое, ки англисҳо паштунҳоро силоҳ дода, ба Хуросон даровmarданд, шумо – тоҷикон, ба ҷои «марҳабо, бародарони аҳли ислом, нури дида, тоҷи сар» гуфтан, даст ба шамшеру туфанг бурдед? Оё ҳамин англисҳо набуданд, ки паштунҳоро дар ватанатон шоҳу амир карданду худатонро дарвешу фақир? Чаро? Чунки ба тазвир шамшерро аз дастатон кашиданду дам аз бародарию баробарӣ заданд. Оё бародар шудеду баробар шудед? Аз чӣ бошад, ки тоҷи тоҷикон сол ба сол сари авранги шаҳру вилоётатон камтару камтар медурахшад. Ё ба чӣ хотир дар ҳамин сафар ҳамдинони паштунатонро посбон нагирифтеду ба мо – сикҳо эътимод намудед? – Вай аз ғалаёни эҳсос ба по хесту пагрӣ бар сар гузошта, нафаси жарфе гирифту худро ором кард ва ҳарчи мулоимтар, бо ин пурсиш нутқашро ба охир расонд: – Чаро гап намезанед?

Аммо касе даҳон накушод. Хайримаҳмад аз ваҷоҳати афсар бим бурда, дар дилаш омода шуд, ки агар мабодо ӯ ба Неп дарафтад, ба буни гарданаш чунон муште занад, ки дарзамон аз пой биафтад. Ва ба ин бовар ҳам дошт: ҳангоми як шикораш шоҳпалангеро, ки ногаҳон аз даруни паттазор ба сараш тохт, ба зарбаи як мушт нақши замин гардонда буд. Хушбахтона, кор ба ҷанг накашид. Соҳибназари Қаландар маҷрои суҳбатро моҳирона ба дигар тараф гардонд:

– Тасанно, дӯсти азизам, аммо тамоми ин гапҳоятро он вақт қабул мекунам, ки дар гуштӣ бо Хайримаҳмад пирӯз гардӣ. Мебинам, ки ҳаракати ноҷое бикунӣ, якдаста ба ҳавоят мебардорад.

Ҳанӯз Хайримаҳмад дар дил ба рамузфаҳмии шайх таҳсин нахонда, Банда Синкҳ рӯбарӯяш истод ва гуфт:

– Марди варзидае метобӣ, аммо аз майдони ман нестӣ.

Хайримаҳмад аз ҷо баланд шуд. Қадашон баробар буд; сикҳ чор-панҷ сол ҷавонтар метофт, аммо китфу кӯполаш аз Хайримаҳмад камӣ надошт.

– Фақат даруни чодар не, – таъкид кард Соҳибназари Қаландар, – ба сари гардана расему борон набошад, дар ҳамон ҷо тамошо медиҳед.

Хайримаҳмаду рақибаш дасти ҳамдигарро фишурданд ва танҳо акнун мутаваҷҷеҳ гаштанд, ки борон аз нақоранавозӣ бозистодааст. Сикҳ аз чодар берун шуд ва дарзамон овози фараҳмандонааш атрофро пур кард:

– Чо-о-дар баркан! Са-а-а-вор-р-р шав!

Соате баъд корвонак ба сари гардана расиду назди работи сари роҳ ба танаффус нишаст. Осмон соф шуда буду хуршед танбалона майли ғуруб дошт.

– Кӯталро шаб намефароем, – ба оҳанги амр гуфт Банда Синкҳ, – дар торикӣ ҳар ҳодиса рӯй доданаш аз эҳтимол дур нест. Дар работ мемонем.

Работи сангӣ аз чанд хонаи васеъ ва соботи бомнок иборат буд, аммо бошандае надошт. Корвониён хонаҳои холиро зуд аз парчапалоси худ пур карда, улоғу уштуронро ба собот даровbooаранд. Умар пазандагиро ба ухда гирифт, Хайримаҳмад ҳезуму аловро.

– Аввал қавли додаамонро иҷро кунем, баъд ман ҳам бо дили пур ба обу ҷави сутурон машғул мешавам, – гуфт Банда Синкҳ бо овози баланд ва аз дасти Хайримаҳмад кашола карда, ба шибари канори роҳ бурд. Хамсафаронашон дар як дам онҳоро ба ҳалқа печонда, бо нидоҳои рӯҳбаландкунанда ҳарифонро ба ҳамдигар тез кардан гирифтанд.

Хайримаҳмад, бидуни бозиву лаъб, даст ба камарбанди сикҳ андохт ва зӯр оварду пойҳояшро аз замин бардошт, вале сикҳ ба чолокии гурбамонанд тобе хӯрду пояш ба замин расам-нарасам зери бағали ҳарифаш даромаду ба як ҳаракати баброна ӯро сарозер карда, ба замин задан хост. Ин асно Хайримаҳмад дудаста бару дӯши ҳарифро чунон танг ба ҳалқа гирифт, ки поҳои сикҳ аз замин канда шуданду ҳангоми ғалтидан, баръакс – Хайримаҳмад сари по бар

замин омаду сикҳ каллапо рӯи чаманзор афтид. Ҳаёҳӯи шодиомези тамошобинон дар кӯҳу пуштаҳои гардана танин андохт.

Банда Сикҳ, афтидан баробар, ба по ҷаҳиду боз ба Хайримаҳмад ҳуҷум овард. Шамол барин расиду то Хайримаҳмад дарак ёфт, ки пояш аз замин канда шуду панҷаҳои чун оҳан сахти ҳариф яке аз бозу дигаре аз гиребони пушти гарданаш гирифта, ба ҳаво бардоштанд. Имкони пуштнокӣ ба замин афтодани Хайримаҳмад комилан фароҳам омада буд, аммо бабри рӯшонӣ ин бор ҳам роҳи наҷот аз вазъи ниҳоят душворро ёфт: як турфатулайн фурсат барояш басандагӣ кард, ки ду даст аз қафо зери бағалҳои сикҳ дарораду худро аз афтидан нигоҳ дорад ва ҳамзамон тамоми ҷуссаи ба ҳаво бардошташудаашро барои аз мувозинат бароварда, ба дӯшаш савор кардани ҳариф истифода барад. Дар ин ҳол, то ба замин расидани пойҳои Хайримаҳмад, Банда Синкҳ пуштнокӣ ба пушти ӯ бор шуду ба сабаби зери бори тани худ мондан, дигар имкони истифода намудани дастонашро аз даст дод ва ҳангоме ки пои Хайримаҳмад бар замин расиду раҳояш кард, рӯйнокӣ чунон башаст фарши замин гардид, ки ҳозирон фикр карданд ё рӯдааш канда шуд, ё сандуқи синааш шикаст.

Сикҳ дар ҳамин ҳол дақиқае хобид ва ҳангоме ки сарбозон ба ташвиш афтода, бардоштанаш хостанд, бо такя ба дастонаш азм кард, ки ба як шаст сари по хезад, аммо сараш чарх заду ба замин нишаст. Аз биниву лабони кафидааш хун мерафт. Хамсилоҳонаш даррав аз чор тараф фармондеҳи худро, чунон ки маҷрӯҳеро аз майдони ҷанг бароранд, бардошта, ҷониби работ бурданд.

Вақте майдон аз сикҳо холӣ шуд, аввал Непу Умар ба тасаннои ғолибияти Хайримаҳмад каф кӯфтанд, сипас Соҳибназари Қаландар ҳам ба онҳо ҳамроҳ гашт.

– Ҳеҷ бовар надоштам ба афсаре, ки чанд сол дар Ландан илми майдондорӣ омӯхтааст, ғолиб меоӣ, ҳамдувол, – забон ба таҳсин кушод шайх, – ҳазор офарин!

– Қуввату ҷасоратро падару модар медиҳанд, ҷаноби шайх, – иброз дошт Неп, ки аз хушҳолӣ чашмонаш медурахшиданд, – ин дуро ягон мактаби ҳарбӣ ёд дода наметавонад.

Умар аз хурсандӣ Хайримаҳмадро дар канор кашиду гуфт:

– Шир дар Бадахшан ҳам шир аст, дар Индостан ҳам. Ду бар ҳам сари по истодӣ-а! Мара бе важд авардӣ, виво!

Хайримаҳмад, ки баъди ин қадар афтударафт оромиву салобаташ заррае накоҳида буд, гуфт:

– Аммо марди сазовори майдон будааст ин бародар, тафовутамон ин ҷост, ки ман оромӣ аз даст намедиҳам, аммо вай қадре асабонист.

## ШЕЪРИ ШУҒНОНӢ

Рӯдак дар хоби ширин буд. Шилдир-шилдири пасти гӯшнавозаш хур-хури одами хоби ширин рафтаро мемонд. Маҳтоби зарринтоҷи шомхӯрда бо коҳилие, ки пас аз ҷамъ овардану анбоштани ҳосил одаму оламро фаро мегирад, ваҷабе болотар аз қуллаи нуқратоби кӯҳ, мобайни ахтарон, каҷпаҳлу задааст. Шаби ороми тирамоҳ тамоми мавҷудотро ба сукути гарон кашида, ба истироҳату дидани хобҳои гуворо далолат менамуд. На фарёди мокиёне, на ак-аки саге, ҳатто мурғи шабгире, ки аз вайронаанбори зери пуштакӯҳ ҳар шаб, дар ҳамин ҳангом, баланд мешуду дилҳоро мушавваш месохт, «ҳақ-ҳақ» намегӯяд. Сесад-чорсад қадам онсӯтар дарёбори Панҷ оби аз дуду дам фуромадаи худро ҷониби мағриб тела медиҳад. Оре, маҳз тела медиҳад, зеро чанд ҷазираяки зериобиву рӯиобии миёнаи он ва кӯҳпораи азиме, ки дар охири деҳа дар гулуи дарё фурӯ рафтааст, шасти онро чунон мегардонанд, ки дарё обҳои шоха-шохагаштаи худро аз байни онҳо базӯр мегузаронад.

Лочин дар сари рӯди хобрафта чанд дақиқа истод, аз ҳавои фараҳфизои шоми тирамоҳи деҳ нафаси жарф гирифт, сипас хам шуда, сангчаеро аз замин бардошту ба рӯд партофт, то об бедор шавад. Расм чунин аст: пас аз фуромадани торикӣ, то обро «бедор» накунӣ, аз он гирифтану дар он ғусл кардан мумкин нест. Хоби об ба танат мегузараду ба бемории хобгардӣ мубтало мегардӣ, – дар хоби шабат мехезиву аз хона мебароӣ ва то бедор шуданат роҳ меравӣ.

Сангча «қулуп» гӯён кӯтоҳак садое бароварду хоби рӯдро паронда, нопадид гашт. Лочин даҳони кӯзаро ба дами тези маҷро гузошт, он дар як дам аз оби мусаффо пур гашт. Вай зарфро сари китф шинонду ба пайроҳаи морпеч, ки баъди баромадан аз обдоғ[1],

---

[1] Обдоғ – ду канори рӯд, ки ҳангоми серобӣ зери об мемонад.

ба роҳи ҷониби хонааш мепайваст, қадам гузошт. Хонаи ӯ дар баландии таги кӯҳ, дар миёни хорасангҳои азиме ҷой гирифтааст, ки замоне аз ҳамин кӯҳи сарбаафлок сарозер гашта, дар пойи он абадӣ замин газидаанд. Он миёни ин харсангзор аз назарҳо пинҳон аст, – хона дар ҳалқаи сангистону сангистон дар иҳотаи боғу бӯстон. Аммо чор фасли сол бе меҳмон нест: падараш донишманди забардаст асту муаллими овозадор. Ба ин сабаб, пойи мардум аз остонашон канда нест. Бар замми ин, ҳар шаби муборaки ҷумъа, ҳамсояҳо ба хонаашон шабшунавӣ меоянд ва, пас аз адои намоз, то дергоҳ аз суҳбатҳои вай баҳраманд мегарданд. Сабаби дар ин бевақт об овардани Лочин низ ҳамин шабшунавист. Ду писараш банди хизмат ба меҳмонон: яке ҳезум мешиканаду дигаре гӯш ба амри аҳли маҷлис дар дупеча истодааст, – мабодо касе чой, чалов ё чизи дигаре талабад, дарзамон бояд ҳозир созад. Занаш барои меҳмонон оши боқило мепазад, оби рӯи даргоҳро бо расидани сардиҳо мебанданд, дар акси ҳол ях баста, ҷуйро мекафонад. Бинобар ин, мардуми Ситаҷ то расидани баҳори фарох обро ё аз рӯд, ё аз дарё мекашонанд.

Лочин кӯзаи обро дар ужра[1] ба дасти занаш супурд.

– Мулло, оташро тоза куну зуд хона даро. Падарам таъйин кард.

Лочин дарҳол сабаби даъвати падарро дарёфт: ӯ мехоҳад, ки писараш дар назди шабшунавон шеър хонад. Ҷавон чун ҳарвақта шӯхиомез ба ҳамсараш «хуб шудаст, занаки пурзунук» гуфта, ҷавоб доду танӯрро пури ҳезум карда, бадар рафт.

Лочин аз даҳсолагӣ шеър мегуфт ва овозаи шоириаш дар деҳоти атроф овоза шуда буду мардум ба ин сабаб ба вай эҳтироми махсус дошт. Муҳаббат ба илму адабро падари хушсаводу адабпарвараш – Абдулкарим дар дили ӯ андохтааст. Ин инсони фариштахисол на фақат ду ҷигарбандашро таълим дод, балки аз баҳри ним анбон замини боғаш гузашта, дар он мактабу миннатхона[2] сохт. Мактабаш танҳо барои кӯдакони деҳоти атроф набуд, дар он ҷавонони ташнаи илм аз Дарвозу Рӯшон сар карда, то Сучону Шохдараву Ишкошим, ҳатто Чатрору Канҷут мехонданд ва толибилмони

[1] Ужра – ошхона; хонаи алоҳида барои пухтупаз
[2] Миннатхона – меҳмонхонае, ки барои дарёфтани савоб месохтанд.

раҳдур, ҳудудан даҳ-дувоздаҳ нафар, дар миннатхона мезистанд. Ба ин сабаб, яъне барои фарқ доштанаш аз мактабҳои муқаррарӣ, мардум ба он «мадраса» ном гузоштанд ва он ба номи «Мадрасаи Абдулкарим» машҳур гашт. Муаллимонаш ҳам Абдулкариму писаронаш – Хаёлбеку Мулло Лочин буданд. Дар ҳоле ки қариб дар бештарин хонаводаҳои мулк вараќе ёфт намешуд, дар хонаи онҳо китобу коғаз аз аҷноси маъмул ба ҳисоб мерафтанд. То шонздаҳсола шудану зан гирифтан, Лочину бародараш аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Аттор, Румӣ, Носири Хусрав, Ғиёсӣ, Ҷомӣ садҳо байт азбар медонистанд ва Лочин ба навиштани шеър рағбати зиёд пайдо намуд.

Баробари пайдо шудани Лочин дар дупеча, Абдулкарим садо дардод:

– Меҳмонони азизро хеле маътал кардӣ, доӣ, бачаатро барои об мефиристодӣ.

– Пур бахшиш мехоҳам, татик, – гуфт Лочин, – дар сиёҳии шаб тарсиданаш мумкин. Чӣ хизмат кунам?

Нидоҳои шодӣ баланд шуданд:

– Шеъри нав бихон, мулло.

– Комамонро ширин бинмо, доӣ.

– Насиҳате бикун моро, бародар.

Лочин чилликвор ду даст болои сина гузошту чашмони андешмандашро ба чароғи бари шоҳсутун дӯхт, – мазмун, чӣ хонаданашро фикр мекард. Ҳозирон, дар интизори шеър, ҳамагӣ ҷониби ӯ назар андохтанд.

Мулло Лочин марди чил-чилу дусолае буд бо қомати аз миёна баландтар, риши зардчаи тунук, китфу бозувони васеъ, ҷуссаи газгӯшти чандир, чеҳраи сурхина, манаҳи дароз, бинии теғшакли баланд ва чашмони бодомии моил ба кабудӣ. Ба сабаби шафоат ёфтан аз дарбори Имоми вақт ва таъйин гаштанаш ба вазифаи мубаллиғӣ дар Канҷут[1], мардум барои эҳтиром номи ӯро бо иловаи «Доӣ» ба забон меоварданд ва барояш эъзозу икроми зиёд қоил буданд. Ҳоло ҳам, ки бо саллаву гомуи нилифом ва лабони пуртабассум байни сутунҳои Ҳасан ва Ҳусейн истода, дар равшании панҷшаш сиёҳчароғ салобаташ аз буда бештар ба назар мерасид, аҳли

[1] Канҷут – минтақаи Ҳунзои кунунии Покистон

маҷлис аз вай маъниҳои осмониеро дар хусуси олами ҷабаруту малакут шунидан мехостанд.

Аммо Лочин, ду даст аз сари сина поён фуроварду гуфт:

– Ман бароятон ба забони шуғнонӣ шеър мехонам.

Ин хабар барои шабшунавон он қадар ногаҳонӣ ва ғайриодӣ буд, ки ангор Мулло Лочин чун ҷодугарон мехоҳад тилисме нишон бидиҳад.

– Ба шуғнонӣ?! – овози шигифтомези чанд тан аз ҳар кунҷи хона баланд шуд.

– Оре, ба забони падарии худамон, – оромона посух дод Лочин.

– Наход? – Абдулкарим ҳам таҳайюри худро нигоҳ дошта натавонист, – нек бош.

Овози гуворои шоир дар хамӯшии хона танин андохт.

***Са̄рат вега̄ шукр ки,***
***Ха̄р қоқ гарба̄, шукр ки.***

***Шукратга̄ри Хубой жӣwҷ,***
***Чис, ху китобанди қӣwҷ,***
***Фрӣпчи, ар та̄н, ца нӣwҷ,***
***Са̄рат вега̄ шукр ки.***

***Шукр найи, йор наwзент,***
***Ху ворҷ wи ҷа̄т надиwент,***
***Та̄м най Хубой хуб wи сент,***
***Са̄рат вега̄ шукр ки.***

***Шукрати ди ар та̄н чӯд,***
***Аз хуйи бар наχикуд.***
***Ху wиҷӯдандӣри вуд,***
***Са̄рат вега̄ шукр ки.***

***Шукрат чу ар та̄н зийод,***
***Хубой лапаϑ wирди бод.***
***Начӯди, сут номурод,***
***Са̄рат вега̄ шукр ки.***

***Шукрат начӯдат виноw,***
***Даwлат турд бӣд χаҷ ҷиноw,***
***Wизәwд ношукри ҷироw,***
***Сāрат вегā шукр ки.***

***Ношукр дар охират***
***Дӯзахта киχт зийорат,***
***Тāӣн икид wи ибрат,***
***Сāрат вегā шукр ки.***

***Ту додат нāнен ту пӣр,***
***Wев хез кин тӯба-тақсир,***
***Сāwента турд дастгӣр,***
***Сāрат вегā шукр ки.***

***Оси ту чӯд хабардор,***
***Ношукри мāки зин`ор,***
***Шукрат ки лайлат наор,***
***Сāрат вегā шукр ки.***[1]

---

[1] Шому саҳар шукр кун,
Нони қоқ хӯрӣ ҳам, шукр кун.

Худо шокиронро дӯст дорад,
Дар китобаш ин масалро задааст,
Ҳар ки гиристааст, ин маъно дарёфтааст,
Шому саҳар шукр кун..

Чун шукр накунӣ, ёрат намедонад,
Барояш асп намедавонад,
Набошад, Худо болу параш додааст,
Шому саҳар шукр кун.

Касе шукр бачо овард,
Ӯро аз худ берун намечуст,
Дар вуҷуди худ пайдоаш кард,
Шому саҳар шукр кун.

Ҳар кӣ шукри бисёр кард,
Худо ризқаш бисёр кард.

Шеър ба охир расид, Мулло Лочин лаб фурӯ баст, аммо шунавандагони ҳайратзада ҳамоно хомӯш ба ҷонибаш нигоҳ мекарданд. Шахсе, ки дар маъракаҳои бешумори Шуғнону Чатрору Канҷут садҳо ваъз хонда, боре ҳам эҳсоси камдилӣ накардааст, аз чунин истиқболи монанд ба суитафоҳум, ҳоло дар деҳаи худаш, дар хонаи худаш, дар ҳузури хешону пайвандони худаш, қадаре даступо хӯрд. Бинобар ин, пурсид:

– Маъқул нашуд?

Ин пурсиш маҷлисро ба таҳрик овард. Баъзеҳо каф кӯфтанд, иддае забон ба таҳсин бикшоданд. Вақте хона аз нав ором гашт, Хаёлбек назди бародараш омада, дасташро бӯсид ва гуфт:

– Шаҳ бош, бародар, ба ин корат талхаи ҳамаро кафондӣ. Наход ба забони худамон ҳам шеър кардан мумкин бошад?

– Шунидед-ку, барои чӣ мумкин набудааст?

– Аҳсант, писарам, тасанно! – аз ҷои нишасташ ба гап ҳамроҳ шуд Абдулкарим, – Ту ҳамеша ягон кори аҷиб мекунӣ. Аслан, шоирӣ ба забони шуғнонӣ гапи нав нест. Дар сурҳомон баъзан якта-нимта

---

Номуродаш насозад,
Шому саҳар шукр кун.

Дар шукр кардан танбалӣ гар накунӣ,
Давлатат гарда оби равон,
Чароғи ношукриатро хомӯш созад,
Шому саҳар шукр кун.

Ношукр дар охират
Дӯзахро кунад зиёрат,
Ин бошадаш оқибат,
Шому саҳар шукр кун.

Падару модар пири туанд,
Дар наздашон кун тавба,
Шаванд туро дастгир,
Шому саҳар шукр кун.

Осӣ хабардорат кард,
Накун ношукрӣ зинҳор,
Шукр кун лайлу наҳор,
Шому саҳар шукр кун.

**(Тарҷумаи филологии муаллиф)**

суруд мехонанд-ку. Аммо дар умри сарам надида будам, ки касе шеъp навишта бошад. Ин корро ту сар кардӣ, муборак шавад!

Охирин сояи нобоварӣ хотири Лочинро тарк карду табъаш болид, чеҳрааш шукуфт.

– Ба шумо писанд афтода бошад, ман – хушбахт, – гуфт ӯ, – Ин суол чанд соли охир маро азоб медиҳад, ки барои чӣ бояд ба забони худамон нанависем? Гап ку мезанем, садҳо таркиби шоирона дорем, пас барои чӣ дар коғаз онҳоро нанависем?

– Ҳарфу алифбо надошта бошем, чӣ хел нависем? – ба миёни гап даромад Хоҷаабдоли рӯшонӣ, ки соли дуюм дар миннатхонаи Абдулкарим талабагӣ мекард.

– Илоҷи ин мушкилро ҳам ёфтам, – посух дод Лочин, – алифбо тартиб додам.

Ин гапи ҳайратовар аз нав ба даҳони ҳозирон муҳри хомӯшӣ зад.

– Чӣ хел *тартиб додӣ*? – ниҳоят овози падар баланд шуд, – ҳарфҳои шуғниро ба хат даровардан ҳеҷ мумкин нест, ин кори ношуданист.

– Чаро ношуданӣ будааст, падар? Ман даровардам, шуд.

– Хай, бигӯ, ҳарфи ϑ-ро чӣ гуна тасвир карда тавонистӣ? – Абдулкарим аз ғояти ҳайрат нишасти чорзонуяшро ба дузону иваз кард.

– Ин ҳарф дар худи алифбо вуҷуд дорад, ҳамин ث, ки с-и мусалласаш мегӯем, дар забони арабӣ ϑ талаффуз мешавад.

– Ҳарфи ц чӣ? – нобоварона суол дод Мулло Ҳайдармаҳмади мадҳиясаро.

– Ц дар хати қадимаи мо ба шакли «чим», аммо бо се нуқта бар сараш вуҷуд доштааст, ҳамонро истифода кардам.

– Ҳаббазо, – ба гап ҳамроҳ шуд Мутрибшоҳи дармораҳтӣ, ки ҷавонмарди шӯхтабиату доное буд, – тақсир, «минбаъд дар мактабам сарфу наҳви шуғниро ҳам ҷорӣ мекунам» бигӯй!

Мулло Лочин бо табассуми фарох посух дод:

– Инашро фикр накарда будам, лекин пешниҳоди аҷибе ба миён андохтӣ.

– Э мон-е, мулло, – қиёфаи пушаймонона гирифт Мутрибшоҳ, – шуғниамонро бе ҳамин ҳам медонем, аммо агар забони арабӣ биомӯзем, дар тамоми дунё корамон медиҳад.

Мулло Лочин, баъди андаке мулоҳиза, фикри Мутрибшоҳро инкор кард:

– На, андувол, хато мекунӣ. Агар қавмҳои порсигӯ ба умеди арабӣ мешуданд, ҳоло на «Саодатнома» медоштанд, на «Шоҳнома», на «Маснавии маънавӣ», на «Гулистон», на «Ҳазору як шаб», на мадраса медоштанд, на маориф. Шуғнониён ҳам, чун ҳар халқи соҳиби забон, ҳақ доранд, ки ба забони худ нависанд, хонанд, шеъру қисса эҷод кунанд, кор гузоранд. Чӣ бадӣ дорад, агар мо ҳам ба забони барои қавмамон фаҳмо китобу мактабу мукотиба дошта бошем?

Ин гап аҳли маҷлисро боз ба мулоҳизаю хомӯшӣ водор сохт.

– Ягон бадӣ надорад, бародар, – сукути гаронро баҳам зад Хаёлбек, – вақте Худованд ҳамин забонро ба мо додааст, барои чӣ ба он нанависему нахонем?

– Лекин дар ин фикрам, ки он гоҳ порсӣ чӣ мешавад? – шубҳаашро ба забон овард Абдулкарим, – забони ҳамин мадрасаи ману ту порсист, агар ба шуғнӣ гузарем, ба мардум чӣ китобҳое пешниҳод бикунем?

– Китобҳои осмониеро, – пичингомез шӯхӣ кард Мутрибшоҳ, – ки танҳо фариштагону малоикаҳо мебинанду мехонанд.

Хандаҳои пасту баланд аз ҳар тараф баланд шуданд.

– Гапат тамоман дуруст, Мутрибшоҳ, – ба хандаҳо аҳамият надода, ба оҳанги ҷиддӣ суҳбаташро давом дод Лочин, – вақте забон навишта намешавад, чизи улвисту моли улвиён, аммо вақте ба коғаз омад, чизи сифлисту моли мардумон, ки нисбат ба фариштагон мавҷуди сифлианд. Аммо он изтиробе, ки қиблагоҳиамон дар дил дорад, комилан дуруст аст. Порсии бузург забони мактабу адаби мост ва бе он мо дар ин қария ба гунгон монанд мегардем. Вале шуғниро ҳам тараққӣ медиҳем, зеро кореро, ки дар мағзи мардум забони бо хун даромада мекунад, ҳеҷ забони дигаре карда наметавонад. Ба маънои ин байт диққат диҳед, ки шоир ин нуктаро чи сон нозук шарҳ додааст:

***Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,***
***Донистани сад забонаш осон гардад.***

Далелҳои барҷову қотеи Лочини донову тавоно шубҳаи шунавандагонро дарзамон пароканда сохт. Аммо чун охирин нуқтаро ба ҳар гуна қазия бояд Мулло Абдулкарим мегузошт, ҳама чашм ба

даҳони вай дӯхтанд. Вай риши мошубиринҷиашро ду-се бор андешакунон ханҷол заду ба писараш рӯ овард:

– Лочин, достони зардолуи канҷутиро ба мо қисса бикун.

Шабшунавон андешиданд, ки шояд гапи хулосавии Мулло Лочин ба падараш писанд наафтодааст ва барои ҳамин маҷрои суҳбатро ба дигар тараф бурдан мехоҳад. Лочин аз дупеча ба зингак[1] баромада нишаст ва ду бари дарози гомуро ба зонувонаш печонду ба гап оғоз кард:

– Ин қиссаро бисёре аз шумо шунидаед, аммо чун қиблагоҳӣ дархостанд, такрораш воҷиб омад. Ин воқеа бист сол пеш рӯй дод. Баҳори он сол маро аз дарбори мавло ба Канҷут, яъне Ҳунзо фиристоданд, ки баъзе мушкилоти кори даъватро дар он ҷо расидагӣ намоям. Ду моҳ будубош кардам, ки шоҳи Шуғнон Абдураҳимхон ба Ҳунзо омад ва чанд муддат меҳмони шоҳи он кишвар гардид. Дар суҳбате шоҳи Шуғнон шоҳи Ҳунзоро мепурсад, ки чанд сол дорад. Ӯ ҷавоб медиҳад, ки «яксаду бисту якро пур кардаму ба яксаду бисту ду даромадам». Абдураҳимхон, ки аз рӯи намудаш шоҳро ҳамсоли худ, яъне панҷоҳ-панҷоҳу панҷсола тахмин карда будааст, ба ин гап бовар намекунад, аммо чизе нагуфта, дар хуфя баъзе одамонро пурсида, мутмаин мегардад, ки на танҳо шоҳ, балки бисёрии мардуми ин мулк беш аз сад сол умр мебинанд. Ҳайрон мешавад ва рӯзи дигар сабаби дарозумрии ҳунзоиёнро аз шоҳ мепурсад. Шоҳи Канҷут мегӯяд, ки сабаби онро донишмандон дар истеъмоли зардолуи хуштаъми ин диёр ҳадс задаанд. Абдураҳимхон дар фикри ба Шуғнон бурдани ин навъи зардолу меафтад.

Чун ба кори даъват дар Ҳунзо машғул будани маро шоҳи мамлакат ба Абдураҳимхон сифат карда будааст, ӯ ҳам маро талабид ва амр дод, ки то рӯзи гуселаш аз ин диёр дар рикоби ӯ бошам. Ман ба ҷону дил қабул кардам ва ҳамроҳаш мебудам, то рӯзи охирини будубошаш шоҳи Канҷут базми калоне орост. Поёни базм буд, ки Абдураҳимхон аз табақи рӯи дасторхон зардолуе бардошт ва ба мо нишон доду гуфт: «Ин меваи биҳиштие, ки мебинед, умри одамро чандин сол дароз мекунад. Он танҳо дар ҳамин мамлакат мерӯяд. Ман мехоҳам, ки дар Шуғнонамон низ аз ин муъҷиза бенасиб набошем. Биноан, чунин суоле дорам: «Кадоме аз шумо илми боғдорӣ

[1] Зингак (шуғнонӣ: ӡӣнгак) – лаби танӯрсуфа

медонад, ки пас аз як-ду сол дар Шуғнон низ чунин зардолу дошта бошем?» Мулозимони шоҳ ҳамагӣ туркони қундузӣ буданд, ки дар Шуғнон на хона доштанд, на танхоҳ. Сарвазираш низ марди қирғизе буд ба номи Муҳаммад Карим, ки дар чӯлу биёбонҳои мусаттаҳи Помир калон шуда, ба ҷуз тезкану гулсанг гиёҳе намешинохт. Чун яқин кардам, ки аз ин кӯчиён садое намебарояду шоҳи мо дар баробари шоҳи Канҷут мулзам мемонад, бархостам, таъзим кардам ва гуфтам: «Агар иҷозаи шоҳи олам бошад, ин корро банда ба гардан мегирам ва қавл медиҳам, ки пас аз ду сол дар Шуғнон аз ин мева хоҳем дошт». Дар чеҳраи шоҳ осори хуррамӣ пайдо шуд, аммо ваҷоҳат аз даст надоду гуфт: «Эй қалмоқ, дониста бош: агар ҳарзадаройӣ кунӣ, авлодатро хуб мешиносам. Худи амакатро мефармоям сиёсатат кунад». Посух додам, ки «шоҳо, медонам, чи мегӯям, агар накардам, ихтиёр бо туст». Он замон ҳар ду амакам сипоҳдорони дарбор буданду Абдураҳимхон на танҳо онон, балки падарамро низ хеле хуб мешинохт ва бо ин кас ғилзате ҳам дар дил дошт. Баъзеатон аз ман беҳтар медонед, ки падар исмоилияро пазируфт ва амаконам домани худро аз мо буриданду Абдураҳимхон падарамро аз дарбор ронда, аз илтифоташ маҳрум сохт. Ба ин далел, агар зардолуро баҳравар намекардам, шоҳ ба ин баҳона қасди дерсолаи худро аз хонадони мо меситонд.

Лочин чанд сония сукут карду ба Мулло Абдулкарим рӯ овард: «Ҳамин тавр набуд, татҷон?». Абдулкарим хандаи бесадои ба пирон хосе карду «Аз забонат бигардам, дойӣ, чизе ки рост аст, онро чӣ бозхост аст?» гуфт. Мулло Лочин гапашро давом дод: «Ман пас аз анҷоми сафоратам дар Ҳунзо як халтача донаки он зардолуро гирифта, ба ватан баргаштам ва дар хомии баҳорон дар ҳар ҷои боғамон коридам.  Аз безобитагӣ рӯзе набуд, ки ба умеди неш задани лоақал як донаашон боғро давр назанаму ба даргоҳи Худо илтиҷо накунам. Ниҳоят, Худованд таваллои маро шуниду як моҳ пас аз Наврӯз якбора ду зардолу аз хок сар бароварданд. Ман дар бехашон пору андохтаму болояшонро бо хор маҳкам кардам, ки ҳайвоне даҳон назанад. Албатта, аз падарам қиссаро пинҳон медоштам, ки дилҳурра нагардад. Дар моҳи чоруми сабзиданаш як ниҳолак хушк шуду тарсу ҳарос вуҷудамро фаро гирифт. Акнун тамоми умедам бастаи ягона навдаи баргбаровардаи зардолуи канҷутӣ гардид; ин ниҳолак на танҳо сабзаи умед, балки сабаби

осудагии сари ману хонаводаам, ба як сухан, масъалаи ҳаёту мамотамон гардид. Танҳо соли дуюм, вақте комилан мутмаин гаштам, ки ниҳолак тановар шуду яқинан зинда мемонад, қазияро ба падар боз гуфтам. Ин кас зардолуро ба парвариши махсус гирифт. Қаламчаеро ҳам аз он ба зардолуи маъмурии дерсолаи боғамон фарғуч баст. Аммо бибинед, ки шоҳ қиссаро ҳамеша дар ёд нигоҳ медоштааст ва тирамоҳи соли дуюм ба назди падарам одам фиристод, то ваъдаи додаи маро тафтиш кунад. Ман, ки аз бими бозхости шоҳ ду соли тамом ба Ҳунзо ҳам нарафтам, дар хона будам. Мо ниҳоли қадкашидаи зардолу ва пайванди онро ба намояндаи шоҳ нишон додем. Ба бахти мо, ниҳолак он сол се дона мева ҳам кард. Ба ҳайси далели шаъйӣ яктоашро ба ӯ додем, ки ба шоҳ манзур намояд. Шоҳ бовар накарда, барои таҳқиқ девонбегӣ ва паҳлавон Ҷаҳонгирро, ки дар боғкорӣ ҳамто надошт, ба хонаамон фиристод. Паҳлавон аз кори ман он қадар хурсанд шуд, ки ханҷари миёнашро бароям туҳфа кард. Баъд аз ин шоҳ ману падарамро ба дарбор хонд ва супориш дод, ки ними меваҳои зардолуи канҷутиро ҳамасола ба ӯ супорем. Дар ивазаш падарамро аз нав зери илтифоташ гирифт ва гуфт, ки дари боргоҳаш минбаъд ба рӯи ӯ ҳама вақт кушода аст».

Мулло Лочин қиссаро ба охир расонду лаб фурӯ баст. Боз чашмҳо ба даҳони Мулло Абдулкарим дӯхта шуданд. Вай ин бор ҳам табассуми фарохашро ба ҳозирон ҳадя намуду гуфт:

– Оре, дойӣ, ҳар он чи гуфтӣ, ҳамин тавр гузашта буд. Чизе, ки боқӣ монд, ҳамин аст, ки шоҳ дар ҳузури дарбориёнаш амр кард, ки лақаби ифтихории «Мулло»-ро ба авлоди ман тақдим медорад ва ҳар касе бидуни он номи моро ба забон гирад, дарра мехӯрад. Аз ҳамон вақт ман Мулло Абдулкарим шудаму писаронам Мулло Лочину Мулло Хаёл. Ман амдан хеҷ гоҳ ба дарбораш нарафтам, аммо боре ҳам аҳдамро нашикастам: ҳар сол ним, балки бештари ҳосили канҷутиро ба воситаи бародарам ба шоҳ мерасондам. – Ва каме андешиду илова кард, – намедонам, зардолу ба сиҳҳатии Абдураҳимхон чи таъсире гузошт, чун бо дасти писаронаш кушта шуд, аммо яқин гуфта метавонам, ки умри маро хеле дароз кард. Ҳоло аз навад се сол гирифтаам, аммо миннат Худойро, ки ақлам барҷо, чашмам бино, ҷисмам тавоност.

– Умри золимонро на зардолуи Канҷут дароз карда метавонад, на оби зиндагонӣ, – сухани падарро хулоса кард Мулло Лочин, – ба

ҳикмати «гӯшти хар – дандони саг», Худованд як золимро ба дасти золими дигар нобуд месозад, чунонки Абдураҳимхонро Муҳаббатхон кушт ва Муҳаббатхонро Юсуфалихон.

***Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,***
***Гуфто, ки киро куштӣ, то боз туро кушт?!***

– Вақтҳои охир дар ҳаққи Юсуфалихон ҳам сухани нохуб бисёр шудааст, доӣ, – гуфт падар, – лекин ман бовар намекунам. Рафтори бад хоси шоҳони бемаърифат аст, аммо ин шоҳ гӯё китобхона ташкил додаву шоир Мулло Хишоли муаллимро дар он ба кор мондааст. Аҳсант! Маслиҳати маро агар бигирӣ, алифбову шеърҳои шуғнониатро ба Мулло Хишол манзур кун, шояд дастгирӣ биёбӣ ва ба халқ суде аз ин кор бирасад.

Мулло Лочин аз зингак ба чаҳлак фуромад, ба расми ҳиндувон ду кафро теғвор бар пешонӣ гузошта, ба сӯи падар таъзиме карду гуфт:

– Ҳаманнову саддақ, худи пагоҳ Баҳрпанҷа меравам. Шояд калиди ин мушкил ҳақиқатан ҳам дар дасти Мулло Хишол бошад.

Шабшунавӣ бо замзамаи Ҳайдармаҳмади мадҳиясаро ва тановули рӯғаншӯрбои сабук ба поён расид. Донишҷӯён ба миннатхона, ҳамсояҳо ба хонаҳояшон пароканда шуданд.

## ВОХӮРӢ БО ШОҲБОНУИ ҚИРҒИЗОН

Водии нимсабзу нимхазони Булункӯл тирамоҳи навбатиро пешвоз мегирифт. Ҳар соат ҳавои офтобии моҳи сунбула барои сокинони он, ки ҳамагӣ чорводоранд, аз баландиёртарин зар ҳам бақиматтаранд. То боридани барфу баста шудани роҳҳо алафу ҳезуму таппак, орду қурут, айлоку[1] равған, намаку қанд захира бояд кард, то зимистони дароз, – бисёр дарозу бениҳоят сард, – гарму сер пушти сар шавад.

Ба хотири зинда мондан дар зимистони бешафқат, табиати Булункӯл барои инсон домани саховатро фарох кушодааст. Баракатеро, ки ин водӣ дорад, аз Қизилард сар карда то Кӯҳтезак, дигар ягон қитъаи Помир надорад; Помире, ки замини ҳамворро Худо-

---

[1] Айлок – панир

ванд ба вусъати нопайдоканораш анбон-анбон партофта, охируламр афкандани тухми гулу дарахтро дар бисоти он аз ёд баровардааст. Баъдҳо, вақте ба хотир овардааст, шояд дигар аз раъйи худ баргаштан нахоста, барои он ки камбудашро андаке ислоҳ созад, тухми тезкан, ин гиёҳи назарногир, аммо серширави пурмояро бар сару бари ин даштҳову даманҳо бебаркаш нисор намудааст. Аммо, бо фуромадан ба вусъатободи Булункӯл, ҳинҷори якнавохти табиат якбора аз байн рафта, лухтистони бекаронаро воҳаи сарсабзу шодоби пур аз гиёҳу буттадарахт иваз мекунад. Дар манзари биёбонҳои хастакунанда хуррамободи Булункӯл аз ягон муъҷизаи олам камтар нест, ангор пораи биҳиштест миёни дӯзахистон. Ғазанфар саворану пиёда даҳҳо маротиба замини Помирро пайсипар карда, ҳар бор аз нав мутмаин мегардад, ки дарвозаи ин дӯзахистон аз Дӯзахдара сар мешавад. Онро беҳуда чунин ном нагузоштаанд. Бо даромадан ба ин дара, ҳаво вазнин, нафаскашӣ душвор мегардаду гӯё осмон бар дӯши одам афтода, ӯро ба замин пахш кардан мехоҳад. Кас тандурусту варзида набошад, беҳтараш аз Дӯзахдара фаротар пой нагузорад. Вагарна тутакаш мезанаду аз гӯшу биниаш хун меояд ва агар дилаш сусттар бошад, ҷобаҷо мемурад. Аммо Булункӯл макони тантанаи зиндагонӣ, ҳатто метавон гуфт, майдони пирӯзии рангҳо бар якрангӣ, баҳор бар хазон ва рӯҳбаландӣ бар афсурдагист. Он дар паҳнои Аличору Марғов поргии сабзро монад дар чакмани сиёҳ. Дар ин ҷо ғалла ҳам коштан мумкин: яқинан, гандум ба самар намерасад, аммо ҷав ҳосили хуб медиҳад. Қисми зиёди тоҷикон, ки деҳқонӣ одати деринаи онҳост, ин навъи зироатро мекоранд, вале қирғизон кишт карданро кори беҳуда меҳисобанд. Ва дуруст ҳам мекунанд, зеро дар як мавзеъ бештар аз як моҳ намепоянд. Диданд, ки чорвояшон алафи атрофро херид[1], бидуни дудилагӣ бор мебанданду ба ҷои дигар мекӯчанд. Пирсолони Помир барои ҳамин масал задаанд, ки «ризқи тоҷик дар ҷояш, ризқи қирғиз дар пояш». Тоҷик аз бошгоҳаш дил намеканад, қирғиз ба манзиле дил намебандад. Барои ҳамин, дар Булункӯлу Аличор тоҷик мақоми бунаро дораду қирғиз манзалати меҳмонро. Тоҷик то тирамоҳи танг молу сутури худро дар чарогоҳҳои атроф чаронда, ба манзилгоҳаш бармегардад, аммо қирғиз манзили муайян надорад: ҳар куҷо барои

[1] Херидан (шуғнӣ) – истифодаи батадриҷи ҳама гуна ғалладона ва коҳу беда.

чорпояш хӯрок фаровонтар бошад, ҳамон ҷо хиргоҳ мезанад. Чарогоҳи сералаф ватани ӯст; барои чарогоҳи сералаф умре ҷон мекоҳад ва агар лозим ояд, ҷон меситонаду ҷон медиҳад.

Ғазанфар ин бор айнан замоне ба хоки Помир қадам гузошт, ки қирғизон барои ба даст овардани чарогоҳҳои беҳтар ба ҷони ҳамдигар афтода буданд. Вай касеро ҳамроҳ ҳам нагирифт. Дилаш мехост супоришҳои шоҳу пирро ҳарчи зудтар иҷро кунад. Барои ин шитоб бояд кард – ҳамроҳ дошта бошӣ, хоҳӣ-нахоҳӣ, бо ӯ суҳбат карда, роҳгардиат суст мешавад. Мабодо аспаш кундрав ё худаш баландии ҳаворо бад гузаронад, он гоҳ ба ҷои се рӯз, дастикам сафарат як ҳафта тӯл мекашад. Ғайр аз ин, Сайид Фаррухшоҳ таъкид кард, ки аз мулоқоти ӯ бо Нажмиддин касе бояд дарак наёбад. Нажмиддин марди шуғноние будааст, ки аз тарафи пир ба Ёрканду Қошғар фиристода шудааст. Вай дар Ёрканд зиндагӣ карда, моҳе як маротиба ба воситаи одамони дилпури худ Сайид Фаррухшоҳро аз вазъи ин минтақа огоҳ менамудааст. Ғазанфар Нажмиддинро намешинохт, вале пир гуфт, ки вай дар рӯзҳои рӯзаи Алӣ ҳамеша дар бозори калони Қошғар ҳар гуна зарфи чӯбин мефурӯшад. То ёздаҳуми моҳи шаъбон – рӯзи нахусти рӯзаи Алӣ, ҳамагӣ шаш рӯз монда буд, ки Ғазанфар роҳи Қошғарро пеш гирифт. Се рӯз дар роҳ сарф шавад, дар се рӯзи боқимонда ҳам дам гирифта, кӯфти роҳро мебарораду ҳам бо Нажмиддин бафурҷа мулоқот карда метавонад. Танҳо ба сафар баромаданаш як сабаби дигар ҳам дошт: Ғазанфар дар соли дувуми шогирдӣ Каломуллоҳро пурра фаро гирифту акнун бояд дар ҳузури охонаш Сайидшоҳ ва чанд муллои номдор имтиҳон месупурд. Рӯзи санҷишро муаллим понзаҳуми шаъбон муайян кард, вале барои Ғазанфар ин сафари ғайриинтизор пеш омаду аз муаллим хост, ки имтиҳонро то баргаштанаш аз Қошғар мавқуф гузорад. Ба ҳар ҳол роҳи тӯлонӣ беҳтарин фурсат аст барои такрори сабақҳо! Болои асп дигар чӣ мекунӣ? Дар рафту баргашт Қуръонро сад бор аз аввал то охир дар калла гардонда, дар лавҳи хотира ҳаккокӣ кардан мумкин аст. Хомӯшии мурдавори дашту биёбонҳои Помир ба ин имкони фаровон медиҳад. Ҳамроҳ надошта бошӣ, фикратро чизи дигаре парешон намекунад. Ба ҳақиқат ҳам, дар муддати як шаборӯзи расидан ба Булункӯл, нуҳ маротиба Каломуллоҳро бо овози баланд хонда, ба такрори ҷойҳое гузашт, ки дар ёдаш ба зудӣ намеистоданд.

Чӯпони солхӯрдаи Ғазанфар – Гулшукуф, ки бо рӯи пурожанг, қади паст, чашмони обрав ва либоси чиғда комилан ба номаш мувофиқ набуд, хабар дод, ки се рӯз қабл Отизулро Соҳибназари роҳзан, барои ҷанг кардан бо дастаи роҳзанони Тойчибек, ҳамроҳи худ ба тарафи Марғов бурдааст. Назар ба қавли Гулшукуф, хархашаҳои алоҳидаи байни қирғизони Алайу Марғов ҳоло ба задухӯрдҳои хунин табдил ёфтаанду роҳҳои корвонгузар ниҳоят хатарнок шудаанд.

– Маслиҳати маро бигирӣ, ба хона баргард, – гуфт ӯ, – қирғизҳо ба мо ғараз нагиранд, ба миёнашон даромадан чӣ лозим?

– Гапат дуруст, вале гори зарууртар аз пас гаштан дорам, – шӯхиомез ҷавоб дод Ғазанфар, – Отизулро ёфта, бо вай Гошғар бояд биравам. Пагоҳ ба роҳ мебароям. Ту барои тӯша панҷ нону пастанаи гӯсфанд тайёр гун. Воқеан, орд дорӣ?

– Ҳаст, ба панҷ нон мерасад, – лутф кард Гулшукуф.

– Қуҳнабуна буданат маълум, таҳсин! Даҳ рӯз пас захираи зимистонаи ордатро аз Ғунд мерасонанд, ба Ширишоҳ таъйин гардам. Ду аспи зотиро ба Ширишоҳ бидеҳ, зотии беҳтаринро! – таъкид варзид Ғазанфар. – Барои худди Сай-й-и-д, фаҳмидӣ?

– Аз рӯз ҳам равшантар, – даҳони бедандонашро калон кушода хандид Гулшукуф, – ҷонам фидои Сайид!

– Горвон, ги омад, барои тамоми зимистон қанду чой бигир, барои зану бачаҳоят пӯшог ҳам аз ёдат набарояд.

Гулшукуф «ҳа, тасаддуқ» гӯён миннатдорӣ изҳор карду пурсид:

– Дар бозгашт ба Чоршанбе чанд сутур диҳам?

Ғазанфар пешониашро дақиқае молиду посух дод:

– Се шутур, ҳафт асп, даҳ хачир, даҳ хар. Ҳамин қадараш бас. Лозим шавад, дар Қошғар илова мекунам.

Ғазанфарро дар Помиру Қошғар чун тоҷири муваффақ мешинохтанд ва корвонаш, то баста шудани роҳ дар фасли зимистон, дар ин масири душворгузару пурхатар пайваста равуо мекард. Аз он ки ҳам бо ҳукуматдорон дӯстӣ дошту ҳам забони саркардаҳои дуздону роҳзанонро ёфта буд, ба корвонаш на аҳлӣ кор мегирифт, на ёғӣ. Сорбони корвонаш марди паҳлавону зираке буд аз деҳаи Ванқалъа бо номи Чоршанбе. Чоршанбе се писари баҳодур дошт бо исмҳои ҳамқофия: Шанбе, Душанбе, Пайшанбе. Падару писарон дар

корвонкашӣ дар Ғунду Помир ҳамто надоштанд. Ғазанфар саркори онҳо бошад ҳам, инро ба ғайр аз чанд нафар наздиконаш каси дигаре намедонист. «Зан пинҳон, зар пинҳон, дин пинҳон» шиори зиндагонии ин марди ҳушёр буд.

Ғазанфар то хайма задани торикӣ сутуру молашро дидаву шумурда, хоб рафт ва сабоҳи мардон як коса мост ба сар кашиду аспи бодпояшро ҷониби Марғов маҳмез зад. Вай нийят кард, ки агар дар Марғов ҳам дараки Отизулро наёбад, ба кофтанаш вақт сарф намекунад. «Агар мақсад аз ҳамроҳии Отизул ба ман фақат фаҳмидани вазъи сарҳадот бошад, он робитаеро, ги ман дар Қошғар дорам, вай надорад. Аммо агар шоҳ мақсади дигаре дошта бошад, гапи дигар. Ёфтам, хуб, наёфтам, намеистам, ба дӯстонам таъйин мегунам, ги агар пайдо шуд, ба Қошғар биёяд. Ба ғайр аз иҷро гардани супориши Юсуфалихон, ба горҳои худам ҳам бояд бирасам».

Аммо сухани хона, ҳақиқатан ҳам, ба кори бозор рост намеомадааст. Ғазанфари чобуксавор дар Марғов одамизоде пайдо накард, ки дараки Отизулро фаҳмад. Ҷустуҷӯи ӯро кори беҳуда ба ҳисоб оварда, сафарашро давом дод. Вақте ба ҳудуди Рангкӯл даромад, банохост як даста саворони мусаллаҳ ба ӯ ҳуҷум оварданд. Вай ҳатто ҳаракати гурехтан ҳам накард. Оромона мунтазир истод, ки ба наздаш бирасанд. Саворон ӯро ба ҳалқа гирифта, якеашон, ки аз афташ сардори онҳо буд, ба забони шикастаи порсӣ амр дод:

– Даст ба силоҳ бурдӣ, мурдӣ!

– Ба ғайр аз ҳамин горд дигар силоҳе надорам, – ҷавоб дод Ғазанфар ба қирғизии тоза ва саворонро ба ҳайрат андохт.

– Таппонча надорӣ? – нобоварона суол дод сардор.

– Дӯсти ниҳоят гиромӣ, бандаи гандаи Аллоҳи таъоло одаме ҳастам, ги ҳатто аз тасодуфан ҳалог шудани мӯрчае зери суми аспам шармандаву рӯсиёҳам, чи расад ба он ги тиру туфанг бигардонаму дастони беғуборамро бо асбоби гуштор биолоям. – Ва корди зебои хутаниашро аз ғилоф баркашиду ба сардор дароз кард, – инро ҳам барои он бо худ мегирам, ги нафси аммора маҷбурам мегунад устуғон бихоям, аммо мани дармонда дандони гирои надорам. Агар ба шумо аз ман дида лозимтар бошад, бигиред, аз баҳраш гузаштам.

Посухи аҷиби Ғазанфар, – он ҳам бо таркибҳои дилчасп ба забони худашон, – дили қирғизонро на танҳо нарм кард, балки дар замирашон нисбат ба ин роҳгузари олимнамо ҳисси эҳтиром бедор

шуд. Сардор кордро аз дасташ гирифта, дақиқае бо чашми харидорӣ аз назар гузаронду ба соҳибаш баргардонд.

– Моли хеле арзишманд, ба худат насиб кунад, домло[1], – гуфт сардор, – тоҷикӣ, авғонӣ, сартӣ, киӣ?

– Тоҷик, аз Шуғнон, исмам – Ғазанфар. Магар ба Ранггӯл авғон ҳам гузоре дорад?

– Дар ин ҷо айни замон авғонро ҳам мебиниву дунганро ҳам мебиниву ингрезиву русро ҳам мебинӣ, домло, – рӯ туруш кард сардори даста. Аммо аз худат пурсам, ки ба куҷо равонаӣ?

– Ба Қошғар.

– Чӣ кор дорӣ?

– Дар ин дунё аз бозоргон дида оё гасе гори бисёртар дорад, эй силаҳшӯри гарданфароз!

– Чӣ, мардуми ин маҳалро мешиносӣ, домло? – бо кунҷковии ошкоро пурсид сардор.

– Албатта. Ин қадар согини бисёр надорад, ги шинохтанашон душвор бошад. Ном ба ном мешиносаму дар хиргоҳҳояшон намаг чашидаам. Акнун иҷозат фармоед ҳарагат гунам, зеро роҳ дароз асту рӯзҳои тирамоҳ гӯтоҳ.

– На, иҷоза нест. Малика амр додааст, ки ҳама гуна роҳгузарро аввал ба наздаш бибарем, вақте худаш иҷозат дод, баъд бигуселонем.

Ғазанфар бори нахуст мешунид, ки қирғизон малика доранду маликаашон ин қадар сахтгир будааст! Аз фарти ҳайрат чашмони калонашро пӯшида, ин хабари барояш ногаҳониро дақиқае мулоҳиза кард. «Эй Ғазанфар, хабар дорӣ, ги аз ҳаёт ақиб мондаӣ?» – даруннокӣ худро маломат кард ӯ ва ҷавоб дод:

– Малига? Гӣ будааст он бузургзан?

– Наход нашиносӣ? Боз мегӯӣ, ки ҳамаро ном ба ном мешиносӣ! – истеҳзоомез ришханд зад сардор.

Зердастонаш домани хандаро сар доданд.

– Рӯям ба дег сиёҳ гардад, агар шунида бошам. Албатта, ба саломи ҳогими мамлагат рафтан аз воҷибот аст ва ба ҳар фақире ҳам саҷдаи остони соҳибдавлатон муяссар намегардад. Аммо то расидан ба боргоҳи он ҳумоюнифар лоақал ба банда бигӯед, ки исмаш чисту аз гуҷост?

---

[1] Домло – кӯтоҳшудаи домулло

– Қурбонҷон-додхоҳ, шоҳбонуи Алай, – ҷавоб дод сардор ва ишораи рафтан кард, – ҳай кун, домло!

– «Мо мардумони Алай» мегуфтед, сарам ин қадар гиҷ намешуд, дӯсти азиз, – гуфт Ғазанфар, аспашро маҳмез зада, – барои ҳамин шуморо нашинохтаам. Рафтем, рафтем, ги ҳаво ториг мегардад.

– Домло, ту наметарсӣ? – аз қафои Ғазанфар овози ҳайратолуди сардор баланд шуд.

– «Малигро бибину деҳро битоз» гуфтаанд аз мо донотарон. Баръагс, бисёр мехоҳам малигаи соҳибқирони шуморо бибинам. Худо хайратон диҳад, ги роҳамро гирифтед.

Мусофир дар пешу қирғизон аз қафо ҷониби овул асп монданд.

Ғазанфар хиргоҳи калони сафеди шодирвонаш сурхро диду ба фаросат дарёфт, ки қароргоҳи малика ҳамон аст. Сари аспро ба тарафаш тоб доду то посбонони пардасарой бесаранҷом шуданд, ки дар таги биниашон ба замин фуромад. Онҳо даст ба силоҳ бурданд, ки даста ҳам расиду сардораш бонг зад:

– Ошно!!

Ва чун бози паррон аз рӯи зин худро ба замин ҳаво доду гуфт:

– Домло, ҷонварат лекин асп не, тундбод будааст!

– Раъд асту барқ, дӯстам, – чунонги дар гитобҳо гӯянд: «дар қӯҳ паланг, дар об наҳанг!».

Сардор аз ташбеҳи овардаи Ғазанфар хушҳолона сар ҷунбонду таҳсинаш хонд:

– Куллуқ, чунин тоҷики хушдимоғро дар умрам бори аввал мебинам, – ва ба посбони чорпаҳлуи баландқаде, ки дар даст туфанги думила дошт, рӯ овард, – Додхоҳ-хонум бор медиҳанд?

– Аз саҳар боз хиргоҳашон холӣ нест, худоии оқсақоли шаҳидро гирифтааст. Шумо дароед, лекин меҳмонро намедонам…

– Меҳмон ҳамроҳи ман аст, – посбонро аз ҳолати дупалӣ баровард сардор.

– Силоҳ дошта бошӣ, ба ман супор! – амр кард посбон ба Ғазанфар.

Ғазанфар корд аз ғилоф кашида, ба дасташ дода буд, ки сардори даста онро чанг зада гирифту дубора ба ҷояш андохт ва ба рӯи посбон нигоҳи тунде афканд. Посбон узрхоҳона сар ҷунбонду дам назад.

– Марҳамат, меҳмон, – гуфт сардор ва худ пеш даромад. Ғазанфару аҳли даста аз пасаш кашол шуданд. Сардор роҳравон гапашро давом дод. – Чанд сол пеш, дар ҳамин рӯзу шаб, шавҳари малика-хонум, фармонравои Алай, ҳалок шуд. Се рӯз барои арвоҳаш мардумро нон медиҳанд. Бинанд, ки раҳгузареро ба фотеҳахонӣ овардаем, ниҳоят хурсанд мешаванд.

Даруни хиргоҳи васеу равшан даҳ-дувоздаҳ нафар сари дасторхон нишаста буданд. Дар умқи гӯшаи чапи он, болои ду қабат кӯрпачаҳои нилифом, зани сиёҳпӯши сабзинае, ки яқинан шоҳбону буд, нишаста, тасбеҳ мегардонд. Дар ду паҳлуи вай духтаре ва ҷавонзане дузону зада, чун мусибатзадагон сар дар пеш афканда, гоҳ-ногоҳ, дурӯғ ё рост, бо нӯги рӯймол оби чашмашонро пок менамуданд. Баробари ворид шудани Ғазанфару ҳамроҳонаш, шоҳбону каме дар ҷояш ҷунбида, бо ҳамин ҳаракат гӯё ба саломи даромадагон алейк гирифт ва боз ба ҳолати пешин баргашт. Ғазанфар баробари дузону зада нишастан, даст ба омин бардошта, «бирасад ба рӯҳи мутаваффот» гӯён бо садои баланд ба қироати сураи «Таборак» оғозид. Овози баланду боварибахш ва қироати гӯшнавози ӯ дарзамон ба аҳли маърака гувориду ҳамаро ба шахси ин меҳмони навпайдо мутаваҷҷеҳ сохт.

Пас аз анҷоми дуо ба порсӣ, Ғазанфар дар ҳамон ҳол, таъзимкунон бо қирғизӣ тарафи шоҳбону рӯ овард:

– Эй малигаи валинеъмат, хотири шигастаи шумо хотири шигастаи раъоё ва гузашта аз он, доғе дар замири ману садҳо ҳамчун манест, ги ба сабаби иноятии бениҳояти шумо дар ин қаламрави бузургу беганораатон по мефарсоему дар зери сояи марҳамататон амну озод убуру мурур мегунем. Аммо Худованди табораг ва таъоло ранҷро бар содиқтарин муъмину муъминаи худ бештар раво мебинад ва агар шумо ҳам дучори чунин мусибати азиме гаштед, аз он аст, ги нисбати ҳар манзилу маъвои дигаре назари соҳиби замону замин ба хонаводаи бошарафатон бештар афтодааст. Он рӯз дур нест, ги сабри ҷамили шумо ба ҷазои ҷаззил ва подошҳои негутар аз негу бар сари хонадони шумо исор ва нисор фармояд.

Қурбонҷон, пас аз нутқи фасеҳ, ҷомаву дастори шоҳона ва сурату суммоти гарми меҳмонро дақиқ аз назар гузаронду гуфт:

– Хуш омадӣ ба маъракаи мо, меҳмон! Барои таъзияву ҳамдардӣ миннату сипос. Кистӣ ва ба дасти нозирони мо чӣ гуна афтодӣ?

– Шоҳбонуё, Ғазанфарам аз Шуғнон, бозоргонӣ мегунаму дар Гошғар горвоне дорам. Бояд даҳ рӯз пеш мерасид, аммо ҳанӯз бедараг аст. Ба ташвиш афтодаму ба роҳ баромадам, ги ҷигитҳои шумо садди роҳам гаштанд. Насиби дидори шумо будааст, вагарна боре ҳам дар ин мулг гасе роҳамро нагирифтааст.

Малика ба ҷавони понздаҳ-ҳаждаҳсолае, ки назди дар мунтазири амр меистод, хитоб кард:

– Паёс, барои инҳо гӯштоби гарм биёр! – ва ба навомадагон муроот намуд, – шумо бихӯреду дам бигиред, ки ҳатман ҳоло гушнаву хастаед.

Дасторхони дароз аз бисёрии нозу неъмат гӯё шаъшаа мезад. Ғазанфар, бидуни истиҳола даст ба хӯрок бурд ва ба ягон кас нигоҳ накарда, яхниву кабоб, кулчаву панир, қумизу саршир[1], бурсоқу чалпакро нӯши ҷон кардан гирифт. Баъзеҳо ба шикампуркунии бепарвоёнаи вай бо ҳайрат, бархе бо таассуф, ки одобро риоя намекунад, нигариста, ба нороҳатӣ аз ҳузури малика, танҳо аз рӯи назокат гоҳе чизе ба даҳон мебурданд. Аммо Ғазанфар гӯё дар хонаи худаш бошад, на танҳо бо иштиҳои қозгир дулунҷа мехӯрд, балки ҳамнишинонашро зуд-зуд ба тановул даъват ҳам мекард:

– Бигиред, бародарон, бихӯред, ги савобтарини савобон хӯрдани худоист. Гӯянд, мардаге аз барои расидан ба худой пояшро шигастааст.

Худоихӯрон аз зери пешонӣ ба малика чашм меандохтанд, ки мабодо аз рафтори меҳмони хира нохуш нашуда бошад. Аммо ба малика, баръакс, гуфтори пурмаъниву рафтори бетакаллуфу табиии Ғазанфар сахт писанд афтода буду дар дилаш нисбат ба ӯ ҳисси кунҷковӣ бештар гардид.

Вақте дар пиёлаҳои гулдори нафиси чинӣ гӯштоб оварда, ба пеши худоихӯрон гузоштанд, Қурбонҷон-додхоҳ пурсид:

– Меҳмон танҳост ё шарикон ҳам дорад?

Сардори нозирон барои посух даҳон кушода буд, ки Ғазанфар пиёлаи бардоштаашро рӯи дасторхон гузошта гуфт:

---

[1] Саршир - қаймоқ

– Малигабонуи меҳрубон, бо Отизул ном бародаре аз Аличор бояд ҳамсафар мешудам, аммо ӯро гадом зӯроваре бо худ маҷбуран ба тохтутоз бурдааст. Барои ҳамин чун гурги похӯрда тоқаву танҳо мондам.

Симои малика якбора ҷиддӣ шуд.

– Ту Соҳибназари ғоратгарро мешиносӣ? – бо таҳлука пурсид ӯ.

– Албатта, мешиносам, шоҳбону, – ва чун дид, ки малика мунтазири шарҳ аст, давом дод. – Ман бозоргонам ва барои саломат расондани молу голоям ба манзил, бояд дуздро ҳам шиносаму деҳқонро ҳам шиносам. Агар аз ҳудудашон бигзараму ба саломашон наравам, на фақат дузд, балки деҳқон ҳам аз ман гиламанд мегардад ва ягон рӯз чунон неше мезанад, ги як умр сиҳҳат намеёбад. Дастури мо матали «бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро» аст, эй малигаи хирадманд!

Малика ҷавоби меҳмонро мулоҳиза карду саволи дигар дод:

– Ба Қошғар бисёр рафтуомад дорӣ?

– Соле чор-панҷ маротиба.

Малика озмоишкорона ба меҳмонаш чашм дӯхту пурсид:

– Ба дарбори Яъқуббек роҳ дорӣ?

Ғазанфар дақиқае чӣ ҷавоб гуфтанашро мулоҳиза намуду гуфт:

– Хеле зӯр задам, ги дурӯғ гӯям, аммо ситораи шумо баландӣ мегунад, хонум шоҳбону! Рости гап, дорам …

Ғазанфар ба ҷои давом додани гап, бо чашмони калонаш ба нишастагон назаре дӯхту сар поин кард.

Малика донист, ки меҳмон дар маърака забон нигоҳ медорад, мавзӯъро дигар  кард:

– Аз мусулмониву Каломи Аллоҳ хеле баҳра доштаӣ.

Ғазанфар ҳам аз дигар шудани суҳбат рӯҳ гирифту хурсандона нидо баровард:

– Худо бенасибам нагардондааст, валъамат, Галомуллоҳро хатм гардаам.

Бо шунидани ин гап, муносибати аҳли маърака ба меҳмони ногаҳонӣ якбора дигаргун гашт. Шоҳбону қаноатмандона сар ҷунбонду гуфт:

– Бародар, фардо охирин рӯзи худоии шавҳарам аст. Чанд одами муътабар ташриф овардаанд. Домлои калони донои мо дар Алай монду дар ин ҷо муллои хубе надорем. Агар фардо вақти худ-

ро ба ман сарф намоиву маъракаамро обод созӣ, пасфардо Отизулро ба ту мебахшаму гуселат мекунам.

– Отизул ҳамин ҷост? – бо тааҷҷуб пурсид Ғазанфар.

– Оре, Соҳибназари маккор дид, ки қувваташ ба мо намерасад, Отизулро дар майдони ҷанг танҳо монду худаш нахчир барин шармандавор роҳи гурезро пеш гирифт.

Ғазанфар бархоста, таъзим баҷо оварду ширинзабонӣ кард:

– Аҳсанту офарин бар шоҳбонуи шерчанголи Помири осмонбӯс, ги ин бандаи назарногири саргардонтариқаро дар маҷлисашон роҳ доданду навозиш фармуданд. Яг-ду рӯзе дар ҳузури мубораги шумо истодан барои банда азимтарин шараф буда, ин сари паст хоги остонатон! Банда дар ихтиёри шумостам, чун «меҳмонро дар дасти соҳибхона асир» гуфтаанд.

Малика ба эҳтироми меҳмони донишманд ба зонувон бархост ва гуфт:

– Бишин, бародари азиз, ки моро гунаҳкор мекунӣ. Пас аз канда шудани пойи мардум, наздиктар шинос мешавем.

То фуромадани торикӣ Ғазанфар ояҳо тиловат мекарду меҳмонон меомаданду мерафтанд. Сипас Қурбонҷон-бону ба ҷуз як марду ду зани ҳамнишин, дигаронро рухсат доду ба гуфтугӯ бо Ғазанфар пардохт.

– Бародар, аз рафтору гуфторат пайдост, ки бозоргони одӣ нестиву фақат барои тиҷорат сари худу мулки Худоро нагирифтаӣ. Хуб, ҳар касе бошиву ба чи мақсаде ба Қошғар меравӣ, ман корат надорам. Инро ҳам намепурсам, ки дар дарбори атолиқ одами наздикат кист. Барои ман фақат як вазифаро дар назди Яъқуббек анҷом диҳӣ, кофист. Подоши он дӯстии абадии ману туст. То ба ин диёр фармонравоям, касе ба туву корвони ту ғараз бигирад, на танҳо товони зарари расондаро медиҳад, балки аз ҳаққи нафас кашидан дар зери осмон маҳрум мегардад.

Акнун гӯш кун, ки маликаи Алайу Помир аз ту чӣ мехоҳад. Аз бозе ки Яъқуббек атолиқи Қошғар шуд, дар байни қирғизони Помиру Алай нотифоқӣ афканда, ин мамлакатро тасарруф кардан мехоҳад. То се моҳи қабл ба ин тоқат мекардам, аммо вақте байни Марғову Гулча ҷанг шуду касофати он ба Алай ҳам расид, ба ин тараф тохт овардаму ҳукуматро мутлақо ба дасти худ гирифтам. Ман на Тойчибеки рӯбоҳам, на Соҳибназари шағол! Яъқуббек маро нағз

медонад. Медонад, ки на ба зорӣ, на ба зӯрӣ, на ба зар ба асорати Қошғариён тан намедиҳам.

Шояд ғалаёни эҳсос тамоми вуҷуди шоҳбонуро фаро гирифт, ки ба по хесту ду-се нафаси жарф кашид. Қоматаш аз миёна болотар, баданаш газгӯшти варзиданамо, ҳаракоташ тунду тез, чашмонаш муғулии барроқ, абрӯвонаш каммӯй, мӯи сиёҳсафедаш – то соид. Оҳанги гапзании қатъӣ ва омиронааш аз он шаҳодат медод, ки дар мутобеият ба амраш хилофу инкорро дӯст намедорад. Вай пас аз фурӯ нишондани эҳсос ба гапаш давом дод:

– То Яъқуббек дониста бошад, ки аз ало кардани чашмаш ба сӯи Помиру Алай, ба ҷуз шикасту бадномӣ баҳраи дигаре нахоҳад дошт, ана, ин кас – яъне, писарам Абдуллоҳро ба наздаш мефиристам. Аз худат хоҳиш мекунам, дар ҳузури Яъқуббек ба гапи Абдуллоҳ шоҳидӣ диҳӣ, ки ҳақиқатан ҳам аз Алай то Аличор акнун қаламрави Қурбонҷон-додхоҳи қирғиз асту на хони Қуқанд ба ғасби он умед дошта бошад, на атолиқи Қошғар! Яъқуббек вақте дар Қуқанд буд, зарби шамшери қирғизонро кам начашид ва бояд фаромӯш накарда бошад, ки онҳо озодии худро бар бандагиву бе-ҳуқуқӣ ба ҳеҷ ваҷҳе иваз намекунанд. Ана, ҳамин паёмро мехоҳам ба Яъқуббек бирасонӣ, бародар!

Ғазанфар, ки баробари бархостани шаҳбону баланд шуда, ба нимтаъзим истода буд, суханони ӯро мулоҳиза намуд ва ҷавоб дод, ки:

– Эй малигаи мамлагати бузургу фарохпаҳно, Ғазанфари дарбадари хогбасар гист, ки фармони шуморо ба замин гузораду худро дар ду олам хари сиёҳ бигардонад? Чунин заҳра ҳам надорам ва амратонро барои худ шарофат мешуморам. Танҳо мехоҳам бидонам: оё Яъқуббег ба сухани мани барои алайиён бегона бовар мегунад? Намегӯяд, ки туро ба ин қирғизон чӣ пайванде, ги аз ҷониби онҳо расулӣ мегуниву моро механдонӣ?

– Бародар, – посух дод Қурбонҷон, – чӣ саволе, ки диҳаду чи сухане, ки гӯяд, атолиқ ихтиёр дорад, аммо барои ман муҳим он аст, ки вақте як тоҷик ба фармонам даромадани Помирро тасдиқ мекунад, таъсири паёми ман бамаротиб меафзояд, зеро Помир то ба ҳол дар байни Қошғар, Шуғнон ва Алай замини бесоҳиб ба ҳисоб меомад.

– Фармон фармони шумост, шоҳбонуи фаррухфол, – ду даст ба сина, қариб то замин қат шуд Ғазанфар, – барои банда расондани

паёми шумо бузургтарин шараф аст. Вале агар аз номи мубораги шумо ба атолиқ номае дар дастамон бошад, таъсири сухани мо садчандон мегардад.

– Ман худам коғаз хонда наметавонам ва ба он эътимод ҳам надорам. Кореро, ки одами зинда анҷом медиҳад, ягон коғази беҷону безабон карда наметавонад. – Ва каме андешиду афзуд: – Инро ҳам ба атолиқ бигӯед, ки ба умеди манҷуриҳову дунганҳо нашавад. На турк, на чинӣ, на қирғиз, аз шоҳ гардидани тоҷике бар сарашон, тоқӣ ба ҳаво намепартояд. Ин мардум тоҷик набошад, ки дар мулкаш қавми бегона хӯҷаинӣ кунад!

– Дар даҳонатон шагар, валъамат, – ин гапи шоҳбону Ғазанфарро ҳайрон карда бошад ҳам, сир бой надод, – пурмағзтарин сухане, ги дар умри сарам шунидам, ҳамин аст. Аммо иҷозат фармоед, бипурсам, ки Яъқуббег магар тург нест?

– Не, яқинан тоҷик аст, аз кадом як Масчо ном кӯҳистони Самарқанд. – Ва каф ба пешониаш ниҳоду хастаҳолона садояшро паст кард: – Имрӯз хеле хизмат кардӣ, бародар! Ҳоло Абдуллоҳ туро ба хиргоҳи бароят ҷудошуда мебарад. Бепарво дам бигир. Ҳазорон қуллуқ, шаби хуш!

Абдуллоҳ – марди тахминан чилупанҷсолаи камгапи номеҳрубончашм, ки айнан сурати модарашро дошт, Ғазанфарро ба хиргоҳи на он қадар калон, аммо дохилаш гарму нарм дароварду гуфт:

– Чизе лозимат ояд, риштаи зангӯларо ҷунбон, хизматгор дарров мерасад. То пагоҳ! – Вай нарангушташро ҷониби сардарӣ, ки ду зангӯлаи зард паҳлуи ҳам бар он овезон буданд, нигаронд.

– Хеле сарафроз шудам, шоҳзодаи хушиқбол! – хушгӯӣ кард Ғазанфар ва дасти чун оҳан сахту вазнини дарозкардаи Абдуллоҳро фишурд. – Илоҳо, ба хобатон фаришта дарояд.

Абдуллоҳ ба ҷои табассум даҳон инҷ карда, сар ҷунбонду аз дар берун шуд. Лиқову ҳавои ӯ ба Ғазанфар нафорид, ба ихтиёраш мебуд, аз ҳамсафарӣ бо чунин одами дамдузди калонгир даст мекашид, аммо хоҳиши Ғазанфарро дар ин кӯи ғарибӣ кӣ мепурсад? Ба ҳаминаш ҳам ҳазорон шукр, ки кордораш нашуданд. Миннат Қуръони азимушшаънро, ки ба туфайли донистани он на танҳо асир наафтод, балки меҳмони азизи маликаи қирғизони пархошҷӯй гардид. Вай дар ҳаққи охон Сайидшоҳ зери лаб чанд бор дуои нек кард, ки калонсолии Ғазанфарро сарфи назар карду барояш

Каломуллоҳ ёд дод. Заҳмати азбар кардани онро ба хотири писанд афтодан ба шоҳ бар дӯш гирифт, вале гардиши фалакро бин, ки он дар кадом кунҷи олам ба кор омад! Бо ҳамин андешаҳо Ғазанфар сар ба болини хоб гузошт.

Рӯзи дигар ба худоии шоҳбону оқсақолҳои қирғизони сарҳадоти Қошғар омаданд. Онҳо ҳашт нафар буданд, вале ҳар якашон ду хизматгори дигар дошт, ки чорпову ашёи барои малика армуғон овардаи хӯҷаинонашонро саришта мекарданд. Ду писари шоҳбону – Абдуллоҳу Маҳмуд пешкаши онҳоро қабул намуданду Кончиву Ҳасан – ду писари дигараш, меҳмонони олиқадрро бо иззату икром ба пардасаройи Қурбонҷон-додхоҳ даровarданд. Пас аз салому дуо, малика меҳмононро хушомад гуфт ва ба хӯрдани таом ташвиқ намуд. Дар сари хон суҳбат гарм шуд ва оқсақоли аз ҳама калонсол бо чунин суханон ба малика рӯ овард:

– Додхоҳ-хонум, вақте мужда расид, ки шумо қирғизони Алайу Помирро таҳти фармони худ муттаҳид кардаед, аҳли қавму қабилаҳои мо бениҳоят хурсанд шуданд. Хурсанд аз он ки охирулампр пешвое падид омаду қирғизони ба ҳар дашту ҳомун парокандаро ҷамъугир менамояд. Аҳволи мо дар он тарафи ағбаҳо ҳеҷ вақт хуб набуд, аммо бо расидани Яъқуббек ба ҳукумат бадтар шуд. Боҷу хироҷе, ки ба гардани мо андохтааст, миёнамонро шикаст. Ҳар чи меёбем, ба ишками чун аждаҳо носерами шоҳу ҳамтабақонаш меравад. Борҳо ба наздаш одам фиристодем, қабул накард. Маҷбур ба дари шумо омадем, ки ба додамон бирасед ва ҷонамонро аз чанголи он золим халос намоед.

Оқсақолони дигар, ки ҳар яке пешвои қабилае будаанд, ба ҳамин маъно забони шикоят кушоданд. Қурбонҷон дарди дили ононро бадиққат шуниду гуфт:

– Айни замон муқобилату ҷанг бо Яъқуббек аҳволи шуморо бадтар мекунад, на беҳтар. Ҳатто агар қувваҳоямонро якҷо кунем, бар ӯ зафар намеёбем. Агар дунганҳову манҷуриҳои аз дасташ фиребхӯрдаро ҳам ба муқобили ӯ бархезонем, дар ин сурат ҳам ба гумон аст, ки пирӯз гардем. Чунки, аз рӯи охирин хабарҳои ба ман расида, англисҳо пушти Яъқуббекро гирифтаанд ва барояш аслиҳаи бешумор доданианд.

– Ҳафтаи пеш корвони низомии англисҳо ба Йеттишаҳр ворид шуд, – сухани маликаро тақвият дод оқсақоли калонсол.

– Йеттишаҳраш дар куҷост? – ҳайрон шуд Қурбонҷон.

– Яъқуббек Қошғарро ҳамин тавр номид, – шарҳ дод оқсақоли пир, – шумо хабар надоред?

– Ин номро шунида будам, аммо фикр мекардам, ки шаҳри наве бошад, – таассуфомез сар ҷунбонд шоҳбону. – Англисҳо даромада бошанд, ҷанг бо ӯ дигар маъное дошта наметавонад. Вале дилсард шудану даст аз мубориза кашидан баробар аст ба маҳрум гаштани қавми мо аз ватани аҷдодӣ. Диловариву муттаҳидии ҷигитҳои ҷанговари қирғиз борҳо моро аз истилои бегонагон наҷот додааст. Мо замини худро на ба ӯйғурҳо медиҳем, на ба англисҳо! Ман дар пайғоме, ки фардо ба Яъқуббек мефиристам, мегӯям, ки ба сарзамини қирғизҳо пой нагузорад. Агар гузорад, ба ҷанги садсола омода бошад. Мегӯям, ки медонам, ғалаба намекунем, аммо хоки ватанамонро ба дӯзахи сарбозонаш табдил дода метавонем. Гарави ин даъво сари зиндаи ман аст!

Суханони фармоннамо, самимӣ ва қотеонаи шоҳбону вуҷуди меҳмононро ба таҳрик овард, эҳсоси ифтихору рӯҳбаландӣ дар замирашон ҷӯш зад. «Ана, барои чӣ ин зан бар мардони қавми худ шоҳаншоҳӣ мегардааст! – хитоб кард ба худ Ғазанфар, – ҳалолаш бод!»

Пеш аз бархостани меҳмонон, Ғазанфар ояти дарозе хонда, ба рӯҳи мутаваффот бахшид. Онҳо ба пешкории як муллои тоҷик дар маъракаи маликаи қирғиз ҳайрон шуда бошанд ҳам, чизе напурсиданд. Малика ин ҳолро ҳис карду гуфт:

– Ин бародар Ғазанфар ном дошта, дӯсти шавҳари марҳумам мебошад. Аз худи Шуғнон ба саломи мо омадаанд. Қуръонро об карда хӯрдагианд.

Меҳмонон «қуллуғ», «боракаллоҳ» гӯён Ғазанфарро шоҳбош ва маликаро падруд гуфтанд. Пас аз гусели онҳо, Қурбонҷон фармуд Отизулро ба наздаш биёранд.

Ғазанфару Отизул ҳамдигарро намешинохтанд. Бинобар ин, вақте Абдуллоҳ Отизули дастбаставу саркафидаро ба пардасарой даровարду дар пушташ истод, вай ба малика салом доду ба Ғазанфар таваҷҷуҳе зоҳир накард.

– Ту ба ҳамдиёрат салом намедиҳӣ? – пурсид Қурбонҷон.

Отизул афту андоми Ғазанфарро норозиёна аз назар гузаронду ба аломати инкор сар ҷунбонд.

– Бародар, барои чӣ ба одаме, ки намешиносед, шафоат металабед? – ҳайрон шуд шоҳбону.

– Ин бародар номамро медонад, аммо худамро намешиносад, – ва ба Отизул рӯ овард, – исми банда Ғазанфар аст.

Отизул ба рӯяш нигоҳи каҷе афканду зеридандонӣ наҷво зад:

– Ғазанфар мегӯӣ? Ту кадом як бозоргони ғундӣ нестӣ?

– Бале, худди худам, – нафаси сабук кашид Ғазанфар, чун метарсид, ки агар Отизул аз рӯи номаш ӯро нашиносад ё худро ба нодонӣ занад, обрӯи вай дар назди шоҳбону ду пул мешавад, – ба таманнои озод гарданат ба даргоҳи шаҳбонуи бузургтабор омадаам.

– Мақсадат чист? – рӯ туруш кард Отизул.

– Мо, савдогарон, ба ғайр аз ҳимояи молу мулгамон чӣ мақсаде дошта метавонем? Дӯстам Соҳибназар ба гуҷое ғайб зада бошад, ту дар асорати шоҳбону бимонӣ, он чанд сар чорпоамро дар Булунгӯл ягон ғоратгар бибарад, муфлису бенаво мегардам. Ту дар он ҷо бошӣ, дилам пур.

– Чӯпонат Гулшукуф бошад?

– Оре, дар даҳонат асал, сипаҳсолор, Гулшугуфи ҳақири фақир.

Отизул сар ба ҷайби андеша даровард. Вай аз рафтуомади Ғазанфар бо Юсуфалихон дарак дошт ва пай бурд, ки Ғазанфар бо супориши шоҳи Шуғнон ба суроғи вай омадааст, вагарна медонист, ки ба молу ҷони тоҷикони Булункӯл хатаре таҳдид намекунад. Ҳама медонанд, ки Соҳибназар дур рафта бошад ҳам, Аличору Булункӯл дар ғоибаш ҳам ба вай итоат мекунанд. «Гапи ҷиддӣ будагист, набошад, агар ба шоҳ лозим набошад, дар сад соли дигар маро суроғ намекунад, – аз дил гузаронд Отизул, – ҳар чи бошад-набошад, фурсати муносибест барои раҳо гаштан аз чанги душманон».

– Барои чӣ «сипаҳсолор»? – бо ҳайрат гӯшбақимор шуд шаҳбону.

– Эшон сипаҳсолори шоҳи Шуғнон буданд, – аз беэҳтиётии худ забон хоида-хоида ҷавоб дод Ғазанфар, – аммо бо шоҳи ҳозира ягон рабте надоранд.

– Ана гап дар куҷо будааст! – хитоб кард Абдуллоҳ, – барои ҳамин ба мисли Соҳибназари буздил аз майдони ҷанг нагурехт.

Шаҳбону бо чашмони нимпӯш вазъиятро дар пеши худ таҳлил намуда, охир хулоса баровард:

– Бале, мардони ҳақиқӣ пушт намедиҳанд. Ман мехостам туро ба хизмати худ бигирам, лекин ин бародари шуғнӣ пайдо шуду нийятамро дигар кард. Ман туро ба ин кас бахшидам.

Ғазанфар сабук аз ҷо барҷасту таъзимкунон гуфт:

– Ҳазорон таъзиму тагрим ба остони баланди шумо, эй меҳрубонтарин ва оқилтарин шаҳбонувони Машриқу Мағриб! Манеро, ги дар гӯи меҳтарони олам саге суроғ намегунад, чунон бинавохтед, ги дигар умре аз гасе меҳрубонӣ набинам ҳам, барои банда на танҳо гофӣ, балги барзиёдатист.

Отизул дар ин миён чунин андешид: «Хайрият, ҳамин шуғнии муллонамо аз куҷое ба суроғам омаду мушкиламро осон сохт, набошад, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба навкарии ин занаки шаттоҳ гардан намефуровардаму Худо медонад, ҳолам чӣ мешуд?»

Шаҳбону рӯ ба Абдуллоҳ овард:

– Отизулро дар хиргоҳи бародарамон ҷой бикун! Табибамонро бигӯй, ки захму зангорашро малҳам гузорад. – Ва оҳанги гуфторашро нарм сохту ба Ғазанфар чашм дӯхт. – Некиатонро умре фаромӯш намекунам, меҳмони азиз! Ҳоло рафта, дам бигиред, фардо субҳ шахсан худам ба гуселатон мебароям.

## ТАНТАНАИ АНГЛИСҲО

Аз манораи баланди масҷиди Идгоҳ аранге азони намози шом ба гӯш расад ҳам, бар хилофи одат, ҳар ду табақи дарвозаи Қошғар кушода буданд. Ҳатто посбоне ба назар намерасид. Рӯзи кӯтоҳу сарди тирамоҳ сар ба домани торикӣ мениҳод, вале дар кӯчаҳои шаҳр ҳанӯз одамон гаштугузор менамуданд. Аз ҳар ҷониб овози суруду мусиқӣ ба гӯш расида, аз кадом хурсандии оммавие дарак медод.

– Ту ягон бор бе тафтиш ба шаҳр даромадаӣ? – эҳсоси ҳайраташро нигоҳ дошта натавониста, ба ҳамсафараш хитоб кард Ғазанфар.

Абдуллоҳ аспашро ба аспи ҳамроҳаш баробар оварду ба оҳанги ҳамеша норизоёнааш наҷво зад:

– Ман ҳамагӣ се бор дар ин ҷо будаам. Чунин аҷоиботро бори аввал мебинам.

– Ман ҳам, – зери биниаш нимғурма садо баровард Ғазанфар, – дар ҳақиқат аҷоиб, ҳатто боварнагарданӣ.

Ин асно аз қафо садои Отизул, ки аспаш бисёр сустҳаракат баромад, баланд шуд:

– Истед, ки гуматон накунам! Ин ҷонвари додагиатон аз хари мурдор ҳам бадтар будааст. Дар Марғов ё Аличор маро ба ин ҳол медиданд, дигар ба ягон маърака роҳ намедоданд.

– Ба асирон додани аспи тӯпчоқ дар одати мо нест, – ба заҳрханда гуфт Абдуллоҳ ва лаҷоми аспашро кашид. – Шукр кун, ки пиёдаат намондем.

Ғазанфар низ аспашро нигоҳ дошт ва андешид, ки ин ду марди ҳамнажод чи андоза ҳамдигарро бад мебинанд. Хайрият, дар тӯли тамоми роҳ Отизул ба масофаи дусад-сесад қадам аз онҳо ақиб мемонд, набошад, то расидан ба Қошғар аз дуяшон яке зинда мемонду Ғазанфар ба балои онҳо гирифтор мешуд.

Отизул дар наздашон аспашро нигоҳ дошту гуфт:

– Зудтар ягон сарпаноҳе бояд биёбем, ки сахт монда шудам. Ин ҷонвари пир ҷонамро ба лаб расонд.

– Дар ин бобат бепарво бош, ҳоло ба ҷое мебараматон, ги гӯфтатон дар яг дам барояду шаб чун дар ишгами модаронатон хоб равед. Фардо аспе бароят туҳфа гунам, ги аз Гошғар то Шуғнон ба ту ҳасад баранд.

– Корвонсарой намеравем? – аз чизе хавотиромез пурсид Абдуллоҳ.

– Дӯстам, горвонсарой ҷойи ғарибон аст. Ман, ги дар ин шаҳр галон шудаам, айб нест, ги шумо барин меҳмонони атои Худовандро ба магони ғарибон барам?! Ду гӯча онсӯтар як дӯсти бисёр азизам пойгӯбаги ободе дорад. Мехӯрем, дами беғам мезанем, гармоба меравем, баъд фигри фардоро ҳам мегунем.

– Пойкӯбак ягон меҳмонсарой аст? – пурсид Отизул, ки бори нахуст ба Қошғар меомад.

– Пойкӯбак ҷойи кайфу сафо аст, мардаки нодидаи биёбонӣ, – аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳарифашро наҳ зад Абдуллоҳ, – бин, маст шуда, моро дар назди мардуми бегона шарманда накунӣ.

– Одами паст маст мешавад, – ба зарда ҷавоб гардонд Отизул, – ин қадар худдонамӣ накун.

– Рафтем! – диққати ҳамсафарони таҷангашро ба худ кашид Ғазанфар ва аспашро маҳмез зад.

Абдуллоҳ ва Отизул аз қафояш асп монданд. Баробари ҳарчи бештар ба маркази шаҳр наздик шудан, садои дафу дутор, танбӯру ғижак ва бонги мастонаи мардум баландтар гашт ва ниҳоят, мусофирон дар хам-хами кӯчаҳо ба гурӯҳ-гурӯҳ мардону занони машғули базму дилхушӣ дучор омадан гирифтанд. Ҳатто дар болои бомҳо суруд мехонданду арғушт мерафтанд.

Ҳамсафарони аз чунин манзараи ғайриодӣ ҳайратзада аз байни тӯдаҳои мардуми сархушу болидарӯҳ мегузаштанду дар таги дил меандешиданд, ки мабодо ба балои ягон дастаи авбоши масте дучор наоянд. Вале касе ба онҳо кордор нашуд, на танҳо кордор нашуданд, балки бо нидоҳои «Хуш омадед!», «Ҷонам фидои меҳмон!», «Меҳмони мо шавед!» онҳоро пешвозу гусел ҳам карданд.

– Ин мардум ҳамагӣ девона шуда бошанд? – ниҳоят эҳсоси ғунгаштаашро ба забон овард Абдуллоҳ.

– Ба пешвози элчии маликаи Алай баромадаанд, – ба заҳрханда посух дод Отизул.

Барои он ки ҳамроҳонаш ба ҳам дарнаафтанд, Ғазанфар гашти аспашро суст карду гуфт:

– Абдуллоҳ, одати қошғариён ин аст, ги дар иду айёмҳои бузургашон дастҷамъона дилхушӣ менамоянд. – Ва каме сукут варзиду афзуд: – Аммо ягон иди галоне ҳам ин шабу рӯз дар ёд надорам.

Пас аз гузаштани як кӯчаи калону се тангкӯча Ғазанфар дар назди бинои дуошёнаи хушсохте, ки миёни боғи сердарахт воқеъ буд, аз асп фуромад ва ба ҳамроҳонаш низ ишора кард, ки пиёда шаванд. Ба сардии ҳаво ва торикии шаб нигоҳ накарда, дар боғ одамон гуштугузор доштанд, аз даруни бино садои мусиқӣ ва хандаҳои мастона ба гӯш мерасид.

– Ҳардуят гапи маро бадиққат гӯш гунед. Худо хоста бошад, ҳозир ба назди шахси ниҳоят галони ин мамлагат медароем. Илтимос, шағабу ғазабатонро фаромӯш гунеду лоиқи боварии шоҳбону Қурбонҷон одоб нигоҳ доред.

– Кӣ будааст вай? – бесаброна пурсид Абдуллоҳ.

– Дӯсти гӯдакии ман, ҳоло хазинадори шоҳи мамлакат – Ниёзбег.

– Ниёзбек-додхоҳ! – Абдуллоҳ аз ҳайрат тозиёнаи дасташро алвонҷ дод, – Худи Ниёзбек-а!

– Албатта, боз гӣ мешуд! – ифтихоромез нидо дод Ғазанфар ва ҷониби бино қадам гузошт.

Онҳо савориҳоро куталкунон ба қафои бино гузаштанду Ғазанфар дарвоза кӯфт. Касе тоқчаи дарвозаро кушода, бонг зад:

– Кистӣ ва чӣ кор дорӣ?

– Ба ҷалолатмаоб девонбегӣ арз фармоед, дӯсташ Ғазанфар аз Шуғнон омадааст.

– Шуғнӣ бошӣ, чаро туркӣ ҳарф мезанӣ, катачорик[1]?! – ба забони сарикӯлӣ ҷавоб дод посбон.

– Дар ин ӯйғуристон аз гуҷо донам, ги ёргандие паси дарвоза истодааст, – хушгӯӣ кард Ғазанфар.

Посбон – ҷавони бист-бистудусолаи бо милтиқу шамшер мусаллаҳи баландқомати тоҷиксурат дарвозаро кушоду гуфт:

– Қадам сафо овардӣ, ҳампира! – ва бо меҳмонон самимона даст дода, салом карду чолок дарвозаро баст ва афзуд, – шумо дақиқае «ё Аллоҳ» гӯед, ман калонро огоҳ намоям.

Абдуллоҳ, ки чунин қабули осону самимиро дар даргоҳи мансабдори баландпояи як мамлакати бузург ҳеҷ чашмдор набуд, пас аз ғоиб шудани посбон дар торикӣ, ибрози ҳайрат намуд:

– Нафаҳмидам, магар Ниёзбек тоҷик аст?

– Фазли Худо, тоҷиги ёргандисту оқилтарин инсони Чину Мочин! – ба ифтихор ҷавоб гуфт Ғазанфар, – падарони мо дӯсту бародар буданд, мо ҳам – ду мағзи дар як пӯст, ҳамдил гӯӣ – ҳамдил, ҳамҷон гӯӣ – ҳамҷон, дигарон дӯстанд, мо дӯсттар аз дӯст!

– Инҳо ҳам ба шуғнӣ гап мезананд магар? – кунҷковиашро давом дод Абдуллоҳ.

Отизул, ки тоби шунидани садои Абдуллоҳро надошт, аз Ғазанфар пешдастӣ кард:

– Мани қирғиз ба забон шуғнонӣ гап мезанаму ба ёргандӣ чӣ шудааст, ки ба лафзи падариаш гап назанад? Ту дар куҷо…

Барои он ки хитобу итоби Отизул ба оташи ғазаби Абдуллоҳ равған нарезад, Ғазанфар гапи ӯро даррав бурид:

– Эй андувол, ту миёни шуғниён галон шудаӣ, вале ин мардаг, ги дар Алай на шуғнӣ дидаву на ёргандӣ, аз гуҷо донад, ги инҳо чӣ тоифаанд? Абдуллоҳҷон, бародари ширин, шуғниву сарикӯлии

[1] Катачорик (шуғнонӣ) – марди бузург

ёргандиҳо қариб як чиз аст. – Ва андак анешиду шарҳ дод: – Қирғиз ӯйғурро чӣ қадар фаҳмад, ёргандӣ ҳам шуғнониро ҳамин қадар фаҳмида метавонад.

Абдуллоҳ чизе зери биниаш ғурунгида буд, ки посбон дари хонаро калон кушоду гуфт:

– Додхоҳ Ниёзбек мунтазири шумоанд!

Ғазанфар бо қадамҳои сабуку тезаш пеш даромад, ҳамроҳонаш дунболи ӯро гирифтанд. Дар роҳрави аз нури чандин қандил равшани хона онҳоро марди пуррапайкари тӯтибурути шерозариши қоматбаланд, ки дар тан хилъати фохири сурхи ду бараш зардӯзӣ дошт, бо оғӯши боз истиқбол гирифт.

– Ҳой азизам, Ғазанфар, Ғазани хушдаҳан, шаби сиёҳро бароям рӯзи сафед кардӣ! Биё, ҷонам садқаи қадамҳоят!

Ниёзбек гардани дӯсташро муддате аз синаи паҳни худ сар надода, хумори дидор шикасту сипас дасти Отизулу Абдуллоҳро низ гарм-гарм фушурд ва онҳоро ба ӯйғурӣ хушбошӣ гуфт.

– Дӯсти Ғазанфар дӯсти азизи ман аст, бародарон! Сад нафар ҳам бо Ғазанфар бошад, намепурсам, ки кистанду чӣ мақсаде доранд, – ҳар дуяшонро баробар ба оғӯш кашид Ниёзбек ва меҳмонон акнун ҳис карданд, ки аз даҳонаш бӯйи шароб меояд. – Шумо меҳмони ман астед, хуш омадед, азизтарин меҳмонони ин шаҳр! Даромадем ба пойкӯбаки ман. Мо имрӯз машраби хос дорем. – Вай хандаи базебе карду мастона тобе хӯрд, – Биёёеед, дарроoед.

Онҳо ба толори на он қадар калоне даромаданд, ки дар равшании даҳ-понздаҳ чилчароғи он дуди сабзу бунафшу нилии чилим сабук пар мезад; дар пойгаҳи он созандаву навозандаҳо болои харакҳои дарози пуштакдор нишаста, навозишу сароиш доштанду як гурӯҳ духтарон дастафшону покӯбон арғушт мерафтанд. Аз байтҳои порсӣ хонданашон маълум мешуд, ки аксарашон тоҷиканду базм ба авҷи аълои худ расидааст. Дар тарафи рости даромадгоҳ, дар гирди мизи сербари дароз, болои чавкиҳои чӯбини зебо, ки меҳмонон чӣ буданашонро намедонистанд, чор нафар марди фарангилибос ва ҳафт марди ҳиндунамо бо чашмони махмуру чеҳраҳои мамнун нишаста, базмро тамошо мекарданд. Баробари ба наздашон расидани Ниёзбек баъзеашон хестанд, иддае нимхез шуданд ва фарангипӯшон дар ҷояшон ҷунбида, эҳтироми девонбегиро ба ҷо оварданд.

– Дӯсти азизам Ғазанфари шуғнонӣ, – бозуи Ғазанфарро гирифта, каме пеш кашид мизбон, – ин ду нафар дӯстони дӯстам, яъне дӯстони азизи ман астанд. Бишинед, азизон, бишинед. Имрӯз шароб менӯшему кабоб мехӯрем.

Меҳмонон дар чавкиҳои холӣ нишастанд ва барои шинос шудан бо муҳити барояшон ғалатӣ ба гирду атроф чашм андохтанд. Бахусус, исту бисти чор шахси малламӯйи сафедораз, ки ҳатто бо тарзи нишасту нигоҳашон аз дигарон фарқ карда, тӯсҳои байни бедзор рӯидаро ба хотир меоварданд, хеле аҷиб ба назар мерасид. «Бояд ҳаминҳо ангрезӣ бошанд, – андешид Ғазанфар, – бахт омад кунад, нахчир худаш ба суроғи сайёд меояд». Вақте суруд ба охир расиду раққосон таъзимҳои зебо карда, пойгаҳро тарк намуданду хомӯшӣ ҳукмрон гашт, Ниёзбек гумони дӯсташро тасдиқ намуд:

– Ин чор ҷавонмард дӯстони азизи англиси мо, қуввати давлату пушту паноҳи миллати мо мебошанд. Ҷанобон имшаб меҳмони азизи каминаанд. Дилу гурдаро бибин, ки аз ҳазорон ҳазор фарсанг роҳ ба ёрии шоҳаншоҳи азизи Йеттишахр – Муҳаммад Яъқуббеки Бадавлат омадаанд, то исломро дар Чину Мочин газанде нарасад.

Марди бакитфу бозуи сурхинарӯйи миёнсол, ки аз таҳамтанӣ чоркунҷашакл метофту каллаи калонашро паст тарошида буд, бо табассуми малеҳ ва чашмони хандон аз ҷо баланд шуд ва ба порсӣ ҷониби Ғазанфару ҳамроҳонаш рӯ овард:

– Хидмати шумо арз кунам, ки ман Форсайт Томас Дуглас афсаре незамии Енгелистан мибошам. Ин се нафаре дигар ҳамсафаранам астанд – Фердинанд Столичка, Ҳенри Троттер ва Ҳенри Волтер. Мушарраф шудам.

Ғазанфар чӣ гуфтанашро надониста, аз ҷо хесту нимтаъзим кард. Ниёзбек ӯро аз ҳолати ногувор баровард:

– Дӯсти азизам Ғазанфар оқилтарин корпардозони Шуғнон мебошад, аммо меҳмонони ӯро банда бори аввал мебинам.

Ғазанфари акнун муддаои афсари англисро, ки аз номи дарозу ба гӯшаш бегона танҳо «Деглес» дар хотираш монд, дарк карду риштаи суханро зуд ба даст гирифт:

– Аз дидори муборагаи шумо ҳар ду дидаам нур гирифт, амири муқтадир Деглес, ин ду мард – Отизулу Абдуллоҳ, дӯстони қирғизам астанд, ги ҳамроҳи ин гамтарини гамтарон ба саломи дӯсти фаррухиқболам Ниёзбег омадаем. – Ва барои мутаассир сох-

тани сомеон, ҳар як калимаашро кашидаву хушоҳанг карда, гапашро бо ин байт зиннат бахшид:

***Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф,***
***Легин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст.***

Мо гулбонги шумо – англисиҳои саховатпешаро шунида будем, аммо чун «бе амри Худо барг нарезад зи дарахт» гуфтаанд, фақат дар ҳамин рӯзи мубораг ба дидоратон шарафёб гардидем.

– Оре, барои ҷаноби Форсайт муборактарин рӯз аст, азизам Ғазанфар, – хушсуханӣ кард Ниёзбек, – ҳамин рӯз ин азизонро атолиқи бузург Яъқуббеки Бадавлат бор доданд. Ба муносибати ин мулоқот ҷаноби Форсайти саховатпеша ба мардуми Йеттишаҳр тангаву тилло нисор карданд, ки аз мир то фақир базму дилхушӣ намоянд.

Форсайт нимхез шуда, ба оҳанги ҷиддӣ, вале айни замон пур аз ифтихору масаррат:

– Солтан мамнун башанд, ма – хошбахт! Барае ма – англисҳа, емрӯз рӯзе тантане ва пирӯзист, – гуфт ва бо нигоҳи пур аз эҳсоси хушбахтӣ Ниёзбеку меҳмонони навомадаашро аз назар гузаронда, қадаҳашро баробари пешониаш боло бардошт: – Бе Йеттишаҳр, ке акнун шаҳри ма ҳам ҳаст, хош амадид! – Ва бо як ҳаракати зебо қадаҳро то охирин чакра нӯшиду афзуд: – Амма делам миход аз соҳбати дӯстани қирғиз ҳам бахре ябим, я инҳа парсӣ нимидананд?

– Отизул медонад, – посух дод Ғазанфар, вале Абдуллоҳро намедонам. – Ва гапи Форсайтро барои Абдуллоҳ ба қирғизӣ тарҷума кард.

Абдуллоҳ тири нигоҳҳои нохушнудонаашро рост ба чашмони Форсайт равона сохт ва ҷавоб дод:

– Ӯйғурӣ медонам, туркӣ гап занед.

– Ман, афсӯс, – фикркунон ба душворӣ ба туркӣ ҷавоб дод Дуглес, – ӯйғурира бисяр бад ҳарф мизанам, амма дуктур Ҳенри зияд балад мибошад.

– Ман май намехӯрам, ки нӯшбод бигӯям, – ба ҳамон оҳанги нимадурушт суханашро давом дод Абдуллоҳ, – ман писари шоҳбонуи Алайу Помир бегим Қурбонҷон-додхоҳам ва аз номи модарам ба назди шоҳи Қошғар омадаам.

Бо шунидани ин ҳарф соҳиби хона аз ҷо хеста, ба сӯйи Абдуллоҳ таъзиме намуд ва гуфт:

– Маъзарат мехоҳам, ки аз дастури меҳмоннавозӣ кӣ буданатонро напурсидам. Хуш омадед, азизонам, намояндагони маликаи қирғизони гарданфароз! – ба такриму таъзим қадаҳ бадошт Ниёзбек, – ид болои ид омад, нуран ало нур шуд. Биёед, ин пайтро барои подшоҳи хубон Қурбонҷон ва элчиёни меҳрубонашон нӯши ҷон бикунем.

Ба ишораи Форсайт ҳамроҳони вай, аз паси онҳо дигарон ҳам, бапо хеста, қадаҳҳои булӯрини борику дарозро ба даҳон бурданд. Отизул қадаҳашро дарзамон холӣ кард, Ғазанфар аввал дудила аз зери абрӯвон аҳли маҷлисро аз назар гузаронд, сипас майи нобро то охирин чакра ба гулӯ рехту дар дилаш «Худоё, маро бибахш, аммо зарур бошад, раво бошад» – гӯён дилашро таскин бахшид. Зеро ҳамроҳи рафиқи шафиқаш Ниёзбек борҳо майгусорӣ карда буду ҳоло намехост, ки дар назари дӯсти сархушаш беэҳтиромие аз ӯ сар зада бошад.

Вақте бархостаҳо нишастанду газакҳо чошнӣ карданд, Абдуллоҳ тунд аз ҷояш боло шуду бе ягон муқаддима гуфт:

– Ба ҳар мақсаде, ки омада бошед, бидонед, ки қирғизон аз қавмеву қабилае то ҳол натарсидаанд ва аз шумо ҳам сари тарсе надоранд!

Аз ин хитоби ногаҳонии меҳмон Ниёзбек бесаранҷом шуд. Ғазанфар аз ҷо хест ва бозуи Абдуллоҳро дошта, давоми нутқи бемавқеи ӯро ба дасти худ гирифт:

– Абдуллоҳ барин марди мубориз шуҷоатмандро гами дар гам дидаам. Аммо имрӯз дар роҳи бисёр дароз хаставу афгор шудему диламон ба базму тараб бештар ниёз дорад.

Ба ишораи Ниёзбек мутрибон ба навозиш пардохтанду созандаҳо суруд андохтанд. Гапи Абдуллоҳ дар даҳонаш монд.

* * *

Ғазанфару ҳамроҳонашро Ниёзбек шаб ба хонаи худ бурда, дар меҳмонхонаи ҳафтболораи пур аз қолину сӯзанӣ ҷой дод. Қирғизон, баробари сар ба болин гузоштан, хоб рафтанд, вале Ғазанфар то дергоҳ печутоб хӯрд. Андешааш он буд, ки ба кадом роҳ дили Деглесро, ки аз афташ калони тамоми англисҳои Қошғар ӯст, биёбаду тиҷораташро ривоҷ бидиҳад. «Инро бин, ки рост ба маҷлиси ангрезҳо афтодам. Магар ин негутарин фол нест? Худо худаш рост

овард, агнун ман донаму ин Деглес! – хурсандӣ мекард дар дил ӯ, – Легин худозада хуб номи нофораме доштааст: Деглес! Дег-лес Фо … ро… сад ё … сат, – тамоми пардаву нимпардаҳои мағзашро таранг карда, номи падари англиси худбоварро ба хотир овардан хост Ғазанфар, – беҳтараш Фаросат гӯям, монам. Ҳам осон, ҳам мусулмонӣ. Деглес Фаросат! Бо ин мардаг ҷӯра шавам, ба бозори Ҳиндустон роҳ меёбам, ба бозори Ҳиндустон, ги роҳ ёфтам, молу голои ман тамоми Шуғнонро мегирад. Ана он вақт шоҳи Шуғнон ҳам ба доираи ман мерақсаду мирони дарбораш ҳам! Эй Деглес, Деглеси таҳамтан, оё медонӣ, ки ту барои Ғазанфар ба чи микдоре дарҳои хушбахтиро боз мекунӣ!»

Бо ҳамин хаёлоти ширин нимхобу нимбедор, то ҳамсафаронашро бедор накунад, бо нахустин бонги хурӯс, беовоз бархост ва либосашро пӯшиду поварчин аз меҳмонхона бадар рафт. Субҳи сарди фасли поиз ӯро бо осмони софу шамолаки ҳур-ҳурии сабукпарвоз истиқбол намуд. Нахуст, ба умеди дидани моҳ, ба осмони нимаравшан, киситораҳояш як-як хомӯш мегаштанд, чашм андохт. Моҳи пурра дар каронаи ҷанубии самои фарохдоман, ба андешаи ниҳон сохтани рух дар паси пардаи риштакӯҳҳо, овезон меистод. Ғазанфар панҷаҳои ҳар ду дастро се бор аввал ба лаб, сонӣ бар пешонӣ ниҳода, ин қандили заминафрӯзи Яздони покро зиёрат карду шукрона кард, ки бо ин ҳама ҳодисае, ки дар роҳ аз пешаш баромад, ниҳоятан, дар рӯзи сездаҳуми моҳ худро ба Қошғар расонда тавонисту акнун ваъдаи ба Сайид Фаррухшоҳ додаашро бо рӯсурхӣ иҷро менамояд. Мамнуну қаноатманд рахт шикаст. Синаашро пур карда, чанд нафаси амиқ гирифт ва хоби боқимондаро аз димоғ берун ронду дар ҳавлии сердарахти аз баргҳои рехта хазонфарши Ниёзбек ба гардиш даромад. Хонаи дуошёнаи тарҳаш нимтоҷикиву нимхутании дӯсташ бо тозагиву хушнамудӣ чашми бинандаро роҳат мебахшид – маълум, ки ба наздикӣ тармимашро ба охир расондаанд. Дар пушти ҳавлӣ ахтахонаи дарози нав, тахминан барои бист-бисту панҷ саворӣ, сохтаанд. Ҳатто хонаи пастаки хизматгоронро ҳам андова карда, дару тирезаҳои нав шинондаанд. «Қандатро зан, Ниёзбег, иқбол гардӣ, иқбол! – ҳасадомезона ба дӯсташ таҳсин хонд Ғазанфар, – дили Яъқуббегро фақат ту ёфта тавонистӣ». Дар ҳақиқат, на танҳо Ғазанфар, балки саршиностарин аъёну ашроф намедонистанд, ки атолиқ барои кадом хизматҳояш

Ниёзбеки исмоилиро девонбегии худ таъйин намуда, молу амволи мамлакатро ба дасти ӯ супурда, бо ин рафтораш, амалан, пешвои қавми тоҷикро бар пешвоёни қавму қабилаҳои дигар тарҷеҳ дод? Ин иқдом, пеш аз ҳама, ӯйғуронро ба ташвиш гузошт. Онҳо аксари кулли Туркистони шарқиро ташкил медоданду мансабҳои калидии дарборро ҳаққи ҳалоли худ мешумурданд. Дунганҳову манҷуриҳо низ аз чунин сиёсат сахт норозӣ буданд. Ҳатто шӯриш ҳам бардоштанд, вале зӯрашон нарасид. Яъқуббек пирӯз омаду намояндагонашонро аз мансабҳо холӣ ва ҳатто ба ватанҳои бобоиашон бадарға намуд. Дар хусуси қарақирғизону қарахитоиҳо ҳоҷати гап ҳам набуд – Яъқуббек онҳоро душмани давлати худ ҳисоб мекарду барояшон вазифаи ҷорӯбкашии дарборро ҳам ҳайф медонист.

Ғазанфар даричаи дарвозаи калонро кушодан хост, ки дари дидбонгоҳи шафати он боз гардид ва марди низомипӯши миёнсоли гаронҷуссае бо шофу берданкаи ба китфаш милпоин овехта бадар омад.

– Ассалом, меҳмон, чӣ хизмат кунам?

Ғазанфар дасти ӯро дудаста фишурда, ду-се бор сабук такон доду гуфт:

– Ҳичӣ, дӯстам, ҳичӣ. Чанд моҳ шаҳрро надидаам, пазмон шудаам. Ҳоло ги гӯчаҳо хилватанд, чархе мезанаму гашта меоям.

– Хоҷа талабанд, чӣ гӯям?

– То ношито ҳатман мерасам.

Посбон дарвозаро беовоз кушод. Ғазанфар бо қадамҳои бардаму тезаш ҷониби офтоббаро шитофт. Пас аз гузаштани ду-се гузар ба кӯчаи марказӣ баромаду масҷиди калонтарини шаҳр – Идгоҳро омоҷ гирифт ва сад-садупанҷоҳ қадам ба он нарасида, ба чап тоб хӯрд ва ба роҳи бозори марказӣ даромад. Даҳ дақиқа пас ба паскӯчаи пушти корвонсарой тоб хӯрду дар назди дарвозаи ҳавлии лаби ҳавзе истод ва дарвозаи яккабатаи онро тела дод. Дар ғиҷиррос зада кушода шуд ва Ғазанфар ба миёни ҳавлӣ расиду фарёд кашид:

– Чоршанбе, ҳой Чоршанбе!

Ва худ, барои таҳқиқ, ба чарх задани гирди хона шурӯъ кард. Зеро ҳанӯз фасли баҳор, пеш аз баргаштан ба Шуғнон, ба корвонкашонаш дастур дода буд, ки шикасту рехти тамоми ҳавлӣ – хонаву анбор оғилу ахтахона ва бадрафу сафилро дуруст бикунанд,

деворҳоро чунон билованд, ки ҷило бидиҳанд. Ғазанфар ба назофату озодагии манзили зисташ бисёр аҳамият медод. Зеро, аввалан, ин хона ба ӯ аз падараш, ба падар аз бобояш мерос мондааст; сониян, шарикони тиҷораташро ба ҳамин ҷо ба меҳмонӣ мехонд ва, албатта, намехост, ки дар назарашон чуғзи хонавайрон тофта, ба ӯ чун ба бозоргони камсармоя баҳо бидиҳанд. Баръакс, меҳмон бояд аз дидани хонааш ба ваҷд ояду ба бойу бадавлат ва шарики боэътимоди додугирифт будани Ғазанфар аз будаш бештар бовар кунад.

Чоршанбе, марди panчоҳ-панҷоҳу панҷсолаи қоқинаи қаддарози калонустухон бо бинии зоғнӯлӣ, пешонии пасти камабрӯй, чашмони хурд-хурди айёри мешӣ, риши зардчатоби баланд, гардани дароз ва пушти кӯзнамо, Ғазанфарро дар назди ахтахона дарёфт. Пас аз саломи бағалкашу ҳолпурсии гарм Чоршанбе хӯҷаинро ба хона таклиф кард, аммо Ғазанфар масъалаи дигар пеш овард:

– Нажмиддин гуфтанӣ марди ёргандиро мешиносӣ?

– Мешиносам, гоҳе чӯбу чахс мефурӯшад.

– Манзилашро лозим дорам.

– Агар нарафта бошад, дар ҳуҷраи корвонсарой будагист.

– Ҳуҷраашро медонӣ?

– Медонам, ду бор меҳмонӣ даъват карда буд.

– Рафтем.

– Куҷо?

– Ба ҳуҷраи Нажмиддин.

– Хона намедаройӣ?

– Бегоҳ меоям.

Ғазанфар тарафи дарвоза ҳаракат кард, Чоршанбе аз пасаш қадам гузошт. То расидан ба корвонсарой Ғазанфар сабаби таъхир дар ҳаракати корвонро пурсиду аз корвонкаши худ чунин ҷавоб гирифт:

– Бештар аз ду моҳ аст, ки атолиқ ҷунбиши корвонҳоро ба тарафи Помир, Алай ва Ӯш, ҳатто Кашмир боздоштааст. Ман чанд бор ба шаҳрдорӣ арз бурдам, ҳатто пораву пешкаш додам, иҷозат гирифта натавонистам. Як дӯсти мансабдорам сирран ба ман гуфт, ки то ба Қошғар расидани корвони англисҳо ҷунбиши корвонҳо ба тарафи машриқ манъ гардидааст. Парерӯз корвони англисҳо омад, акнун сар медодагистанд.

Ин хабар дили Ғазанфарро, ки мехост Чоршанберо барои дермониаш дар кашидани корвон гӯшмоли сахте бидиҳад, мулоим сохт; на танҳо мулоим сохт, балки ба таҳлука ҳам андохт.

– Дар горвони англисҳо чӣ будааст, ги атолиқ халқро ин қадар сахт гирифтааст?

– Силоҳ, – ҷавоб дод Чоршанбе овозашро паст карда, – тир, туфанг, тӯп.

– Уҳӯ-ӯ! – хитоб кард Ғазанфар, – ана мағзи чормағз дар гуҷост! Ба чашмат дидӣ?

– На фақат ман, тамоми халқ диду даҳони ҳама воз гашт. Корвон дар рӯзи равшан ба шаҳр он қадар силоҳ даровард, ки фағфури Чин ҳам медид, ҳангаш меканд.

– Астағфуруллоҳ, астағфуруллоҳ, – ба кадом андешае зери бинӣ наҷво баровард Ғазанфар ва гашташро тезтар кард.

Манзили Нажмиддин ҳуҷраи танге будааст. Нимаи зиёдашро, аз тасбеҳу зоча сар карда, то гоҳвораҳои зебо бо нақшу нигорҳои гуногуни тоҷикиву хутанӣ, ҳар гуна асбоби фурӯшбоб ташкил медодааст. Ин марди миёнақади сурхрӯи як китфаш болову дигараш паст, бо даҳони калону дандонҳои зарду тирафом, дар тан яктаҳ-шалвори фарохи қаҳваранги қаламӣ, баробари кӯфтани дар, гӯё интизори ҳамин лаҳза бошад, дарро кушод ва Чоршанберо дида, хурсандона хитоб кард:

– Чоршанбе?! Ҳампираё, биё! Субҳамро пурсафо кардӣ. Дароед, қурбонатон.

Баробари ворид шудан, Ғазанфар дузону заду ду даст ба ҳаво бардошта, дуо хонд ва пас аз омин гуфтан изҳори матлаб кард:

– Салому сад салом ба шумо, марди роҳи ҳақиқат Нажмиддини боофарин аз пири пирон, он инсони олову воло Сайид Фаррухшоҳи бо фарри мавло, ги бар ин бандаи ҳақиру фақир назари иноят фармуда, ин гамтаринро ба ҷониби шумо ҳидоят намуд.

Нажмиддин бо тавозуъ сухани меҳмони беқарорхислаташро бо табассуми ҳайратомез гӯш карду гуфт:

***– Биё, биё, ки дилу ҷони ман фидои ту бод,***
***Саре, ки бар тани ман ҳаст, хоки пои ту бод!***

Иштибоҳ накунам, ба кулбаам Ғазанфари бозоргон қадам ранҷа намудааст?

– Оре, Ғазанфарам, хоги остонатон шавам, аз гуҷо донистед?

– Аз он ки Чоршанбе, ба ғайр аз хоҷаи худ, шахси дигареро наметавонист ба наздам биёрад.

– Ҳақасту рост, эй марди бузург, ҳамин баҳона даст дод, то ба дидори гарматон бирасам.

Нажмиддин, ба аломати миннатдорӣ, риши пахни хурмоиранги зебояшро қабзае карду чойҷӯши мисиро бардошт:

– Шумо дақиқае бошед, ман об биёрам. Чойи хушмаззае дорам, ки дар Шуғнон Юсуфалихон ҳам надорад.

– Ба ҳаққи Худо, моро гунаҳкор накунед, ҳампира. Барои ман паёми шумо муҳимтар аз ҳама ғизоҳои шоҳона аст. Банда меҳмони девонбегӣ Ниёзбегам ва бе иҷозат ба гулбонги шумо баромадам, ги мабодо тарги шаҳр гунеду ба мулоқотатон нарасам. То субҳона бояд ба ҳузурашон бирасам, ки беодобӣ аз ман сар назанад.

Нажмиддин чойҷӯшро ба ҷояш гузошту гуфт:

– Ин тур бошад, чаҳгардӣ бизанед, – ва онҳоро дар кӯрпаҳои болои намад шинонду ба гапаш давом дод. – Ман то фардо субҳ вақт дорам, вале шояд шумо масруф гардеду якдигарро дида натавонем.

– Бале, бале, – тасдиқ кард Ғазанфар, – айнан гуфтаи шумо мешавад, ҳампира.

Нажмиддин рӯбарӯи Ғазанфар дузону заду лаб ба сухан кушод:

– Бисмиллоҳи раҳмони-р-раҳим! Эй Ғазанфар, ба ҳазрати пир дуову салом ва пазмониву дастбӯсии маро бирасон ва бигӯ, ки айни замон вазъият дар Қошғар бисёр печдарпеч ва сардаргум мебошад. Яъқуббек дар ҳоли ҷанг бо дунганҳост. Дунганҳои аз ҳокимият бенасибгашта барои дубора соҳиб шудан ба қудрат ниҳонӣ тадбир месозанд. Яъқуббек дид, ки ба қувваи худӣ тоҷу тахташро нигоҳ дошта наметавонад, дар ниҳоят, англисҳоро ба Йеттишаҳр роҳ дод. Чашми тамоми душманонаш тарсид, вале оё ба гумон[1], хитойиҳо мавҷудияти англисҳоро дар сарҳади худ таҳаммул карда тавонанд. Аз тарафи дигар, намояндагони русҳо ҳам барои ба даст овардани дили Яъқуббек даводав доранд, аммо то ҳол ба мурод нарасидаанд.

---

[1] Оё ба гумон – гумон аст, ки

Ба ҳамин сабабҳо, яқинан, аҳволи исмоилиҳои Хутан, Помирот, Афғонистон ва Ҳинд дар солҳои наздик вазнин мешавад. Боқӣ ҳама ба дасти мавлост.

– Қурбони забони ширинатон, марди доно! – хитоб кард Ғазанфар, ки аз кунҷковӣ каф ба ҳам месовид. – Аммо, бигӯед, ин англисҳо ба савдову тиҷорати мо чӣ назар доранд? Дасти моро мегиранд ё садди роҳамон мешаванд?

– Ин мардумро сиёсаташон тиҷорат аст, дӯстам, касе ҷонибдорашон бошад, кораш равнақ мегирад.

– А-а, ҳо-ҳу, – нидоҳои номаълум баровард Ғазанфар, – ман ба ҳазрати пир ин гапҳои пурқимататонро, албатта, мерасонам.

– Се рӯз пеш ба воситаи бародаре ба он кас нома фиристодам, аммо шумо ҳам бигӯед, буваки[1] гапамон мешавад.

– Бисёр гори оқилонае гардаед, ҳампира. Ба бахти бади банда, барои чӣ шуморо боре ҳам дучор наомадаам? Имрӯз хеле хушбахт шудам, бисёр сарафроз гаштам.

Нажмиддин сар ҷунбонда, ба меҳмононаш нигоҳи озмоишкоронае афканду гуфт:

– Обу донаву қазову қадар ҳамин рӯз дуруст омадааст, ман ҳар моҳ, рӯзҳои ёздаҳ то сенздаҳ дар ҳамин бозор мешавам.

– Худо нагарда, мабодо гасал шавед-чӣ?

– Ин ҷо холӣ намемонад, каси дигар меояд?

– Исми шарифи он муъмини мавло чист? – аз кунҷковӣ дар ҷояш ҷунбид Ғазанфар.

– Нажмиддин. Номи вай ҳам Нажмиддин аст.

Ғазанфар ҳайратомез ба соҳиби хона нигарист.

– Вай аз гуҷост?

– Ин муҳим нест, – бо табассуми фарох посух дод Нажмиддин, – ҳар касе, ки дар дукони ман мешинад, Нажмиддин ном дорад.

– Ё пири дастгир! – аз ғояти таҳайюр садои Ғазанфар дар гулӯяш печида, хиррӣ баромад. – боз мегӯянд, ки «об доим дар як ҷӯй намемонад».

Нажмиддин хандаи малеҳе карду ба пурсукови Ғазанфар дар бораи худ дигар сухане наафзуд. Ғазанфар ҳар чанд ба ширин-

---

[1] Бувак – сангрезаҳое, ки барои мустаҳкам шудани девори тозабардошта ба сӯрохи байни сангҳо мехалонанд.

забонӣ ӯро бегоҳ ба хонааш даъват кард, Нажмиддин серташвиш буданашро сабаб оварда, меҳмононашро гусел намуд.

Пас аз хайрухуш бо Нажмиддини пурасрор, Ғазанфар дар хусуси ба меҳмонии шахсони баландпоя омода сохтани ҳавлиаш ба Чоршанбе супоришҳо доду худ ба ҳавлии Ниёзбек шитофт.

Девонбегӣ бо меҳмонони қирғизаш сари дасторхони субҳона суҳбати гарм дошт. Вай Ғазанфарро бо чеҳраи кушод истиқбол гирифта, дар паҳлуяш шинонду гуфт:

– Дар ҷавоният симоб барин беқарор будӣ, ҳоло бештар аз симоб беқарор шудаӣ, Ғазанбой!

– Шаҳрро чархе задаму ҳавлиамро хабаре гирифтам, бародари бузург.

– Тинҷист?

– Фазли Худову меҳрубонии шумо, саломатанд.

– Лағмони дӯстдоштаатро бихӯру ба гапам гӯш андоз. Абдуллоҳ мехоҳад, ки ба назди атолиқ дароягу пайғоми Қурбонҷон-онаро барояш арз бикунад. Ман барояш мегӯям, ки баъди ин гуна паём ҳоли қирғизҳо ҳам дар Хутан, ҳам берун аз он бадтар мегардад, аммо ин ҷаноб аз раъяш намегардад. То як-ду моҳи қабл ба атолиқ чунин суханон таъсире медоштанд, вале ҳоло ки англисҳо чун малоикаҳои нигаҳбон дар пушти мо нишастаанд, ин гапҳо дигар ягон қурбе дошта наметавонанд. Барои ҳамин, оё беҳтар нест, ки қирғизҳо ба ҷойи таҳдиди беҳуда аз Яъқуббеки Бадавлат ҳимояту дастгирӣ талаб намоянд?

Абдуллоҳ ба ҳаракати тунде қалпоқашро аз сар гирифта, ба паҳлуяш гузошт, – яъне, сахт норизо будани худро нишон дод, – ва гуфт:

– Ман сухани маликаи Алайу Помирро ду намекунам!! Аз шумо илтимосам фақат ин, ки моро ба назди атолиқ бидароред.

– Албатта, медарорам ва худи ҳамин рӯз, – оромона гуфт девонбегӣ, – пасфардо атолиқ ба Қурлу меравад ва Худо медонад, кай боз ба ёди Қошғар меафтад.

– Ҳазор қуллуғ, – қалпоқашро ба сар гузошт Абдуллоҳи таскинёфта, – некиатонро фаромӯш намекунам.

– Вай дар Қурлу чӣ гор дорад? – дар ҳайрат афтод Ғазанфар.

– Боргоҳашро ба қалъаи он шаҳрча бурда, аз ҳамон ҷо фармонфармоӣ мекунад, – посух дод Ниёзбек.

– Худат ҳам меравӣ? – ин бор қадаре маъюсона суол дод Ғазанфар.

– Ман даҳ рӯз пас меравам. Ҳисобу китобамро бо англисҳо ба охир расонда, баъд ба дарбор бармегардам.

Онҳо соате машғули чунин суҳбатҳо субҳона сарф карданду сипас ба аспҳо савор шуда, роҳи қасри шоҳи Йеттишаҳрро пеш гирифтанд. Дарбори шоҳ дар бинои азими баланде, ки болои теппае воқеъ гашта, баъзеҳо онро «Қӯрғон», бархе «Қалъа» меномиданд, сар ба гардун афрохта буд. Ин сохтмони муҳташами дорои манора ва кунгураҳои зеборо зинароҳе, ки аз шоҳроҳ то ба дами дарвозаи арк тӯл мекашид, ба ду қисмати баробар ҷудо мекард. Ғазанфар аз назди қалъа бисёр гузашта буд ва ҳар бори саргузар шудан, ба созандагони он таҳсину офарин мехонду албатта, орзу мекард, ки боре ба дастбӯси молики он шарафёб гардад. Инак, баъди чандин сол ба орзуяш расид: аспҳояшонро ба хизматгорони дарбор супурда, вайу ҳамсафарони қирғизаш ба дунболи девонбегӣ Ниёзбек аз зинаҳо боло мераванд. Сари ҳар даҳ пилла ду посбони бо туфангҳои наппанави ялаққосӣ мусаллаҳ, бо хам кардани сар, ба онҳо салом дода, пешвоз мегиранд ва касе садди роҳашон намегардад. Девонбегӣ гузарномаи онҳост, лоҷарам, касе ҳақ надорад, ки одамони ҳамроҳи ӯро тафтишу пурсуҷӯ кунад. Вуҷуди Ғазанфар аз чунин истиқболи шоҳона моломоли ғуруру шодмонӣ мешавад, болу пар мекушояд, худро шабеҳи уқобе мебинад, ки аз авҷи осмон ба мавҷудоти ҳақиру сағири рӯи замин менигараду дарун-дарун аз бартарияти худ бар онҳо лаззат мебарад. Ба ҳар зинае, ки қадам мегузошт, худро сабуктару сабуктар ҳис мекард, дилаш саршори фахру ризоият мешуд, гӯё ин пиллаҳо вайро на ба дарвозаи қаср, балки ба фарозои осмонҳо мебурданд. «Омади бахтро бин, – бо эҳсоси бекарони хушбахтӣ аз дил мегузаронд ӯ, – бо худи подшоҳи Гошғаристон мулоқот мегунама! Бо худи Яъқуббег, шахсе, ки Хитойу Хутанро ба ларза оварду русу англис дар ҳасрати илтифоти вай то мағзи устухон месӯзанд. Ана, инро шоҳ мегӯянд! Ана дунёву давлат дар дасти гист!

***Ҳафт осмонро бардарам в-аз ҳафт дарё бигзарам,***
***Чун дилбарона бингарӣ бар ҷони саргардони ман».***

Баробари ба зинаи охирин по гузоштани Ниёзбек, ду қабати дарвозаи бузурги нилифом якбора ба рӯяш боз гаштанду онҳо ба

саҳни васеи арк даромада, ба чап тоб хӯрда, ба дарвозаи яккабатае, ки онро ҳам посбоне ба рӯяшон кушод, даромаданд. Дар саҳни мураббаъшакли васеи он даҳ-дувоздаҳ нафар мардони хушлибос рост истода, аз афташ, барои ворид шудан ба дарбор навбат мепоиданд. Онҳо, баробари дидани девонбегӣ, сари таъзим фуруд оварда, салом доданду то ба даруни иморат даромаданаш, даст пеши бар истоданд. Девонбегӣ бо ҷунбондани калла ва нимнигоҳи лаҳзавие саломашонро посух доду ҳатто қадам суст накард. «Борагаллоҳ! – беовоз ба дӯсташ хитоб кард Ғазанфар, – гулоҳдориву сарварӣ туро зебад, ки лаг-лаг ӯйғуру дунган дар поят сар мениҳанд!» Вай ба Абдуллоҳ, ки дар қабаташ қадам мезад, дар ин бора чизе гуфтан хост, вале абрӯи ахмзадаву ҷабини нохушнуди қирғиз ӯро аз ин раъйаш баргардонд.

Онҳо рост ба боргоҳи атолиқ даромаданд. Он толори фароху баланде буд, ки тирезаҳои васеи оинабандӣ дохилашро равшан нигоҳ медоштанд. Миёнаи толор, аз дами дар то тахтгоҳи ба андозаи як оршин аз фарш баландтар холӣ буд, аммо дар ду тарафи он, бар даҳҳо курсиҳои пасти бепуштаки хокистарранг, одамон менишастанд. Рост дар миёнаҷойи тахтгоҳ, ки бар девораш ду лавҳаи бузург, – яке навиштаҷоте ба хати арабӣ (яқинан, ояе аз Қуръон) ва дигаре мусавраи марди қавиҳайкали парешонмӯйе бо шамшери баркашида дар назди шери дум бар замин нишаста дошт, – шоҳкурсии гавҳарнигори кабудранге меистод, ки бар фарози пуштаки он, ба андозаи пиёла, ҳафт қуббаи лоҷвардӣ шукӯҳи нишастгоҳи шоҳро дучанд меафзуд.

Баробари ворид шудани девонбегӣ, ҳозирони толор аз ҷо хеста, таъзим карданд. Ниёзбек ба назди тахтгоҳ расида, тарафи чап тоб хӯрд ва барои меҳмононаш ҷой нишон дода, худ дар пешашон ба курсие нишаст. Аҳли маҷлис низ нишастанд. Ғазанфари кунҷков бо қирраи чашм сурату суммоти ҳозиронро аз назар гузаронда, шумораи онҳоро ҳафтод-ҳафтоду панҷ нафар тахмин зад. «Бойанд, ҳо, чи қадар бойанд ин мардум! – ба ҳасрат аз дил гузаронд ӯ, либосҳои фохири дарбориён ва асосу палоси гаронбаҳои толорро тамошо карда, – ана, барои чӣ ангрезиҳо, ба Шуғнон не, ба назди инҳо омаданд: пул ба назди пул меояд!!»

Дари паҳлуи рости тахтгоҳ кушода шуду аввал Яъқуббеки овозадор, аз паси ӯ Дуглас Форсайт ва як марди ҳиндие, ки Ғазанфар

шаб дар пойкӯбак дида буд, ба тахтгоҳ қадам гузоштанд. Атолиқ марди миёнақади суфтаандоми фарохкитфе буд бо риши кӯтоҳи ғулӣ, чашмони сиёҳи баррок, абрувони борики думи мор, бинии теғадори почаҳояш сергӯшттар, пешонии васеъ, тарҳи рӯйи соф тоҷикӣ, рухсораҳои доғи кунҷитдор; саллаи паҳнпечаш дар болои пешонӣ ба ду қисми муқобил ҷудо шуда, фаши ба пушт партофтаи сиёҳашро хатҳои қаламии нозуки сафед назарработар нишон медоданд; дар тан хилъати зарбафти норинҷии равшане дошт бо тасмаи паҳни аз китфи рост ба паҳлуи чап ҳамоил, ки бо ғилофи зардӯзӣ ва дашнаи қабзааш заркорӣ ба охир мерасид; ҳамчунин аз зери бағали росташ бандинаи тиллоранге ҳам ҷониби чап мегузашт, ки таркдӯзиҳои мудаввар дошту айнан дар ҷое, ки аз зери дил убур мекард, нигини чоркунҷае аз лаъли холис, ба мисли кирми шабтоб, су-сузанон медурахшид.

Толор гуррӣ ба по хесту Яъқуббек бо ишораи сар салом дода, ба тахт нишаст. Форсайту ҳиндӣ дар тарафи рости ӯ ба расми низомиён қад ёзонда, мисли ҳайкал истоданд. Шоҳ даме, аз болои сари аҳли нишаст, чашм ба девори муқобил дӯхту сипас ба ҳамроҳонаш нигоҳе афканд ва бо овози равшану ҳамвор, ки аз шоҳи мамлакат дида, ба шайхи хонақоҳ бештар шабоҳат дошт, ба нишастагон хитоб кард:

– Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу! Бисмиллоҳи раҳмони-р-раҳим ва дуруд ба пайғамбари Худои таборак ва таоло, шофеи рӯзи ҷазову хатми анбиё ҳазрати Муҳаммад, сал Аллоҳу алайҳи ва олиҳи васаллам ва аҳли байту асҳоби ӯ! Аммо баъд, мехоҳам бигӯям, ки он чи қазову қадар бар инсонҳои хокӣ раво дидааст, ҳаргиз бе ҳукми Парвардигори бар ҳама чиз донову бино ба хотирҳо наояд ва дар амалҳо набарояд. Ба ҳамин шароиту қавоид, ончунон ки бароятон аён аст, дирӯз давлатхонаи Ингилистони Кабирро дар Йеттишаҳр боз кардем. Ба ин муносибат салому такрими худро ва шумоён – хидматгорони давлати мусулмонободи Йетишаҳарро ба султон-уд-давлаи он иқлими исломпарвар, тоҷи сари маликаҳои ҷаҳон, хонуми хонумон Виктурӣ бинти Эдварди писари Ҷирҷиси бузург арза медорем ва қадами мукаррами намояндагони он волоҳазратро муҳсину гиромӣ мешуморем. Ба мақсаде, ки кабиру фақири давлати мо илтифоти шоҳбонуи Ингилистонро дар ҳаққи мо фаҳмида бошад, бояд бигӯям, бо мадади беадади он ҷалолатмаоб мо

соҳиби аслиҳаи замонӣ ва лавозимоти низомии навтарин шудем, чандон ки дар чор сӯи атроф дигар душманон аз таарруз ба хокамон метарсанд ва маҷбуранд дар ҳар қазияе андешаи моро бипурсанд. Ифтихори бениҳоят аз он дорам, ки он муҳтарама волоҳазрат баэътимодтарин шахси худ, лашкаркаши соҳибқирон сартип Форсайт ва шоҳаншоҳи Ҳиндустон намояндаи боэътимодаш, донишманди беҳамтои ҷуғрофиё пандит Абдул Субҳонро барои ёд намудани савганди дӯстиву бародарӣ ба назди мо фиристодааст. – Ва бо даст ҷониби Форсайт нишон дода, афзуд: – Илтифот фармоед.

Форсайти чоркунҷашакли таҳамтан, ки дар либоси шинами низомии наппа-нав ниҳоят зебову басалобат ба чашм мерасид, аз ҷузвдони дасташ коғазе бароварда, аввал ба пешонӣ бурд, сипас баробари синааш оварда, хондан гирифт. Азбаски матн ба забони англисӣ буд, касе чизе нафаҳмид. Сартип қироатро ба охир расонду коғазро ба дасти пандит дод. Вай, ба ҳайрати бениҳояти Ғазанфар, аз кисаи пешбағалаш ду шишаи ҳалқамонанди ба ҳам пайвастро бароварда, рӯи бинӣ гузошту ба хондани матн ба забони туркӣ сар кард. Дар паёми шоҳбонуи Ингилистон гуфта мешуд, ки аз ин ба баъд Йеттишаҳр тобеи Туркистони Шарқӣ эълон гардида, Помир, Шуғнон ва Вахон дар ҳар ду сӯи рӯди Ому қаламрави давлати Афғонистон дониста мешаванд. Муҳаммад Яъқуббеки Бадавлат ибни Муҳаммад Латифи Шаҳкоса султони Йеттишаҳр буда, иҷрои ҳама гуна амру фармони ӯ барои табааи Туркистони Шарқӣ шарту зарур мебошад. Рислоатпаноҳи Йеттишаҳр дар шарқ султони пуртавони Туркия Абдулазиз ибни султон Маҳмуд мебошад.

Пандит Абдул Субҳон, пас аз тамом кардани қироат, коғазро ба пешонӣ ниҳоду ба дасти Форсайт дод. Форсайт ба таври низомӣ ду қадам ба сӯи тахт гузошта, ба як зону нишасту онро ба дасти Яъқуббек супурд. Султон коғазро гирифту аз ҷо хест, ки тамоми толор ҳам гуррӣ бархост. Вай дудаста онро ба лаб ниҳода, бӯсиду бо андаке хам задани сар, таъзим намуд ва барои миннатдориву шукрона садо баланд кард:

– Алҳамдуллиллоҳ!

Аз толор низ садоҳо ба гӯш расиданд: «Алҳамдулиллоҳ!», «Муборак бошад!», «Ҳасанот!».

Султон нишасту аҳли маҷлис низ ба ӯ пайравӣ намуданд. Дуглас Форсайт ва Абдул Субҳон ба толор фуромаданд ва дар муқобили

Ғазанфару ёронаш, дар ҷойе, ки барои фарангиёну ҳиндувон ҷудо гардида будааст, ба курсиҳо нишастанд. «Ана, инро давлат гӯянду забардастӣ! – бо ҳисси омехтаи ҳайрату бим ба дилаш хитоб кард Ғазанфар, – аз гадом гунҷу гаронаи дунё омада, бидуни пурсупос, Яъқуббегро султони Тургистон кунанду Помирро ба Афғонистон диҳанд! Борагаллоҳ, сад борагаллоҳ! Ҳоло Юсуфалихон дар ин толор менишаст, агар талхакаф нашуда, ҷобаҷо намемурд, гови Худову хари Мустафо гардам…».

Риштаи хаёлоти Ғазанфарро садои Яъқуббек бурид:

– Шунидам аз Алай элчӣ омадааст. Арзашро бигӯяд.

Ба ишораи Ниёзбек, Абдуллоҳ бапо шуд. Вай, ба нимтаъзим салом карду начакондаву нарезонда, буррову муассир, пайғоми шоҳбонуи қирғизонро ба султон бозгуфт.

– Қурбонҷон-додхоҳ, ки тобистони имсол саросари Помирро то Кӯҳтезак ба тобеияти худ даровард ва дар баробари Алай, акнун фармонфармои ин сарзамин низ мебошад, дар шоҳидии бозаргони шуғнӣ Ғазанфар, ки феълан ҳузур дорад, ба шумо – атолиқи Йеттишаҳр, чунин пайғомро ба забон овард: «Ба ҳукмрони Йеттишаҳр, атолиқ ғозӣ Яъқуббеки Бадавлат расида бод, ки мо, қирғизон, замини худро на ба ӯйғурҳо медиҳем, на ба англисҳо! Салоҳи кор барои мову Яъқуббек ин аст, ки ба сарзамини қирғизҳо пой нагузорад. Агар гузорад, ба ҷанги садсола омода бошад. Медонам, ғалаба намекунем, аммо хоки ватанамонро ба дӯзахи сарбозонаш табдил дода метавонем. Гарави ин даъво сари зиндаи ман, яъне додхоҳ Қурбонҷон, аст!»

Сухани кӯтоҳ, вале тунду тези Абдуллоҳ фазои маҷлисро дигаргун сохт. Гӯё ба сари ҳар кас банохост аз боми қаср як сатилӣ оби ях рехтанд. Ғазанфар намедонист сарашро дар куҷо пинҳон кунад – кош, ба хиргоҳи шоҳбону намедаромаду кош Абдуллоҳ номашро дар ҳузури Яъқуббек чун шоҳиди ин сон паёми аз дами фасон дурушттар ба забон намеовард! Аммо тир аз камон ҷаста буду сухан аз даҳон раста. Яъқуббек ду-се маротиба лабу лунҷ дарҳам кашида, бо нӯги ангуштон пешонӣ молид ва ниҳоят, шояд туғёни эҳсосоташро фурӯ нишонд, ки чашмонашро нимпӯш карда, ба Абдуллоҳ рӯ овард:

– Мо хотун Қурбонҷони муҳтарамаро ба ҳайси фармонравои Алай мешиносем ва арҷ мегузорем. Аммо худ шунидед, ки Помир

дигар тобеи Афғонистон аст ва мо тасарруфи Алайро аз ҷонибашон ғасби ҳукумати Афғонистон дар ин кишвар мешуморем. Ва бидонад, ки мо барои хоки давлати бегона бо хотун ҷангиданӣ ҳам нестем. Чи масъалае дар ин хусус дошта бошад, бо шоҳи Афғонистон дар миёна бигузорад. Маслиҳати бародаронаамро ба он кас бирасонед, ки беҳтараш ба Алайи худ бозгардад, зеро дер ё зуд Помиротро лашкари афғония мегирад. – Ва даме сукут варзиду илова кард: – Ман суханони тунди Қурбонҷон-додхоҳро, ба сабаби ноогоҳиашон аз қазия, ба эътибор намегирам. Аз девонбегӣ Ниёзбек тақозо мекунам, ки элчиёни шоҳбонуро бо ҳадяҳои хос гусел намоянд.

Ниёзбек ба эҳтироми султон бархосту таъзимкунон гуфт:

– Ончунон ки фармудед, ҳамон тавр ба ҷо меорем.

– Шоҳони Шуғнону Вахон ҳам аз ин пас дарбоистҳои худро тавассути Кобул ба мо пешниҳод намоянд, дар сурати акс, мо онҳоро бепосух мегузорем.

Ҳама фикр карданд, ки қазияи Помир файсала ёфт, аммо Абдуллоҳ расуле набуд, ки шаҳрашро осон ба ҳариф бидиҳад. Садои норизоёнааш ин бор қатъиву дурушттар баланд гашт:

– Атолиқ, таблнавозии Афғонистон дар хусуси гирифтани Помир гапи нав нест. Ин гап даҳ-дувоздаҳ сол пеш баромада буд, аммо то ҳозир дар ин тарафҳо касе афғонро надидаст, ки сиёҳ аст ё сафед? То Помир будааст, дар он ҷо қирғиз зиндагӣ кардаасту тоҷик. Ягон қирғизу ягон тоҷик ёд надорад, ки авғон гуфтанӣ қавме дар Шуғнон, Вахон ё Помиру Алай бунагӣ карда бошад? Ин шумоед, атолиқи Қошғар, ки афғону англисро ба гардани худ савор кардаед ва акнун мехоҳед, ки мо ҳам чунин номардиро ба худ раво бибинем? Ман ва халқи ман англистарсиву афғонпарастии шуморо қабул надорем!

«О, ба сари худам бало овардам-гу! – бо худаш шӯрид Ғазанфар, – ин қирғизро бибин, бо султони ҳафт гишвар[1] чӣ гуна гап мезанад? Ҳоло Ниёзбег дар бораи ман чӣ фигр мегунаду Яъқуббег чӣ ҳукм мебарорад-а? Ба Худо, дигар саги дайдуро суроғ мегунанду маро не. Гапаат дуд гард, тиҷоратат гасод шуд, Ғазанфари шӯрбахт! Хостӣ уштурбақатор горвон гунӣ, агнун аз ҳамон ду хари сиёҳат ҳам мемонӣ.» Вай аз зери пешонӣ ҳаросолуд

[1] Ҳафт кишвар – Йеттишаҳр (ҳафт шаҳр), давлати сохтаи Яъқуббек.

ба чеҳраи султон назар андохт, ки ғазаби дар чашмонаш ҷӯшзадаро бибинад, аммо ҳар ду дидаи қариб занона зебои Яъқуббек ором ба сӯи ҳамсуҳбаташ дӯхта шудаву танҳо абрувони думи мораш каме боло рафта буданд.

– Гапат дуруст, Абдуллоҳ, – нарму ботамкин ҷавоб дод султон, – ин мулкро Афғонистон барвақт гирифта буд, вале азбаски баъзе давлатҳо бовар накарданд, лашкарашро надаровард. Имрӯз мо бори дигар муоҳида бастему ин нийятро маротибаи дигар таъйид намудем. Дар наздиктарин оянда сипоҳи афғония аз тариқи Шуғнону Вахон ба Аличору Рангкӯл медарояд ва мулкашро соҳибӣ менамояд. Баъд мебинем, кӣ мард асту кӣ номард? Шумо агар бо думи шер бозӣ кардан хоҳед, марҳамат, аз Помир дида, барои ин кор майдоне васеътар нест. Аммо маслиҳати ман ин аст, ки беҳтараш ба Алай бозгардеду ба чарогоҳҳои сералафи он диёр шукр кунед, ки дар набуданатон қирғизони Ӯш онҳоро кашида нагиранд.

***Мардуми бесанг ба худ гум бувад,***
***Санги гарон гавҳари мардум бувад.***

Шеваи итоболуди султон яқинан элчии қирғизро сахт ба ғазаб овард – ранги рӯяш дарзамон ба мисли анор суп-сурх шуд, рагҳои гарданаш дамиданд:

– Ӯшро мо дар ҷояш шинондаем, – ба зарда султонро неш зад Абдуллоҳ, – аз ин хусус парво накунед.

Ва таққӣ дар ҷояш нишасту барои ором шудан кулчаи зонуҳояшро молидан гирифт.

«Аблаҳи бетамиз! – даруннокӣ ӯро ҳақорат кард Ғазанфар, – авбоши лаънатӣ, барои туи ночиз шуда, сари ман дар бало монд». Ва барои он ки назари Яъқуббек ба ӯ наафтад, сарашро дар пушти Ниёзбек пинҳон кард. Аммо ин тадбир кор надод. Мурочиати султон ин бор ба вай дахл дошт:

– Ку бинем, марди шуғнонӣ чӣ мегӯяд.

«Худо зад!» – эҳсоси ногувори хиҷолат дар синааш ба талотум даромад, аммо дигар куҷост фурсати ҳаялу дудилагӣ! Ниёзбек ба қафо нигарист, ки шеракаш кунад, вале Ғазанфар аллакай сари по истода буд.

– Ассалому алайгум, эй подшоҳи оламу султони богарам! Тахтатон пойдору бахтатон мададгор, соати ҷулусатон нег, бунёдатон

сабз! Худои табораг ва таоло тандурустиву пирӯзиро аз хазонаи ғайби худ бароятон ато фармояд.

– Ҳазор раҳмат, – ба лафзи тозаи порсӣ изҳори миннатдорӣ кард Яъқуббек, – бародарони шуғнонӣ чӣ ҳол доранд?

Гуфтори ошнои порсиву оҳанги хайрхоҳонаи муроҷиати султон дили Ғазанфарро таскин бахшид.

– Мулг орому раият ҳар гасе пайи рӯзгори худ аст, – бурро посух дод Ғазанфар ва хост илова кунад, ки «шоҳ Юсуфалихон салом гуфт», аммо дар лаҳзаи охир, аз бими он ки мабодо аз доираи одоб берун набошад, забон газид.

– Лашкари Афғонистон ба мамлакататон даромад ё не? – пурсишашро идома дод Яъқуббек.

– Чизе нашунидаам, аммо Шуғнон тинҷу осуда аст.

– Дар наздиктарин фурсат Шуғнонро мегиранд! – қатъӣ гуфт султон.

– Агар Худо чунин хоста бошад, аз дасти бандагони заифаш чӣ мебарояд, шоҳам! – посухи муносиби ҳол ёфт Ғазанфар ва ба маҳзи ба охир расидани гапаш фикр кард, ки «бояд ба ҷои «шоҳам» «шоҳо» мегуфт.

Аммо ҷавоби ӯ, алалхусус, «шоҳам» гуфта, муроҷиат кардани марди шуғнонӣ ба Яъқуббек ниҳоят писанд омад. Ӯ ба тарафи Форсайту ҳамроҳонаш нигоҳи пирӯзмандонае афканду боз ба туркӣ гузашт:

– Агар ақвоми мусалмони машриқзамин дар оянда хушбахт шудан хоҳанд, бояд танҳо ва танҳо ба Инглистону Туркиё эътимод намоянд. Иншоаллоҳ, бо мадади ин ду давлати исломпарвар тамоми олам мусулмонобод мегардад.

* * *

Маҷлиси атолиқ Ғазанфарро чи андоза хушбину рӯҳбаланд сохта бошад, Абдуллоҳро ҳамон қадар ғазаболуду норизо гардонд. Ҳангоме ки аз пиллаи охирини қалъа по ба замин гузошт, Абдуллоҳ бо тири нигоҳи хашмолудаш синаи Ғазанфарро шикофта, ғурунгос зад:

– Савор шавам, лаҳзае дар ин диёри касофатбор намеистам.

– Тезӣ нагун, Абдуллоҳ, имшаб меҳмони ман бош, дам гир, фардо бо нафаси тоза бихезу бирав.

– Ҳазор раҳмат, мардаки шуғнӣ, дар ҷойи ту мебудам, нафас рост накарда, ин хабарҳои шуми атоликро ба шоҳи Шуғнон мерасондам, ки дар ғафлат намонад.

– Мерасонам, абатта, мерасонам, фигр нагун, ги фақат ақли мардаги қирғиз ба чунин тадбирҳо мерасад, – ба оҳанги дурушт посух дод Ғазанфар.

Абдуллоҳ бо танаффур туфе ба замин андохту неши дигаре зад:

– О-о, ман хаёл кардам, ки ту ҳам монанди Отизул аз нангу номус пиёда гаштаӣ. Ватанашро авғон гирифтаниству ин занмиҷоз дар пойкӯбакҳо айшу ишрат кардан мехоҳад. Ҳайфи қирғиз буданат, номард!

Отизул ба як ҷаҳиш худро ба назди Абдуллоҳ расонду дудаста аз гиребонаш маҳкам қапид, аммо Ғазанфар ба тундии барқ ба миёнашон даромаду онҳоро аз ҳам ҷудо намуд.

– Айбу шарм надоред, мардагҳои галон, мардум ҳама шуморо нигоҳ доранд.

Шасти қирғизон паст шуд. Ин асно хизматгорони дарбор аспҳоро оварданд. Абдуллоҳ ба чолокии бози шикорӣ худро рӯи зин гирифту бидуни хайрухуш аспро якбора чорхез давонда, дар они воҳид аз назарҳо нопадид гашт.

Ғазанфару Отизул ҳам савор шуда, ба сӯйи хонаи Ғазанфар раҳсипор гаштанд.

***– Ҳар ҷавоне, ги беадаб бошад,***
***То ба пирӣ расад, аҷаб бошад, –***

матал гузаронд Ғазанфар ва байти овардаашро тавзеҳ дод: – Ин Абдуллоҳатон ба чунин адабу ғурур дер ё зуд сарашро мехӯрад. Сари қоқаш ба ғарғара равад, гапе нест, аммо тамоми халқи қирғизро дар бало мемонад.

Отизул ба ҷои посух аз банди гулӯ садои мубҳаме, монанд ба хирроси моли нимбисмил, бароварду асроромез сар поин андохт. Ғазанфар фаҳмидани ақидаи ҳамсафарашро ба фурсати муносибтаре вогузошту рикоб ба паҳлуи саманд кӯфт: ҳарчи зудтар ба хона расида, ба истиқболи меҳмонони оливҷоҳ омода шудан лозим аст. Ниёзбек ваъда дод, ки англисҳову ҳиндувонро то вақти офтобшин ба хонааш мерасонад.

* * *

Барои он ки базм шоҳона гузарад, Ғазанфар машҳуртарин созандаи Қошғар Шоҳини танбӯриро бо навозандагону раққосонаш, ки аз се зану се мард иборат буданд, ба хона даъват кард. Ба хотири халал нарасондан ба суҳбати меҳмонон, ҳунармандонро ба болохона баровард ва хоҳиш кард, ки баробари даромаданашон, меҳмононро бо созу навои дилкаш пешвоз бигиранд. Барои пухтани таомҳои лазиз Элмуроди уйғурро, ки дар кори таббохӣ беҳтарин пазандаҳои шаҳр ба номаш қасам мехӯрданд, ҳамроҳи чор нафар дастёраш киро намуда, хариду пухтупазро ба зиммаи онон гузошт.

– Чӣ пазам? – пурсид Элмурод, қабл аз он ки аробаи дучархаашро ҷониби бозор ронад.

Пеш аз он ки посух диҳад, Ғазанфар аввал афту андоми ин марди сиёҳҷурдаи бинипучуқи қадпасти лоғарандомро, ки овозаашро шунидаву худашро бори нахуст медид, бо тааҷҷуб аз назар гузаронд ва шӯхиомез пурсид:

– Эй пири таббохон, магар нон намехӯрӣ, ки шигамат ба пуштат часпидааст?

Элмурод гӯё дандонҳои резаи чун садаф сафедашро намоиш медода бошад, табассуми фарохе карду гуфт:

– Ман шири гов намехӯрам, ки ҳаққи гӯсола аст.

Ғазанфарро аз ин посух ҳайрат афзуд, вале давом додани мавзӯъро нолозим шумурду ба сари мақсад баргашт:

– Чанд намуд хӯрог пухта метавонӣ?

– Ҳисоб накардаам, хӯҷаин, лекин фақат як сойро дар сад навъ пухта метавонам.

Ғазанфар ба рӯи ҳамсуҳбаташ, ки болои ароба поовезон менишаст, нигаристу хурсандона наҷво зад:

– Бар галонкардаат офарин, аммо барои ман даҳ намуд пазӣ, басанда будагист.

Элмурод каме андешиду гуфт:

– Ин тавр бошад, барои англисҳо лағмон, қатлама, танӯркабоб, манту, барои ҳиндувон умоч, гонфан, самбӯсаи алафӣ ва дабанҷӣ, чалпак, ҳамчунин шаш хел сойе, ки хӯранду як умр маззашонро фаромӯш накунанд.

– Ҳо бале! – аз ғояти шодмонӣ каф ба ҳам зад Ғазанфар, – ту ошпаз не, хазинаи хирад будаӣ, дӯстам. Ман ҳам қарздор намемо-

нам, чунон музде диҳамат, ги ягон ҳамгасбат то ҳол чунин ҳиммати ҳотамонаро на дидаву на шунида бошад. Легин барои чӣ ба ҳиндуҳо алоҳида бояд пазӣ?

– Ин тоифа гӯшт намехӯранд, ҳатто ба дасторхони хӯроки гӯштдор намешинанд.

Ғазанфар аз ҳайрат хуштак кашид:

– Ӯҳӯ-ӯ, одам намурад, чи гапҳоеро мешунидааст! Онҳо сари дасторхонамон нашинанд, ин чӣ бемазагие мешавад?

– Мешинанд, – хандид Элмурод, – аз ин бепарво бош. Ман чанд бор барояшон дасторхон кардаам. Ба ҳурмати англисҳо мешинанд, аммо фақат таоми бегӯшт мехӯранд.

– Магар дабанҷиро аз мурғ намепазанд? – изҳори ҳайрат кард Ғазанфар, ки дар ҳама кор диққату назофатро дар хатти аввал мегузошт.

– Ҳиндуҳо мурғ намехӯранд, вале моҳӣ барояшон дар шумори гӯшт набудааст, – тавзеҳ дод ошпаз, – барои ҳамин мурғро ба моҳӣ иваз мекунем. – Ва дилнигаронии соҳибхонаро дида, афзуд: – хоҷа, дил пур дор, бо моҳӣ чунон дабанҷие пазам, ки ҳинду забонашро сари ҳар луқма бигазад.

– Худо хазонаи хайрашро ба сари пурхирадат бирезад, ту намебудӣ, ман чӣ гор мегардам? Акнун бирав, ки вақтамон бениҳоят танг аст.

Элмурод ба ёваронаш ишора кард, ки ба дучарха бишинанд ва худ лаҷоми аспашро ба даст гирифту гуфт:

– Ягон нафареро аз худат ба мо ҳамроҳ намекунӣ, хоҷа?

– Ман ба погдарунии худат чун ба ҳалолии шири модарам бовар дорам, усто. Агар дастат қалб мебуд, ҳоло ароба вазнатро бардошта наметавонист.

Ошпаз аз ин гап сахт мутаассир гашт, ба аломати миннатдорӣ каф ба пешонӣ гузошту гуфт:

– Хеле дӯстат доштам, бародар! – Ва табассуми фарохашро ин бор зеботар такрор намуду лаҷомро силтав дод.

Ароба ҳаракат кард, Ғазанфар ба ҳавлӣ даромад ва ба тараддуди қабули меҳмонон афтод.

Меҳмонон андаке пештар аз вақти мавъуд омаданд, вале хонадони Ғазанфар ба истиқболашон ҳаматарафа омода буд. Баробари ба дарвоза ворид гаштани Ниёзбек, Шоҳини танбӯриву шогирдо-

наш даст ба созҳо бурданд ва бо суруди «Хуш омад ёре меҳмони мо, Бар дидаву дил, бар ҷони мо» чунон валвалае барпо карданд, ки Ниёзбеки дилшодмашраб ба маҳзи пиёда шудан ба рақс даромад ва Ғазанфар низ аз рӯи эҳтиром дар гирди девонбегӣ чархидан гирифт. Баъди чанд дақиқа майдони рӯи ҳавлӣ ба меҳмонони раққос танг омад: англисҳову ҳиндувон ҳам тавониставу натавониста дастаку почак зада, ба дилхушии умумӣ ҳамроҳ шуданд.

Пас аз ба итмом расидани маросими дилпазири истиқбол, писарони чолоки Чоршанбе – Шанбе ва Душанбе ба дасти меҳмонон об рехтанд ва Ғазанфар ду даст рӯи сина гузошту олиқадронро ба хона даъват кард:

– Ҷон ба қурбони қадамҳои шумо, нури дида, тоҷи сар, марҳамат фармоеду гулбаи муҳаққари моро ба шуълаи ҷамоли нозанини худ равшанистон намоед.

Ниёзбеку Форсайт ба остона қадам гузошта буданд, ки ин асно гови зардгуни Чоршанбе, ки ҳар рӯз дар ҳамин соат лелгаш[1] медоданд, аз паси девор ба рӯи ҳавлӣ тоб хӯрду одами бисёрро дида, дар ҷояш истод. Ба муҷарради дидани гов, ҳар се ҳинду, рӯ ба тарафи он, дар ҷояшон нишастанд ва кафи дастонро ба ҳам ҷафс намуда, теғвор ба пешонӣ гузоштанд ва дар ҳамон ҳол шах шуданд. Ҳама – аз меҳмон то мизбон, ба ҳиндувони кулӯхгашта ва гови ҷониби Чоршанбе чашми тамаъ дӯхта ҳайратзада нигариста, ба тамошои ин манзараи аҷиб дақиқае аз ҳаракат бозистоданд.

Ғазанфар аввал чи кор карданашро надонист, сипас барои пеш кардани гов ба тарафаш давидан хост, ки Форсайт аз бозуяш дошт ва гуфт:

– Говро нарон, ки пандитҳоямон қаҳр мекунанд.

Ғазанфар аз шасташ гашту аз ноҳинҷорӣ ду дасташро ба аломати ноилоҷӣ баробари сина бардошта, китф дарҳам кашиду пурсид:

– Ин бародаронро чӣ шуд?

– Ба говат саҷда мекунанд.

– Наход?! Барои чӣ?

– Барои он ки ин қавм говпарастанд, – шарҳ дод Форсайт.

Ғазанфару Ниёзбек ва Чоршанбеву писаронаш, гӯё ҳама як тан бошанд, ноҳудогоҳ ҳар панҷ гиребонҳои худро дудаста дошта,

---

[1] Лелг (шуғнонӣ) – пасмондаи хӯрок, ки ба гову мол дода мешавад.

ба як овоз чанд бор «астағфуруллоҳ» гуфтанд, ки имонашон халале наёбад.

– Шунида будам, аммо акнун бовар кардам, ки худои ин мардум дар ҳақиқат гов будааст, – таассуфомез ба ҷониби ҳиндувони зонузада бо нигоҳаш ишора намуд девонбегӣ.

Аз ин гап Чоршанбеву писаронаш бо надомат даст бар сар заданд, аммо Ғазанфар худро ба даст гирифту муроот намуд:

– Ҷанобони олиҷоҳ, лутфан, то фориғ гаштани ин бародарон, шумоён дар дами дар наистед. Марҳамат, ба хона дароед.

Англисҳо ва ҳамтингони Ниёзбек ба хона даромада, ҳар яке мувофиқи мартабаи худ нишастанд. Дасторхони оростаи Элмурод ҳақиқатан ҳам аз дасторхони ягон шоҳу вазир камӣ надошт. Он алвон-алвон хӯроку хӯриш, меваву нӯшоба ва ҳатто чанд намуд шароб дошт, ки дар Қошғар на ҳар хонавода ин навъи нӯшиданиро ба хонадонаш роҳ медод. Ниёзбек дуои кушоиш хонд, ғайричашмдошти соҳибони хона, ҳама, ҳатто англисҳо низ «омин» гуфта, даст ба рӯй кашиданд. Ин ҳаракаташон ба ҳозирон ниҳоят писанд омад.

Ғазанфар дарзамон ба ҷомҳо майи гулугун рехта, ба меҳмонон дароз кард ва гуфт:

– Бо иҷозаи шумо, то расидани говпарастон андаге бодапарстӣ гунем, айбе надорад.

***Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст,***
***Андаг тарёгу беш заҳри мор аст,***
***Дар бисёраш мазаррати андаг нест,***
***Дар андаги ӯ манфиати бисёр аст.***

– Найс, найс! – нидо баровард Форсайт, – ин қадар зиба ва пормаъна!

– Бале, чи дурдонаҳое доранд шоирони бузурги мо! – ифтихоромез нидо баровард Ниёзбек ва «Шод бошед!» – гӯён сотгини булӯринро ба як нафас даркашид.

Ҳамагон ҷомҳоро холӣ карда, даст ба газакҳои фаровон бурданд, ки ошпази гулдасти ӯйғур хелбахел омода сохта буд. Ниёзбек ҷоми холиашро ба Ғазанфар дароз карду нидо дод:

– Машраба!!

***Соқиё, бархезу дардеҳ ҷомро,***
***Хок бар сар кун ғами айёмро.***
***Гарчи бадномист пеши оқилон,***
***Мо намехоҳем нангу номро!***

– Браво!..

Нидои масарратомези Форсайт баланд шуда буд, ки садои зангӯладори афсари ҷавон онро бурид:

– Ғазали Ҳофиз, Ҳофизи Шерозӣ! Бузургтарин шоири олам!

– Оре, Ҳофизи ширинсухан, – тасдиқ кард Ниёзбек, – ту Ҳофизро дар куҷо хондаӣ?

– Томас Гордон адабияти Шарқра хилӣ хуб миданад, – ба ҷои ҷавон ифтихоромез посух дод Форсайт, – ходеш ҳам чизҳайӣ минависад.

Ғазанфар, ки дар ин байн ҷомҳоро аз нав пур карда буд, сари ҷавонро сабукак сила карду гуфт:

– Таҳсин, ҳазорон офарин, бачам! Сарамонро ба осмонҳо расондӣ. – Ва ҷомашро ба сар кашиду афзуд: – Бисёр бахшиш, аммо агар ман худои меҳмононамонро ба оғил надарорам, онҳо, ба назарам, то бегоҳ дар берун дузону зада мешинанд.

Коҳқоҳи дастҷамъонаи меҳмонони сархуш ба равзан печид. Ғазанфари хушҳол нимтаъзиме карду бадар рафт.

Дар берун, ба ҷуз Чоршанбеву писаронаш, ҳунармандону ошпазон ҳам ба тамошои манзараи аҷибу ғариби дар назди гов ба саҷда нишастани ҳиндувон истода, иддае қиқир-қиқир механдиданд, бархе дасти ба гиребони ҳайрат бурдаашонро раҳо накарда, чи тавр анҷом ёфтани воқеаро мунтазир буданд. Ғазанфар аз остини Чоршанбе кашида, ӯро паси девор бурда, амр дод:

– Хонаро давр зану говро аз қафо фарёд кун ва лелгаш бидеҳ.

Дақиқае пас садои «ӯш-ӯш»-гӯии Чоршанбе баланд шуд. Гов рӯгардон гашта, ба он тараф ҳаракат карда буд, ки ҳиндувон аз ҷо бархестанд ва бидуни он ки ҳарфе ба забон оранд, аз паси Ғазанфар ба хона даромаданд.

Пас аз пайвастани пандит Абдул Субҳон ва чаҳор ҳамқавмаш ба маҳфили унс, базми ҷамшедӣ авҷи тоза пайдо кард. Ҳиндувон гӯшт нахӯранд ҳам, дар гусоридани май беҳазар баромаданд. Муғанниён аз болохона бо сурудҳои тоҷикиву ӯйғурӣ маъракаро гарм нигоҳ ме-

доштанд. Меҳмонон ҳам ниқоби расмиятро як сӯ партофта, арғуштҳои зебо мерафтанду нӯшбодҳои пурмаъно мегуфтанд, ки мазмунашон ғолибан аз таманнои пояндагӣ ба давлати навсохтаи Туркистони шарқӣ ва ситоиши султони баландиқболи он Яъқуббеки Бадавлат иборат буд. Гоҳе меҳмоне барои ҳавои тоза гирифтан берун мебаромад ва Ғазанфар ӯро ҳамроҳӣ мекард. Ин бор Дуглес Форсайт азми ҳавохӯрӣ кард. Ғазанфар дарҳол мӯзаҳои ялаққосии ӯро зери пояш гузошт ва ёрӣ дод, ки бипӯшад. Форсайт ба чолокии афсари варзида, якпо истода, мӯзаҳояшро пӯшиду дасти рӯи синаи Ғазанфарро аз бозу гирифта, ба меҳрубонӣ ҷониби дар кашид.

Ин марди мураббаъшакл зоҳиран қадпаст намояд ҳам, вақте дар паҳлуи Ғазанфар рост шуд, китфаш ба буногӯши ӯ баробар омад. Аз китфу кӯполаш нерумандиву матонат фаввора мезад. Ғазанфар, ба қасди бaромадан ба кӯча, ҷониби дарвоза қадам гузошт, вале меҳмон рад карда:

– Поште хоне равим, биҳтар, – гуфт ва аз кисабағалаш қуттии зарҳалие берун кашида, аз он сигори ғафси ҳамранги қуттӣ ва аз кисаи паҳлу гӯгирде бароварда, ба як совидан ба почаи шимаш даргиронду то хомӯш шудани дона ба сигораш дошт. Сипас сӯхтаи донаро ба замин партофта, ду-се қуллоби амиқ кашид ва дуди даҳону биниашро ба ҳаво сар доду ҷониби ахтахона рафт. Ғазанфар қадаме қафотар аз пасаш равон шуд.

– Ҷесмат хилӣ бақовват буде, – рафтаравон гуфт Дуглес ва дар назди дари ахтахона якбора ақиб гашта, аз ҳаловати қуллоби навбатӣ чашмонашро нимпӯш карду гапашро давом дод. – Чанд нафар шуғнаниӣ, ке дидам, ҳамагӣ паҳлаван будеанд.

– Албатта, фармондеҳ-сойиб. Шуғниҳои бeқуввату заиф на тоби сафари Ҳинд доранд, на тоқати роҳи Гошғар, – шӯхиомез ҳамовозӣ кард Ғазанфар.

Хушгӯии соҳибхона ба сартип хуш омад. Вай қуллоби охиринро бозикунон ҳалқа-ҳалқа сар доду сипас боқимондаи сигорро бо такчарми мӯзааш ба хок яксон намуду гуфт:

– Енсане пишрафтайӣ миномаӣ, базарган. Ниязбик ҳар касра дӯст нимигирад.

– Падарони мо дӯст буданд, сойиб. Дар бачагӣ ба хонаҳои ҳамдигар бисёр мерафтем.

– Оо, шома баъдҳа бе Шуғнан рафтид?

– Не, сойиб, ман дар Шуғнон галон шудам, вале бо падарам ҳар сол ба Қошғару Ёрганд меомадам.

Дуглес ба чи хаёле сарашро ҷунбонда, оҳанги гапзаниашро каме ҷиддитар карду пурсид:

– Вазъе Шуғнан чӣ тур аст? Мигуянд шоҳиш зияд бар халқ золм миконад.

– Омад-омади лашкари авғония аз шоҳ то бенавои Шуғнонро ба ташвиш мондааст, сойиб, – дурӯғомез посух дод Ғазанфар ва қисми ба шоҳ дахлдоштаи саволро махсус беҷавоб гузошт.

– Фекре шома чист?

Ғазанфар таҳлукаомез ба садои шамоли банохост бархоста гӯш андохта, дар ин миён ба чунин саволи ногаҳонии англис чӣ ҷавоб доданашро андешиду гуфт:

– Яг бозаргони ҳозирригоб чӣ фигре дошта метавонад, бародари азиз!

– На, манзурам ин аст, ки халқе Шуғнан ба авған чӣ назарӣ дарад?

Ғазанфар, тибқи одат чашмони пиёламонандашро боло бурда, ин суоли барояш сахтро дақиқае дар тарозуи фаросаташ санҷиду чунин посух дод:

– Назди шумо дурӯғ, назди Худо рост, фуқаро назари неге ба авғон надорад.

– Бе че хатер?

Ғазанфар сарашро такон доду пурсид:

– Гапатонро нафаҳмидам.

– Яъне, барае че шуғниҳа авғанра қабул надаранд?

– Аввалан, Шуғнон аз қадим давлати алоҳида буда, мардумаш қавми дигарро ба сари худ хӯҷаин дидан намехоҳад. Ду дигар, ин ги шуғниҳо исмоилиянд, яъне ба ҷиҳати мазҳаб ба авғон хушбин буда наметавонанд.

Дуглес лабханде заду номи шоҳро қисм-қисм талаффуз карда, пурсид :

– Маге Юсуф Алӣ Хан исмаилист?

– Юсуфалихон исмоилӣ нест, аммо тахти мулги Шуғнон мероси аҷдодии вай аст.

– Масъале саре тахт боше, авған ҳам агар бигирадаш, мале миросии у мишавад.

Ғазанфар пас аз лаҳзаи тааммул гуфт:

– Охир, авғон мехоҳад Шуғнонро хона ба хона то Марғов бигирад, халқашро аз расму оине, ги дорад, маҳрум намояд, расму оини худро ба сараш бор созад. Аммо Юсуфалихон ба суннати мардум кор намегирад.

Дуглес Форсайт пушт ба шамол гардонда, аз нав сигор даргиронд ва дар мушти ба даҳонаш пахшнамуда ду-се бор сабук сулфиду суҳбаташро давом дод:

– Черо чонин фекр мекониӣ?

– Ин фикри танҳо ман нест, тамоми халқ чунин ақида дорад.

Ин бор Дуглес чашмони нилифоми зебояшро ба осмон дӯхта, дасти сигордорашро рӯи сина гузошта, дақиқае андешиду начво зад:

– Барае шахсе ҳазеррекаб данешат зиядтар бувааст, аға. Амма аге бе чайе авған Яъқуббек Шуғнанра бигире, мардометан бе ин ҳам муқабелат миконад?

Барои Ғазанфар ин савол ба тармаи банохост аз тори кӯҳ кандашуда шабоҳат дошт. Вай дар ин хусус боре ҳам фикр накарда буд, вале ба саволи англиси кунчкови пурдониш посухи сазовор бояд дод. Агар сустӣ кунад, бими гаштани эътиқоди ӯ аз ҳушмандии Ғазанфар вуҷуд дорад.

– Чунин гор аз Яъқуббег намебарояд, – аз кадом кунҷи дилаш бадоҳатан чунин посух сари забони Ғазанфар омад.

– Барае чӣ? – сигори ба лаббурдаи Дуглес дақиқае дар ҳамон ҳолат бозистод.

– Қирғизҳо намемонанд, ки пойи қошғариҳо ба Помир бирасад.

Дуглес андешманд то ба охир расидани сигор дигар ҳарфе назад. Сипас сӯи хона қадам гузошту гуфт:

– Месле ки земестан аз худ дарак мидеҳад.

Ғазанфар қадам дар қадами ошнои наваш гузошт ва гапашро тақвият дод:

– Оре, сойиб, моҳе пас дар Марғову Ғунд пӯстин мепӯшанд.

– Шома дар Шуғнан харидар зияд дарид? – Дуглес банохост аз роҳ гаштан бозистод.

– Харидори мол? – пурсид Ғазанфар, ки лаҳҷаи гапзании англисро базӯр мефаҳмид.

– Малу калае худтун.

– Бале, дорам.

– Дар Баҳрпанҷе ҳам ҳаст?

–Албатта, бозори галонтарин дар ҳамон ҷост.

– Дукон дарид дар ун базар?

– На, гоҳе чизе ба дасти тагфурӯшон медиҳам.

– Ман кала бедеҳам, дукан гошаде митавонид?

– Дар Баҳрпанҷа? Оре! Бале, сойиб, метавонам, ҳеҷ гори мушкиле нест! – аз чунин пешомади ногаҳонӣ болу пар баровард Ғазанфар.

– Дар ин мавзӯъ баъд соҳбате якбаяк миконим, – маслиҳати сарироҳиро ҷамъбаст кард Дуглес ва қаноатмандона сӯйи хона равон шуд.

Вақте ба остона расиданд, Ғазанфар акнун зеҳн монд, ки болохона холисту овози созандаҳо аз даруни хона ба гӯш мерасад. Вай ба Чоршанбе, ки назди даромадгоҳ бо писаронаш рост истода буд, назари тунде афканду пурсид:

– Ҳофизонро ту хона даровардӣ?

– Девонбегӣ талаб кард, хӯҷаин.

Табъи Ғазанфар даррав чоқ шуд. Вай Дуглесро ба хона даровarda буд, ки Отизул рӯбарӯ омад.

– Ҳаво хӯрдан баромадӣ?

– Ҳа-а, – зери бинӣ ғурунгос зад Отизули сархуш.

Ғазанфар ба эҳтироми ӯ аз пасаш баромад.

– Сарат дард гард? – ба чашмони сурхидаи Отизул нигариста, пурсид Ғазанфар.

– Майи сурх нафорид, – чашмонашро молида, иқрор овард қирғиз.

– Давояш қимиз, қимиз, боз қимиз аст, – шӯхиомез таъкид кард Ғазанфар ва ба Чоршанбе амр дод: – Як хурма қимиз биёр!

Чоршанбе ҷониби ошхона шитофт, Отизул шубҳа пеш овард:

– Бадтар накунад?!

– Не, аз таҷрибаам медонам.

Қирғиз ба нишони ризо сар ҷунбонду хурмаи овардаи Чоршанберо ба даҳон гузошт.

– Ба ман ҳам мон, носерам! – хитоб кард Ғазанфар.

Чоршанбеву писаронаш коҳ-қоҳзанон хандиданд. Отизул, пас аз хеле нӯши ҷон кардани муҳтавои хурма, онро ба дасти Ғазанфар қапонду ба назир[1] гуфт:

– Хаёли ман, қимизро фақат қирғиз мехӯрад.

– Фақат қирғизи мумсик, – ба назираш бо назир ҷавоб дод Ғазанфар ва пас аз он ки хурмаро холӣ кард, афзуд: – дар ишгамбаат рег, қирғизи носерам, ҳамаашро ту хӯрдиву ҳисобашро ба сари шуғнӣ задӣ.

Отизули хушҳолгашта хандаи баланде карду ду даст ба ҳаво бардошт:

– Бурд бурди ту, ман таслим!

Ғазанфар даст дар бозуи Отизул андохту ҷониби дарвоза роҳ гирифт.

– Дигар нахӯр, ги фардо мурғбонг ба сафар мебарой.

– Ту-чӣ, меистӣ? – ҳайрон шуд Отизул.

– Ман чанд рӯзи дигар бояд дар ин ҷо бошам, – ҷавоб дод Ғазанфар, – бо англисҳо забон ёфтанам даргор. Ғайр аз ин, муҷаввизи горвонро агар худам нагирам, гаси дигаре гирифта наметавонад. Ту пагоҳ асп монда, рост ба Баҳрпанҷа ба назди шоҳ Юсуфалихон меравӣ. Меравиву мегӯӣ, ки англисҳо дар Гошғар давлати нав ташкил гарда, Яъқуббегро султони ин давлат, ги Йеттишаҳр ном дорад, мондаанд. Шуғнону Вахони ҳар ду соҳил ва Помирро ба давлати авғонҳо супурдаанд. Ҷанг бо авғонҳо ногузир аст. Боқӣ чизе, ги дидӣ, қисса бигун.

Ба чеҳраи Отизул ҷиддият аз нав соя афканд. Вай пас аз мулоҳизае пурсид:

– Шоҳ дар ивази ин хабар ба ман чӣ мукофоте медиҳад?

Ғазанфар, ки ин тарафи масаъаларо андешида набуд, китф дарҳам кашида, чашмони калонашро бумвор ба рӯи қирғиз дӯхту гуфт:

– Намедонам, шоҳ дар ин бора ба ман чизе нагуфт. Легин ҳамин халос гарданам туро аз банди Қурбонҷон магар худ мугофот нест?

Отизул бурутханде заду гуфт:

– Албатта, дӯстам, мукофот аст, хеле мукофоти калон.

---

[1] Назир (шуғнонӣ) – аксия

– Ин тавр бошад, даромадем ба хона.

– Даромадем, – аз суҳбати барояш ноҳинҷор халос хӯрд Отизул ва дунболи Ғазанфарро гирифт.

Базми дар ҳақиқат ҷамшедӣ ними шаб поён ёфт. Меҳмонони маст пиёдаву савора бо хандаҳои баланду гапзаниҳои бесару нӯг ниҳоят кӯчаи Ғазанфарро тарк карданд. Ниёзбек ҳангоми хайрухуш Ғазанфарро ба оғӯш гирифта, аз рухсораҳояш бӯсиду гуфт:

– Боракаллоҳ, Ғазан! Туро беҳуда Ғазани хушдаҳан лақаб надодаам. Шоҳи Шуғнон ақл намекунад, ки дар Қошғар сафир дошта бошад. Агар мабодо чунин фикр ба сараш ояд, бояд туро баргузинад.

– Ман гуҷову давлатдорӣ гуҷо, дӯстам? Хари пастаки даргоҳат шавам, агар худат дар ин ҷо набошӣ, дар Гошғар саге бӯям намегунад.

– Чун ман медонам, ки Ғазанфар кист. Ин сон зиёфати олиро фақат инсони ҷаҳонгашта дода метавонад. Обод бош!

Дуглес Форсайт ҳам вақти худоҳофизӣ дасти Ғазанфарро маҳкам фишурду бо садои танҳо ба ҳардуяшон шунаво наҷво зад:

– Ҳафтайӣ пас, ниме рӯз, дар манзели еғаматам монтазере ташрифатан мишавам.

– То дар ҷаҳон будаам, мурооте аз ин беҳтар надидаам, – даст рӯи сина гузошт Ғазанфар, – Хушбахтӣ аз ин зиёд намешавад.

Ғазанфар аз он ки ба мақсади асосии зиёфати пурхароҷот – ба даст овардани дили англисҳову ҳиндуҳо – расида тавонист, сабукболу болидахотир ба хона баргашт ва аз хурсандӣ ду ҷоми пурро пайиҳам ба даҳон рехту дар хонаи хоб сар ба болини роҳат гузошт. Дар кунҷи дигари хона Отизул ба хоби ноз рафта буд.

## ҶАНГ БО УҚОБ

Тавсани чун зоғ сиёҳеро, ки Чоршанбе «аспи абр» гӯён зину лаҷом зада, зери пои Отизул гузошт, ниҳоят тезтак баромад. Ғазанфар пеш аз дуои сафар додан, ҷонварро хорумолкунон ситоиш кард:

– Аз Шуғнон то Гошғару Алай чунин аспи оташинсум пайдо намешавад. Номаш Хурн[1] аст, ба ҳамин ном фарёдаш гунӣ, дар гуҷое бошад, чордаст меояд. Дар Булункӯл зода шудааст ин муъҷизаи Худованд. Бо ин дӯстам ман фақат ба шигор мебароям.

[1] Хурн (шуғнонӣ) – зоғ

Оҳуро дар як нафас мегузарад, дави ургула[1] дар наздаш чунбидани сангпуштро монад. Бо Хурни дулдулнасақ ман ҳамеша миришигор будаам, на шигорчӣ.

– Лекин дар ситоишаш аз Қанақбойи ақини мо ҳам гузарондӣ, оқсақол, фақат як қомуз намерасад, – ба танг омад Отизул, ки ҳарчи зудтар савор шуда, аз ҳавлии Ғазанфар баромадан мехост. – Ҳазор раҳмат, ин пойтахсиатро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунам.

– Пойтахсӣ? – нидои норозиёнаи Ғазанфар оромии субҳи сокитро вайрон кард, – хестӣ, ки хобат, Отизул! Ин аспро барои он маҷбурам дурӯза ба ту бидиҳам, ги хабарҳои гуфтаамро ҳарчи зудтар ба Юсуфалихон бирасонӣ. Вақте ба Баҳрпанҷа расидӣ, ба шоҳ бигӯ, ки Хурнро ба мирохури дарбор супорад.

Инак, Отизул роҳи душвори дарасорҳои гарданаи Қулмаро пушти сар гузошта, дар биёбонҳои беканораи Помир ҳаракат дорад. Дар гирду атроф, то ҷое чашм кор мекунад, ҷонзоде ба назар намерасад. Аз пуштаҳо сар карда, то обкандаҳои бесабзаву об, тамоми пастиву баландиҳо ҳамагӣ бо ду ранг ба ҳам омехтаанд: хокистарӣ ва сиёҳи равшан. Дуруст, дар дуриҳои дур, дар он нуқтаҳое, ки пуштазорони гардана ба қуллаҳои дар зери Боми ҷаҳон мондаи кӯҳҳо сарбасар мегарданд, барфҳои ҳазорсола медурахшанд, аммо ба тирагии манзара танҳо ба андозае таъсир доранд, ки зангие ба табассуми кӯтоҳ сафедии дандон нишон бидиҳад. Табиати тирафом равшании дили одамро ҳам мезудояд, табъашро хира, сарашро пур аз анешаҳои ғамангез мегардонад. Бахусус, агар шахс бо худу бо биёбони мусаттаҳ танҳо мондаву фикрҳои гиреҳхӯрдаи печдарпеч ба сари танҳояш аз ҳар тарафе ҳуҷум оваранд. Ҳамаи инро камҳавоии тори гардана тақвият медиҳад: аз нарасидани ҳаво гоҳе гӯшҳо ғуввос мезананд, гоҳе дил беҳузур мегардад, агар тан заифтар бошад, одамро сиёҳӣ ҳам пахш мекунад. Аммо барои Отизул норасоии ҳаво вуҷуд надорад – назди рӯҳу равони дар биёбонҳои Аличору Мамадзоҳир қавигаштааш баландии риштакӯҳҳои Сарикӯл ҳам чизе нест. Ӯро на сиёҳӣ пахш мекунад, на бемории тутак аз по меафтонад. Танҳо чизе, ки айни замон бадтар аз сиёҳӣ ҳалқаҷафаш месозад, суоли мағшуши «куҷо равам?» ва эҳсоси дудилагии сахт мебошад. «Ба кадом тараф сари аспро рост кунам? Ба

[1] Ургула – мешак, ғурм

роҳи Рангкӯл ё Тохтамиш?» Вақте ба дуроҳа расид, лаҷоми Хурнро кашиду чанд дақиқа ҳаракате аз худ нишон надод. Беҳаракатӣ азоби дудилагиро шадидтар сохт. Барои сабуктар кардани он ва гирифтани тасмими дуруст, Отизул аз асп фуромад ва лаҷомашро сар надода, қалпоқ аз сар гирифту зонувони шахшудаашро молидан гирифт. Дар дуродур, дар ҷое, ки нишебии кундфуромадаро тепакӯҳе ба ду қисм ҷудо намуда, ҷазираеро дар уқёнуси бекарони биёбон мемонад, хиргоҳе ба назар мерасад. Он аз ин фосила пучоқи чормағзро ба хотир меоварад. Агар аз мӯриаш дуд намебаромад, Отизул шояд онро пайхас ҳам карда наметавонист. Дилаш бисёр мехост рост ҷониби хиргоҳ ҳай кунаду то субҳи рӯзи дигар аз меҳмондории ҳотамонаи қирғизӣ баҳраёб гардаду кӯфти роҳ барорад. Аммо ҳоло ки ба кадом тараф рафтанашро муайян накардааст, ин андешаро аз сар дур андохтан лозим меояд. Фикри маҳрумият аз меҳмонӣ ва нақши дуди хиргоҳи дур кирми ишкамашро ба ҷунбиш овард. Отизул имрӯз ба ҷуз ду самбӯсаи танӯрӣ, он ҳам савора, чизи дигаре тановул накардааст. Як кӯлвори пур аз хӯрок дар қоши зин овезон дорад, – Ғазанфар амр дода буд тӯшаи роҳашро барои се рӯз омода созанд, – вале то ба ҳудуди Помир надаромад, дар ҷое наистод, ки дам бигираду серӣ хӯрок бихӯрад. Вале вақте ба баландои Помир баромад, банохост андешаи гузаштан аз баҳри супориши Ғазанфар тамоми вуҷудашро фаро гирифту эҳсоси гуруснагиро ҳам зоил намуд. «Ту қирғиз бошӣ, бо қирғизон бош, ба тоҷик чӣ кор дорӣ?!» – ин садо аз кадом зовияи дилаш бархосту аввал сандуқи синаашро пур кард, сипас ба мағзи сар гузашту Отизул чӣ тавр ба забон овarданашро надониста монд. «Дар Шуғнон чӣ гум кардаӣ? Роҳи Рангкӯлро пеш бигиру ба Абдуллоҳ бипайванд», – мегуфт овози дарунӣ.

Отизул лаҷоми аспро сар дод, ки то сари мақсад омадани худ, ҷонвар тезкани серширaро нӯши ҷон кунаду ҳавои нафс бишканад. Хурн, гӯё барои ибрози сипос бошад, шеҳаи пасте кашиду бо дандонҳои муҳками ҷавонаш ба алаф дарафтод. Отизул рӯ ба хуршеди аз қиём гузашта овард. Гулхани осмонӣ аз сӯзи тобистонӣ фуромада бошад ҳам, ҳанӯз биёбонзорро то андозае гарм нигоҳ медошт, ки бадани мусофир дар арақ тар гардад. «Агар аз паси офтоб ҳаракат кунам, пас ба Шуғнон бояд рафт, агар ба муқобилаш – ба Рангкӯл».

Андешаи иҷро накардани хоҳиши Ғазанфар, ки амри Юсуфалихон буд, дар каллаи ӯ ҳангоме барқ зад, ки Абдуллоҳ дар ҳузури даҳҳо нафар аъёну ашроф ба рӯи Яъқуббек давид ва суханоне гуфт, ки банди дилашро ларзонданд: «Ин шумоед, атолиқи Қошғар, ки афғону англисро ба гардани худ савор кардаед ва акнун мехоҳед, ки мо ҳам чунин номардиро ба худ равон бубинем? Ман ва халқи ман англистарсиву афғонпарастии шуморо қабул надорем!» Отизул аввал тарсид! Тарсид, ки султон Абдуллоҳро сиёсат мекунаду балояш ба ӯ ҳам мерасад. Аммо вақте дид, ки Яъқуббек гапи Абдуллоҳро таҳаммул карду қирғизонро дар интихоби тасмимоташон озод гузошт, муносибаташ ба вай тағйир ёфт. Вуҷуди Отизулро ҳисси ифтихор аз қирғиз будану чунин намояндаи бебок доштан фаро гирифт. Амалан Абдуллоҳ Яъқуббекро фуҳш дод, номард хонд, дар назди хориҷиён ва зердастонаш таҳқир карду боз саломату сарбаланд аз маҷлис баромада, ба ватанаш баргашт. Бори нахуст дар умраш Отизул аз қирғиз будан ифтихор кард! Ҳис кард, ки ғурури Абдуллоҳ вуҷудашро такон дод, на танҳо такон дод, балки дар синаи ӯ низ эҳсоси ғурури нажодиро бедор сохт. Аз ҳамон лаҳза дар дилаш ба Ғазанфару супоришҳои вай шубҳа пайдо шуд: чаро як умр бояд пойбанди шоҳи Шуғнону шуғниёнаш бошад? Падараш аз онҳо чӣ дид, ки писар бинад? Падар, ба ивази он ҳама хизматҳое, ки ба Абдураҳимхон кард, аз дасти писарони ӯ ваҳшиёна кушта шуд! Худи Отизул дар назди Муҳаббатхон қурбе надошт, танҳо вақте халқ бар ӯ зӯр овард, аз маҷбурӣ сипаҳсолораш таъйин намуд. Ин Юсуфалихоне, ки ҳоло ба кадом сабабе ӯро ба Баҳрпанҷа даъват кардааст, ҳамоне набуд, ки бадарғааш кард? Худо худ дар дилаш раҳм андохт, набошад, ба мисли Қозӣ ба қатл расонданаш баид набуд. Чӣ махлуқи баднамаканд ин шоҳони Шуғнон! Падари Отизул ба хотири нигаҳ доштани салтанати Абдураҳимхон аҳолии Помирро ба дод овард, ҳатто ба Бартанг тохта, мардумро ғорат карда, чизи бадастовардаашро ба хазинаи ӯ месупурд, аммо одами худӣ нашуд. Отизул ҳам чандин сол ҳамин гуна хизматро барои Муҳаббатхону падараш анҷом дод, вале қирғиз, ки буд, як пояшро берун аз дарвоза нигоҳ медоштанд. Ҷонатро ба ҷони бегона ширеш кунӣ ҳам, тоҷик тоҷик мемондаву қирғиз – қирғиз! «Ақ ит, қара ит»[1] гуфтани мардум ин

[1] Ақ ит, қара ит (қирғизӣ) – саги сафед ҳам саг асту саги сиёҳ ҳам.

қадар маънои жарф доштааст. Юсуфалихону қавмаш қирғизро одам намешуморанд, барояш қирғизи бой ҳам қирғиз асту қирғизи камбағал ҳам – қирғиз. Яъне – ёбой, дарбадар, ноаҳл. Ҳадяву тортуқашонро гиру худашонро ба говрона пеш кун!

«Ба кадом сӯ равам?» – Отизул, гӯё ба умеди шунидани маслиҳате, рӯ ба осмон овард. Гунбади бекарона абр надошт, аммо минои ҳам набуд. Сафеди равшан метофт, ингор бар рӯяш пардаи ҳарир кашидаанд. Банохост дар дурии даҳ-дувоздаҳ чақрим, айнан дар ҷойе, ки Қулма ба тарафи офтоббаро хам мезанад, дар уфуки гардун сиёҳии уқобе ба чашми тезбинаш бархӯрд. «Шоҳи осмон ба шикор баромадааст, – лаҳзае аз мавзӯи андешааш дур гардид ӯ, – Вале дар ин баландии беҷонзод гумон аст шикоре ба чанголаш афтад». Вай лаҳзае уқоби гардунсайрро тамошо карду бо қадамҳои тез ба назди асп рафт ва сабук ба пушти он ҷаҳид. Ҷонвар, мунтазири фармон, гӯшбақимор истод. «Рӯз торик нашуда, ба манзиле расидан даркор!» – аз дудилагӣ тамоман ба танг омад Отизул ва дар лаҳзаи охирини рикоб ба паҳлуи асп задан, сари таковарро ҷониби офтобнишин рост кард: «Ба Тохтамиш!» Асп ба роҳ даромад, аммо на ба чобукии пештара. «Хаста шуду гушна ҳам, – фикр кард савор, – аммо ҳоло фурсати хӯрдан нест. Ба ҳамворӣ фуроем, баъд ҳардуямон ишкамсерӣ мехӯрему хоб меравем». Вай лаҷомро ба ихтиёри асп гузошту худ низ рӯ ба оромиш овард. Тасмим гирифта шуд, мақсад муайян гардид, акнун дар болои зин дами беғам занад ҳам, мешавад. Ғайр аз ин, аз роҳи дуру ҳаракати бетанаффус эҳсоси хастагӣ ҳам дошт бар ӯ ғалаба мекард.

«Чаро Шуғнон?!» Баробари ба ҳаракат даромадани асп, ин савол чун парма ба синаи Отизул фурӯ рафт. Ин қадар Юсуфалихону шуғниҳояшро ба маломат кашид, аммо дар лаҳзаи ҳалкунанда Шуғнонро интихоб кард. Дудилагӣ рафъ шуд, вале акнун андешаи «чаро Шуғнон?» дилу мағзашро мехарошад. Оре, Отизул дар Баҳрпанҷа мақом наёфт, ба Аличори худаш радди марзаш карданд; ду бор ба марги яқин рӯбарӯ омад: бори нахуст Ҷаҳонгири гурд шамшер бар гулӯяш гузошт, маротибаи дигар Юсуфалихон қатлашро ба бадарға иваз намуд. Пас, ҳоло боз рӯ ба Шуғнон оварданаш аз баҳри чист?

Шояд барои амиқтар фурӯ рафтан ба қаъри дили худ ва берун кашидани посух аз он бошад, Отизул лаҷоми самандро аранге ка-

шид. Хурн дили нохоҳам қадам суст кард. «Ҷавонмардии Ғазанфар!» – охируламр, аз қаъри дилаш ҳамин нидо бархост ва мағзаш якбора равшан гашт. Оре, Ғазанфар метавонист дар ҳузури Қурбонҷон-додхоҳ номи Отизули асирро ба забон нагирад. Зеро Отизул душмани шоҳбону асту маълум набуд, ки талаби озод намуданаш ба сари Ғазанфар чӣ балое меовард? Аммо, сарфи назар аз ин, Ғазанфар Отизулро аз асорати алайиҳо наҷот дод. Агар наҷот намедод, кӣ медонад, он қабилаи аз муқобилати аличориҳо ба хашмомада ба ӯ чӣ сон азобҳое раво медид. Отизул дар Шуғнон зистан намехоҳад, аз Юсуфалихон ҳам ҷоҳеву ҷалоле тамаъ надорад. Пайғоми Ғазанфарро ба шоҳи Шуғнон мерасонаду изаш кӯр нашуда, ба Помир бармегардад. Дар синаи ӯ ҳоло хабаре нуҳуфтааст, ки шояд ҳал шудани тақдири як мамлакат вобастаи он бошад.

Акнун яқину равшан шуд, ки Отизул чӣ мехоҳад. Ба Шуғнон бошад – ба Шуғнон! Вай лаҷоми ба қоши зин партофтаро ба даст гирифта, ба қасди маҳмез задани асп, поҳояшро тарангонида буд, ки ин лаҳза шуввоси шиддатноке дар болои сараш баланд гашту ду панҷаи гиро бо нохунҳои тезтар аз нӯги дарафш – яке ба буногӯши чап ва дигаре аз болои чакман – ба китфи росташ халида, ҷуссаашро аз сари зин нимхез намуданд. Отизул дудаста қоши зинро маҳкам қапида, коре карда, мувозинаташро нигоҳ дошт. Аспи хӯсида ба ду по баланд гашту шеҳаи ҳавлноке баровард, аммо савораи пуртаҷриба ба тундии бабр лаҷомро ба дасти рост печонду ба дасти дигар панҷаи ба гарданаш фурурафтаро дошта, башаст поин кашид. Ду пои пеши асп ба замин фуромаданду Отизул имкон пайдо кард, ки сар бардорад ва душмани хапгирашро бубинад. Сар бардошту аз ғояти ҳайрат лаҳзае биму ваҳм низ ёдашро тарк карданд. Дар болои сараш уқоб, уқоби сиёҳи бадвоҳимаи хашмгин пар зада, ӯро ба ҳаво бардоштан мехост! Яқинан, ҳамон уқобе буд, ки дар як кунҷи осмон сайр мекард.

Отизул ду даст албонҷ дода, он парандаи густохро тарсондан хост, ҳатто дастонаш ба бадани ҷонвар расиданд. Уқоб гарданашро сар дода, боло ҳаракат кард, аммо дар лаҳзаи охирин қалпоқи ӯро ҳам рабуду ба ҳаво хест. То Отизул нафас рост карда, боло нигарист, ки уқоб «қиииғғ»-гӯён овози таҳлукаомезе бароварду аз нав ба ҳуҷум гузашт. Дасти ҷониби камар бурдаи Отизул ҳанӯз ними ханҷарро аз ғилоф набароварда, чанголҳои уқоб ин бор ба китфи

росту тахтапушташ халиданд ва ӯро боло кашидан гирифтанд. Аспи лаҷомгусехта ба давидан даромад. Савор вазни худро ба ду по партофта, дар рикобҳо устувор гашт ва як пои уқобро ба даст оварду ба тарафи худ кашид. Уқоб парҳои дарози бақувваташро ба кор даровварда, пайи ҳам тапар-тупуркунон чунон қанотакҳое зад, ки шамоли сарди аз таги болҳояш бархоста, арақро дар они воҳид дар сару ҷабини ӯ хушконд. Отизул ҳеҷ гоҳ фикр накарда буд, ки парандаи сабуксайре чун уқоб ин қадар неруманду зӯровар бошад, ки марди паҳлавонҷуссае ба монанди ӯро қариб аз хонаи зин барканда, ба ҳаво бардорад. Вай барои наафтидан, чи андозае, ки тавонист, ба пеш хам гашту ба дасти дигараш хост пои дуюми парандаро ҳам бигирад. Ин асно уқоб якбора бол ғундошту бо тамоми ҷусса ба сару гардани туъмааш фишор овард ва ба пешонии ӯ минқоре зад. Аз чашмони Отизул оташак парид. Хун ба рӯяш равон гардид. Ҳанӯз аз зарби минқор ба худ наомада буд, ки уқоб қанотакзанон ба ҳаво бархост ва ӯро боло кашидан гирифт. Яқин, мехост аз асп ҷудо кунаду боло бурда, ба замин бизанад. Кашиши зӯрмандона саворро нимхез кард. Пойи чапаш аз рикоб баромад. Отизул ба ҷониби рост яктарафа гашту барои наафтидан ба дасти чап қоши зинро маҳкам қапид. Асп ба чорхези шадид гузашт, уқоб ҳам ба ҳамон суръат бол задан гирифт. Чун биёбон на нишеб дошту на фароз, шасти таковар на меафзуд, на мекост. Уқоб Отизулро боло мекашид, асп поён; ингор ин ду ҷонвар мехостанд ҷисмашро пора созанд. Отизул метавонист пойи уқобро сар диҳаду аз таъқибаш халос хӯрад, лекин дар лаҳзаи охир аз ин нийят баргашт. Зеро ҳис кард, ки парандаи ваҳшӣ батадриҷ аз асп қафо мемонад. Агар пойи уқобро раҳо созад, гумон аст, ки он дигар ба гарди Хурни бодпой бирасад. Аммо эҳсоси нангу ори паҳлавонӣ ва ситондани ниқор аз парандаи густохи сурсурабоз ғайрати Отизулро ба ҷӯш оварда буд. «То дар зери поям маҷақу пачақат накунам, аз тухмаи инсон набошам!» – қасам хӯрд Отизул ва ба ҳамон як по рикоб ба паҳлуи асп зад, ки ба шасташ афзояд. Хурн ҳам чунон ҳавое гирифт, ки гӯӣ пояш ба замин намерасид. Акнун навбати ҷон раҳо кардан ба уқоб расид, чун ҳис кард, ки дигар на имкони ба сари туъма ҳуҷум овардан дорад, на раҳо сохтани пои худ аз чанголи оҳанини вай. Чанд бор қанот зад, ки шасти аспро дарёбад, аммо, ба ҷуз андаке сабук намудани дарди пойи таранггаштааш, натиҷае ба даст наоввард. «Ғазанфар Хурнашро беҳуда оташинсум нахондааст, –

ба шарофати асп дар ҷанг бо уқоб афзалият пайдо карданашро дида, ба худ андешид савор, – дар умрам савориеро бад-ин тундиву тезӣ дучор наомадаам».

Отизул чанд бор кӯшид пойи бадаргаштаашро аз нав ба рикоб дароварда, ҳолаташро дуруст созад, аммо муваффақ нашуд. Уқоби кашолагашта ба ин имкон намедод; он ба дирафше монанд шуда буд, ки аламбардорони фавҷ, ҳангоми ҳуҷуми мағлуба, бар сари хеш ба ҷавлон оваранд. Шамоли сард аз зери гӯшҳояш ҳур-ҳуркунон мегузашт, домани чакманаш дар қафо пар-пар мезад, бидуни муболиға, ҷисмаш байни осмону замин муаллақ монда буд.

Ба ҳамин ҳолу минвол қариб ду фарсанг роҳ тай шуд. Дасти аз зин қапидаи Отизул хаста гашт, оринҷу бозуяш ба дард даромаданд. Акнун бисёр мехост, ки Хурн аз шаст биуфтад, ҳатто биистад, то Отизул, дар ниҳоят, ҳисобашро бо паранда баробар созад. Зеро зӯри уқоб ба бардоштани ҷисми ӯ намерасад, вале ӯ яқинан уқобро ба замин афтонда метавонад. Ба замин ки афтонд, чунон лагадмолаш бикунад, ки каргасони ҳаво ба ҳолаш зор-зор бигирянд. Ба ҳамин мақсад хост қоши зинро раҳо созаду ба пойи уқоб кашола шуда, ба заминаш бикашад ва, нобудаш, захм бардорад ҳам, андомаш лат хӯрад ҳам, кори ин роҳзани ҳавоиро тамом бикунад. Ин асно бано-хост садои тир баланд гардиду ҷисми уқоб дар талвосаи ҷон пар-парзанон ба замин афтод. Отизул фақат пас аз он ки ҷуссаи паранда ба думи асп бархӯрду аз пасаш кашола гашт, ба фаҳми ҳодиса ра-сиду пойи онро сар дод ва зуд рӯи зин нишасту ҷилави Хурнро ба даст оварда кашид. Асп дили ноҳоҳам истод ва аз беқарорӣ дар ҷояш почак задан гирифт.

«Уқобро кӣ парронд? Ҳар кӣ бошад, моҳиртарин мерган буда-аст», – барқосо андешид Отизул ва барои дидани нишонзан ба ат-роф чашм дӯхт. Нигоҳаш ба саворе афтод, ки андаке қафотар аз ҷои истодааш, милтиқ сари китф, аз ҷониби чапи роҳ ба сӯяш меомад.

«Во аҷабо, Абдуллоҳ!» – аз ғояти ҳайрат ба нимовоз хитоб кард Отизул.

– Оҳо, киро мебинам?! – нидои норозиёнаи Абдуллоҳ сукути асрорангези биёбонро шикаст, – медонистам туӣ, каллаатро нишон мегирифтам, на ин қароқчии осмонпайморо.

– Салом гуфтем, – муросоомез гуфт Отизул, – ҳазор раҳмат ба-рои ёрӣ.

Аммо Абдуллоҳ ба салому оҳанги мадорои ӯ эътиборе надода, ба сари мурдаи уқоб омад:

– Аз қадами шумат баҳодури осмонии Помир ҳам нобуд гашт.

Вай аз асп фуромада, сари хунолуди уқобро бардошт. Тир ба чашми росташ расида, аз паҳлуи чапи сараш баромада буд. Уқобе, ки чанд лаҳза қабл бо инсон афтударафт дошт ва хунашро нӯши ҷон кардан мехост, акнун бо парҳои кушодаи дуқулочии худ нақши хоки сиёҳ гашта, беҷон мехуфт.

Отизул гоҳ ба уқоб, гоҳ ба Абдуллоҳи банохост дар чунин чӯли беҷонзод аз кучҷое пайдошуда менигаристу чӣ гуфтанашро намедонист. Абдуллоҳ сари уқобро боэҳтиёт, – гӯё зарфи шишагие бошад, – ба рӯи реги дурушти тирафом ниҳоду гапашро давом дод:

– Танҳо баҳодурони ҷасур дар баландиҳо мемиранд. Афсӯс, надомат. – Ва чобук савор шуду афзуд: – Ин уқоб фақат ба ҷонварони заиф ҳамла мекард.

Абдуллоҳ сари аспро ба сӯи машриқ гардонду маҳмез заданӣ шуд, ки Отизули аз гапи охиринаш то мағзи устухон таҳқирёфта бонг зад:

– Ту худат ҷонвари заиф, фаҳмидӣ, нобакор!

Абдуллоҳ сари аспро тунд ба сӯи Отизул гардонду бо ваҷоҳати аз хашм сурхгашта дод зад:

– Гум шав аз назарам, кафшкани даргоҳи шоҳи Шуғнон! Як ҳарфи дигар аз даҳони ҳаромат барояд, сари як тират мекунам.

Отизулро хун ба сараш зад:

– Милтикро партову ба майдон даро. Баъд маълум мешавад, кӣ зӯр асту кӣ заиф.

– Як ваҷаби дигар ҷунбӣ, аз пешониат тир мехӯрӣ! – Абдуллоҳ мили туфангро ҷонибаш рост кард. – Ҷосусону даюсон мардоне нестанд, ки сазовори панҷа задан бошанд.

– Ман чӣ ҷосусӣ кардаам, аблаҳ?! – паст наомад Отизул.

– Магар хабар бурдан ба шоҳе, ки тарафдори даромадани рус ба Помир аст, ҷосусӣ нест?

– Русҳо надароянд, авғон медарояд, барои ту чӣ фарқ дорад?

– Мо на русро ба хокамон роҳ медиҳем, на авғонро. Соҳиби сарзамини қирғиз бояд қирғиз бошад, на тоифаи дигар!

Ин гапи Абдуллоҳ он қадар *мантиқи сангин* дошт, ки сиву ду раги Отизул якбора суст гашт.

– Айылы бутун аман журет[1]. Ҳайфи чунин китфу бозу бароят. Бирав, бирав, аммо бидон, ки хабаркаш ҳеҷ гоҳ иззат намеёбад, – гӯён Абдуллоҳ ба сӯяш туфе андохту сари аспашро гардонда, ҷониби Рангкӯл давонд.

Отизул то аз назар нопадид гаштани рақиби тундмиҷозаш, ки сабаби дар ин чӯли беодам пайдо шуданашро муайян карда ҳам натавонист, аз паси ӯ музтарибу хашмолуд нигоҳ карду баъди он ки ба нуқтаи сиёҳе табдил ёфт, пиёда гашт ва худро дар паҳлуи уқоби кушташуда рӯболо ба замин партофт. Пардаи сафеди рӯи осмон ғафстар шуда буд. Абрҳои пармонанд ба ҳам пайваста, осмонро ба замини пурбарф монанд месохтанд. Офтоби рӯ ба ғуруб дар паси ин чодари захим фонуси даруни шишаро мемонд. Аз кадом гӯшаи дури биёбон ғуввоси шамол ба гӯш мерасид. «Барфбод мехезад! – ба таҳлука аз дил гузаронд Отизул, – ҳарчи зудтар ба манзиле расидан лозим, набошад, биёбон тамоми қуму регашро ба сарам мерезад». Аз Кӯҳтезак поён барф борида, дар муддати даҳ-понздаҳ рӯз то ба Поршинев мерасад, вале аз Кӯҳтезак боло, ба ҷиҳати сардии сахт, аз абрҳо танҳо гарди барф ҷудо мегардад, ки онро ҳам шамоли биёбон чархондаву бозӣ доронда, ба сари гарданакӯҳҳои Сарикӯл нисор менамояд.

Отизул, пушт бар замину рӯ бар осмони Помир, муддате беҳаракат ҳоли худро ба андешаи амиқ гирифт. Гапҳои тунди Абдуллоҳ дилашро сахт харошида буданд. Ба ҷойи онҳо як тир дар пешониаш мешинонд, беҳтар буд аз он ки вайро ҷосусу даюс хонад. «Не, ман ба ту кӣ буданамро нишон медиҳам, Абдуллоҳ! Фикр мекунӣ, ки ту аз паси Қизиларт омада, замини падарии маро ҳимоя карда метавониву ману қабилаи ман нангу номус надорем?! Модарони мо ин қадар қирғизи силаҳшӯру баҳодур парвардаанд, ки ба по бархезанд, хоки ватанро бар сари душман бибезанд».

Ғуввоси шамол баландтар гашт. Отизул сабук барҷаҳиду рӯи по рост гашт. Назараш ба ҷасади уқоби титу паҳнгашта, ки хун дар зери минқори дарози нимвозаш лахта шуда буд, афтод. «Танҳо баҳодурони ҷасур дар баландиҳо мемиранд!» – шамоли шиддатгиранда гӯё ба садои Абдуллоҳ дар гӯшаш наҷво зад. «Дуруст мегӯӣ, Абдуллоҳ», – зери лаб посух дод Отизул ва бо як ҷаҳиш худро ба болои зин гирифта, сари Хурни бодпоро ба сӯи Рангкӯл гардонд.

Хабари сарнавиштсоз ба шоҳи Шуғнон нарасид.

---

[1] Халқи муттаҳид осуда мезиҳад (қирғизӣ).

# САФАРИ ҚАТЪШУДА

Баҳори баракатнисор дашту саҳро, боғу роғ, кӯҳу даманҳоро аз гулу гиёҳ, меваву сабзавот, алафу киштзорон пур карду ба мардум тобистони гулафшон боқӣ гузошта рафт. Борон ҳам басерӣ борид. Об дар наҳрҳову ҷӯйҳо чунон мавҷ зад, ки чунин фасли серобро куҳансолони Шуғнон ҳам дар ёд надоштанд. Гӯё ба ҳам маслиҳат карда бошанд, дар субҳи рӯзи сеюми ба «даҳан» ворид гаштани ҳисоби офтобдармард рӯдҳои Ғунд, Шохдара ва Дарморахт якбора чунон сероб шуданд, ки дарёи Панҷ дар ду-се соат даҳ-дувоздаҳ газ боло ёзиду киштзорони соҳилии мардумро ба коми худ даркашид. Дар бисёр деҳаҳо аз фаровонии об ҷӯйҳои хинавҷӣ[1] паҳлу медариданд ва обашон дар як дам ба сел табдил ёфта, кишту боғҳоро ба лойқазор табдил медоданд. Табиати кӯҳистон чунин аст: на банд дорад, на бор, на тарозу дорад, на шумор. Билхосе, ки макони чашмаву пирях асту хоҳад, ба миқдори фаровон ба водиҳо сараш медиҳад, нахоҳад, яхаш мебандонаду чакрарезаш мегардонад. «Камобӣ ваҳшат, серобӣ даҳшат» гуфтани кӯҳистониён аз ҳамин таҷрубаи саъб маншаъ мегирад. Аммо деҳқони ба ҳама гуна даҳшату ваҳшат одаткардаи кӯҳистон дар назди ягон офат сар хам намекунад. Белу каланд дар дасти ин мард танҳо олоти одӣ нестанд, онҳо балогардони мардуманд! Нахуст, балои қаҳту гуруснагиро ҳар сол аз сари ҳазорон ҳазор одам рафъ месозанд, дувум, замини бар асари селу тарма тахрибшударо аз нав ба боғу бӯстон табдил медиҳанд.

Деҳқони балогардон ғолиб омад. То ба охир расидани фасли шудгору кишт, ҷӯйҳои рахназада намадбандӣ[2] гаштанду киштзорони вайронгашта аз сангу шағал тоза. Бӯстонҳо аз накҳати ҷонафзои гулу гиёҳ равзаҳои биҳишт мешуданд, чаманзорони сабз дар сабз бо забони андалебон суруди саодат мехонданд, ғаллазорон барфобаҳои чун дурри ғалтон пок ва шуълаҳои чун шӯридадилон тарабноки хуршедро нӯши ҷон намуда, қомати малоҳат меёзонданд. Дашту даманҳои ҷое сангзор, ҷое гулзор, ҷое дарахтзор, ҷое алафзор намади нопайдоканори бирҷандиеро ба хотир меоварданд, ки ҳамин рӯз молидаанду барои офтоб хӯрдан ба чунин вусъат дар рӯи замин густурдаанд. Як

[1] Ҷӯйи хинавҷӣ – ҷӯйҳое, ки дар сари пуштаҳо ё доманаи кӯҳҳо кашида шудаанд.

[2] Намадбандӣ – барои пешгирӣ аз даридани ҷӯй дар девораш намад мехобонданд.

рубъи аввали фасли тобистон гузашта буд, аммо абрҳои боронӣ ҳамоно аз осмони Шуғнон дил кандан намехостанд. Акнун он қароргоҳи доимиашон набошад ҳам, байн-байн дар рӯзи аз офтоби ҷаҳоноро равшанистон, чун лашкари ҳазиматнамуда бо шитобу ниҳеб пайдо гашта, гӯё барои сабуктар шудан, ҳарҷо-ҳарҷо осемасар оби худро бар сари дашту деҳот рехта, ба анбӯҳи дигар майдон холӣ менамуданд. Қатраҳои мусаффо шуълаҳои хуршедро дар оинаи синаҳои худ шикаста, дар хатти уфуқ аз рангинкамонҳои шигифтовару асроромез дарвозаҳои муъҷизавӣ падид оварда, инсонҳоро мафтуну мутаҳаййир месохтанд. Баробари алам барафрохтани ҳар камони Рустам садои бачагон ба фалак мепечид. Онҳо ё даф навохтаву ё каф кӯфта, суруди дӯстдоштаи ба Авобутсак[1] бахшидаашонро бо як овоз ба ҳаво сар медоданд:

***Аwобуцак, аwо ки,***
***Ху пӣц пи Маwло ки.***
***Ху каденард рāм ки,***
***Хӣрик мурд педо ки[2].***

Ва медиданд, ки базудии зуд таманнояшон мустаҷоб мешавад, ба муъҷизавӣ будани сурудакашон бори дигар қоил мегаштанд. Офтоби оламтоб бо дастони ҳазорнураи худ абрҳоро ба ҳар сӯ пароканда сохта, табассумҳои гарми хешро аз нав нисорашон мегардонд. Ҳар борони омада армуғоне барои ҷамоду наботу ҳайвону инсон дар ҷайб дошт. Аз баракати он атрофу акноф пур аз чукриву торону ревочу рову рошаку қорчу бобак[3] мешуд. Барои чиданашон рӯзи дароз қадами бачагон, – бачагон чӣ, ҳатто калонсолон! – аз кӯҳу пуштаву дашту даман намеканд. Ҷавонони ошиқ ба баландтарин дараҳо баромада, аз саргаҳи чашмасорон барои дилбарони худ бӯи Алӣ – чирифси[4] биҳиштинакҳат ба эҳдо меоварданд. Духтаре, ки аз ошиқаш чирифс ҳадя мегирифт, худро хушбахттарин духтари

---

[1] Авобутсак (шуғнонӣ: аwобуцак) – ҳавобача, камони Рустам, ҳафтранг.

[2] Ҳавобача, ҳаво кун,
Рӯят сӯи Мавло кун.
Ба сагҳоят раҳм кун,
Офтобро пайдо кун.

[3] Бобак – гиёҳе аз хонадони зира, ки решаи кӯлӯлаи хӯрданбоб дорад.

[4] Чирифс (шуғнонӣ: чирифц) – як навъ гиёҳи ниҳоят хӯшбӯй, ки дар поктарин мавзеъҳо, дар гирди чашмасорон мерӯяд.

рӯи замин мешумурд ва ҳар бори бӯй кашидани гиёҳи қудсӣ ин байтро замзама мекард:

***Райҳон чӣ гул аст, ки мезанад таъна маро,***
***Ман аз араќи Алиам, ӯ аз хок аст.***

То аз дарав баромадани замин деҳаҳо кишта ба киштаву боғ ба боғ ба қитъаҳо тақсим мегарданд. Ҳар қитъа ҷазираи алоҳидаи дастнорасеро ба хотир меорад. Озодии равуо то иди Меҳргон, то пурра бардоштани ҳосил ва ба анборҳо кашондани он, аз байн меравад. Ба ҷуз моли ширхорӣ[1] дар деҳот дигар на гове мемонад, на моле. Рӯзона ин навъи молро низ дар хона намемонанд – моли калонро ба пос ҳай мекунанд, барра-бузғоларо бачаҳо ба даштҳои атрофи деҳ бурда, то нишастани офтоб мечаронанд.

Бачаҳои масти айёми шабоб ҳам дигар дар деҳа ҷуфтаку ҷастухез зада наметавонанд. Ба ҷойи онҳо дар киштаву боғ анвоъ-анвоъ ғаллаву алаф, меваву сабзавот хандаву бозӣ мекунанд. Онҳо ба баҳонаи поидани барра-бузғола ба даштҳо рӯ меоваранд. Дар ин ҷо касе пишакашонро пишт намегӯяд. Ба ҳар тараф, ки дилашон мекашад, медаванд, ба ҳар бозие, ки мехоҳанд, машғул мегарданд. Вақте аз давидан дар регзорони дурушт хаста мегарданд, мехазанд ба сояи харсангҳо. Дам мегиранду дар ин ҷо ҳам ором намешинанд: калакбозӣ[2] мекунанд. Ва бачаи бойдодаро парӯ хобонда, муштҳои худро бар тахтапушташ рӯи ҳам гузошта, «Тир чи мутак?[3]» – гӯён мепурсанд. Бачаи парӯхобида, албатта, аз куҷо медонад, ки дар байни чандин мушти болои ҳам ниҳода, мушти кадоме аз рафиқонаш аз ҳама болост. Посухи нодуруст медиҳаду дар бало мемонад: бачаҳо, фаразан, мепурсанд: «Пишакро дӯст дорӣ ё мушакро?» Вай агар «пишак» гӯяд, ханҷолаш мекашанд, агар «мушак» гӯяд, дандонаш мезананд; ё мепурсанд, ки «Корди ошро дӯст дорӣ ё хонтахтаро?» Агар «корди ош» гӯяд, «реза-реза» мешаваду агар «хонтахта» гӯяд, бар тахтапушташ «нон рост мекунанд». Ба ҳамин тариқа, то шунидани ҷавоби дуруст ӯро ҳай азоб медиҳанду ҳай лаззат мебаранд! Ва гушна ҳам шаванд, бисёрашон ба хона ҳам барнамегарданд. Дар буттазорони лаби рӯд ё бешазори зери кӯҳдоман қорч мечинанду аз

---

[1] Моли ширхорӣ – чорвоеро, ки барои таъмини хонавода аз шир ба айлоқ намебаранд.
[2] Калакбозӣ – бозиест монанд ба «Лелак лелаки бобо».
[3] Тӣр чи мутак? (шуғнонӣ) – Мушти кӣ болост? Қисми ниҳоии калакбозӣ.

сангҳо полчакӣ сохта, ба ҷои дег ба рӯи он тахтасанге мегузоранд ва қорчкабоб мепазанд. Пеш аз тановули он гулдавак барпо мешавад. Бачаҳо барои чидани гулҳои биҳиштӣ – райҳон, нижорак ва пӯдина ба чор сӯи дашт пароканда мешаванд. Касе ба дасторхони сангӣ аввалин шуда, нижорак биниҳад, луқмаи аз ҳама калон – «шоҳона», насиби вай мегардад. Луқмаи «вазирона» ба оварандаи райҳон, луқмаи «мирона» ба дорандаи пӯдина бахшида мешавад. Бӯйи хуши гулҳо тановули сангкабоби деринтизорро ба гуворотарин маъракаи олам табдил медиҳад. Бахусус накҳати нижоргул чӣ сон фораму гуворост! Ин гиёҳи нилифоми хуршедшакл аз замин ҳамагӣ ду-се ангушт баланд аст, вале бӯи диловезу хушгувори он инсонро масту шайдо мегардонад. Димоғе, ки боре бӯйи нижоракро шунида бошад, бешак, барояш шамидани атри разваи ризвон муяссар гаштааст.

Баъди фориғ шудан аз таом, барои ширин кардани коми худ, бачаҳо ба ҷустуҷӯйи қандакгул мераванд. Қандакгул ё сипафиҷак муъҷизаи дигари дашту ҳомуни Шуғнон мебошад. Ин гиёҳро бо қади ду-севаҷабиву гулҳои дарозрӯяи зардаш аз дур ба осонӣ дидан мумкин аст. Дар тани нозукаш пайиҳам ҳашт-даҳ ғилофак ҷой гирифтаанд, ки гулҳояш андаруни ҳамин ғилофакҳо нашву нумув мекунанд. Таваҷҷуҳи бачаҳо ба қандакгул аз чист? Ҳар гули аз ғилофак берункашидаашон ба дараҷае ширин аст, ки гӯё дар асал хобида бошад. Агар шохаҳои қандакгулро хорҳои газанда муҳофизат намекарданд, яқинан, бачаҳо ба тухми он қирон меоварданд. Вале табиат ба ҳамин васила ин гиёҳи шириншамоилро аз нобудшавӣ наҷот дода, ба наврасони шакархор танҳо имкон додааст, ки аз он даҳон ширин кунанд, аммо аз кандану шикастани он даст нигоҳ доранд.

Дар яке аз чунин рӯзҳои хушгувору ороми тобистон ҳафт нафар савора ба дашти Демурғон расида, бачаҳои машғули бозии гулдавакро аз саргармии дӯстдоштаашон боздоштанд.

– Ҳее-ей бача-а-аҳо! – кафи дастонашро ба гирди даҳон карнай карда, дод зад яке аз саворон.

Бачаҳо ҳамагӣ ба ҷонибашон мутаваҷҷеҳ шуданд.

– Таруд ядит[1]! – даст пеши рӯй тоб дода, ба забони шикастаи шуғнӣ хитоб кард он мард, ки бо камзӯли норанҷиаш аз ҳамроҳони худ фарқ мекард.

---

[1] Таруд ядит (тарӯд йадет) (шуғнонӣ) – Ин ҷо биёед!

Бачаҳои кунҷков ҳам, бидуни диранг, сабқаткунон дар як нафас ба наздашон расида, нафасзанон мунтазири амри раҳгузарони шамшербамиёни хушлибос шуданд.

– Мо калонтари қишлокро лозим дорем, – аз асп фуромада, гуфт марди камзӯли норанҷипӯш.

Саворони дигар ҳам пиёда шуданд. Бачаҳо дастҳо ҷониби хонаи оқсақол Ширинбек дароз карданд:

– Ана хонаи бобо Ширинбек.

– Кадоматон қобилтар бошад, даваду бобоpo ба назди мо фарёд кунад.

Набераи Ширинбек пеш баромад:

– Агар «Кӣ фарёд дорад?» гуфта пурсад, чӣ гӯям?

– «Меҳмонон аз Файзобод омадаанд» бигӯ.

Бача ба қишлоқ давид. Ду нафар ҳамроҳаш низ аз қафо шитофтанд.

Саворон аз ғилофҳои моҳутии ба зин овезон милтиқҳояшонро гирифтанду болои сангҳо нишаста, бо ҳам ба суҳбат пардохтанд. Бачаҳо чанд дақиқаи дигар меҳмонони силоҳдорро тамошо карданду азбаски забони гуфтугӯяшонро надонистанд, аз пайи баррабузғолаҳои худ шуданд.

Ним соат пас Ширинбек бо писараш Давлатназар ба назди меҳмонон расиданд. Баъд аз салому хушбошӣ оқсақол онҳоро ба хона даъват кард:

– Аз раҳи дур хаста шуда омадед, биравем хона, нон бихӯред, дам бигиред ва мақсад бозгӯед.

– Мо ба шоҳ пайғоми бедиранг дорем, коко Ширинбек, – гуфт марди норанҷипӯш. – Туро барои раҳнамоӣ далолат кардем, то ба ҳузури шоҳ бо мо рафта бошӣ.

– Ба ҷон, то дарвозаи қалъа шуморо мебарам, аммо намедароям.

Норанҷипӯш таги гапро пай бурд:

– Натарс, мо муждаи нек дорем: мири Бадахшон ба саломи шоҳи Шуғнон омадан мехоҳад.

Ширинбек аз ҳайрат ба гӯшҳояш бовар накард:

– Валло-о-оҳ! Наход?

– Бале, коко, хар ки ба пеши бор нарафт, бор ба пеши хар меояд, – мард хандаи баланде кард ва ба ҳамроҳонаш рӯ овард: – Савор шавед!

Ширинбеку Давлатназар аз паси саворагон ба роҳ афтоданд. Оқсақоли куҳансол аз он ки чунин хабари хушро ба Юсуфалихон мерасонад, рӯҳбаланду болидахотир қадам мезад.

– Аҷабо, нашунидаам, ки шоҳаншоҳ ба саломи шоҳи музофот биравад, – хурсандиашро нигоҳ дошта натавониста, ба писараш изҳори назар кард ӯ, – Юсуфалихон беҳуда лофи шоҳаншоҳ шудан намезадаст.

– Бармеояд, ки зӯраш омадааст, – ба тааҷҷуб китф дарҳам кашид Давлатназар, – шояд душмани сахте пайдо карда бошад.

– Аз гумон дур нест.

***Худое, ки болову паст офарид,***
***Забардасти ҳар даст даст офарид.***

Ҳарчи бошад, Худованд ғами халқи Шуғнонро хӯрду аз балои ҷанг амон дод.

Дар аснои роҳ Ширинбек хост аз фиристодагон иттилои бештаре бигирад, вале ҳеҷ кадоми онҳо ба суҳбат майл зоҳир накард.

Ҳанӯз ба Синург дохил нашуда буданд, ки ба панҷ савори мусаллаҳи тундшитоб воxӯрданд. Онҳо ҳар замон бонг мезаданд, ки «Роҳ холӣ кун!» Аз чинтаҳ-шалвор ва кулоҳхудҳои хокирангашон маълум буд, ки ҷанговаронанд, пӯпаки лолавор сурхи ба пешонии кулоҳ овезон ба пешқаровулони сипоҳ буданашон далолат мекард. Ширинбек меҳмононро хоҳиш кард, ки аз шоҳроҳ канора раванд.

– Толеъро бин, худи шоҳ ба пешвозатон баромад, – аз чунин пешомад табъи оқсақол ниҳоят чоқ гашт.

Қаровулон одамони силоҳдорро дида, ду нафарашон истоданд, се нафари дигар гузашта рафтанд.

– Кистед, куҷо меравед? – қариб баробар дод заданд онҳо.

– Инҳо фиристодагони шоҳи Бадахшон мебошанд, – дар посух пешдастӣ кард Ширинбек. – Ба шоҳ пайғоми муҳимме доштаанд.

– Шоҳ ба сафар баромадаву бор намедиҳад.

– Шумо аз номи ман арз кунед, бор медиҳад.

– Ту кистӣ?

– Ман оқсақоли Демурғон Ширинбек астам. Пайғоми шоҳи Бадахшон булмучи[1] момот нест, ки фурҷаву фурсат дошта бошад.

---

[1] Булмуч – гарди дар об шӯридаи тамоку; мухаддирае, ки дар набудани нос барои рафъи хумори он саридастӣ омода мекунанд.

Сардори талоя чашмони айёрашро чанд бор бар афту андоми бадахшиҳо чарх занонду ба чунин қарор омад:

– Агар хоҳед шоҳ арзатонро шунавад, силоҳатонро ба замин партоеду даҳ-понздаҳ қадам онсӯтар рафта, пиёда шавед. Агар не, аз худатон гила кунед.

Бадахшиҳо туфангу шамшер ба замин андохтанду дур рафта, пиёда шуданд.

Афсар ба Давлатназар рӯ овард:

– Ту ҳам пешашон бирав! Бо ман фақат оқсақол монад.

Ва вақте Давлатназар рафт, ба навкар амр дод:

– Даҳ қадам пеш раву бадахшиҳоро ба нишон бигир, касе ҷунбид, тираш бизан.

Навкар қуфли туфангашро савор карду аспашро даҳ қадам ба тарафи бадахшиён ронд. Пас аз фурсате аз тарафи шарқ аввал чангу ғубор ба ҳаво бархосту сипас қатори саворон падид омад. Вақте панҷоҳ-шаст қадам наздик шуданд, афсар ба истиқболашон асп давонд. Саворон истоданду афсар ба Юсуфалихон, ки дар мобайни даста қарор дошт, аз расидани сафирони шоҳи Бадахшон ба роҳбаладии оқсақоли Демурғон хабар дод. Аз шунидани хабар лаҳзае дар чашмони шоҳ шарари ҳайронӣ барқ зад, синаашро тири таҳлука сӯрох карду гузашт. Аммо дарзамон эҳсосашро фурӯ нишонду киноя зад:

– Дӣ рафту парер рафт, рӯз имрӯз аст, – ва асп пеш ронду дар сафи пеш истод. – Аввал Ширинбек биёяд.

Қаровул бонг зад:

– Оқсақол, бидав!

Ширинбек ҳаш-ҳашкунон дав-давон расиду таъзим кард:

– Ассалом, шоҳи пирӯзбахт, азми сафар муборак!

– Валайкум салом, Ширинбек. Мубораку номуборакаш акнун ба гапи худат баста аст.

– Муборак аст, шоҳам. Сафирон паёми нек овардаанд.

– Наход? – изҳори тааҷҷуб кард Юсуфалихон.

– Бале, аммо аз худашон бишнавӣ, ширинтар мешавад.

Табъи шоҳ дар они воҳид болид, чеҳрааш шукуфт, садояш бардаму шодиомез баромад:

– Бале, аз худашон шунавем, – ва асп маҳмез дод.

Афсар пеш аз шоҳ ба сари бадахшиҳо расиду дар паҳлуи ҳамсилоҳаш асп нигоҳ дошт. Шоҳу ҳамсафаронаш низ расиданду пиёда шуданд.

– Бигузор биёянд! – амр дод Юсуфалихон.

Аммо аз байни бадахшиҳо танҳо марди норанҷипӯш ҷудо шуду бо қадамҳои сабук ба назди шоҳ омад ва таъзим овард:

– Аз мир Маҳмудшоҳи олиҷоҳ ба шоҳи Шуғнон Юсуфалихон саломи оташин расида бод! Ман Аъзами Бомаконӣ мебошам, яке аз сипоҳиёни бешумори фармонравои Бадахшон.

– Саломи оташин?! – саволомез хитоб кард Юсуфалихон, ки дар умраш бори аввал чунин ибораи аҷибро мешунид. – Нек бош, – шоҳ дар интизори матлаби асосӣ гӯшу ҳуш шуд.

Аъзами Бомаконӣ даст ба сина гузошту хоҳиш кард:

– Бале, яъне гарм, бисёр гарм. Иҷоза бидиҳед, ду нафар аз ҳамроҳонам шоҳиди ба дурустӣ расондани пайғом бошанд.

– Ду на, бигзор се нафар бошанд, – дарров розӣ шуд шоҳ.

Расул ба тарафи ҳамроҳонаш баргашту бонг зад:

– Се кас биё зудтар!

Дарзамон се бадахшӣ расиданд ва назди шоҳ зону зада, пешонӣ бар замин ниҳода, салом доданду сипас дар паҳлуи фармондеҳи худ истоданд.

– Бигӯ! – фармуд Юсуфалихон.

– Шоҳо, фармонравои ман чунин гуфт: «Ба шоҳи Шуғнон, ҷаноби олӣ Юсуфалихон аз мо саломи оташин бирасонед ва бигӯед, шаш моҳ чашм ба роҳ будем, ки эшон ба саломи мо хоҳанд омад. Мо ҳам муътоди созмон додани давлат шудем ва фурсате наёфтем, ки ба он тарафҳо тамошо биравем. Акнун интизор бошад, ки беш аз даҳ рӯз таъхир накарда, мо худ ба саломи эшон мерасем».

Пайк лаб фурӯ басту дар интизори посух чашм ба даҳони Юсуфалихон дӯхт. Шоҳ паёми сода, аммо барои шоҳаншоҳи Бадахшони аз Шуғнон даҳҳо маротиба пуриқтидор номуносибро дақиқае мулоҳиза намуду пурсид:

– Ба чӣ зудӣ бояд баргардед?

– Дастур чунин аст, ки ду нафар посухи шуморо ба Маҳмудшоҳ бирасонанд, боқӣ дар Демурғон чодир бизанем ва то расидани мир дар ҳамон ҷо истод бишавем.

Юсуфалихон ҳар сухани Бомакониро дар зеҳнаш чанд бор гирд гардонду синчакорона ба чашмони ҳамсуҳбаташ нигаристу пурсид:

– Чаро «шоҳаншоҳ» намегӯиву «мир» мегӯӣ?

– Шоҳаншоҳ дар Кобул аст, тақсир. Ҳоло ба фармонравоёни вилоёт «мир» гӯянд.

– Пас миратон маро «шоҳ» гуфта ё худат барои эҳтиром?

– Мир чӣ сухане ба забон овард, ҳарф ба ҳарф баён кардам. Ин нафарон шоҳиданд.

Бомаконӣ ба ҳамроҳонаш чашм дӯхт. Онҳо қариб ба як овоз наҷво заданд:

– Ҳар чи Бомаконӣ гуфт, аз забони мир гуфт.

Юсуфалихон, гӯё сайдеро ба нишон мегирифта бошад, чашми чап нимпӯш кардаву бо чашми рост афту андоми қосидонро як-як ба тири нигоҳ шикофта, ниҳоят қарорашро ба забон овард:

– Аз роҳи сафар баргаштан хуб нест, аммо чун дар миён масъалаи бузург афтод, чӣ илоҷ? Шумо имшаб бо мо бошед, фардо ба дили худ кор кунед.

Юсуфалихон савор шуд ва ҷониби Баҳрпанҷа асп монд. Ҳама ӯро пайравӣ карданд.

Аз он ки ҳанӯз фарсанге нарафта, сафирони ногаҳонӣ сафаршро буриданд, дили шоҳ ғализ гашт. Вай бисёр мехост шахсан худ ба Кӯҳи лаъл бароялу он мавзеъро ба чашми худ бубинад ва барои истихроҷи бештари лаъл тадбирҳои тоза ба роҳ андозад. Қасдаш ин буд, ки агар то моҳи мизон шоҳи Бадахшон барнагардад, зару зевар гирифта, бо роҳи Дарвоз рост ба назди амири Бухоро меравад ва лашкару силоҳ харида, аз Кӯлоб ба Хуросон мегузараду қаламрави аздастдодаи Ҷаҳондоршоҳро аз душман тоза карда, худ кулоҳи шоҳаншоҳиро ба сар мегузорад. Ва заррае парвои Ҷаҳондоршоҳ ҳам надошт. Агар даст ба ҷанг бизанад, мекушадаш, агар даъво пеш орад, ба буздиливу ноустуворӣ айбдораш месозад ва чунин мешумурд, ки раият низ тарафи шоҳи шикастхӯрдаро намегирад.

«Худдории ман дар ниҳоят кор дод, – раҳ ба раҳ хулоса баровард шоҳ, – шояд Маҳмудшоҳ дарк кард, ки бо ман сина задан кори осон нест, балки аз оромиву худбовариам тарсиду акнун мехоҳад диламро ба даст орад. Кори аҷибе шуд. Ҳадя додаву меҳрубонӣ карда, мегуселонам ва баъд бетармолиро аз пушт чунон корде занам, ки ҳафт авлодаш захми онро дар тани худ эҳсос намояд».

Ин андеша ғубори ба хотираш нишастаро зудуд ва вақте ба дарвозаи Баҳрпанҷа даромад, баҳри дилаш батамом кушуд. Ба навиди боз гаштани пеши кораш шоҳ барои Аъзами Бомаконӣ ва ҳамроҳонаш зиёфати хоса орост. «Ба Маҳмудшоҳ расонед, ки шоҳи Шуғнон ба валайк гуфтани саломи ӯ омода буда, агар ташриф фармояд, ҳар қадами эшон болои дидаи шуғниён хоҳад буд».

Пас аз зиёфат, ба амри Бомаконӣ ду навкари ӯ ҷониби Файзобод асп тозонданд. Дигарон шабро дар қалъа рӯз карданду баробари сар кашидани нахустин шуълаҳои саҳар роҳи Демурғонро пеш гирифтанд.

## КӮЧРОН

Корвони сустҳаракат чоштгоҳи рӯзи ҳафтуми сафар ба Шошиндашт расид ва, ғайричашмдошти ҳама, аз шоҳроҳ баромаду ба самти ҷануб тоб хӯрд. Роҳбалад Дурманча – марди чил-чилупанҷсолаи ғорҷвинӣ, ки ғарқи тамошои манзараҳои дилфиребии биёбонҳои нопайдоканор, дар мобайни корвон асп меронд, дарзамон ба ташвиш афтод ва таковари ҷавмасташро ба чанд маҳмез ба сафи аввал расонд.

– Мирзо, он тараф роҳ нест!

– Медонам, – аз болои шутури пешгард овози ороми Мирзоазиз ба гӯш расид, – дар ҳамин ҷо дам мегирем.

– Дам гирем?! – ба ҳайрату эътироз садо баланд кард Дурманча, – бо чунин ҷунбиш то зимистон ҳам ба Хутан намерасем, бародар.

– Ба Хутан рафтанӣ ҳам нестем.

Гӯё тире ба сина хӯрда бошад, роҳбалад лаҷоми аспашро кашид.

– Ваай-у-у! – Дурманча аз фарти тааҷҷуб чӣ гуфтанашро ҳам надонист.

– Бе ягон «ваай»-у «уу»!

– Охир дастури шоҳ вайрон мешавад.

– Шоҳ ба ман дастур додааст ё ба ту?

Мирзоазиз ҳалқаи дастонашро аз кӯҳони пеш барканду ба кӯҳони қафо пушт андохт.

– Ба ту, албатта, ба ту, лекин…

– Агар ҳамроҳи ман зинда баргаштан хоҳӣ, ба дастури ман кор кун, агар не, ба дастури дӯстат – Сияҳсар.

Забони гарми Дурманча дар даҳонаш ях баст. Вай аз Мирзоазизи аз худаш даҳ-дувоздаҳ сол хурд ин гуна беэҳтиромӣ ва таҳдиди шадидро чашмдор набуд. Ва бадтар аз ин, ҳеҷ гумон надошт, ки паҳлавони ҷавон ҷосуси Сияҳсар буданашро медонистааст!

– Гапи маро хуб фаҳмидӣ? – ба оҳанги таҳдид суханашро давом дод Мирзоазиз.

– Фаҳмидам, – овози Дурманча базӯр баромад.

Мирзоазиз уштурашро халае заду гашташро тез кард, Дурманча, баръакс, лаҷоми аспашро кашиду худро ақиб гирифт. Араќи сард баданашро зер кард. «Дар ин биёбон маро бикушад, саге ҳам мурдаамро бӯй намекунад».

Вақте аз роҳи калон фарсанге канор рафтанд, Мирзоазиз уштурашро чак заду чолок ба замин ҷаҳид ва садои ғафсу беғубораш хомӯшии гарони Шошиндаштро шикаст:

– Дар ҳамин ҷо манзил мекунем!

Савораҳо зуд пиёда шуданд, пиёдаҳо бор аз пушт барандохтанд, мардон назди Мирзоазиз шитофтанд, занон ба гову молу кӯдакони худ андармон гаштанд. Ғалоғулаву давуғеҷ дашти шояд солҳо сукуткардаро аз хоби гарон бедор намуд. Даҳҳо гӯспанду буз, барраву бузғола, аспу хару уштур ба замини аз алафу пӯшу жож ғании гирду атроф рехтанду пароканда шуданд. Дар як нафас биёбони мурда зинда гашт!

Понздаҳ-бист нафар мард – пиру ҷавон, дарвешу давлатманд, аёлманду беаёл, намояндагони дувоздаҳ хонаводаи бо амри Юсуфалихон аз Шуғнон аворгашта, рӯбарӯи Мирзоазиз истода, ҳамагӣ чашм ба даҳони ӯ дӯхта буданд. Мирзоазиз чанд дақиқа сархаму хаёлолуд истод, сипас бо нигоҳи шахси гунаҳкор сар бардошт ва нарму мулоим наҷво зад:

– Бародарон, холакҳо, амакҳо! Агар тавонед, барои ин кирдори зиштам маро бубахшед. Ман аз ҳар яки шумо, аз кӯчактарин бачаи безабони шумо, ҳатто аз молу сутури хонаводаи шумо маъзарат мехоҳам. Афсӯс мехӯрам... Билофарз, агар ман ин корро намекардам, кадом кас ё нокаси дигар, албатта, мекард. Вале ман савганд хӯрдам, ки аз ҳудуди Шошиндашт шуморо фаротар намебарам. Шунидам ин дашт охирин макони одамнишини Шуғнон аст. Намехоҳам, ки дар мулки ғарибӣ дарбадару хокбасар гардед.

Ҷамъомадагон аз ҳайрат чи гуфтанашонро намедонистанд. Ҳеҷ касро дар гӯшаи хаёл набуд, ки сафари маҷбуриашон ба ин зудӣ ва бо чунин наҳви умедбарангез анҷом меёбаду онҳо дар ҳудуди ватани азизи худ бори дигар имкони будубош пайдо мекунанд. Касеро аз дида ашк таровид, касеро аз шодӣ забон лол гашт, касеро гиря гулӯгир кард, касеро сар чарх заду ба замин нишаст. Дидаҳо ба даҳони Сарбаланди Виздоҷзан[1] – оқилтарину баҳодуртарин узви корвон, дӯхта шуданд.

Кӯчронҳо ҳанӯз дар Хоруғ, пеш аз баромадан ба сафари оқибаташ нопайдо, Сарбаландро ба худ сардор баргузида буданд. Сабабаш он, ки исми Сарбаланд он шабу рӯзҳо сари забони хурду бузурги Шуғнон пар-пар мезад. Қиссаи шуҳратёр гаштанаш чунин буд, ки шоҳ Юсуфалихон амр дод барои зери назорат гирифтани роҳи Хоруғ дар баландтарин нуқтаи кӯҳдоманаи Хуфак тӯпхона сохта, дар он навкаронро ба посбонӣ бигуморанд. Қазоро ин баландтарин мавзеъ каҳдарави марде бо номи Сарбаланд буд, ки аҷдод ба авлодаш дар Хуфак ба сар мебурданд. Кӯтоҳи гап, ҳамин Сарбаланд монеаи азиме дар роҳи иҷрои амри шоҳ гардид. «На шоҳу на мир, балки бобову падари ман ба ин санглох об кашида, обод кардаанд, – мегуфт вай, – як панҷа хокашро ба касе намедиҳам!» Кӯтволи Баҳрпанҷа ба наздаш пайи ҳам чанд одами обрӯманди Хоруғро фиристод, корагар наомад. Оқибат фармон дод, ки Сарбаландро ба ҳабс гиранду заминашро подшоҳӣ карда, тӯпхонаи амршударо бино созанд. Аммо Сарбаланду авлодаш аз ҷумлаи мардумоне набуданд, ки аз гурзи гарону мили камон ба ҳарос афтанд. Вақте даҳ-дувоздаҳ навкари мусаллаҳ ба қасди гир овардани ӯ ба сӯи Хуфак ҳаракат карданд, Сарбаланд аз фалахмон бар сарашон чунон санг боронд, ки сияҳмағзу абгортан чанд нафар замин газиданду боқӣ роҳи гурез пеш гирифтанд. Қалъадор ба хашм омада, чанд бор ҳуҷумро такрор намуд, аммо ҳар бор сангборони шадиди Сарбаланду писаронаш аз он баландӣ навкаронро маҷбур месохт, ки бигурезанду ҷон ба саломат бибаранд. Кӯтвол чун дид, ки дар ҷанг бар Сарбаланд на танҳо пирӯз намеояд, балки боиси хандахариши раият гардида истодааст, роҳи ҳилаву номардиро пеш гирифт. Фармон дод, ки аҳли оилаи хусури Сарбаландро, ки дар Зерхоруғ зиндагӣ мекарданд, ба

[1] Виздоҷ (шуғнонӣ) – фалахмон, виздоҷзан – фалахмонзан

ҳабс гирифта, ба зиндони Саройи санг андозанд. Сарбаланди ноилоҷмонда маҷбур шуд бо пойи худ ба қалъа рафта, худро ба ҳукуматдорон бисупораду хонаводаи занашро аз банд раҳо бахшад. Барои он ки ҳисобро бо Виздоҷзан баробар карда бошад, Юсуфалихон амр дод, ки ӯро хонахез ҳамроҳи хонаводаи хусураш ба Хутан бадарға созанд.

Сарбаланд риши шерозаи ба ниҳояти назофат перостаи худро чанд силае заду гуфт:

– Ман ҳикояти ҷавонмардии ҷадди туро бисёр шунидаам, лекин имрӯз бо чашми худ дидам. Аммо агар моро дар ин биёбони мусаттаҳ партофта равӣ, кӣ медонад аҳволамон чӣ мешавад. Мақсад – бо оқсақол ё мосали ин ҷо гап зан, ки бароямон роҳе нишон бидиҳад. Ту ки надими шоҳӣ, суханат дигар аст.

Гапи Сарбаланд мардонро ба таҳрик овард. Садоҳо баланд шуданд, ки:

– Виздоҷзан рост мегӯяд.

– Озуқаамон тамом шавад, мемурем.

– Аз мондан дар ин дашт ба Хутан равем, беҳтар.

Мирзоазиз гапи мардонро бо тамкин гӯш карду чун ором шуданд, гуфт:

– То ҳар яки шуморо ҷобаҷо накунам, ҷое намеравам. Аммо шумо аз ман беҳтар медонед, ки дар ин макони беодам шоҳ на оқсақол дораду на мосал. Барои ҳамин ҳам шуморо ба ин ҷо овардам, ки ба чашми ҳукуматдорон нанамоед.

– Ин гапат ҳам ҳақ, паҳлавон, – розӣ шуд Сарбаланд, – сагони тозӣ аз мо бӯйе набаранд, беҳтар.

– Пас чӣ кор кунем? – ба изтироб суол доданд чанд нафар.

– Ҳоло ишками зану бачаҳоятонро сер кунед, баъд сарпаноҳе бисозед, ки шаб хунук нахӯранд. Худо хоста бошад, то ду рӯзи оянда бошишгоҳи дилхоҳе ҳам пайдо мешавад.

Мардон дар тараддуди сохтани бошгоҳи муваққатӣ афтоданд. Бачагон барои афрӯхтани оташ ба ҷамъ овардани пӯшу жожу тезкан даст заданд, занон аз санг полчакиҳо сохта, ба пухту паз пардохтанд.

Мирзоазиз ба уштураш, Сарбаланд, ду писари паҳлавонсурати вай ва Дурманча ба аспҳо нишастанду ба таҳқиқи муҳити атроф баромаданд. Агарчи Дурманча баҳона пеш овард, ки сардард шудааст,

аммо Мирзоазиз аз бозуяш дошта, барои он ки дигарон нашунаванд, дар бехи гӯшаш кароҳатомез ғуррос зад:

– Медонам ба хаёли гурехтан афтодаӣ, амаки бенамак! Лекин дониста мон: қадаме аз ман дур рафтӣ, медораму зиндабазинда гӯрат мекунам. – Ва бозуяшро чунон фушурд, ки рангаш коҳи сафед гашт. – Аз ҳамин дам то баромадани ҷони нотавонат дигар покори ман астӣ, на хабаркаши Сияҳсари бетавфиқ!

Онҳо ба ҷониби шимоли шарқӣ, айнан пушт ба офтоби сӯзони осмони беғубори Помир асп монданд. Мирзоазиз, агарчи бори дувум чунин фарохои беҳудудро медид, боз ҳам бо ҳайрат ба чор сӯ менигаристу ба дидагонаш бовар намекард, ки замин ҳам ба ин дараҷа ҳамвору бедарахту беодам мешудааст. Дар Шуғнон, вақте номи «Помер»-ро мешунид, кӯҳистони яхбастаи пур аз дараҳои тангу баланди яхбаста ва қуллаҳои воҳиманоки барфашон чун каллақанд сап-сафед дар тасаввураш ба ҷилва меомаданд. Аммо баръакси чашмдошташ, ин сарзамин биёбонзорест бар фарози қуллаҳои осмонбӯс. Қуллаҳо сутунҳои азимеро мемонанд, ки замини Помирро монанди бом бар дӯши худ бардоштаанд. Сифти сиёҳравшанаш регреза дораду қум, ангор ду-се моҳ пеш дарёе хушк шудаву пайи он боқӣ монда бошад. Ҳамворӣ санг надорад, сангро гӯё махсус бар фарози пуштаҳои на он қадар баланд ва аз ҳамдигар ниҳоят дури гирду атроф бароварда, пош додаанд. Яқинан ба хотири қумзори беканор буданаш ин мавзеъро Шошиндашт[1], яъне Дашти қумнок ном ниҳодаанд.

Қариб ду фарсанг рафта буданд, ки дараи пасте бо шаххҳои тирафоми варақ-варақ болои ҳам хобида пеш омад. Мирзоазиз бидуни дудилагӣ сари уштурро ба сӯйи дара гардонд, ҳамсафаронаш дунболи ӯро гирифтанд.

– Барои чӣ ба дара? – камҷуръатона пурсид Дурманча.

– Намебинӣ, ки биёбон ҷонзоде надорад, яке дар дара ба махлуқе дучор оем, – ба лаҳни тунд посух гуфт Мирзоазиз, – наход ҳамин чизи одиро нафаҳмӣ-а?

Онҳо хомӯш бар фарози баландии кундхуфтаи даҳани дара баромада, ҳамагӣ лаҷоми саворихояшонро якбора кашиданд. Сабабаш он буд, ки, нахуст, ғайриинтизор баландии таги пояшон якбора ба

[1] Шош (шуғнонӣ) – қум

нишебии морпечи боз ҳам кундхуфтае табдил ёфт, ки ҳар қадар пеш равӣ, ҳамон қадар сабзтар мегашт ва, дувум, аз кадом гӯшаи он ғалоғулаи мубҳаме ба гӯш мерасид.

Саворон дар ҷояшон шах шуда, гӯш фаро доданд. Садо гоҳ авҷ мегирифт, гоҳ паст мефуромад, вале батадриҷ наздиктару наздиктар меомад. Мирзоазиз ду каф ба гӯшон лапар кард, ки равшантар бишнавад; Дурманча даст ба милтиқ бурд; Сарбаланду писаронаш аз камарҳо фалахмон баркушоданд.

Тақрибан пас аз даҳ дақиқа, вақте ки кӯки чашмон ба кандан наздик расиду торҳои асаб ба ларзиш даромаданд, аз пушти шахи лаби наҳри беоб, гӯё аз даруни худи кӯҳпора, шаш савори шитобзадаи қалпоқбасар ба тарафи Мирзоазизу ҳамроҳонаш шитофтанд.

– Қирғизҳо!! – таҳлукаомез хитоб кард Дурманча.

Аз зуд-зуд ба қафо нигаристанашон маълум буд, ки саворон зери таъқиб афтодаанд. Ҳушу ёдашон он қадар ба қафо банд буд, ки то наздик расидан ба фосилаи панҷоҳ қадам саворони дар баландӣ истодаро пайхас накарданд. Пеш-пеши қирғизон марди газгӯшти сиёҳчеҳрае меомад, ки каллааш ҷониби китфи рост хам зада буду дар дасташ шоф, дар китфаш милтиқ дошт. Дар пешониаш хун лахта баста буд. Вай, баробари дидани саворони пешорӯ, лаҷоми аспашро тунд кашиду ба забони шуғнонӣ бонг баровард:

– Роҳро холӣ кунед!

Ва даст ба милтиқ бурд, аммо овози гуворои Мирзоазиз ӯро аз ин ҳаракат боздошт:

– Мо ба шумо коре надорем!

Ва аз уштур фуромаду ишора кард, ки пеш оянд. Ин асно чашмаш ба саворони наве афтод, ки аз таги шах баромада, ҳаёҳукунон ба тарафи онҳо меоянд.

– Инҳо кистанд?

Қирғизон ҳамагӣ ба қафо нигаристанд. Таъқибгарон чор нафар буданд, ки башитоб пеш меомаданд. Гилемҳои тану саллаву тоқиҳои сар ба тоҷик будани онҳо далолат мекарданд.

– Моро таъқиб доранд, – гуфт каллакаҷ, – илтимос, монед ба роҳамон биравем.

– Чӣ ҷанҷоле доред? – Мирзоазиз сабаби таъқибро фаҳмидан хост.

– Ту лафз додӣ, ки ба мо кор намегирӣ, – хашми ҷӯшзадаашро фурӯ бурда, норозиёна ғурунгос зад қирғизи каллакач.

Мирзоазиз дигар дам назаду ба ҳамроҳонаш ишора кард, ки аз роҳ канора раванд. Қирғизҳо аспҳояшонро чорхез занонда, ду дақиқа пас дар дашти кушод ба нуқтаҳои сиёҳи ҷунбон табдил ёфтанд. Фурсате пас таъқибгарон низ ҳақоратҳои қабеҳ бар забон, бо вовайлову уштулум ба назди дастаи Мирзоазиз расиданд. Аз шеваашон Мирзоазиз зуд бартангӣ буданашонро муайян кард. Пешгарди ин даста марди баландқомати жӯлидамӯе буд бо риши то сина расидаи мошубиринҷӣ, тоқии бунафшранги шерозасабз, ёлу кӯполи варзида. Аспи сиёҳмушкинаш рост дар таги бинии уштури Мирзоазиз по нигоҳ дошт ва садои ғазаболуди соҳибаш сукути биёбонро шикаст:

– Ба ҷойи аз қирғизҳо тарсидан мемурдед, беҳтар набуд?

Туғёну тоғиёнаи ин марди баҳодурнамо ба Мирзоазиз ниҳоят писанд омад. Аз рафтори диловаронаи мардон ҳамеша эҳсоси гуворои эҳтиром дар дилаш фаввора мезад. Аз ин рӯ, ба лаб табассуми фарох, хомӯш ҳаракати минбаъдаи ӯро зери назар гирифт.

Ғайричашмдошти Мирзоазиз садои Дурманча баланд шуд:

– Мо роҳзан нестем, ки роҳи мардумро бигирем.

– Як рӯз роҳатро бигирад, баъд мефаҳмӣ, ки чӣ хатое кардаӣ, мардаки бемиёнбанд! – бо танаффур туф ба замин андохт савор ва сари аспашро сӯи ҳамроҳонаш гардонд. Ду нафарашон савори хар буданд, яки дигар савори хачир. – Дар шастатон сияҳбод, шумо ҷаноза мебаред ё душман сур мекунед?! – Ва бо чустии ба синнаш номувофиқ аз асп фуромаду ду даст ба Мирзоазиз дароз кард.

Мирзоазиз дастони шахшӯлашро фушурду лаб ба тасанно кушод:

– Салом, амаки палангғайрат, дар ришат ҷонам-е!

– Сарашон намедодӣ, пӯсташонро ба сарашон мекашидам, ин лосакришони биёбонгардро!

– Инҳо киянд?

– Авбошони Соҳибназар-қарақчӣ – саркалони қирғизони роҳзан.

Мирзоазиз «аҳ-ҳа-а» гӯён мадде кашиду рӯ туруш кард:

– Ба саратон ҳуҷум карданд?

– Субҳи барвақт, вақте занон ширҷӯшӣ баромаданд. Хайрият, дар ғафлат намондем, набошад, ҳамаро сар мебуриданд.

– Ҷанг кардед? – ба оҳанги ҳавас суол дод Мирзоазиз.

– Ду соат зиёд, – мушт гиреҳ кард мард, – мурдаи якеаш дар ҳамон ҷо монд. Ин падарсагон «қочмаган номард» гуфта, гарду чанги дараро ба сари мо рехтанд.

– Медонистем, даст ба пушт баста, пеши поятон меандохтем, – ба гап ҳамроҳ шуд Сарбаланди Виздоҷзан. – Афсӯс, Мирзо, намондӣ.

– Бе сабаб касеро озор додан дуруст нест, – гуфт Мирзоазиз, – акнун ки донистем, бори дигар бубинем, гарданашонро мешиканем.

– Аз пасашон сур кунем-чӣ? – кафи ғайрат ба ҳам совид Сарбаланд, – ҳоло ки ин қадар дур нарафтаанд.

– Не, вақтатон беҳуда меравад, – даст афшонд мард. – Дар биёбони кушод ёфтанашон кори осон нест. Ҳеҷ гап не, ягон рӯз боз ҷиғилдонашон мехораду ба пои худ ба суроғамон меоянд.

– Кошкӣ, – ба нишони таассуф калла ҷунбонд Сарбаланд.

– Мебинам, ки мардони силаҳшӯред. Аз куҷо меоеду ба куҷо равонаед? – зертангу забартанги аспашро тарангкунон пурсид мард. – Агар ба тарафи мо равон бошед, аз ин чӣ беҳтар!

– Амакҷон, тарафи шумо ҷойи обод аст ё биёбони хушку холӣ? – пурсид Мирзоазиз.

– Дараест обу алафдор, ҷангалакҳое ҳам дорад.

– Ба мо ҳамин хел ҷойи зиндагибоби аз чашм дур лозим, амак.

– Хона кардан мехоҳед? – дар чашмони марди бартангӣ шуълаҳои ҳайрату шодӣ омехтанду барқ заданд.

– Айни гапро гуфтӣ. Лекин мо бисёрем, дувоздаҳ хонавор.

– Дувоздаҳ хонавор?! – аз ғояти ҳайрат гардан ёзонда, даҳан воз кард бартангӣ. – Шумо аз куҷо меоед?

– Аз Шуғнон, амак, – тавзеҳ дод Мирзоазиз, – кӯтоҳи гап ҳамин, ки шоҳ ин халқро ба Хутан авор фармудааст. Вале мо мехоҳем, ки дар ҳудуди Шуғнон бимонанду ғариб нашаванд.

– Оҳо, ана гап дар куҷо будааст! Худо решаи шоҳу мирро бисӯзонад, ки габру номусулмон аз онон ҳазорон бор беҳтар аст. Дувоздаҳ не, сад хона ҳам бошад, барояшон ҷой меёбам. Маро Пасори қирғизкуш мегӯянд, на аз ҳокими қирғизон сари тарс дорам, на аз шоҳи Шуғнон!

– Пасори қирғизкуш?! Аҷаб номи бадвоҳимаи зебое! – Мирзоазиз аз хурсандӣ қариб буд оғӯшаш бигирад, аммо дар лаҳзаи

охир худро нигоҳ дошт. – Як номат бас, ки ба дараат душман наздик нашавад.

– Ҳаминрӯза барин онаи зорашонро нишон медиҳам! – ду китф боло бурду сина пеш дамонд Пасор. – Биёред мардуматонро. Касе сагашонро «чих» гӯяд, каллаашро чаппа мегирам. Рафтем, ба чашми худ бубинед, бовstartатон бештар мешавад.

Мирзоазиз каме фикр карду гуфт:

– Туро Худо худ ба мо расонд, амак! Мо ба ҷавонмардиат бовар кардем. Ҳоло беҳтараш ба назди халқамон баргардем, ки ба ташвиш наафтанд. Ғайр аз ин, аз қирғизҳое, ки ба он тарафҳо рафтанд, диламон пур нест. Худо хоҳад, фардо пешин ба деҳатон мерасем.

– Деҳа не, ҳелгаҳ[1], – хандид Пасор.

– Ҳелгаҳ буд, деҳа мешавад, – хушгапӣ кард Сарбаланд.

– Ҳай-ҳайу во-во! – нидои қаноатмандӣ баровард Пасор, – дар умрам аз қирғизсуркунӣ ҳамин қадар фоида дидам. Неъмате беҳтар нест аз ёру бародар ёфтан дар ин биёбони ваҳшӣ.

Мирзоазиз Пасорро чун наздиктарин хешовандаш ба оғӯш гирифт. Дигарон ҳам ба онҳо пайравӣ карданд.

* * *

Рӯзи дигар корвони кӯчрон, баробари чеҳра намудани хуршед, ба роҳ афтоду ҳанӯз пешин нашуда, ба манзилгоҳи Пасор – дараи сабзу хурраме расид, ки аз зери шахпораи монанд ба фуки одами бедандони он чашмаи шир ворӣ сафед ҷӯш зада, ба зер меафтод ва дар бистараи кофуриаш ба тарафи офтобхез баромада, аз назарҳо нопадид мегашт. Баландиҳои ду тарафи дараро ба душворӣ кӯҳ гуфтан мумкин, чун ҷариҳои селкандаи дуруштреге буданд, ки ҷо-ҷо аз миёнашон шаххои варақӣ сар берун мекашиданд. Дар водиҳои маъмулӣ инсон аз ҳамворзамин ба дара баромада, зина-зина ҷониби қуллаҳои симандуд по мегузорад, дар ин ҷо куллан баръакс – аз ҳамвории беҳудуд ба дара медароӣ ва гоҳе дар охири дара рост ба тори қуллаи барфпӯш қадам мениҳӣ! Маҳз дар ҳамин лаҳза ба бузургӣ, азамат ва беҳамтоии Помир тан медиҳӣ. Дар ҳамин лаҳза дарк мекунӣ, ки дар рубъи маскун замини дигаре, осмони дигаре, вақти дигаре вуҷуд дорад, ки то нафаси дувумат боз нагардад, аз ҳавои он нафас кашида наметавонӣ; то дили дигаре дар

[1] Ҳелгаҳ, ҳелгоҳ – айлоқҷой

синаат ба тапиш надарояд, рӯи заминаш истода наметавонӣ; то ниҳонхонаи чашмат дидаи дигаре накушояд, дар рӯзи равшан ҳам дунёи сафедашро дида наметавонӣ!

Пасору пайвандонаш меҳмононро бо дафу най ва рақсу суруд пешвоз гирифтанд. Корвониён ҳам ба хурсандӣ ҳамроҳ шуда, базмаки дилрабое барпо намуданд. Ингор мизбонон на меҳмонони туфайлӣ, – одамонеро, ки боре ҳам ба чашми сар надидаанд, – балки хоҳарону бародарони ҳамхуни худ, онҳоеро пешвоз мегирифтанд, ки баъд аз сафари дуру дароз ба назди хешу таборашон баргашта бошанд. Занон худро ба бағали ҳам зада, ашки шодӣ мерехтанд, мардон дастбӯсу чашмбӯс эҳтиром изҳор менамуданд, бачагон дар як мижа задан ба ҳам ошно гашта, ба ҷасту хез афтоданд. Пас аз пасанда шудани рақсу бозӣ дарҳол барзаговеро хобонда, дар пойи қадами меҳмонон хун карданд. Омадагон то бори аспу улоғ ба замин барниҳода, ҷо ба ҷо гаштанд, ки деги чилмании Пасор ҳам ба ҷӯш омаду бӯйи иштиҳоовари шӯрбо ҳавои форамро форамтар сохт.

Бошгоҳи Пасор аз чаҳор кулбаи сангдевори гилнозада иборат буд, ки одами баландқад аз пастии фарши курӯшпӯшаш дар дохили он қадрост истода наметавонист. Аз роғи девору бомгӯшаҳояшон рӯз қитъаи осмону шаб ситораҳоро дидан мумкин буд. Ҳар кулба дар бараш ҳотаи сангии фарохмайдоне дошт, ки шабонгоҳ мол дар он меосуд.

Соҳибони ҳел дар канори наҳр бӯрёву намад андохта, дасторхон густарданд. Он дар они воҳид аз ҳалвою бат, ширу ҷурғот, кулчаву нон, чалпаку бурсоқ, паниру саршир, қуруту кочӣ, қамочтариту хикс, равғани зарду маска, дӯғу фалла, вилӯхчу махбоҷ чунон ороста гардид, ки меҳмонон аз ҳайрат намедонистанд ба кадоме даст бибаранд. Баъде ки шӯрбову кабоб омад, Пасор даҳони машки на он қадар калонеро, ки, яқинан, аз пӯсти барра ё бузғола дуруст кардаанд, бикшод ва муҳтавои сафедрангашро ба пиёлаҳои сафолӣ рехту гуфт:

– Ин нӯшобаи мардони ҳақиқист, бинӯшед, ки нӯшатон бод!

– Мабодо қумиз набошад, ки сарамонро битафсонад? – хавф бурд Дурманча, ки якзайл кочӣ меошомид.

– Худди худаш. Барои ин ихтироъ баъзан қирғизонро эҳтиром кардан равост, – Пасор бо табассуми фарох пиёлаҳоро ба назди меҳмонон гузоштан гирифт.

– Ин чӣ хосият дорад? – пурсид Мирзоазиз, ки чунин нӯшобаро бори аввал медид.

– Дили одамро хуш, табъашро чоқ мегардонад, – посух дод Пасор.

– Чизи хуб будааст, – гуфт Мирзоазиз ва ба як ҳурт пиёларо дам кашид.

Мардон то охири маърака ду машк шири модиёнро нӯши ҷон карданд. Зери таъсири он забонҳо кушода шуданду дардҳои дил рӯ задан гирифтанд. Касоне ҳатто ашк рехта, бо ин рафтори худ занонро ҳайрону кӯдаконро хандон сохтанд.

Наздики офтобшин аз пуштаҳои атроф гову мол маосу баоскашон ба ҳелгоҳ сарозер шудан гирифт. Бузу гӯсфанд чунон бисёр буд, ки дар чаҳор ҳотаи бениҳоят фарох базӯр меғунҷид. Бахусус аз бисёрии гӯсфанди сиёҳ гирду атроф сиёҳӣ мезад. Мирзоазизи сархуш лапари каф ба пешонӣ, даводаву паропари чорворо бозавқ тамошо карду тааҷҷубашро ба забон овард:

– Амаки Пасор, мешҳоят фақат барраи сиёҳ мезоянд-чӣ?

Сарбаланд ҳам ба изҳори ҳайрат кард:

– Ман боз шӯхӣ карданӣ будам, ки шумо молатонро аз таги дег гузаронда, баъд ба чаро сар медиҳед?

Пасор қоҳ-қоҳи дилкушодонае ба ҳаво сар доду гуфт:

– Э вой, чашми қирғиз кушода бод, аз ханда рӯдаҳом печиданд. Наход ҳамин гапи одиро надонед-а?

– Чӣ будааст он сир, ки ту медониву мо намедонем? – кунҷковии Дурманчаи гапчин сахт боло гирифт.

– Наход надонед, ки бартангиҳо гӯшту шири меши сиёҳро намехӯранд. Барои он ки аз ин алафхори бефоида халос шаванд, вақти айлокравӣ панҷ-шаш деҳа ҳар сол мешҳои сиёҳи худро сартак карда, ба ман медиҳанд. Ман чи қадарашро тавонам, бо аҳли авлодам мехӯрам, боқимонаашро ба шуғниҳову вахиҳову қирғизҳо ё корвонҳои даргузар фурӯхта, ба ивазашон дегу табақ, намаду бӯрё, зину абзор, қанду қурс, орду ғалла харида, шоҳона зиндагӣ мекунам.

Посухи Пасор меҳмононро бештар ба ҳайрат андохт.

– Ҳамин тур оварда медиҳанд ё чизе мегиранд? – пурсид Сарбаланд.

– Ҳамин тур. Баръакс, дилпур мегарданд, ки молашон убол нашуд. Дар ивази ин, охир, ман иҷоза намедиҳам, ки қирғизони қароқчӣ пайи шумашонро ба Бартанг гузоранд.

– Бо қирғизҳо ҳам муомила мекунӣ? Наметарсанд? – бо чашмони пурҳасад ба Пасори ба назараш қаҳрамони даврон нигарист Мирзоазиз.

– Илоҳим бӯрони биёбон қалпоқҳошона бибарад, дар байнашон ҷӯраҳои бисёр дорам. Онҳо кӣ будани маро хеле хуб медонанд.

– Амак, ба қирғизон муносибатат чунин бошад, пас барои чӣ номатро «Қирғизкуш» мондаанд?

Пасорро якбора ваҷоҳат дигар гашт: ба чеҳрааш хаёле ғам соя афканд, дар чашмонаш сонияе хашм чароғак зад, мисли хурӯси ҷангӣ лаҳзае сина пеш дамонду китф ҷунбонд ва ба лаҳни маъюсон наҷво кашид:

– Зану духтарамро аз хонаам кашида бурданд, Худо хиргоҳошона бисӯзонад.

Мирзоазиз аз пурсишаш пушаймон, сар дар пеш андохту қариб ношунаво пич-пич зад:

– Худо зағантаҳашон[1] бикунад.

– Бист сол пеш буд, аммо то ҳол ҷигарам месӯзад. Ба сарам заданд. Чанд рӯз пас ба хуш омадам, ки зану духтарамро бурдаанд, хонаамро ғорат кардаанд. Баъд даст задам ба чунин кори зишт, яъне қасос. Баъди куштани ҳар роҳзан қасам мехӯрам, ки бас кардам, аммо вақте зани меҳрубону духтари чун фаришта хушрӯву бегуноҳам ба ёд расида, ҷонам доғ-доғ мегардад, боз даст ба шамшер мебарам.

Нақли Пасор хурсандии ҳозиронро баҳам зад. Шабаҳи хавфу бими ниҳоние дар фазои дара шаҳпар кашиду шамоли он сару рӯяшонро лесида гузашт. Ин андеша, ки саргузашти талхи Пасор ҳар лаҳза метавонад дар ин буми байни замину осмон муаллақ ҳар касеро дарёбад, дар дилҳо изтироб андохт.

Мирзоазизро ба ҳоли Пасори диловар дилаш сӯхт; аввал даҳон ҷуфт кард, то кӣ будани он қирғизонро бипурсад, аммо сипас, ба ин андеша, ки оташи аламашро ба туғён наорад, аз бахри ин суол бигзашт ва масъалаи дигар пеш овард:

---

[11] Зағантаҳ – таҳи заған; яъне, хӯроки зоғу зағанашон бикунад.

– Акнун ки ба туву бачаҳои шамшердорат се фалахмонзан, даҳ-дувоздаҳ шивезнкӯбу тирандози дигар ҳамроҳ шуданд, дуздро заҳра мекафаду роҳзанро заҳрадон. Аммо гап ин ҷост, ки ҳоли ин мардум дар зимистон чӣ мешавад?

Пасор пилкҳои қариб бемижаашро дақиқае ба ҳам часпонда, гунаҳояшро аз зери абрӯ то миёнаи гӯшҳо пур аз чин намуду гуфт:

– Инҳое, ки ҷуръат доранду ҳавсалаи ҷанг, бо молу аёлашон бо ман мемонанд, касоне, ки осудагӣ мехоҳанд, онҳоро ба дараи Бадчор бурдан лозим, ки аз роҳ канора асту барои зиндагӣ мувофиқ.

– Бадчор куҷост?

– Поёнтар аз Кӯҳтезак.

– Ту дар он дара шиносе дорӣ?

– Буна надорад. Фақат ман як хона андохтаам.

Мирзоазиз суоломез ба Сарбаланд нигарист.

– Барои чӣ ба Бартанг не? – пурсид Сарбаланд.

– Ба Бартанг хоҳанд, ба ҷону дил, лекин ба баландии ҳавояш дили ҳар кас тоб намеорад. Одамон талаф мешаванд. Бадчор мушкили ҳаво надорад.

– Маслиҳате аз ин беҳтар нашунидаам, – гуфт Сарбаланд.

Қарор бар ин шуд, ки авлоди Сарбаланду чанд оилаи дигар бо Пасор мемонанд, боқимондаро Мирзоазизу Дурманча ба дараи Бадчор бурда, ҷойгузин менамоянд. Рӯзи дигар Мирзоазиз бо Пасор, Сарбаланд ва онҳое, ки бо Пасор монданд, паноҳбахудо карду бо кӯчронҳои боқимонда ба сӯи Бадчор ҳаракат кард. Чун ҳаво бисёр хуб буду олами атроф кушоду зебову сабз, Мирзоазиз амр дод, ки барои хаста нашудани занону кӯдакон дам гирифтаву манзараҳои дилфиреби атрофро басерӣ тамошо карда, корвон бикашанд. Ин, албатта, баҳона буд. Дар асл, ҷавонпаҳлавон мехост сафараш ҳарчи дертар кашол биёбад, зеро медонист, ки баробари расидан ба Баҳрпанҷа, корвони дигари кӯчронҳои бадбахтро ба ӯ месупоранд. Ӯ аммо на аз фармони шоҳ сар боз зада метавонаду на тоқати таҳаммули ашки талхи занону тифлони маъсумро дорад. Оре, Мирзоазиз шоҳро фиреб дода, онҳоро ба деҳу дараҳои дуродури Шуғнон мебарад, аммо ин тадбир алами аворшудагонро кам намекунад: хонаашон, ки вайрон шуд, дигар чи аҳаммият дорад, ки даҳ фарсанг дурашон мебаранд ё ҳазор фарсанг.

Дар ҳар сурат, Мирзоазиз ба худ қавл дод, ки сафари дилнохоҳамашро дар сарҳадот кашол дода, миёнаҳои моҳи харбузапаз ба пойтахт бармегардад.

## САЛОМИ ОТАШИН

Сукути субҳдами соявшанро садои асбобу ускунаи гуногун халалдор сохт. Ин овозҳо ба ҳар навъе, – қисме монанд ба нӯлзании паранда бар тани дарахт, баъзе мисоли ба кулӯхи шиёр расидани зарбаи бизик[1], бархе шабеҳи ба оҳан бархӯрдани санг, – аз тарафи офтобнишини қалъаи Баҳрпанҷа ба гӯш мерасиданд. Моҳи дувум аст, ки тақ-тақу чак-чак ва ҷаранг-ҷурунгу дангар-дунгури даҳпонздаҳ усто хушхобтарин сокини қалъаро ҳам бедор намуда, маҷбур мекунад ба пешвози хуршеди ҷаҳонтоб аз ҳуҷраи худ сар бурун биорад. Юсуфалихон ба Мубораку Мурассаъ амр додааст, ки қалъаро ҷиддан таъмир намоянд. «Чунон таъмире, ки дӯсту душман бинад, ангушти ҳайрат бигазад, – таъкид карда буд шоҳ, – сохтмонҳои пастаку кӯҳнаро биканеду дар ҷояшон иморатҳои хубу дилкаш бисозед. Аз Дарвоз то Ванҷу Рӯшон, аз Бартанг то Шохдараву Ғунд, аз Чоснуд то Дарморахту Ғорону Ишкошиму Вахонро бигардеду устоҳои гулдастро баргузинед». Меъмориро шоҳ ба Мурассаъ супурдааст, назорати корро – ба Муборак. Фармон чунин аст, ки то охири сунбула қалъа, ба қавли шоҳ, «бояд чашми мунофиқонро кӯр созаду дидаи мувофиқонро нур бахшад». Ба ғайр аз ин, овоза аст, ки шоҳ бо меҳтари Чатрор қудо шуданист, – духтарашро ба писари Амонмалик медиҳад, – ва, албатта, дар назди меҳмонони хориҷӣ зарқу барқ ва ҳашамати худро ҳам бояд нишон бидиҳад. Ба ҳамин хотир, дар низоми қалъадорӣ барои девонбегӣ Муборак душвориҳое пеш омаданд. Вай маҷбур буд барои ҳар амалдоре, ки ҳуҷрааш зери таъмир меомад, дар Саройи санг иқоматгоҳи муваққатие биёбад, агар дар он ҷо пайдо нашавад, ба хонаҳои гирду атрофи қалъа мурочиат намояд. Кор тез пеш мерафт, бинобар ин, ҳар даҳ рӯз пас Муборак кӯчи ду-се кордорро берун мебурду устоҳо ба таъмирашон мепардохтанд.

Аз бисёрии кор шабу рӯз барои Муборак яксон гашта буд. Аз субҳи козиб то шоми торик соате оромиш надошт: устоёнро хабар

---

[1] Бизик (шуғнонӣ: бизӣк) – болғаи калони чӯбӣ

мегирифт, то вақташонро беҳуда нагузаронанд; назорат мекард, ки ажғолу партови ҷамъшударо бетаъхир аз қалъа бароварда, ба партгоҳи лаби дарё афкананд; ёварон масолеҳи сохтмонро сари вақт расонда, тартиби анбоштанашро вайрон нанамоянд; гилшӯрон дар гилдон бошанд, сангтарошон дар сари санг; дуредгарон чӯб тарошанд, деворгарон девор бардоранд, гилзанон гил бизананд… Аслан, давуғеҷи сохтмон ба ӯ дахле надошт: Муборак девонбегӣ, яъне, мудири молияи дарбор буду тибқи вазифа бояд фармон диҳаду ин ҳама корро қалъадор ба сомон расонад. Аммо куҷост ҷуръате, ки қалъадорро бигӯӣ: «санге аз замин бардору ба пешонии ман бизан». Дарзамон кафшатро берун аз дарвоза гузошта, қафоие мезананду хонаат месӯзад. Зеро қалъадор худи Қубодхон – писари шоҳи мамлакат аст! Вай куҷову гарду ғубори сохтмон куҷо? Агар шоҳ даъват накунад, на фақат моҳҳо, балки солҳо ба Баҳрпанҷа қадам намегузорад. Дар ҳавлии барҳавои барояш сохтаи падар рӯзу шаб ба кайфу сафо машғул аст. Май мехӯрад, банг мезанад, афюн мекашад, занбозӣ мекунад. Аз дори ҷаҳон ҳамин қадар ҳунар дорад ин шоҳзода – ҳокими Рӯшон, ки Рӯшонро баъд аз ҳиҷрат боре надидааст. Ҳавлиашро ба ҳаромхона табдил додааст. Дар пеши чашми занаш ҳафтае нест, ки духтареро беобрӯ накунад. Чанд дӯсти ҳамбозаш дар деҳаҳои Шуғнон ба «шикори кабкони дарӣ» (ибораи худи Қубодхон) машғуланд: ба зӯриву зар духтарону ҷавонзанони ҳуснашон ҷигарсӯзро ба хонааш меоранду ҳамроҳи ӯ дилхушӣ мекунанд. Занаш ба дод омадааст, аммо додашро ба кӣ гӯяд? Чанд маротиба арзашро ба шоҳ расонда тавонист. Шоҳ писарашро таъризҳо дод, ҳатто торсакиҳои обдоре ба рухсораҳояш шинонду таҳдидҳо ҳам кард, ки аз ҳокимӣ маҳрумаш месозад, аммо Қубод боз ҳамон Қубоди порина мемонд. Баъди «калтак хӯрдан» аз падар, ба хона омада, барои шикоят бурдан занашро на мезад, на таънаву маломат мекард, балки ба ҳуҷраи хоб медароварду танбони худро кашида, сарманшаи мардиашро ба ӯ нишон медоду мегуфт: «Дидӣ? Дигар намебинӣ!» Ва айши мудомашро бештар аз пештар ривоҷ медод. Зан талх мегиристу сар ба девор мекӯфту месӯхту илоҷе ёфта наметавонист. Ягона мояи тасаллиаш дар ин мулки ғарибӣ бонуи дарбор Ниёзбегим буд. Ниёзбегим кадом вақте, ки бошад, зани писархондашро бо рӯи хуш қабул мекарду ба мисли духтари худаш меҳрубонӣ менамуд. Зани Қубод сар ба синаи хушдоман гузошта,

аламҳои дилашро то охирин чакра мегиристу каме ҳам бошад, таскин меёфт. Баъд соатҳои дароз ба ин ягона зани ҳамзабонаш дар пойтахти Шуғнон дарди дил мегуфту барои сари ҳуш овардани шавҳари бадгавҳараш аз вай ёрӣ мепурсид. Вале аз дасти Ниёзбегим, ба ҷуз панохҳ доданаш дар хонаи худ ва бо дилсӯзии модарона шунидани шикваву шикояти ғуссабори синҳор, кори дигаре намебаромад.

– Модар, намешавад шӯямро бигӯӣ талоқам бидиҳад? Озодам бикунаду биравам Файзобод, ба хонаи падар.

– Қубод ин корро карда наметавонад, духтарам.

– Барои чӣ?

– Охир вай омӣ нест, шоҳзода асту ҳокими як мулки калон.

– Пас иҷоза бидеҳ пеши қозӣ биравваму талоқ бихоҳам.

Ниёзбегим ба содагии синҳораш хандиду гуфт:

– Қозӣ чунин кор карда наметавонад. Зан ҳуқуқи талоқ кардан надорад.

– Чӣ тур надорад, бону?

– Надорад.  Ҳаққи талоқ танҳо бар мард фарз шудааст.

Ҷавонзан ҳарду каф бар даҳон гузошта, чунон нолае кашид, ки ингор тахтапушташ, аз фарти болову поин рафтан, аз бадан ҷудо мегардад. Ниёзбегим сарашро дар канор гирифту ашки чашмони ӯ низ шашқатор рехтан гирифт.

Ба мисли зани лоилоҷи Қубод, Муборак ҳам ба ҷуз таҳаммулу тоқат, дигар чӣ карда метавонад? Ҳама медонанд, ки мақсади Юсуфалихон аз қалъадор мондани Қубод он аст, ки шоҳзода дар дарбор масъулияте дошта бошаду ба айшу ишрат камтар вақт биёбад. Аммо чи хуш гуфтаанд: «Дасте, ки наметавон бурид, бояд бӯсид». Девонбегӣ ҳам танҳо як илоҷ дорад: сар паст кардану бар замми ҳазору як ташвиши девондорӣ вазифаи қалъадорро низ баҷо овардан.

Муборак бо қадамҳои реза ба тарафи ошхона равон шуд. Он аз се ҳуҷраи дарун ба дарун – якто барои пухтан ва дуто барои тановул, иборат буд. Коргарон субҳонаи барвақтиро кайҳо хӯрда, аз пайи кор рафта буданд. Дар ҳуҷраи тановул Малакбоз ва писару синҳораш аз болои мизҳои дарози паст дасторхон меғундоштанд.

– Салом, ишкамбаи Бахрпанҷа, – дасти дӯсти деринаи ошпазашро бо шӯхӣ фишурд Муборак, – имрӯз чӣ захру зуқуме тайёр кардаӣ?

– Гардсӯз, кочӣ, ҳалвои шир, бачаи хола, – ҷавоб дод сартаббохи дарбор, ки сарфи назар аз калонии ишкаму ғафсии бадан, шахси чобуку чаққоне буд.

– Мурассаъ наомад?

– Дар ҳуҷраи канорӣ бо Сурхалишоҳ қалам ба коғаз мезананд.

Муборак ба ҳамон сӯй ҳаракат кард.

– Чӣ биёрам, калон?

– Наҳорӣ, баъди гардиш, – кӯтоҳ посух дод Муборак ва ба ҳуҷраи танг, ки ҷойи истироҳати сарошпаз буд, қадам гузошт.

Дар болои суфаи назди оташдони на он қадар калон, болои чанд коғази зард сар хам карда, Мурассаъ ва Сурхалишоҳ нишаста буданд. Ба маҳзи даромадани девонбегӣ ҳарду нимхез шуда, саломашро посух гуфтанд.

– Маълум, ки бо расмҳои чигилмонандат каллаи Сурхалишоҳро субҳ надамида, гаранг кардаӣ, усто-ясавул, – барои хушии хотири дӯстонаш хушгапӣ кард Муборак.

– Баҳсамон сари таҳхонаи махфист, – арз кард Сурхалишоҳ. – Аз рӯи супориши шоҳ он бояд бист бар понздаҳ қулоч бошад. Аммо гап дар ин, ки панҷ қулочашро агар тарафи кӯча давом бидиҳем, аз ҳудуди қалъа мебарояд; агар сӯи дарун биканем, ба кунҷи ахтахона рост меояд. Худо накарда, дар он сӯрохе пайдо гардад, то мо хабар меёбем, хазинаро дузд бурдааст.

– Шоҳ дар пӯстамон коҳ меанборад, – гуфт Муборак, – Меъмори ҳандасӣ чӣ мегӯяд?

Мурассаъ қалам рӯи коғаз давонду гуфт:

– Ман мегӯям, ана ба ин тараф, сӯйи ахтахона биканем, ки дар ҳар сурат, назар ба монданаш дар кӯча, сад бор амнтар аст. Вале Сурхалишоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешавад.

– Тарафи кӯча беҳтар, чун сангфарш асту ба ҷуз одамони худӣ касе аз он намегузарад, далел овард Сурхалишоҳ.

Муборак чи андоза ҷиддӣ будани масъаларо дарк намуду чизе нафаҳмад ҳам, чашм ба коғазҳои рӯи суфа, ба андеша рафт. Дар ҳама кор ба иштибоҳе роҳ додан мумкин, аммо дар мавриде ки гап дар бораи дафинаи сиррии давлат меравад, ҳар иштибоҳ баробар аст ба паридани каллае аз рӯи китфон.

– Ду нафари дигар ҳам пайдо кардед? – пурсид Муборак.

– Дирӯз Сияҳсар ду авбош овард, – ҷавоб дод Мурассаъ.

– Чӣ гуноҳ кардаанд?

– Ду ғоронӣ вақти баровардани лаъл аз кон дастгир шудаанд.

– Хонасӯхта-е, – ба чи андешае норизоёна ғурунгид Муборак ва дарҳол оҳанги суханашро дигар карду буррову омирона афзуд: – чор кас шуда бошанд, кор тезтар пеш меравад. Дар ҳамон ҷо хӯрокашон бидиҳед, дар ҳамон ҷо хоб кунанд, чашмашон рӯи олами сафедро набинад.

– Ҳамин тавр карда истодаем, – гуфт Сурхалишоҳ, – хӯрокашонро худам мебарам, корашонро ҳар рӯз худам назорат мекунам.

– Аз ин сиёҳтолеон обу хӯрокатро дареғ надор, – дар гуфтори Муборак боз оҳанги яъс пайдо гашт, – чанд рӯзи боқимондаи умрашон лоақал сер бошанд.

– Бегуфтугӯ, – гуфт Сурхалишоҳ, – аммо ба кадом тараф нақб заданро бояд муайян кунем.

– Ба сӯи ахтахона! Ҷавобгариаш ба гардани ман.

Мурассаъу Сурхалишоҳ оҳи сабук кашида, аз сари коғазҳо бархостанд.

– Акнун бо дили пур сохтмонро давр зада метавонем, – хушнудона гуфт Мурассаъ ва ҳайкали қавиашро ба оҳистагӣ бардошту коғазҳоро лӯла карда, ба кисабағал андохт.

Раҳораҳ боз суоли чанд рӯз дар майнааш пайдошуда ба дили Муборак ҳуҷум овард: «Ин Мурассаъ кӣ бошад?»

Суоли девонбегӣ тасодуфӣ набуд. Муборак аъёну ашрофи Шуғнонро авлод ба авлод медонист ва на танҳо аъёну ашрофро. Набуд касе, ки ба дарбор роҳ биёбаду гузаштааш торик бимонад. Аммо Мурассаъ баъди як соли ба тахти салтанат нишастани Юсуфалихон бо камону камар ва аспи ҷигариранги хушзот, ба гуфти худаш, аз Файзобод омаду баъди як моҳ саркӯтвол ё ясавулбошии Шуғнон таъйин гардид. Аслу аҷдодашро аз Ғорон мегуфт. «Замоне ки коргарони Кӯҳи лаъл аз зулми қатаған ба дод омада, даст ба ҷанг мезананду мағлуб мегарданд, – қисса мекард Мурассаъ, – бобоямро низ ҳамроҳи садҳо буна хонахез ба Қундуз бурда, ғулом мекунанд. Аксари куллашон аз заҳмати миёншикани бардагӣ ва беморӣ ҳалок мегарданд, аммо бахти бобоям омад мекунад. Барои устои гулдаст буданаш хони Хонобод ӯро ба шаҳри худ мебараду ба сохтани қалъаву қасрҳо ҷалб менамояд. Падарам

ҳам устои беҳамто буд ва илмашро ба ман низ ёд дод. Аммо ман паҳлавониву майдондорӣ баргузидаму сипоҳӣ шудам». Хулласи калом, Мурассаъ дар Файзобод дар машқу қавоиди навкарон ба Юсуфалихон ёрӣ медиҳад ва ба шумори дӯстони шоҳи фирории Шуғнон дохил мешавад. Барои ҳамин, вақте бо хоҳиши худ ба хизмати Юсуфалихон омад, шоҳ вайро азиз дошту яке аз мансабҳои муҳимми давлатиро дар ихтиёраш гузошт ва ҳангоме ки бозсозии қалъа пеш омад, барои воқифи илми сохтмону ҳандаса будан ӯро ба кори таъмир баргумошт. Агарчи гузаштагонаш шуғнӣ буданд, Мурассаъ забони шуғнонӣ намедонист ва бо гузашти чанд сол ҳам ба ин забон гап заданро ёд нагирифт. Бо вуҷуди он ки шоҳ аз хизмати саркӯтволи худ қаноатманд буду Мурассаъ низ дар тамоми умур одоб нигоҳ медошт, дарбориёни шуғниасл ӯро одами бегона ҳисоб мекарданд. Сабаби асосиаш ҳам ба шуғнӣ гап назадани саркӯтвол буд, зеро одати шуғнониён ин аст, ки забонашонро сахт дӯст медоранд ва касе дар байнашон зиндагӣ кунаду ба забонашон гап назанад, одами тиллоӣ бошад ҳам, барояшон бегона мемонад.

Онҳо беш аз як соат рафти сохтусозро тамошо карда, ба саркорон дастурҳои нав доданду барои даромадан ба ҳузури шоҳ омода шуданд. Кор ба суръати том, ҳатто беҳтар аз он, ки чашмдор буданд, пеш мерафт. Мурассаъ барои сарфи наҳории мавъуд ба ҳуҷраи Малакбоз даромад. Дасторхондори дарбор ширҳалвои гарму килехсаки[1] тоза аз танӯр кандаро дар лаълии нафиси дарозрӯяи гулдор наздаш гузошту таъзим кард:

– Бовар кун, калон, чунин хӯроки балаззатро дар умрам напухтаам.

– Лекин ҳилаи дунёро ёфтаӣ, андувол, – аз лутфи Малакбоз табъи девонбегӣ чоқ гашт, – ҳар рӯз ҳамин гапро мегӯиву мо, гӯё бори аввал мешунида бошем, бовар мекунему хурсанд мешавем.

– Аз табъи хуш хӯрок ба тани одам ош мегардад, калон. Имрӯз бароят, махсус барои худат, моҳишӯрбое фикр кардаам, ки биошомиву сер нашавӣ.

– Сер нашавам, чӣ даркор будааст он? – хандид Муборак, – барои шоҳи Бадахшон ҳам моҳишӯрбо мепазӣ?

[1] Килехсак (шуғнонӣ: килеҳцак) – кулчаи арзанӣ.

– Дах намуд сӯзонӣ аз қоқу орди ҳархела, дах намуд чаманӣ аз мурғу моҳиву гӯшт. Дар тобистон чӣ бисёр? Гулу гиёҳ. Чандин мухаллафот аз кибунду торону анзуру ревочу баргу сабза. Нӯшиданиҳое аз ширу мосту чаккаву дӯғу хомпай, кабобҳо зирбондаву бирёндаву дамдодаву дудзадаву навкуштаву қадит…

– Уҳӯ-ӯ! – Муборак даст бардошту гапи сарошпазро бурид. – Бас! Бас, ки ҳалвоятро нахӯрда, шикамамро сер мекунӣ. Лекин офарин! Агар дарборамон туро намедошт, намедонам, меҳмонро чӣ тавр қабул мекардем?

– Бихӯр, ошат шавад, калон! Мебахшӣ, яке даҳонам тафсид.

Муборак чиб дар табақ андохту ширҳалворо омехт ва килехсакаро пора кард.

– Аз рӯи ҳисоби ман мири Бадахшон ду рӯз пас мерасад. Чун қалъа тармим дорад, шоҳ ӯро бор медиҳаду пас аз зиёфати калон ба бӯстонсаройи лаби дарё мебарад. Хобухуфт ва хӯрду хӯрокаш ҳамон ҷо мешавад. Чизе лозим дорӣ, ҳоло мӯ ба мӯ бигӯ, ки фармоиш диҳам. Пагоҳ бо аҳли косаву табақат бӯстонсарой бираву камбуди он ҷоро дуруст бикун.

Малакбоз ду даст ба ишками калон гузошта, расми таъзим баҷо оварду бо садои нармаш наҷво дод:

– Ба ҷону дил, калон, аммо аввал ҳалвоятро бихӯр, ки мазааш наравад.

Малакбоз чиб пур карда, ба даҳон бурд, ки банохост дар башаст боз шуду Сияҳсар саросемавор ба ҳуҷра даромад. Чиби бардоштаи Муборак муаллақ монд. Сияҳсар бидуни салому такрим бо садои дупӯстаи дилхарошаш ин шумхабарро ба забон овард:

– Бадахшиҳо ҳуҷум карданд!

Муборак чибро баргашта бар табақ ниҳод:

– Кадом бадахшиҳо?

– Лашкари Бадахшон ба Демурғон даромада, хонаҳоро оташ зад!

– Чанд нафар?

– Бисёр-бисёр, малах барин зер кард.

Муборак аз саросемагӣ кафшҳояшро ҳам напӯшида, таҳи пех берун давид:

– Сипаҳсолору кӯтволро бигиру зуд ба назди шоҳ!

Ва ҷониби боргоҳ давид.

Дар ин соати замон Юсуфалихон бо занаш Ниёзбегим ва писаронаш Қубодхону Асламхон дар хона ба машварати оилавӣ нишаста буданд. Моҳе пеш шоҳи Чатрор Амонмалик аз шумори хешон ва муқаррабони худ панҷ нафар фиристода, духтари Юсуфалихонро ба писараш хостгорӣ кард. Шоҳ онҳоро бо эъзозу икроми зиёд пешвоз гирифт, хоҳиши фармонравои Чатрорро ба ҷон пазируфт ва хостгоронро бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба ватанашон гуселонд. Қарор бар ин шуд, ки як моҳ пас аз хостгорӣ намояндагони Амонмалик кушму ҷиҳози духтари шоҳро ба Баҳрпанҷа мерасонанд ва рӯзи никоҳу сурро муайян намуда, бо падарвакилони арӯс ба Чатрор баргашта, пайи тадоруки базму тамошо мешаванд. Ба хотири иштирок дар маъракаи кушмсупории хоҳари ҳамтанаш, Асламхон ҳам аз Шохдара ба Баҳрпанҷа расид ва дар интизори меҳмонон меҳмони хонаи падар гашт. Ду рӯз пас холи[1] домодшаванда ва занаш дар мушоияти даҳ навкар кушму ҷиҳозро оварда, ба Ниёзбегим таслим карданд. Шоҳбону ҳамроҳи чанд зани наздикаш сандуқ-сандуқ колаву либос, асосу палос, зару зевар, муҳраву гавҳар, атру упо, шаробу гулоб, чарчину қолин, бистару болин ва зарқу барқи дигари бисёрро як-як кушодаву дида, хурсанду қаноатманд барои меҳмонон зиёфати шоҳона орост. Дар зиёфат занхоли домод арз кард, ки дар роҳи дур арӯсро бояд даҳ-бист канизак ҳамроҳӣ кунанд ва хизматашро дар Чатрор низ ҳамонҳо баҷо оваранд. «Даҳ-бист чӣ, ман ба духтарам чил канизак медиҳам, – даҳонкалонӣ кард Ниёзбегим. – Ҳар канизе, ки кӯр бинад, бино гардад». Юсуфалихон, албатта, ба ин шарт мухолифате надошт, вале аз шунидани рақами «чил» дилаш ғализ гашту эътироз овардан хост, аммо дар назди меҳмонон мулзам кардани занашро аз рӯи одоб надонист. Ба ҳамин мақсад субҳи имрӯз бачаҳояшро ба наҳорӣ даъват карду масъалаи гусели меҳмонон ва ҷузъиёти дигари суру тамошоро ба миён гузошт. Маслиҳат шуд, ки чатрориён бо ҳузурашон зиёфати ба муносибати ташрифи мири Бадахшонро бошукӯҳтар созанду рӯзи дигар ба роҳ бароянд.

– Бону, аммо ин ки мехоҳӣ духтарамон чил канизак дошта бошад, магар муҳобот намешавад? – ниҳоят шубҳаашро ба забон овард Юсуфалихон.

---

[1] Хол – холак, тағо, бародари модар

– Ман ҳам фикр кардам, ки муҳобот аст, – дарзамон ба падараш ҳамовоз шуд Асламхон.

– Духтархонаи шоҳи як мамлакати калон соҳиби чил канизак набошад, дар назди шавҳар чӣ обрӯе касб карда метавонад? – мисли гӯгирдчӯб даргирифт Ниёзбегим, – Ман духтарамро бо даҳу понздаҳ каниз аз хона намебарорам, вассалом!

Эътирози қотеонаи шоҳбону оромии маҷлисро халалдор кард. Дар дили ҳозирон изтироб афтод, чашмҳо ҳамагӣ ба рӯи падар дӯхта шуданд. Юсуфалихон аз занаш чунин тундиро чашмдор набуд. Ниёзбегим дар ҳама ҳолат тамкинро аз даст намедод, вале имрӯз ба худаш монанд набуд. «Чӣ дарде дорад ин занак?» – андешид Юсуфалихон ва барои нарм кардани вазъият ба Қубодхон рӯ овард. Медонист, ки вай ҳатман ягон гапи лоқайдона гуфта, сардии дар миён афтодаро аз байн мебарад.

– Қубод, ту чӣ мегӯӣ?

Қубодхон, ки бо оринҷ ба болишт такя зада, ними сарашро рӯи каф гузошта, бо чашмони нимпӯш суҳбатро гӯш мекард, барои эҳтироми падар даст аз болишт бардошта, нимрост шуд ва гуфт:

– Канизак парии кӯҳи Қоф набошад, ки наёбӣ. Ҳамин Бахшорро як давр бигардӣ, сад духтари як рӯяш офтобу як рӯяш моҳтоб пайдо мекунӣ. Ҳамин ҳам гап шуд магар?

Ба ҷойи хурсанд шудан аз тарафгирии писархонд, Ниёзбегим теғ кашида, сӯи вай назаре андохту пичинг зад:

– Ҳама медонанд, ки барои ту аз ин қисм корҳо душворие надорад, аммо ман аз шоҳ хоҳиш мекунам, ки ин вазифаро ба каси дигар биспорад.

Шоҳ акнун сабаби безобитагии занашро пай бурд: аз зани худро озор додани Қубод ба ҷон омадааст!

– Бону, ман барои машғул шудан ба ин кор одамони боваринок дорам. Ҳоло парсими ризоияти хотири қудоҳо ва пазироии дурусти мири Бадахшону аҳли рикобаш шавед. Агар ҳамроҳи мир занон бошанд, беҳтараш аз ҳозир дар бораи ҷойи хобу обу хӯрокашон фикр кунед. Мо бояд бартарии худро бар Маҳмудшоҳи бетармолӣ дар ҳама ҷиҳат нишон бидиҳем. Ин ғосиби тасодуфғолиб бояд бо чашми худ бубинад, ки Юсуфалихон кисту …

Башиддат кӯфта шудани дар ва мунтазири иҷоза нашуда, ба хона даромадани Муборак риштаи сухани шоҳро бурид. Шоҳи аз густохии девонбегӣ бағазабомада бонг зад:

– Туро «девонбегигӣ кун» гуфтем, на девонагӣ! Дунё сӯхт, ки қариб дарро бишканӣ?

– Сӯхт, шоҳам, сӯхт, Демурғонро оташ заданд!!

Шоҳ барқосо бархост:

– Чӣ гап шуд?

– Бадахшиҳо ба мо ҳамла карданд. Демурғонро гирифтанд.

– Кадом бадахшиҳо?

– Бадахшиҳои Файзобод, шоҳам, лашкари Маҳмудшоҳ.

– Ҳо рӯбоҳе, лаънатӣ моро фиреб дод. Зуд лашкарро ба по хезон! Гулпочо, Мурассаъ, Сияҳсарро ҷеғ зан.

Ин асно дар кӯфта шуду Муборак онро ба рӯи Мурассаъ ва Сияҳсар кушод:

– Ин ду ҳозиранд, Гулпочоро даъват мекунем.

Сияҳсару Мурассаъ даромада, ба нимтаъзим салом доданд. Аҳли хона баташвиш ҳама бапо хостанд.

– Гулпочо дар Демурғон дар муқобили душман истодааст, – арз кард Сияҳсар.

– Вай хабар дошт? – ба ҳайрат афтод шоҳ.

– Ду рӯз пеш хабар оварданд, ки Маҳмудшоҳ бо сад савор ба саломи шоҳи Шуғнон омада истодааст. Ману Гулпочо аз мабодо сад ҷангиро ба дашти Демурғон бурдем. Ҳоло роҳи Маҳмудшоҳро ҳамонҳо гирифтаанд.

Юсуфалихон нафаси жарфе кашида, оҳиставу нарм сар доду ҷилави ихтиёрашро пурра ба даст гирифт ва гуфт:

– Офарин, сипоҳигариро аз даст надода бошед, илоҷи корро меёбем. Дар лаҳзаи аввали рӯбарӯӣ бо Бомаконии бетармолӣ дилам дур рафта буд. «Саломи оташин» гуфтанаш эълони ҷанг будаасту ман сарфаҳм нарафтам.

Юсуфалихон пешонӣ молида, дақиқае ба андеша рафт. Мазмун, вазъро ба таҳлил гирифта, чораи кор меандешид.

– Хонасӯхта ҳақиқатан ҳам саломи оташин додааст, – дандон совид Мурассаъ, – худашро сӯзондан даркор, лаънатиро!

– Шоҳам, амр фармо, – бетоқатона овоз баровард Сияҳсар.

– Аз қафояш ҳам навкар омадагист, – мулоҳизакунон, ба оҳанги на суолу на тасдиқ, гуфт шоҳ.

– Думаш дар хӯрҷин, – посух дод Сияҳсар, – аммо мо аз парини Дармарахт сар карда, то девлохбешаи Виёд чорсад ҷанговари омода дорем. Баробари дидани дуди қалотҳо[1] роҳро бар душман мебанданд.

– Бандед! – амр дод шоҳ. – Ва намонед, ки душман аз Демурғон ин сӯ гузарад. Сияҳсар, ту бо худ як нафари ҳушёр бигиру ба қароргоҳи бадахшиҳо қосид бирав. Муайян соз, ки худи Маҳмудшоҳ байнашон ҳаст ё на. Агар бошад, бигӯяш, ки ба зудии зуд даст аз куштану сӯхтан нигоҳ дорад ва вақт бигузорад, ки рӯ ба рӯ гуфтугӯ бикунем. Агар худи Маҳмудшоҳ набошад, ба сипаҳдор ин пайғомро бирасон. Зуд!!

Сияҳсар шамол барин баромада рафт. Ниёзбегим бемадорона ба ҷояш нишасту гуфт:

– Худоё, чӣ рӯзи баде! Сур хостем, ғам пеш омад.

– Сурро қафо мепартоем, бону! – амромез ба занаш рӯ овард шоҳ. – Меҳмононатро тарзе нигоҳубин кун, ки гӯё ҳодисае рӯй надодааст. Мунoқиша, ки бартараф шуд, баъд рухсаташон мекунем.

– Аз ин хусус дилат пур бошад, шоҳам, – гуфт Муборак ва пурсид: – Устоҳоро ҷавоб бидиҳем?

Юсуфалихон заҳрханде заду ҷавоб дод:

– Не! Ба корашон давом бидиҳанд. Ҷанг ба онҳо дахле надорад. Муборак, ба корашон назорат мекунӣ. Мурассаъ, ту ҳам ин корро мекунӣ, ҳам кӯтволҳоятро омода соз, ки дар вақти зарурат ба ҷанг ҳозир бошанд.

– Падар, ба ман иҷозат фармо, ба ҷанг биравам, – хоҳиш кард Асламхон.

– Зарур шавад, туву Қубод ҳам шамшер мегиред, ман ҳам. Аммо ҳоло ту ба Шохдара биштоб, ки душман забташ накунад.

– Аввалан, дар Шохдара дусад сипоҳии диловар дорам, ки гузаргоҳҳои асосиро шабу рӯз назорат мекунанд. Як Сарғалта посухи сад душманро медиҳад. Ду дигар, агар ҳамла сурат бигирад, соате пас хабарашро ба ман мерасонанд. Билохира, Худованд худ

[1] Қалот – дидбонгоҳҳои сари кӯҳҳо, ки ҳангоми хатар дар онҳо оташ афрӯхта, мардумро аз ҳуҷуми душман огоҳ мекарданд.

раво дидааст, ки дар ин рӯзи сахт дар паҳлуи аҳли хонаводаам бошам, лиҳозо, агар бе сабаби саъб таркатон бикунам, ба буздиливу беномусӣ ангуштнамои халқ мегардам. Қубод ҳамроҳи ту бошад, ба ман иҷоза бидеҳ, ки Демурғон раваму бо чашми худ бубинам, ки чӣ мегузарад.

Юсуфалихон пас аз сукути кӯтоҳе ба чунин қарор омад:

– Бирав, аммо ба ҷанг надаро. Бо ту ҳодисае шавад, душман далеру лашкар дилшикаста мегардад. Инро ба ёдат бигир!

Шоҳ баробари талаффузи калимаи охир рӯ ба дар оварду тунд берун шуд. Ба ҷуз Ниёзбегим, дигарон аз пасаш сӯйи боргоҳ шитофтанд.

## МУҚОБИЛАТ БО БАДАХШИЁН

Асламхон ҳамроҳи панҷ нафар ҷондори худ вақте ба Демурғон расид, ки лашкари Шуғнон ҳамлаи бадахшиёнро гардонда, дар даромадгоҳи деҳ ба мудофиа истода буд. Дуди чанд хонаи сӯзондаи сари роҳ ҳанӯз хира-хира ба ҳаво бармехост. Мардум хонаҳояшонро партофта, қисме дар паси хатти мудофиа ба сипоҳи худ паноҳ бурда, иддае пову сарбараҳна бо кӯдаку ҷӯдакашон ҷониби деҳаҳои ҳамсоя башитоб мерафтанд. Дар киштзорони пур аз ғаллаву боғҳои пур аз меававу алаф уштуру асп ва хару хингилаи душман баҳузур чарида, ризқу рӯзии ба садҳо машаққат рӯёндаи деҳқононро талаву поймол менамуданд.

Баробари истодани аспи Асламхон якбора ду афсар ба сӯяш давида омаданд. Асламхон Хуршедшоҳи пидрӯдиро, ки дар муҳорибаҳо бар зидди Муҳаббатхон машҳур гашта, ҳоло сипаҳдори лашкар буд, шинохту пиёда гашт ва пояш ба замин нарасида, пурсид:

– Гулпочо дар куҷост?

– Ҳамроҳи Сияҳсар ба гуфтушунид рафт.

– Боз кӣ рафт ҳамроҳашон?

– Дигар ҳеҷ кас.

– Мирзоазиз чӣ?

– Паҳлавон бо амри шоҳ Қошғар рафт.

– Дар Қошғар чӣ муҳимме афтодааст? – садои шоҳзода хашмолуд баромад.

– Бунаҳои аворшударо бурд.

– Мурдара монда, тутхӯрӣ... – ғурунгос зад Асламхон ва афзуд, – Таъйин кардед, ки Маҳмудшоҳ худ омада бошад ё хайр?

– Мегӯянд, ки худаш омадааст, шоҳзода.

– Дар куҷо қӯш партофтааст?

– Дар хонаи оқсақол Ширинбек.

– Ҳалокшудагон ҳастанд?

– Шаш шаҳид додем, шоҳзода, – мулзамона посух дод Хуршедшоҳ, – ҷанги сахте шуд, вале истода тавонистем.

– Мирванҷ! – ба яке аз ҳамроҳонаш, марди баландқади сурхинарӯи тануманд, рӯ овард Асламхон, – Гулҳасану Шоҳикаттаро бигиру мурдаҳову захмиҳоро ба Баҳшор бирасон. Баъд вазъиятро ба шоҳ хабар деҳу ба ҳамон сумби гарм гашта биё.

Мирванҷу навкарони номбаршуда парсими иҷрои фармон шуданд. Асламхон ба дидани мавқеи ҷангии лашкар пардохт. Гулпочову ҳамроҳонаш дунболи ӯро гирифтанд.

– То расидан ба Демурғон бадахшиҳо ҳаракати тунде нишон надоданд, – ба шоҳзода гузориш медод Гулпочо. – Гуфта буданд, мири Бадахшон меояду роҳҳоро холӣ нигаҳ доред. Аммо дирӯз ҷосусамон хабар овард, ки Маҳмудшоҳро на дастаи муҳофиз, балки лашкари калон ҳамроҳӣ дорад ва ин шубҳанок ба назар мерасад. Мо омода шудем. Ҳамин ҳозирбошӣ буд, ки ҳамлаи ногаҳониашонро зада гардондем, набошад, ҳоло дар Баҳрпанҷа мешуданд.

Асламхонро дида, мардуми аз Демурғон гурехта ба гирдаш ҷамъ омаданд. Ғавғои маҳшар барпо гардид. Ҳар кас мехост ба назди шоҳзода расаду дилашро холӣ кунад. Асламхон болои тахтасанге баромаду фарёд кашид:

– Эй халқи Худо, ором шаву гӯш кун! Медонам, ба саратон бадбахтии калон омад. Аҳди мо бо Маҳмудшоҳ оромишу дӯстӣ буд, на ҷангу хунрезӣ. Мо ба ӯ бовар кардем. Аммо он шайтонсират нийяти ҷанг доштааст. Бигузор чунин кунад. Чунон ҷанге ба ин хабис нишон бидиҳем, ки хонааш бисӯзад. Ҳоло Шумо бо ғавғову давуғеҷатон дар ин дашт ба ҳаракати сипоҳ халал мерасонед. Хоҳиш мекунам, ба деҳоти ҳамсоя ба хонаҳои хешу таборатон биравед. Қавл медиҳам, ки душманро аз Демурғон даpунтар намемонем. Касе аз ин амр сар печад, навкарон зӯран ӯро аз лашкаргоҳ берун мекунанд.

Сухани буррову равшани шоҳзода дарзамон мардумро ором сохт. Шабаҳи номуайяниву навмедӣ нопадид гашт. Халқ чи кор карданашро донист ва пароканда шудан гирифт. Асламхон каф ба пешонӣ лапар карду мавқеи душманро аз назар гузаронд. Бадахшиҳо рост дар мобайни деҳ, аз пуштакӯҳ то лаби дарё киштзору боғу роғро яксон зери по намуда, мавзеъ гирифта буданд. Савораву пиёда чанд саф сипоҳ бо найзаву шамшеру туфангу сипар рӯ ҷониби сипоҳи Шуғнон меистод. Чизе, ки бо як дидан бармало ба назар мерасид, он буд, ки сипоҳи душман либоси ягона надошт. «Лашкари Маҳмуд якҷинса набудааст, – хулоса баровард шоҳзодаи закӣ, ки аз илми низомӣ баҳра дошт, – маълум, ки сипоҳии тасодуфӣ бисёр дорад».

– Аҷиб, бадахшиҳо ҳам талаф шуда бошанд? – чашм аз наззора наканда суол дод ӯ.

– Хеле афтиданд, аммо чида бурдандашон, – ҷавоб дод Хуршедшоҳ.

– Ҳӯ, омада истодаанд! – хитоб кард Асламхон.

Чашми садҳо нафар ба ду савор дӯхта шуд, ки аз лашкари душман ҷудо шуда, сӯи сипоҳи Шуғнон асп медавонданд. Пас аз фурсате Сияҳсару Гулпочо дар назди Асламхон пиёда гаштанд.

– Салом, – дасти дарозкардаи шоҳзодаро ба пешонӣ гузошта бӯсид Гулпочо, – аз омаданат диламон неру гирифт.

– Барои дафъи ҳуҷум сипоси беқиёс, – миннатдорӣ кард Асламхон. – Ба ҷанг намедаромадӣ, ҳоламон табоҳ мегашт.

– Миннатдорам, – гуфт сипаҳсолор.

– Чӣ хабар овардед? – ба Сияҳсар рӯ овард шоҳзода.

Сияҳсар араҷи сару гарданашро ба дастор поккунон посух дод:

– Моро рост ба назди Маҳмудшоҳ бурданд. Дар баҳорхоби боғи Ширинбек чаҳгардӣ зада, ба кайфу сафо нишастааст. Пайғоми шоҳро нуқта ба нуқта барояш расондам. Бадиққат шуниду гуфт: «Ба шоҳакатон бигӯед, Маҳмудшоҳ касест, ки Ҷаҳондоршоҳ барин гарданкаш дар наздаш ҳафтае напоисту чунон чорхезе зад, ки ҳоло ҳам на аз зиндааш даракеву на аз мурдааш сараке. Маҳмудшоҳро Маҳмуди Ғазнавии ҷаҳоншумул бидонед, ки аз ҳайбаташ фағфур дар Чин ба худ меларзаду хоқон дар Туркистон. Ба Юсуфи номуродатон бигӯед, агар ба саломи ман мерасид, ин ҳама бало ба мулкаш намерасид. Аммо ҳоло ҳам агар гарданаш ёрӣ надиҳад, он гардан зеби шикастан аст, вассалом!»

Асламхон бо кароҳат рӯй туруш кард:

– Ҳо, худхоҳи бадбахт-е! Ширинбекро надидед?

– Дидем. Сахт парешону ошуфта аст. Дар хонаи худаш назарбандаш кардаанд, – посух дод Сияҳсар.

Асламхон бо ғазаб туфе ба замин андохту амр дод:

– Шумо бидавед Баҳрпанҷа! Ҷабҳаро ман назорат мекунам. Агар ҳуҷум оварданд, то мағзи Маҳмудашонро ба санг накӯбаму гард-гард накунам, ором нагирам.

## НА ҶАНГ, НА МАДОРО

Дар боргоҳи васеу муҳташам дили Юсуфалихон тангӣ кард. Қариб як соат пасу пеш қадам зада, хост вазъиятро таҳлил намуда, тасмими дуруст бигирад, аммо комёб нашуд. Андешаҳо ба каллааш на як-яку батартиб, балки якбораву бенизом аз шаш ҷиҳат ҳуҷум оварда, ҳангоми даромадан ба даричаи хаёл, ба ҳам бархӯрда, меомехтанд ва мегусехтанду ба ҳар тараф мегурехтанд. Ҳарчанд кӯшид, дунболи ҳеҷ кадомашонро гирифта натавонист. Дилаш буғз кард, ҳатто лаҳзае камдиливу нобоварӣ ба вуҷудаш роҳ ёфт, ки қаблан ҳеҷ гоҳ таҷриба накарда буд. «Падарсӯхта, маро кӯдак барин фирефт. Ба душманонам Худо дод – «гуфтем ба саломаш бирав, нарафтӣ. Акнун мард бошу ҷанг кун». Боргоҳ дар назараш ба андозаи катаки мурғ танг тофт. Дарро кушода, ба Сурхалишоҳу ду посбони мусаллаҳи даромадгоҳ эътиное накарда, ба сӯйи майдони асптоз роҳ гирифт. Сурхалишоҳ пеш давид, ки то расидани шоҳ майдонро аз одам холӣ созад. Ҳангоми тамрин буду ҷанговарон, бархе савору иддае пиёда, аспони худро хунук медоданд.

– Нарас! – шасти ёварашро гардонд шоҳ, – бигзор, бошанд. Муборак, Мурассаъ, Мулло Хишолро фарёд кун!

Сурхалишоҳ пас гашта, Мурассаъу Мубораკро дид, ки, мазмун, аз ҳаракати шоҳ огоҳ шуда, шитобон меомаданд.

– Шуморо мепурсад, – гуфт ӯ ва худ ба сари Мулло Хишол рафт.

Шоҳ ба гӯшаи шимолии майдон расиду дар назди охури ба андозаи ними аспто з дароз, ки зимистонҳо барои сутур дар он коҳу беда меандохтанд, истод. Ҳавои тоза таъсирашро кард: ҳушаш рав-

шан гашт, ҳатто гӯшҳояш, мисле ки қуфл зада буданд, кушода шуданд. Дастор аз сар гирифта, сари китф партофт, мӯйи мошубиринҷиашро панҷае зад ва гуфт:

– Пайғоми Маҳмуди бетармолиро шунидед. Чӣ кунем – ҷанг ё мадоро?

– Ҷанг! – бидуни андешае ҷавоб дод Мурассаъ.

– Мадоро! – хитоб кард Муборак.

– Яктоашро бигӯед, – абрӯ дарҳам кашид шоҳ.

– Сарбоз дорем, силоҳ дорем, имкони ғалаба дорем, душман ватанамонро зер кардааст, ҷойи ҷанг аст, на мадоро, – Мурассаъ далелҳои худро  пеш овард.

– «Сарбоз?»,  – калимаи ношиносро суоломез зери лаб такрор кард шоҳ, – яъне лашкар?

– Навкар, шоҳам, – тавзеҳ дод Мурассаъ.

Шоҳ сар ҷунбонду ба Муборак нигарист. Девонбегӣ гуфт:

– Агар шоҳ ба ҷанг амр бидиҳад, ман ҳамон соат дар сафи пеши лашкар хоҳам буд, аммо ҳоло ки имкони хун нарехтан ҳанӯз вуҷуд дорад ва Маҳмудшоҳ низ ба ин ишора кардааст, муросои бад беҳ аз ҷанги хуб.

– Муборак, ту ба гапаш ҳоло ҳам эътимод дорӣ? Ё … – шоҳ гапи сар кардаашро ба охир нарасонду ба Мулло Хишол, ки пешпеши Сурхалишоҳ тез-тез қадам зада меомад, мутаваҷҷеҳ шуд. Қомати суфтаи зебо, ҷомаи тунуки сафед, пехҳои кӯтоҳи сурх, саллаи шалғамии сабуки осмониранг ва риши кӯтоҳи перостаи шоир ҳар касеро ҳам маҷбур менамуд, ки дақиқае кори оламро ба фаромӯшӣ биспораду ин тимсоли адабу отифатро тамошо кунад. Мулло Хишол ба нимтаъзим салом дод:

– Ассалому алайкум, адолатпаноҳ! Сипос барои ёд кардан аз банда.

Шоҳ дасти ӯро ба меҳрубонӣ фишурду ҳол пурсид:

– Худат соз, хонаводаат тинҷ аст?

– Шукр, алҳамдуллилоҳ, шоҳам.

– Аз Мирзоазиз чӣ хабаре?

– Ҳеҷ. Рӯзи дувоздаҳуми сафараш аст имрӯз.

– Камаш ҳамин қадар лозим, ки баргардад.

– Бале, шоҳам.

– Агар… – Юсуфалихон дар бораи Мирзоазиз боз чизе гуфтан хост, аммо ба кадом мулоҳизае раво надонисту мавзӯъро дигар кард: – Ту дар нуҷум чизе медонӣ?

– Андаке медонам, – ҳайратомез посух дод Мулло Хишол.

– Дар ин илм кӣ аз ҳама пешқадам аст?

– Дар ин гирду атроф – Сайид Ҷаъфар, Сайид Фаррухшоҳ, Мирҷамол.

– Мушкил чунин аст: ҷанг кунем ё муросо? Шояд мунаҷҷимон роҳи дуруст нишон бидиҳанд. Худи ҳозир асп бигиру бирав ба назди Сайид Ҷаъфару Мирҷамол. Китоб бубинанду хулосаашонро ба ту бигӯянд.

– Иҷоза фармо, биравам.

– Бирав, аммо пеш аз рафтан аҳли хонаводаатро ба қалъа биёр, ки дилам пур бошад.

– Ба чашм, – гуфт Мулло Хишол ва таъзим карду бо қадамҳои тез аз наздашон дур шуд.

– Мурассаъ, ту ба сари Сайид Фаррухшоҳ бирав. Хоҳиши маро ба вай бирасону ҳамроҳи худат биёр. То зар-зарӣ[1] ҳамин ҷо бошед.

Мурассаъ «ба чашм» гӯён таъзиме карду ҳайкали қавиаш ҷониби ахтахона роҳ гирифт.

– Кандани таҳзаминӣ кай тайёр мешавад? – ба Сурхалишоҳ рӯ овард шоҳ.

– Ду рӯзи дигар, шоҳам.

– Чанд нафар кор мекунанд?

– Чор нафар.

– Корро тезон. Худи ҳамин рӯз амр деҳ санглеҷ[2] биёранд. Андовааш бо санглеҷ шавад. Дарвозаро фармудӣ?

– Дирӯз чанд дегзи тахтабобро расонданд. Ба устоҳо додем, ки чортарош кунанд.

– Хомӯш кардани устоҳои таҳзаминӣ аз ёдат на-ба-ро-яд!! – калимаи охирро бо сароҳат ҳиҷо ба ҳиҷо талаффуз намуд шоҳ, – ва пас аз сукуте афзуд: – Ба дасти худашон дар як кунҷаш чоҳе биканону вақте корро анҷом доданд, дар ҳамон ҷо ба хокашон биспор.

---

[1] Зар-зарӣ – шафақ

[2] Санглеҷ – як навъ хок, ки ҳангоми ба об омехтан мисли филиз сахт шавад.

– Ҳамин тавр мекунам, – аз чи бошад, ба мисли гунаҳкорон сар пеш афканд Сурхалишоҳ.

– Сияҳсар куҷост?

Шоҳ чанд дақиқаи дигар хаёлолуд хунукзании аспони ҷангиро тамошо карду ба сӯи боргоҳ равон шуд. Сурхалишоҳ аз пасаш қадам ниҳод.

## РАЪЙИ САЙИД ФАРРУХШОҲ

То расидани Сайид Фаррухшоҳ Юсуфалихон бо Сияҳсар суҳбати якбаяк барпо кард. Шоҳ сари ҷосусонро болои суфаи меҳмоннишин шинонду худ дар пойгаҳ ин сӯ-он сӯ қадам задан гирифт: изтироби дарунӣ имкон намедод, ки дар ҷое қарор бигирад. Сияҳсар аз нороҳатӣ ҳар бори ба сараш наздик расидани шоҳ ду даст тиргак менамуд, ки бархезад, аммо Юсуфалихон ишора мекард, ки наҷунбад.

– Ту Сияҳсар бисёр давутоз мекунӣ. Ман мебинам ва мешунавам, – шоҳ дар болои сараш тавре истод, ки як қабза риши ӯ бехи гӯши ҳамсуҳбаташро лесида, ба болои китфаш фуромад. – Барои садоқатат ҳазорон раҳмат. Ба туфайли зиракии ту душманони бетармолиам хеле кам гаштанд. Барои ин ҳам тасанно! Дар дили халқ ваҳми ҳукуматамро ҳам шинонда тавонистӣ. Салламно! Аммо…

Шоҳ рӯгардон шуда, ба тарафи тахт рафт, дар наздаш дақиқае истод, сипас чархида, ақиб гашту суханашро давом дод.

– Аммо чаро ман аз вазъи Бухоро воқиф нестам? Дар Кобул чӣ мегузарад? Намедонам. Дар Кӯлоб чӣ мегузарад? Огоҳ нестам. Агар дар Файзобод рӯбоҳе ё ақаллан муше медоштӣ, имрӯз дар чунин ҳоли ногувор намеафтидем. Мегӯянд ангрезиҳо Қошғарро гирифтаанд, вале ман ахбори дақиқ надорам. Русҳо то куҷоҳо расидаанд ва чӣ нийятҳое доранд? Ҷаҳондоршоҳ куҷо шуд? Ба Бухоро расид ё на? Зинда аст ё мурда? Ба сари ин зобитони бетармолӣ лашкар мебиёрад ё аз баҳри тахту тоҷ гузашт? Оё бо ҷосусон кор кардан вазифаи ту нест? Оё хабарчинонат аз хазинаи ман пул намегиранд? Оё ту нагуфтӣ, ки фалониро ба Бухоро фиристодам, беҳмадониро ба Кобул, висториро ба Қошғар?! Ҷавоб деҳ, Сияҳсари номурод!

Сияҳсар ин бор пурра қомат рост кард, вале шоҳ китфашро зер намуду дар ҷояш шинонд.

– Сарзанишат қабул, шоҳам, – овози дупӯстаашро ҳарчи нармтар сохта, орому батамкин посух дод Сияҳсар. – Ба тамоми ин самтҳо пайи ҳам дунафарӣ фиристодаам. Лекин, ба ғайр аз Қуқанд, аз дигар ҷоҳо ҳанӯз барнагаштаанд.

– Қуқанд?! Хеле хуб, – хурсанд натҷво дод шоҳ, – чӣ мегӯяд?

– Мегӯяд Қуқанд дар дасти русҳост. Лашкаргоҳи аз ҳама калонашон дар Андиҷон аст. Магар шаҳри Қуқанд ба лашкари русҳо тангӣ кардааст, ки дуртар аз он ба сохтани шаҳри наве бо номи Марғелон даст задаанд. Аммо барои забти Шуғнон фармон надоранд.

– Аз шоҳаншоҳ хабаре шунидааст?

– Ҷаҳондоршоҳ дар Қуқанду атрофи он нест. Пас дар Бухорост, шоҳам.

– Дар бораи Қошғар чӣ мегӯяд?

– Дақиқан намедонад дар он ҷо чӣ мегузарад, вале мегӯяд Қошғар русҳоро сахт ба ташвиш афкандааст.

Шоҳ сар ба ҷайби тафаккур фурӯ бурд. Сияҳсар кӯшиши бархостан кард, шоҳ ангушт такон дод, ки «бишин!» Ноилоҷ каф ба ҳам совиду гардан каҷ кард.

– Вақте ту дар баробарам рост меистӣ, олам дар назарам сиёҳ метобад, – рафторашро тавзеҳ дод Юсуфалихон. Сияҳсар ба ин гап танҳо лаб инҷ кард: шӯхӣ ё ҷиддӣ будани онро надонист. – Ман Ғазанфарро ба Қошғар фиристодам, гум шуда рафт. Ягон бало ба сараш омад, набошад, кайҳо меомад. Агар намеомад ҳам, хабаре мерасонд. Агар Қошғарро ингрезиҳо гирифта бошанд, пас ҳарчи зудтар мо бояд ба Бухоро муроҷиат намоем. Дигар ба умеди Ҷаҳондоршоҳ шудан худфиребист. Ту ягон нафари боваринок дорӣ, ки ба назди амири Бухоро бифиристему ӯ амирро ба мо мутамоил карда тавонад?

Сияҳсар дақиқае фикр карду гуфт:

– Арз кунам, ки чунин шахс дорем.

– Кист? – дар суоли шоҳ оҳанги шодиомез ба гӯш расид.

– Парвонахон. Марди баҳшорӣ. Барои таҳсил ба Бухоро рафта буд. Чанд сол бедарак шуд, моҳе пеш баргашт.

– Авлодаш чист? Аз куҷо гирифтӣ, ки боэътимод аст?

– Аз шаҳнаҳои таҳҷоист, шоҳам. Падарбабобо кӯтволӣ карда омадаанд. Парвонахон марди забонвар, баҳодур, ниҳоят зирак,

муҳиммаш – бисёр дилёб аст. Ба қавле, рӯзи равшан ситораро дар чархи барин мебинаду шаби торик риштаи сиёҳро дар замин.

– Кай даъват мекунӣ?

– Кай ки лозим дорӣ.

– Фардо пешин.

– Бошад.

– Дар бораи Сайид Фаррухшоҳ чӣ гапи тоза дорӣ?

– Бо муридонаш анадармон. Ҳар рӯз ба хонааш панҷ-шаш нафар барои маслиҳат гирифтан дар ҳар кор меоянду мераванд. Хоҳаратон дар бори шарраҳ афтодааст[1].

Чеҳраи шоҳ якбора кушода шуд:

– Аз даҳони ту ҳам хабари хуш мебаромадааст!

– Ҳазор раҳмат, муборак шавад!

Сияҳсар ба ин баҳона ҷунбид, ки бархезад, аммо шоҳ китфашро зер кард.

– Таъзимат даркор нест. Аммо муждагонӣ мегирӣ.

Шоҳ панҷа бикшод, ангуштарини тиллоии ёқутнигинашро баровард ва ба ӯ дароз кард. Сияҳсар барои эҳтиром хестанӣ шуд, аммо Юсуфалихон ин бор ҳам монеъ гардид:

– Ҳисоб. Ин хабарро сахт интизор будам. Ту гуфтӣ, ҳалолат бод!

Сияҳсар дар умраш бори аввал аз назди шоҳ бо табъи хуш баромад.

Соате пас дар сари дасторхони пурнеъмат суҳбати хосаи шоҳ бо Сайид Фаррухшоҳ сурат гирифт.

– Ройи ту ба ман ниҳоят муҳим аст, Сайид, – баъд аз гузориши мухтасар дар бораи фиреб хӯрдан аз мири Бадахшон сари мақсад омад шоҳ – Соате расидааст, ки тақдири тамоми Шуғнон ҳал мегардад.

– Ман фикрамро ду моҳ пеш гуфта будам, қабул накардӣ. На фақат ман, тамоми пирон роҳи осони корро пеш ниҳоданд, даст бар Муҳаммад надодӣ[2]. Акнун ки хонаи халқро сӯзонданду хуни фақиронро резонданд, донистӣ, ки ройи мо дуруст будааст.

Юсуфалихон тамоми банду риштаҳои иззати нафсашро дар кунҷи сина кӯргиреҳ баст ва сарзаниши таънаомези пирро таҳаммул намуду орому солор ҷавоб дод:

[1] Дар бори шарраҳ афтодан – обистан шудан

[2] Даст бар Муҳаммад надодан – кибри зиёд доштан

– Инсон ҷоиз-ул-хатост, Сайид! Аммо истисно ҳам нест, ки агар ба Файзобод ҳуҷум мекардем, шояд ҷангро мебурдему ба ин ҳол намеафтодем.

Сайид Фаррухшоҳ ришханди сабуке заду гуфт:

– Аспи ғурур туро аз замин кандааст, Юсуф! Метарсам, ки ҳоло ҳам аз раъят нагаштаӣ.

– Барои ҳамин даъватат кардам. Ҷанг кунам ё оштӣ? Ман ба ҳар ду омодаам.

– Албатта, оштӣ ва сулҳу салоҳ.

– Чаро оштӣ? Далел биёр, ки дар дурустии он заррае шубҳа карда натавонам.

– Танҳо ба ин хотир, ки оштӣ сабабгори сулҳу ободист:

***Бубояд оқибатандеш будан,***
***Бурун аз хешу ҳам бо хеш будан.***
***Агар бадкор беҳ будаст, бигзор,***
***Ки охир ҳам ба бад гардад гирифтор[1].***

Аммо далели мушаххас он аст, ки инглисҳо аз Хуросон то Помирро ҳудуди Афғонистон эълон кардаанд. Дар чунин шароит бояд оштӣ кард, муттаҳид шуд ва мухторияти худро нигоҳ дошт!

Юсуфалихон аз зери пешонӣ ба ҳамсуҳбаташ як навъ нобоварона назар афканд:

– Ту ба ин хабар бовар дорӣ?

– Бешакку шубҳа. Ду муридам аз Кобул, яке аз Қошғар пайиҳам ин хабарро расонданд. Сарҳад, ҳамчунон ки гуфтам, муайян ва тасдиқ шудааст. Дери дер, соле пас лашкари афғон дар Бадахшону Шуғнон пайдо мешавад. Акнун худат фикр кун, ки аз ҷанги байни Бадахшону Шуғнон кӣ суд мебинаду кӣ зиён?

***Обрӯ меравад, эй абри хатопӯш, бибор,***
***Ки ба девони амал номасиёҳ омадаем.***
***Ҳофиз, ин хирқаи пашмина биандоз, ки мо***
***Аз пайи қофила бо оташи оҳ омадаем.***

Юсуфалихон ин бор дар чанги яъс афтод. Аз шиддати андешаи ҳузнангез чеҳрааш пурчин гашт. Дақиқае сояи пирӣ ба рӯяш давид.

---

[1] Аз Носири Хусрав

Сипас гӯё ниқоби ғусса аз рӯ мекашида бошад, аз манаҳ то ними биниашро кафмоле заду гуфт:

– Далел аз ин қотеътар буда наметавонад. Ин бор аз роят кор мегирам, Сайид. Агар дар маслиҳати баҳорӣ ҳамин далелро пеш меовардӣ, ман роҳи оштиро пеш мегирифтам.

– Он вақт Кобул сару сомон надошт. Ҳоло афғонҳо муттаҳид шуда, ба сари тоҷикон теғ мекашанд. Агар Маҳмудшоҳ ҳамин ҳолро дарк накарда бошад, бифаҳмонаш. Афғон на ба Бадахшон раҳм меоварад, на ба Шуғнону Вахон. – Сайид Фаррухшоҳ арзанатолаи хушбӯйиро бо чиби дасташ ба ҳам омехту давом дод. – Ва ин гаперо ҳам, ки ҳоло бароят афё мекунам, ба гӯшат бигир: ба зердастонат амр бидеҳ, ки кӯчбанду бадарғаи мардумро бас кунанд. Мо ин қадар аҳолии бисёр надорем, ки ба ғуломӣ диҳему авор кунем. Пагоҳ ҷанги сахт дар миён афтад, раият ба тарафи душман мегузарад.

Оташи ғазаб дар вуҷуди Юсуфалихон аланга кашид. Рӯяш супсурх шуд, лунҷҳояш сабук ларзиданд. Вале худро ба даст гирифту сели хашмашро дар ду ҷумла базӯр ғунҷонд:

– Ин … сиёсати ман. Бароям чӣ фарқ дорад, душманам афғон аст ё табааи худам.

– Боз хато мекунӣ, Юсуф, хато! Афғон дар Шуғнон тарафдор надорад, аммо табааи Шуғнон хешу табор, авлоду аҷдод, фарзанду набера, боғу замин, гову мол, хонаву ҳавлӣ, ёру ошно дорад. Имрӯз аз рӯи тарс сар ба гиребон нуҳуфтаанд, вале дар рӯзи ноомадат бармехезанд ва ришатро қоқ метарошанд. Ин корро бас кун, бас кун, бас кун!!

– Ман туро ба кори дигар даъват карда будам, Сайид! – шоҳ эътирози ғунгаштаашро дигар нигоҳ дошта натавонист. – Ту чиҳо мегӯӣ? Оё ба муридонат коре гирифтаам, ки ин қадар месӯзӣ?

– Оё дар миёни мардуме, ки дар Файзобод аз дасти Исҳоқ зада гирифтиву фурӯхтӣ, муридони ман набуданд?! Аз муридиву пирӣ бигзарем, оё халқи Шуғнон қавми ман нест? Оё Шуғнон ватани ман нест?! Оё оби ин сарзамину нони ин мардумро хӯрда, калон нашудаам?! Магар ҳамин диёр ба ман ҷисму ҷон, ақлу заковат, донишу фаросат, мартабаву обрӯй ато накардааст?! Оё ман шуғнонӣ нестам?! – Сайид Фаррухшоҳ саллааашро гирифта, даст бар сар гузошту онро ба тарафи шоҳ хам зад. – Агар халқам набошад, ин сари қоқ ба ман чӣ лозим?

Суханони шуълабори пир синаи шоҳро як-як шикофтаву захме гузошта ба мисли пайкон гузашта рафтанд. Асабҳояш ба тори то гусастан тарангшуда монанд шуданд, вале боз ҳам ихтиёр аз даст надод:

– Сайид, давлатдорӣ бе тарсондани чашми мардум намешавад. Агар Зулфиқори Алӣ намебуд, ҷоҳилони бетармолӣ ба мавъизаи паямбар мусулмон намешуданд. Биё, дар ҳамин рӯзи сахт чанг ба риши ҳам назанему илоҷи корро бубинем.

– Илоҷаш он аст, ки гуфтам. Маҳмудшоҳ ҳам аз сангу оҳан нест, муносибати дуруст кунӣ, муносибати дуруст мекунад.

– Қабул, – даст ба сина ниҳод шоҳ, – оқилонатарин маслиҳатро ҳам боз ту додӣ. Аллоҳи таоло туро ҳамеша дар паноҳаш нигоҳ бидорад. Ба ҳамшираам саломи маро бирасон. Ман барояш ҳадяворӣ омода кардаам, Сурхалишоҳ медиҳад.

Сайид Фаррухшоҳ вақте роҳи Поршиневро пеш гирифт, ки моҳи нимапур аз сари қуллаҳо зиёи зарандуди хешро ба торикистони ду соҳили Панҷ нисор менамуд.

Баъд аз гусели Сайид Фаррухшоҳ изтироби ниҳонии шоҳ на кам, балки аз буда бештар гашт. Кунҷ ба кунҷи боргоҳ қадам зада, суханҳои хоҳаршӯяшро чену бар кард, дар дурустиашон шакку тардиде наёфт, аммо дилаш эҳсоси қаноатмандӣ надошт. «Бояд ба ин худписанди сарбаҳаво чи будани ҷангро нишон медодам, – синасӯз меандешид ӯ. – Афсӯс, имкони тасарруфи Бадахшон аз даст меравад». Вақте ки сояи захими шаб гармои ҳавои тобистонро фурӯ шинонду партави моҳ рост ба пойи тахт афтод, Юсуфалихон аз боргоҳ ба роҳрав баромад. Садои дарро шунида, аз посбонхона Сурхалишоҳ давида, даст пеши бар гирифт.

– Мулло Хишол омад?

– Ним соат пеш расид.

– Хона рафт?

– Не, завҷаву синҳорашро ҳам ба қалъа овард.

– Дав, бигӯ, ба майдон бароянд.

Сурхалишоҳ давон рафт. Шоҳ бо қадамҳои сусти сабук ҷониби асптоз роҳ кашид. Ҳавои форам дар они воҳид ба рагу пайаш рахна заду дудаи андешаҳои ногуворро аз хотираш зудуд. Ба ин сабаб, ҳангоме ки қомати Мулло Хишоли сафедпӯш дар равшании маҳтоб ба мисли шабаҳ пайдо гашт, лаб ба шухӣ кушод:

– Агар намедонистам туӣ, метарсидам, ки кадом арвоҳи саргашта ба суроғам меояд.

– Рост мегӯӣ, оличаноб, аз китобхонии зиёд ба арвоҳ табдил ёфтаам, – шакаррезӣ кард шоир ва ба нимтаъзим шоҳро салом дод.

Шоҳ меҳрубонона аз бозуи Мулло Хишол гирифта, ба гардиш даъват намуд:

– Биё, қадам занему гапҳои овардаатро бишнавем.

– Қуллуғи бисёр, – миннатдорӣ арз кард шоир ва чун мутмаин гашт, ки шоҳ дигар гап заданӣ несту даҳони ӯро мепояд, ба баёни матлаб гузашт. – Сайидҷаъфар аз амри шоҳ ниҳоят хурсанд шуд ва қариб як соат тасбеҳ гардонду ситора дид. Баъд хоҳиш кард бирасонам, ки гардиши ахтарони фалакиёт ба суди шоҳи мамлакат нест. Ва ин руқъаро навишт, ки ба дастат бидиҳам.

Мулло Хишол варақеро ба шоҳ дароз кард. Юсуфалихон онро ба рӯшноии моҳ дошту шакарханд зад:

– Магарам дуое куниву маҳтобро офтоб гардонӣ.

Мулло Хишол каф бар даҳон гузошта, хандае заду гуфт:

– Ман онро раҳбараҳ ба ёд супурдам.

– Бихон.

– Чаҳор байт дорад, ки чунинанд:

***Лекин эрониён ба зӯру ба шарм***
***Нарм кардандам аз навозиши гарм.***
***Доштандам бар он, ки шоҳ шавам,***
***Гарданафрози тоҷу гоҳ шавам.***
***Мулкро пос дорам аз табаҳӣ,***
***Посбонист ин, на подшаҳӣ.***
***Ин масал дар фаҳона сахт накуст,***
***К-«орзу душман аст, олам дӯст».***

Юсуфалихон пой аз гардиш нигаҳ дошта, дақиқае тааммул варзиду наҷво зад:

– Шеър аз худаш бошад?

– Таъйин намедонам, аммо парчае аз кадом маснавист.

– Фаҳмо. Мирҷамол чӣ мегӯяд?

Шоҳ қадам заданро аз сар гирифт.

Мулло Хишол бечуръатона гулӯ афшонд:

– Дағалтар аст, аммо маҷбурам бигӯям.

– Бигӯ, бигӯ, – гапи шоир рағбати шоҳро бештар намуд.

– Вале Мирҷамол чунин гуфт: «На пирӯзӣ, на шикаст давлати шоҳро аз завол нигоҳ дошта наметавонад». – Овози Мулло Хишол ларзид.

– Уҳӯӯ! – Юсуфалихон баробари нидои аз гулӯ бархостааш таққӣ бозистод. – Бетарамолӣ китоб дид ё бадеҳа зад?

– Шонаи говро бар сарам гардонда, баъд ба офтоб нигоҳ дошту ҳамин ҷумларо ба забон овард.

– Дар даҳонаш хокистар! – ҳақорат кард шоҳ, ки димоғаш батамом сӯхта буд.

– Бар ман бубахш, – гунаҳкорона наҷво баровард Мулло Хишол.

– Ҷои узру маъзарат нест, – садои шоҳ шикаста баромад, – ту ҳаққи гапро ба ман расондӣ, боракаллоҳ!

Ва башаст ақиб гашту ба Сурхалишоҳ, ки понздаҳ-бист қадам аз онҳо фосила гирифта буд, амр дод:

– Ситораҳо напарида, аспамро зин бизананд, талоядорон ҳозир бошанд. – Ва ҳарчи нармтар ба Мулло Хишол рӯ овард, – ба дилат таҳлука наафтад, шоир! Акнун бираву ором бихоб. Мабодо Мирзоазиз бирасад, куҷое ки бошам, рост ба наздам биёяд.

Шоҳ дасти Мулло Хишолро фишурда, то расидан ба назди Сурхалишоҳ ӯро гусел намуд.

## ДАР САРГАҲИ ТАНИМАС

Сури арӯсии Беҷодамоҳ ба иди рӯшониён табдил ёфт. Падархонди домод будани Манзаршоҳ – як тараф, худи он ки Шоҳдаврони овозадор духтархонди худро ба шавҳар медод, бас буд, ки ба Вомар сурхабару доирахабари бисёр бирезанду созандаи дӯстдошта ва ҳокими соҳибиззати худро муборакбод бигӯянд. Аслан, Манзаршоҳ мехост ин сурро дар айёми Наврӯз барпо созад, аммо қазияи хуфиён бо Юсуфалихон пеш омаду маъракаро қафо партофт. Вобаста ба ин орзуи дигар ҳам мепарварид: ниййят дошт, ки ҳокими асосии Рӯшон – Қубодхонро ба сури худ даъват намояду охируламр, ба ҳамин баҳона, қаламрави ӯро барояш нишон бидиҳад. Лекин вақте пеш аз тарки Баҳрпанҷа барои салом ва иҷозаи сафар назди шоҳзода даромад, тарбузи умед аз бағалаш афтод. Қубодхон хилъати сурх бар тан, кулоҳи намадии ҳиндии дупӯпака, он ҳам сурх, ба сар, Манзаршоҳро дар даҳлези хона бо оғӯши кушод пешвоз гирифт:

– Биё, паҳлавон-е! – чашмонаш чаланг буданд, даҳонаш бӯйи шароб мекард, – ба Худо, даҳани хама канд. Хуфиҳоят коре карданд, ки номашон дар таърих монд. Ман пешакӣ гуфта будам, ки ту … метавонӣ… Тавонистӣ! Ба Худо Рӯшон зӯр аст-е, зӯр!

Манзаршоҳ дасти шоҳзодаро бӯсиду ширингуфторӣ кард:

– Шоҳзода Қубодхон ҳокимаш аст, ки Рӯшон зӯр аст. Набошад…

Қоҳ-қоҳ хандидани шоҳзода сухани Манзаршоҳро бурид:

– Ба чашмам хок назан, мир, зӯр ту ҳастӣ, ту! Дар Файзобод ҳам зӯр будӣ, ҳоло дар Вомар ҳам… – Ва гапашро охир наоварду рухсораи Манзаршоҳро бӯсид ва аз дасташ гирифта, ба суфаи хоси худ, ки чор тарафаш кӯрпачаҳои ғафси рангоранг андохта буданд, кашола кард. – Бишин, дар паҳлуям бишин.

Манзаршоҳ орият нишаст:

– Ҳазор қуллуғ барои муроот, давлатат зиёд бод!

– Давлати ман ту ҳастӣ, ба Худо, ту ҳастӣ. Ҳар моҳ бароям ҳадя мефиристӣ, раҳмат. Зиндагиам ана ҳамин хел, – Қубод панҷа бар гулӯ ниҳод. – Лекин, ростии Худо, Рӯшонро ёд кардам, чунон пазмон шудаам, ки … ҳеч мапурс. Мапурс, – шоҳзода мастона чанд бор сар такон доду риши базеби хизобкардаи хурмоирангашро пармосидаву сила карда, афзуд, – Охир, ман дар Вомар таваллуд шудам, мегӯм биравам, ошноят попархам намемонад. На-ме-мо-над-д!

– Ман боргоҳатро орову торо дода, тайёр карда мондаам. Ба Худо савганд, боре ба он по нагузоштаам.

– Медонам, ҷавонмардии туро кӣ намедонад? Ман аз падар дида, аз ту сад бор розитарам, мир! Имрӯз меҳмони ман шав, як бор туро зиёфат дода, диламро тар кунам. Бо Мурассаъ мирмуғза[1] хӯрда

[1] Мирмуғза (шуғнонӣ: мӣрмуғʒā) – донаки думағзаи зардолу. Як навъ бозӣ-саргармӣ, ки чунин сурат мегирад: Ду донаи мағзи зардолуро ду кас шарт баста, мехӯранд. Шарт чунин аст, вақте ки ин ду нафар ба ҳам вомехӯранд, касе аввал «саломолек» (кӯҳтошудаи «ассалому алайкум») гӯяд, шахси дувум ба ҷои «ваалек» бояд «му байоб» («ба ёдам ҳаст») гуфта, ҷавоб диҳад. Агар фаромӯш карда, «ваалек» бигӯяд, бозиро бой дода, шарти ба миён гузоштаро, ки маъмулан зиёфат мебошад, иҷро менамояд. Ба чуз ин ду кас, дар бозӣ шахси сеюм низ иштирок мекунад, ки «қозӣ» ном дорад. Қозӣ ҳангоми даст дода, ба ҳам шарт бастан, дастони шартбастагонро «мебурад» ва бо ҳамин доварии бозӣ ба гардани вай меафтад. Ҳангоми аз иҷрои шарт сар печидани шахси бойдода, шахси баранда барои барқарор намудани адолат ба қозӣ муроҷиат менамояд.

будам, ин саҳар бозиро бурдам. Зиёфати калон медиҳад. Биист, мир, бимон. Бо додарат як шаб рӯз бикун.

– Истода наметавонам, бахшиш. Кор бисёр, шоҳзода.

Шоҳзода қириққосе заду сар поин андохт ва пушташро ларзондаву дамонда, хандиду хандид. «Банг кашидаст, ин ҳарзадаро», – бо таассуф аз дил гузаронд Манзаршоҳ. Пас аз серӣ хандидан, сар бардошту бо пешбари хилъат чашм пок кард ва ангушти ишораташро ин сӯ-он сӯ ҷунбонда, гуфт:

– Туву падарам ба ғайр аз кор дигар кор надоред… Охир, зиндагӣ ҳам даркор. Худро куштаву маиб карда, давлатро гирифтед, акнун хӯред … ин давлатро… барои чӣ гирифтед?

Манзаршоҳро дил ғаш кард. Хост гапи тунде бизанад, аммо лаб хоиду гапҳои ба нӯги забон омадаро зери дандон реза намуд ва истеҳзоомез наҷво кашид:

– Барои ту гирифтем, Кайқубод, барои ту, ки неъматат равону ҷомат гардон бошад.

– Гапи диламро гуфтӣ, мир! – шоҳзода аз хурсандӣ дасти Манзаршоҳро ба кафаш гирифту фишурд. – Чӣ андоза дӯстат медорам, паҳлавон!! Биё, бо ту ҳам мирмуғза хӯрам.

Қубод болишти паҳлуяшро бардошта, як сӯ гузошт. Чормангӯшу[1] килӯлбурҷ[2] ва як рикебии пур аз донаки зардолу намудор шуданд. Вай чанд донакро рӯи чормангӯш гузошту бо килӯлбурҷ онро шикаст. Донак якмағза баромад.

– Худатро ташвиш надеҳ, шоҳбача, – Манзаршоҳ аз «аблаҳ» гуфтан худро базӯр нигоҳ дошт. – Ба ин хел бозӣ ҳавас надорам.

– Ин қимор нест, ки Юсуфалихон ҷангам кунад, мир, – донаки дувумро рӯи санг гузошт Қубод, – як бозисту халос. Ин ғуломи ноомурзида худро донакшинос гуфт, аммо даъвояш хом баромад. Оҳ, Манзаршоҳ, чӣ қадар даъвоҳои хоме дорем мо, но… инсонҳо!

Ин бор, баробари шикастани донак, ду мағзи он ба ду паҳлу афтоду нидои шодиомези шоҳзода баланд гашт:

– Боракаллоҳ, таҳсин!! Миро, акнун ҷои гурез надорӣ. Лекин барои мо шоҳиду қозӣ даркор. – Ва ду каф ба даҳон карнай карду дод зад: – Қайсар, ҳо Қайсари пакар!

---

[1] Чормангӯш (шуғнонӣ: чормангӯχ) – тахтасанги суфта, ки барои тез кардани тешаву табар ба кор бурда мешуд.

[2] Килӯлбурҷ (шуғнонӣ: килу̊лбӯрҷ) – санги кулӯла.

Дарҳол ҷавони тахтариши қадпасти шонапаҳне дар остона пайдо шуду ними танашро ба холигоҳи дар халонда, таъзимкунон ҷавоб дод:

– Бифармо, соҳиб!

– Ду ҳамҷинсатро низ ҳозир кун!

Қайсар пас гашту ишорае кард ва худ ба даҳлез даромад. Аз паси ӯ ду нафар ҷавонмардони қаддарози ба ҳам монанд ворид шуда, бечуръатона салом дода, даст пеши бар истоданд.

Қубод як мағзро ба кафи Манзаршоҳ ниҳоду мағзи дигарро байни ду ангушташ бозӣ доронда, абрувони маҳинашро боло бурду нигоҳи хуморолудашро ба рӯи ҷонишинаш дӯхт:

– Шарт ҳамин: ман агар бурам, Рӯшон ки омадам, барои майхорагӣ ҷангам намекунӣ. Акнун ту шартатро бигӯ.

Агар хизматгорон намебуданд, шояд Манзаршоҳ аз гапи сахт гуфтан дигар худро нигоҳ дошта наметавонист, аммо барои риояи мартабаи шоҳзода дар назди зердастонаш ғалаёни эҳсосашро боз ҳам фурӯ бурд.

– Агар май хӯрда бошӣ, ба наздат намедароям, – андешаи аввали ба сараш омадаро ба забон овард Манзаршоҳ.

– Қабул!! – кӯдакვор хурсанд шуд Қубод ва донакро ба даҳон партофт.

Манзаршоҳ низ чунин кард. Шоҳзода даст дароз намуд. Манзаршоҳ дасти арақолуд ва ба мисли дасти духтарон нарми ӯро дар панҷаи шахшӯли калонаш фишурд. Қубод ба Қайсар рӯ овард:

– Шартро фаҳмидӣ?

– Албатта, соҳиб.

– Такрор кун.

Қайсар такрор кард.

– Чахчаку Мунак, шумо шунидед?

Чахчаку Мунак, ки борҳо дар ҷараёни шартбандии ховандашон иштирок карда, омӯхта шуда буданд, ба як овоз нидо дардоданд:

– Шунидем, гувоҳем ва гувоҳӣ медиҳем.

– Қайс, акнун бибур! – номи кӯтоҳкардаи Қайсарро ба забон овард шоҳзода.

Қайсар кафи росташро теғвор ба миёни дастони ба ҳам пайванди Қубодхону Манзаршоҳ расонда, онҳоро «бурида», аз ҳам ҷудо карду дарҳол ҳамроҳи Чахчаку Мунак даҳлезро холӣ намуданд.

Қубодхон панҷаҳояшро шоха-шоха карда, боло бардошту қаноатманд гуфт:

– Чи кори аҷибе кардем, паҳлавон!! Сарам ба осмон расид.

Манзаршоҳ хост мақсади асосӣ – ба сур ҷаҳт кардани шоҳзодаро ба забон орад, вале ба ҷойи он иҷозаи рафтан пурсид:

– Акнун маро рухсат бидеҳ, ки раҳам бисёр дур аст.

Мазмун, ба саргармии кӯдакона машғул гардидани ҳокими як сарзамин дили Манзаршоҳро аз шоҳзода тамоман сард карда буд.

Шоҳзода аз бозуи ҷонишинаш гирифта, бо қадамҳои ноҳамвор ӯро то дами дарвоза гусел намуду гуфт:

– Паҳлавон, бошу бошу бош! Ту набошӣ, ба Худо, ман… тамом...

Беҷодамоҳро бо куртаву рӯймолҳои рангобаранги пурқимати атрзада таҳти созу навои дилошӯб ба аспи хурмоиранги зину абзораш зарҳаливу нукракӯб шинонда, лаб-лаби дарёи Панҷ ба қалъаи Вомар раҳсипор намуданд. Дар паҳлуяш савори аспи мушкин шавҳари ӯ – Сипинёри баҳодур мерафт. Пеш-пеши шоҳу арӯс, гоҳе рақсидаву гоҳе ба созандагон ҳамовоз гашта, Манзаршоҳу Шоҳдаврон асп меронданд. Дар лаби дарё дарёи дигаре аз одам ба вуҷуд омада буд. Тамоми Вомар дилхушӣ дошт. Вақте шоҳу арӯс ва меҳмонони хос ба қалъа даромаданд, гирду атрофи он низ аз тамошобин пур гашт. Манзаршоҳ амр дода буд, ки барои фақирон дар сад дег ҳалимову шӯрбо бипазанд, то касе бенаво намонад.

Ҳангоме ки Беҷодамоҳро ба ҳуҷраи фароху зиннатдодаи Сипинёр дароварда, дар паҳлуяш шинонданд, банохост дар торикии зери рӯмолҳо чеҳраи Доробшоҳ – ҳайрону арақшор! – пеши чашмонаш барқе зада, ҳалқаи оташине боқӣ гузошту нопадид шуд. Дилаш аранге сих зад. Чандин моҳ Беҷодамоҳ ҷавони дӯстдоштаашро ба олами фаромӯшиҳо супурда, фикр мекард, ки охирин нақши ӯ низ аз лавҳи хотираш сутурда шуда бошад. Аммо… Духтар эҳсоси шарм кард, ду рухсорашро забонаи оташи ниҳон лесиду гузашт. «Наход як умр азобам диҳӣ, Доробшоҳ? Илтимос, маро ба ҳолам бигузор. Ту наёмадӣ. Ман шавҳар накунам, дар балои мардум мемонам. Ҳар ҷое бошӣ, илоҳӣ, саломат бошиву бо ҷони зинда ба диёрат баргардӣ». Нафас дар гулӯяш танг омад. Ин асно садои Манзаршоҳ ба гӯш расиду дилаш қувват гирифт:

– Камону тиратонро биёред! Лахман, рӯйи арӯсро ту мекушоӣ!

– Мир, падару модари ин ҷавон зиндаанд? – ташвишомез пурсид пасниванч[1] – хеши модарии арӯс.

Манзаршоҳ дар гармогарми маърака ҳатто фикр ҳам накарда буд, ки ба кушодани рӯйи арӯс танҳо ҷавоне ҳақ дорад, ки волидонаш ҳарду барҳаёт бошанд. Акнун ба ёдаш зад, ки Лахман ятими дусӯя асту расму одати рӯшониёнро намедонад.

– Дорад, – бидуни диранге посух ёфт ӯ, – Ману Бибианор.

Ба чеҳраи пасниванч аввал сояи ҳайрат афтод, сипас ҷойи онро эҳсоси хушнудиву қаноатмандӣ гирифт.

– Шукри Худованд, беҳтар аз шумо кӣ падару кӣ модар буда метавонад! – хитоб кард пасниванч ва аз шарм суп-сурх рӯймол ба ораз кашид.

Баъди панҷ дақиқа Лахман бо нидои «се падар, се модар» бо камону тир саворчодар ва ҳафт рӯмоли арӯсро бардошта, рӯяшро кушоду таҳти таҳсину муборакбодгӯиҳои ҳозирон унвони падарии ӯро соҳиб гардид. Духтар нафаси жарф кашида, бо баровардани он бори хотираи мағшушро аз сар дур андохт ва ҷониби шавҳараш нигарист. Қади боло, чеҳраи шукуфта, дасту бозуи пурқувват, хусусан, чашмони сиёҳи зебо ва табассуми чун моҳи навдамида фароху масарратбахши ӯ дар дилаш шуълаи муҳаббати тозаро барангехт. «Худоро ҳазорон шукр!» – Беҷодамоҳ ба розигӣ аз қисматаш охирин нуқта гузошт ва бо чеҳраи кушоду дили хушнуд ба тамошои рақсу суруди осмонкаф андармон гашт.

Ду рӯз баъди ба тахти бахт барнишондани писарандараш, Манзаршоҳу Лахман бо ду навкари роҳбалад роҳи Бартангро пеш гирифтанд. Сабаб он буд, ки Зарену Шоҳниёз аз Бартанг бо дасти холӣ баргаштанд. Онҳо то Сарез рафта, Дарвеши Заршӯйро наёфтаанд. Аз одамон суроғашро гирифта, бо мушкили зиёд аз кӯҳу пуштаҳои хатарнок гузашта, ба дараи Танимас рафтаанд. Дар он ҷо Дарвешро ёфта, мақсади худро барояш гуфтаанд. Аммо вақте вай номаи қозӣ Раҳмихудоро аз онҳо талаб мекунад, онҳо ноилоҷ мемонанд. Зеро номаро Зарен дар хами саллаи худ ниҳон карда, дигар будану набуданашро боре ҳам тафтиш накардааст. Дар тӯли роҳи дуру дароз дастори сарашро чанд маротиба кушодаву аз нав печонда будааст ва ба коғаз

[1] Пасниванч (рӯшонӣ) – зане, ки арӯсро ҳамроҳӣ мекунад; ғолибан холаи ӯ.

диққат надодааст. Дарвеш иззату икроми меҳмононро баҷо оварда, як шабонарӯз дар хонааш зиёфат орост, вале муродашонро ҳосил нагардонд.

– Маро бубахшед, ки ин некиро бароятон карда наметавонам. Гап дар бораи як-ду сутур мерафт, пойтахсӣ ҳам медодам. Лекин бист аспро бе хати қозӣ ба пешатон андохта наметавонам. Кӣ медонад, шумо кистеду чӣ мақсаде доред? Худатон ба ҷойи ман мебудед, оё чунин таваккали аз ақл дурро ба гардан мегирифтед?

Зарену Шоҳниёз дар чунин мавзеи аз чор сӯи олам канда ба ҷуз аз баргаштан ба Вомар дигар чорае надоштанд. Ягона илоҷ зӯрӣ буд, ки онро ҳам ба кор бурда наметавонистанд. Дарвеш марди танварзидае буд, ки санги ҳамвазни булбулокро[1] сабук бардошта, чунон ба сарашон мезад, ки устухонҳояшон орд мегаштанд. Ба ҷуз ин, даҳ нафар мардикор дошт, ки аз фарти варзидагӣ дар заҳмати сангини заршӯӣ, ҳар яке миёни барзаговро мешикаст, чи расад ба ду одами хастаи раҳкӯфта.

Манзаршоҳ саргузашти ёронашро бо димоғи сӯхта гӯш карду Заренро хеле коҳиш намуд. Зарен хиҷолатзадаву ноҳинҷор сарзанишҳои ӯро хомӯш фурӯ бурду пас аз холӣ гаштани дилаш гуфт:

– Мир, омодаам, ки ба дорам бикашӣ ё тирам бизанӣ. Абалаҳие, ки ман кардам, аз Одам то ба хотам дар Рӯшон касе накардааст. Иҷоза деҳ, аз қозӣ нома бигираму худи ҳозир боз ба роҳ бароям.

Манзаршоҳ даме андешиду пешниҳодашро рад кард:

– Не, ин бор ман худам меравам! Моҳи черизен ба охир мерасаду мо товони шоҳро пурра накардаем. Агар талаб кунад, чӣ гӯям? Гӯям, бубахш, ки девонбегии бекаллаву оқсақоли парешонхотир дорам? Баъди сур ба роҳ мебароям. Ту ба ҷойи ман халқро сарпарастӣ кун, ман Лахману ду бартангиро барои роҳнамоиву улавкашӣ бо худ мегирам.

Мир аз ин сафар ҳадафи дигар ҳам дошт: шиносоӣ бо аҳолии ин дараи пурасрор. Манзаршоҳ аз он хурсанд буд, ки аҳли дарбораш ваъдаҳои додаи худро иҷро карданд. Акнун барои пурра баргардондани товон танҳо бист сар аспи ваъдакардаи Раҳмихудо на-

[1] Булбулок – санги калони кӯлӯла барои нарм кардани ғаллаҷот.

мерасиду халос. Боқимонда ҷамъ шуда буд ва Манзаршоҳ барои чарондану нигоҳубини аспу молу бошаҳо чанд касро махсус истихдом кард, ки фақат ба ҳамин кор машғул шаванд.

Дар Рӯшон баҳори гулафшон тобистони муфарраҳ оварда буд, аммо табиати Бартанг ҳанӯз таровати навбаҳорро нигоҳ медошт. Тармаҳои обнашудаи сар-сари ҷода аждарҳои хобрафтаро ба ёд меоварданд, ки ингор, баробари расидани пойи одам ба танашон, бо ҳамҳама бармехезанду ӯро ба коми худ фурӯ мебаранд. Аз кӯҳу камарҳо, селканду обдоғҳо, пуштаву ҷариҳо ба буни дарасор рутубат мерехт, гӯё дар қадами дилбари таннози баҳор ҷони табиат мегудохту об мешуд ва ба рӯдбори бузурге табдил мееўфт. Рӯдбор дар жарфнои дараи танг риштаи сафедеро мемонд, ки каловакаши ноаёне миёни сангзорон афтонда бошаду ҳарчанд мекашад, он ба ҷойи кӯтоҳу ҷамъ гаштан, дарозтару парешонтар мешавад. Агар об шабеҳи риштаи сафед бошад, роҳ ресмони рангаш гуногунро ба хотир меорад: ҷое хокистарӣ, ҷое алобуло, ҷое сурх, ҷое сиёҳ… Ва он қадар борик аст, ки гоҳе канда мегардад ва раванда барои ёфтани он муддате дар бероҳаи соҳили рӯд сарсон мемонад. Гоҳе ба ду, ҳатто се қисм ҷудо мегардад: асабат муҳкам бошад, яккаизи байни ҷарии лаби обу шахи чун оина ҳамворро интихоб кун; сарат чарху чашмат сиёҳӣ назанад, пули ҳавоии дар камари парин овезонро омоҷ гир; нафаси фароху пойи бақувват дошта бошӣ, ҷонатро дар хатар нагузору пайроҳаи гарданаи оврингро баргузин. Кӯҳҳои ҳар ду тарафи оби Бартанг аз фаровонии камолу ров, чукриву торон, курушу ширғорҷ, лосаку морҷ, зарбеду ван, дегзу рими сафед ва анвоъ-анвоъ гулу гиёҳи дигар ингор манзилгаҳи Ҳотами Тай буданд: биёву бихӯр, бигиру бирав!

Аммо, пас аз гузаштан аз деҳаи Равмед, мавзуниву тартиби табиат аз байн рафт. Роҳ гоҳе ба сари шаххҳои оҳугузар мебаромаду гоҳе банохост ба буни дараи жарф сарозер меуфтод ва кас маҷбур мешуд, ки дар байни як соат ду бор тағйири либос кунад: дар фарозо гилеми гарм бипӯшад, дар фурудо курта аз тан бикашаду салла аз сар бигирад. Бо ҳамин тағйироти ногаҳонии манзараҳои худ Бартанг дили ҳамеша беқарору корноматалаби Манзаршоҳро тасхир намуд. Мардумаш ҳам ба ӯ сахт писанд афтод: ҳамагӣ сода, равшандил, ҳунарманд, олиҳиммат. Ва аз ҳама аҷиб ин буд, ки ба ҳар деҳае Манзаршоҳу ёрони сафараш наздик мешуданд, сокинонаш

онҳоро бо дафу рубоб пешвоз мегирифтанду рост ба хонае мебурданд, ки обу хӯроки пешакӣ омода дошт. Гӯё касе пеш-пеши сафаракиҳо мерафту мардумро аз омадани ҳокими Рӯшон огоҳ менамуд. Ҳол он ки як деҳ аз деҳи дигар дастикам се фарсанг масофа дошту Манзаршоҳ нақшаи сафарро ҳам ба касе нагуфта буд. Ҳатто хавф бурд, ки мабодо овозаи пайдо шудани ҳоким ба гӯши Дарвеш низ расаду ӯ ба таҳлука афтода, дар ҷое пинҳон шавад ва Манзаршоҳ аз Бартанг бо дасти холӣ баргардад. Бинобар ин, ба Сарез надаромада, тавассути дараи дигар рост роҳи Танимасро пеш гирифт.

Аммо Дарвеши заршӯю ҷамъи коргаронаш дар сари кор буданду баробари расидани одамони бегона, чун дар деҳаҳо, ба сарашон ғавр накарданд. Онҳо дар ду соҳили рӯд ба масофаи дарозе якдунафарӣ истода, ҳар кас ба коре машғул буд. Манзаршоҳу ёронаш рост ба тарафи кулбаи зери шах – ягона иморат дар тамоми дара, роҳ кашиданд. Ду марди баландболои соҳибҷусса – яке миёнсол, дигаре ҷавон – онҳоро диданду ғалберҳои калони пури регрезаро аз даст бигзоштанд ва ба пешвозашон қадам заданд.

– Қадами мири Рӯшон – болои дида! – марди қавиҳайкали газгӯшти аспрӯе, ки мӯйи дарози сиёҳу риши парешон ва ба сар арақчини хокистарранги шерозааш иборат аз қуббаҳо дошт, бо оғӯши кушодаву чеҳраи барафрӯхта рост ба назди Манзаршоҳ омад ва дар канораш гирифт. Манзаршоҳ низ тааммули ҳайраташро (аз он ки ин мард чӣ тавр бехато шинохташ?) ба фурсати мувофиқ мавқуф гузошту хушгӯӣ кард:

– Салом ба худованди номдори Танимас!

– Хуш омадед, сафо овардед, – Дарвеш ҳар се шарики мирро бағал гирифта, ҳолпурсӣ карду ба ҳамроҳаш – ҷавони шонздаҳҳаждаҳсолаи шабеҳи худ, рӯ овард: – Корвон, ба амакҳоят салом деҳу пайи дегу алов шав!

Ҷавон шармгинона ба ҳама даст доду ба марғзори пурдарахти лаби рӯд шитофт.

– Шумо – бартангиёнро кӯҳ огоҳ мекунад, ки фалон одам омад? – нимшӯхӣ суол кард Манзаршоҳ.

– Кӯҳ ҳам, шамол ҳам, об ҳам, – ба ҳамон оҳанг посух дод Дарвеш, – шаб саворпойи калони Бартанги боло расид, ки мири Рӯшон тарафи мо меояд.

– Саворпой? – ҳайрон шуд Манзаршоҳ.

– Бале, – тасдиқ кард Дарвеш ва шарҳ дод: – калонтарони мо одамони махсусе доранд, ки дар зарурат хабарҳои муҳимро ба деҳаҳо мерасонанд. Мо онҳоро саворпо мегӯем.

– Куҷост саворпоятон, ки бубинамаш?

– Хабарро расонду гашта рафт.

– Мо ба вай рӯбарӯ нашудем-ку?

– Саворпоён худро нишон намедиҳанд.

Манзаршоҳ аз ҳайрат каф бар пешонӣ зад: акнун донист, ки бартангиён аз хатти ҳаракати ӯву ҳамсафаронаш чӣ тарз огоҳ мешудаанд!

– Хеле низоми аҷибе сохтаед, тан додам.

Дарвеш меҳмононро ба марғзор даъват намуд. Манзараҳои дилфиребу назаррабои дара Манзаршоҳро сахт мафтун карданд. Вай аз Дарвоз сар карда, то Ёрканду Бадахшон мавзеъҳои зебову дилраборо бисёр дида буд, аммо Танимас, баробари қадам гузоштан ба хоки он, рӯҳу ҷонашро сабукии тасвирнопазири дигаре бахшид. Алалхусус, ҷангалзорони ду тарафи соҳил, ки ба маҳзи дур шудан аз сарчашмаи рӯд анбӯҳтару рангинтар мегаштанд, афсонаи диданиро мемонданд. Дигаронро намедонист, аммо ба Манзаршоҳ чунин ҳол даст дод, ки агар ба бешазор дароянд, ба кадом олами дигаре, ки ҳаргиз ба дунёи заминӣ монанд нест, ворид шуда, оламу одами воқеиро фаромӯш мекунад.

Дарвеш онҳоро маҳз ба чаманзоре бурд, ки домони ҷангал аз он кушода мешуд. Онҳо дар оби рӯд бо собунҳои хушбӯи Дарвеш чирки баданашонро шуста, бо дасторҳои нарми обҷаб, ки бори аввал медиданд, бадан хушк карданд. Обтанӣ ва ҳавои фораму тозаи атрофи рӯдхона хастагии чандрӯзаашонро дарсоат рафъ намуд. Ҳамагӣ худро бардаму болидарӯҳ ҳис карданд. Сипас либос пӯшидanду ба ҷониби дегу дуд роҳ гирифтанд. Корвон машғули пухтупаз буд. Дуртар аз дегпояи сангӣ каллаву пӯсти нахчири тозакушта рӯи алафзори хунолуд мехобид. Ба рӯйи сабазазор пӯсти паланг, оҳу ва хирс андохта, дар таги буттаи сершоху барги қарақот барои Манзаршоҳу Дарвеш, зери дегзҳои пурсоя барои дигарон ҷойи нишаст омода карда буданд. Манзаршоҳ Лахманро ҳамроҳи худ ба таҳи қарақот бурд:

– Лахман писарам аст. Ман аз вай гапи пинҳон надорам.

– Ман ҳам, – шакарханд зад Дарвеш ва меҳмононро ба нишастан ишора намуд.

Вақте гирди дасторхон нишастанд, Манзаршоҳро чизи дигар ба ҳайрат андохт: зарфҳои рӯи дасторхон, аз чумча то ҳалабӣ, ҳамагӣ мисӣ ва наппа-нав буданд. Дар дурдасттарин мавзеи Бартанг, ки ҷогаҳу зарфи тамоми сокинони он сафоливу чӯбӣ, хатто сангӣ буд, доштани чунин асбоб дар ягон тасаввуру тахмин намеғунҷид. Корвон дар лагани мисӣ шушҷигаркабоби болояш шилхаву анзур андохтаро рӯи дасторхон гузошту боз ба сари дег баргашт. Бӯйи хуши кабоб иштиҳои меҳмонони гуруснаро дучанд афзуд.

– Ку “бисмиллоҳ” гӯед, – муроот намуд соҳиби зиёфат, – ками мову карами шумо.

Меҳмонон ба кабоб дарафтоданд. Лаган кам назада, Корвон боз онро аз нав пур мекард. Баъд шӯрбои болаззат омаду аз паси он ғӯзманҷаку дӯғу саршир. Дар ин байн роҳбаладон ҳам бо коргарон зиёфати сарисаҳроии Дарвешро нӯши ҷон намуда, гоҳе аз хушгӯие механдиданду гоҳе паст-паст гап зада, ҳикояте мешуниданд. Аммо калонтарон, то сер шудани шикамҳо, ҳарфе радду бадал накарданд. Ҳар кас ба хаёли худ луқма мехоиду фурсат металабид, ки суханро ҳамтабақаш оғоз намояд.

– Писарат дасти бамазза доштааст, – хомӯширо шикаст Манзаршоҳ.

– Дар ин талода зан-ворис тоқат намекунад, – гуфт Дарвеш, – барои ҳамин кампирам ҳунари пазандагиро ба писараш ёд дод, ки гушна намонем.

– Аҷаб зарфҳои зебое доштай, амак, – саволи дили Манзаршоҳро ба забон овард Лахман. – Инҳоро аз ғори Сартарош ёфтай?

Дарвеш лаҳми ғафсро аз дандаи дароз ҷудо карда, рӯи дасторхон гузошту ҷавоб дод:

– Кас як умр заршӯӣ кунаду лоақал косаи мисӣ надошта бошад, мурданаш беҳ нест?

Ҷавоби зарифонаи вай ба ҳамсуҳбатонаш писанд афтод. Манзаршоҳ се-чор хандаи дарунгулӯӣ зад.

– Аз барои Худо, шахсан ман ба ин дараҷа пешрафта буданатро тасаввур намекардам, – забон ба таҳсин баркушод Манзаршоҳ. – Муштариат бисёр будагист.

– Бисёр не, аммо ҳастанд.

– Ба ин ҷо омада метавонанд? – ҳайратомез пурсид Лахман.

– Не, ман ба наздашон меравам.

– Аз роҳзанону ғоратгарон наметарсӣ? Моле, ки ту дорӣ, дунёро ба шӯр меоварад, – суол кард Манзаршоҳ.

– Роҳҳо ва харидорони ниҳонии худро дорам, мир.

Фурсатро муносиб ёфта, Лахман орзуи дилашро ба муҳокимаи Манзаршоҳ гузошт:

– До, ман ғори Сартарошро дидан мехоҳам. Вай куҷост?

Ба чеҳраи Дарвеш лаҳзае сояи норизоӣ давид, аммо оҳанги садояш тағйир наёфт:

– Ҳӯ, ана, дар паҳлуи рости хона, зери шахи дарозрӯя.

Манзаршоҳу Лахман ба ҳамон тараф нигаристанд.

– Ғор бошад, даҳан надорад? – суол дод Лахман.

– Дорад, вале девор бардошта, маҳкам кардаам. Ба ғор танҳо ман ҳаққи даромадан дорам, барои ҳамин, илтимос, илтимос накунед.

– Балоро ба ту кор набошад, туро ба бало чӣ кор? – насиҳатомез Лахманро аз раъяш гардонд Манзаршоҳ. – Ман то зан гирифтанат туро мӯйрехтаву балафта дидан намехоҳам, бачам!

Лахман донист, ки падархондаш эҳтироми Дарвешро нигоҳ медорад, Манзаршоҳ донист, ки вай зари бадастовардаашро дар ғор нигоҳ медорад. Лиҳозо, давом додани мавзӯъро дигар раво надониста, ба сари мақсади асосӣ омад:

– Гумонам, аз мақсади омадани мо ба ин дуродур огоҳ ҳастӣ.

Дарвеш ба ду зону нишаст, дастҳо бар сина гузошт ва посух дод:

– Таъйинан барои кори қозӣ Раҳмихудо омадаед.

– Айнан барои ҳамин, марди бадавлат, – оҳанги некхоҳонаи посухи мизбон Манзаршоҳро умедвор сохт.

– Фиристодагони қозӣ ё коғаз надоштанд, ё дурӯғ гуфтанд, ки гумаш кардаанд. Ман ба онҳо бовар накардам, албатта.

– Он ду галу вақти моро беҳуда гирифтанд, ба мо бовар дорӣ? – пурсид Манзаршоҳ.

– Аз худам бештар, мир.

– Шаҳ бош! – тасанно хонд Манзаршоҳ ва коғазеро аз ҷайбаш берун кашида, ба Дарвеш дароз кард. – Хонда метавонӣ?

– Ба ҳиҷҷа, аммо мехонам.

Дарвеш нахонда, коғазро рӯи дасторхон гузошту гуфт:

– Мир, ту бе ягон коғаз ҳам меомадӣ, медодам.

Аз ин гап димоғи Манзаршоҳ ниҳоят чоқ гашт:

– Илоҳо, ҳафт пушт авлодат дасти каму рӯи ғам набинад!

Дарвеш даст ба рӯ кашиду гуфт:

– Ман ба хидмат ҳамеша омодаам. Худоро шукр, хизмат ҳам карда метавонам.

– Барои ин кори бузургат аз ман ҳар чӣ хоҳӣ, бигӯ.

– Фақат тандурустиатро, тамом.

– Қабул, – шакарханд зад Манзаршоҳ, – ин ҳам барои ман буд. Акнун барои худат бигӯ.

Дарвеш табассумкунон пешониашро молиду гуфт:

– Агар дар Вомар заминаке медоштам, сарам ба осмон мерасид.

– Замин аз худат, чи қадаре мехоҳӣ, васиқа медиҳам, – хурсандона наҷво зад мир. – Баробари расидан ба қалъа хоҳишатро бо дилу ҷон иҷро мекунам. Акнун моро рухсат фармо, ки роҳамон дур аст.

– Ҳазорон тасаддуқ, – аз барори кораш хурсанд шуд Дарвеш, – аммо роҳи дуратон боз дуртар мегардад.

– Куҷо бояд рафт?

– Ба Помир баромадан лозим, дар Аличор бародари қирғизе дорам, аспро аз вай мегирем.

Манзаршоҳ даст ба риш бурд: ин тавр сурат гирифтани сафарро интизор надошт. Лахман дудилагии ӯро ҳис карду гуфт:

– Пид, ту метавонӣ бо дили пур ба Бартанг баргардӣ, давомашро ба ман бигузор.

Аммо Манзаршоҳ, чунонки одаташ буд, дасти рост ба ҳаво бардошт ва қарори қатъиашро ба забон овард:

– Не, ман ҳам меравам! Аз Аличор галаро пеш андохта, ба Шуғнон мебарем. Ман он тарафҳоро надидаам, ба ҳамин баҳона набинам, дар армон мемонам.

– Ин тавр бошад, пагоҳ, сабоҳи мардон ба роҳ мебароем, – гуфт соҳиби хона ва ҷониби коргаронаш, ки аз таом фориғ шуда, саргарми чақ-чақ буданд, хитобид: – Дафу рубобатонро гиред!

Баъди ним соат базми суруду рақс чунон тафсид, ки Манзаршоҳро ҳам ба давра дароварданд. Дилхушӣ то сояхам давом кард. Сипас Дарвеш Манзаршоҳу Лахманро ба кулбаи худ бурд. Баландии он андозаи қади одамро дошт, аммо дарозиаш даҳ-дувоздаҳ, бараш панҷ-шаш қулоч меомад. Деворҳои гилзадааш андова шуда,

ба фарши он бӯрёву намад андохта, дар кунҷе рахти хоби иборат аз кӯрпаву лиҳофҳои ғафси тозаву озодаро болои ҳам чида буданд. Дар тоқчаҳои бари девор ҳар гуна зарфҳо ва халтачаҳову қуттичаҳо ба назар мерасиданд; тиру вассаҳои сақф ҳамагӣ аз чӯби бақуввати дегз ба ҳам омада, бомро бо киландаки[1] тӯс пӯшондаанд. Хонаро аз сокинакҳои деворҳои канорӣ ду сиёҳчароғ равшан мекарданд.

Чизе, ки боз ҳам Манзаршоҳу Лахманро ба ҳайрат гузошт, асосу либоси тоза ва асбобу анҷоми нави филизию чинигии кулбаи назарногири Дарвеш буд. Ҳатто сокинони молуҳолдори деҳаҳои водӣ либосу ажғоли дуруст надоштанд, чи расад ба як дараи аз оламу одам кандаи домани қуллаҳо! «Аҷоиб мардест ин Дарвеш, – ба андеша уфтод Манзаршоҳ, баъде, ки сар ба болин ниҳод, – гирам, ки зар фурӯхта, анҷомоти нав мехарад, вале ин ҳама покизарӯзгорӣ аз куҷост? Чунин озодагиро фақат одамони оламдида дошта метавонанд». Мир чанд маротиба сурату ҳайкали худованди Танимасро хаёлан аз назар гузаронд ва … андешаи ногаҳоние дар сараш барқ зад: «Тоқии Дарвеш!! Шерозаи қуббадор! Дар ягон мавзеи Рӯшону Шуғнон, ҳатто Файзободу Дарвоз чунин тоқӣ нест. Қирғизҳо ҳам надоранд. Пас, дар ин макони сангбастаи аз ёди халқу Худо берун, он аз куҷо дар сари Дарвеш пайдо шуд?.. Ва оё гапи дар назди қозӣ задааш – «лозим шавад, тамоми мамлакатро мехарам» – лофу худситоӣ аст ё воқеият?» То ба уқёнуси хоб ғарқ гаштан, шахсияти пурмуаммои Дарвеши заршӯй фикру хаёли Манзаршоҳро пурра ғасб намуд…

Рӯзи дигар, пас аз ношто бо саршири бомазаву обгӯшти хушбӯй, Манзаршоҳу ёронаш бо аҳли бошгоҳ паноҳбахудо гуфта, савор шуданд ва бо раҳнамоии Дарвеш ҷониби офтоббаро асп монданд. Дарвеш тӯшаву асбоби дигари барои сафар муҳимро ба хари пурқуввате бор карда, ду халта тирро ҳам аз ёд набаровард.

– Ту моро ба ҷанг бурданӣ ё хариди асп? – ҷиддишӯхӣ суол кард Манзаршоҳ, ки барои худу Лахман ҳамагӣ панҷоҳ дона тир гирифта буд.

– Мақсад ба даст овардани асп аст, лекин роҳҳо хатарноканд. Ҳафтае нест, ки қирғизҳо ба болои қишлоқҳои боло натозанд.

---

[1] Киландак – шохаҳои ҷавони дарахт, ки ба андозаи баробар бурида, барои пӯшондани бом истифода кунанд.

Аз ин хабари бад дили Манзаршоҳ лаҳзае аз тапиш бозмонд. Барои беҳтар шунидани гапи Дарвеш, аспро маҳмезе заду ба ӯ баробар шуд.

– Наход? Барои чӣ ман хабар надорам?

– Бартанги боло аз Рӯшон бисёр дур аст, мир. Дар он ҷо ҳокимиятро нест гӯем ҳам, мешавад. Мардум, ки ба муҳофизати худ дар танҳоӣ одат кардааст, аз Бартанги поёну Рӯшон ёрӣ наметалабад.

– Саворпойҳоятон ду рӯз пеш хабари омадани моро то Танимас расонда тавонистанд. Мемуранд, ки ҳамин хабари муҳимро ба мо расонанд? – аз беиттилоии худ ҳамчун ҳоким ба ғазаб омад Манзаршоҳ.

– Росташ, худам ҳам намедонам, ки чаро чунин мекунанд, – дар ҳоли ногувор монд Дарвеш ва сукуте карду афзуд: – инро бин, ки ман ҳам дар ин бора фикр накардаам.

– Ин бисёр бад аст, бисёр бад, Дарвеш! – зардаолуд хитоб намуд Манзаршоҳ, – имрӯз аҳаммият намедиҳем, баъди панҷ сол қирғиз дар Вомару Шидз буҷулбозӣ мекунад! Тфу!!

– Дуруст мегӯӣ, мир, – гунаҳкорона сар дар пеш андохт Дарвеш ва дигар дам назад.

Дар дили Манзаршоҳ таҳлукаю ғазаб ба ҳам даромехта, ҷӯш заданд. Табъаш хира гашт.

– Ҳамин роҳ моро ба охири Бартанг мебарад? – лаҷоми аспашро кашида, пурсид Манзаршоҳ.

– Ба ҳамон сӯ мебароем, мир, – ҷавоб дод Дарвеш, – ба чашми худат ҳамаро хоҳӣ дид.

Қиёми офтоб ҷониби ҷануб тоб хӯрда, ба роҳи Кӯҳдара рост шуданд. Акнун ҷода лаб-лаби рӯди на он қадар сероби Марғов онҳоро ба саргаҳи Бартанг мебурд. Баъди пушти сар гузоштани гарданае, ки аспу одам базӯр ҷойи поймонӣ пайдо намуда, бо нафасҳои кандаву дилҳои зананда бар фарози он қадам гузоштанд, яку якбора олами атроф чунон фароху равшану беҳадду ҳудуд намуд, ки мусофирон аз ҳайрат ранҷи пайроҳаҳои тангу воҳиманокро ҳам аз ёд бурданд! Ба фарохии беканора сарсабзии дашту саҳро илова шуда, одамро на танҳо мафтун, балки моту мабҳут менамуд. Ингор муъҷизае рух доду кӯҳҳои сарбагардуну дараҳои бесарубун дар як турфатулайн нопадид ва замин чун дили Ҳотами Тай кушод гарди-

да бошад. Манзаршоҳ ба чашмонаш бовар намекард, ки Бартанги дар камбариву безаминӣ машҳур ба ин андоза вусъату паҳнои низ дошта, ки аз Дарвоз то Рӯшон мардум ҳатто дар шаби хобашон ҳам дида наметавонанд.

– Алале, мод[1]!! – бидуни ихтиёр садо баровард Лахман.

– Муъҷиза!! – чашмони дарёранги Манзаршоҳ аз шигифту шигарф калон кушода шуданд.

Ҳатто сутурон, баробари дидани замини ҳамвору пуралаф, бетоқат шуда, дидаҳо ҷониби сабзазорон дӯхтанд.

– Ҳамин ҷо чизе бихӯрем ё баъдтар? – фикри Манзаршоҳро донистан хост Маъзамшоҳи роҳбалад, ки дасторхондории дастаро ба ухда дошт.

– Сахт гушна шуда бошед, дар ин ҷо, агар не, роҳ кӯтоҳ кунем, беҳтар.

– Як фарсанг пас ба Тошқӯрған мерасем, ба хонаи калонаш қӯш мепартоему дили бафурҷа нӯши ҷон мекунем, – андеша пеш овард Дарвеш.

– Уҳӯ, ба Хитой расидем-чӣ? – ҳайратомез нидо баровард Манзаршоҳ.

– Хитой не, Бартанг, – Дарвеш ҳам аз суоли Манзаршоҳ дар таааҷҷуб афтод.

– Аз рӯи шунидам, Тошқӯрған дар Хитой аст, паҳлавон, на дар Бартанг, – эзоҳ дод Манзаршоҳ.

– Тошқӯрғани Хитой, албатта, дар Хитой аст, лекин мо ҳам ҳоло Тошқӯрғани худамонро дорем. Қирғизҳо Савнобро Тошқӯрған ном карданд.

Гӯшҳои Манзаршоҳ ҷирингос заданд, дилаш тангӣ кард, овозаш аз ҳаяҷон хиррӣ баромад:

– Деҳаи моро номи қирғизӣ додаанд?

– Ҳа, Савнобро, – гуфт оромона Дарвеш, – на фақат Савнобро. Рухчро Қарақӯрған, Пасорро Ағачқӯрған карданд.

– Ту чӣ гуфта истодаӣ? Чӣ, дар ин қишлоқҳо ҳоло қирғизҳо зиндагӣ мекунанд? – Манзаршоҳ ба як ҳаллос худро рӯи зин гирифт.

– Не, фақат гоҳ-ногоҳ тохт меоранд, – посух дод Дарвеш, ба асп савор шуда. – Қирғизон ҳамин хел мардуманд: се-чор сол мето-

[1] Алале, мод! (рӯшонӣ) – вой, модарҷон!

занду мардумро тарсонда, ғорат мекунанд, баъд диданд, ки рӯҳи сокинон шикаст, деҳашонро соҳиб мешаванд.

– Халқи таҳҷоӣ ҳам деҳаҳояшонро қирғизӣ ном мебаранд ё қадимӣ?

– Асосан қадимӣ, лекин ёфт мешаванд... – Дарвеш авзои бади ҳокимро дарк карду давоми гапашро ба забон наоворд.

Суҳбати Манзаршоҳу Дарвеш аҳли дастаро, ки ҳамагӣ ба аспҳо нишаста буданд, на танҳо мутаваҷҷеҳ, балки сахт нигарон сохт.

– Ту барои чӣ Тошқӯрған мегӯӣ, на Савноб? – норозиёна суол дод Манзаршоҳ.

Дарвеш, ки ба чунин пурсиш омодагие надошт, гунаҳкорона сар хам кард:

– Рости гап, дар ин бора фикр накардаам.

– Чӣ халқи бефикрем мо..., – ба заҳрханд наҷво кашид Манзаршоҳ ва аспашро тозиёнае кӯфт.

Ҳама аз паси ӯ саворихоро маҳмез заданд.

Савноб онҳоро бо киштзорони фарох, боғҳои пурмева ва обҳои мусаффои ширин пешвоз гирифт. То расидан ба хонаи аввал бачаҳои шӯху беқарор бо суруди "Аспакиҳо омаданд, Ба деҳи мо омаданд!" тамоми аҳли деҳаро аз омадани онҳо хабардор карданд. То пиёда шуданд, ки ними деҳа (агар бештар набошад) ба сарашон рехта дар ҳалқаашон гирифтанд.

– Салому алайкум! – садои баланду бурро ва равғании Манзаршоҳ ғалоғулаи савнобиҳоро фурӯ нишонд. – Деҳаатон чӣ ном дорад?

– Савноб! – қариб ба як овоз ҷавоб доданд даҳ-понздаҳ кас.

– Тошқӯрған дар куҷост?

Сукут. Даҳони ҳама гӯё якбора ях баст. Манзаршоҳ пайхас кард, ки чанд нафар худро қафо ҳам кашиданд. Хомӯшии ногуворро марди сафеддастори миёнақомати бакитфу бозуе, ки риши сиёҳсафеди паҳн дошту фалахмонеро сари китф партофта буд, шикаст:

– Бародарон, шумо қирғиз набошед, ки Савноб гуфта натавонед. – Ва пеш баромаду дудаста ба Манзаршоҳ салом дод, – Хуш омадед ба диёри мо. Дар қадаматон сафо овардед. Ман – хованди ҳамин деҳа. Рафтем ба хонаи ман.

Мард бо ҳамаи аҳли даста вохӯрӣ карду пеш даромад. Меҳмонон аз пасаш, аз паси меҳмонон пешвозгирандагон кашола шуданд. То расидан ба хонаи хованд ба издиҳом одамони нав ба нав пайваста, чор тарафи манзили ӯро пур карданд. Дарзамон буқаеро сар заданду дуди ду полчакӣ ба ҳаво бархост. Меҳмононро дар боғ, болои даконе шинонданд, ки чор тарафаш дарахтони себу зардолуи сардарахтиҳошон ҳанӯз ғӯра, соя андохта буданд. Дар бист дақиқа дасторхон аз хӯрданиҳои овардаи мардум чунон пур шуд, ки вақте кабоб омад, нуқлу навои зиёдатиро ба хона баргардонданд.

Соҳиби хона лагани кабобро ба назди меҳмонон гузошту гуфт:

– Дар Бартанг то се рӯз номи меҳмонро намепурсанд, аммо вазифаи ман аст, ки бояд бипурсам, чун мебинам меҳмони гузориеду шояд шитоб дошта бошед. Номи ман – Ёркунчӣ. Ман хованди Савноб астам, ба гуфти ҳозира – ақсақол.

Манзаршоҳи аз илтифоту меҳмоннавозии калони Савноб ниҳоят хушнуд, остини дастони пурпашмашро барзада, барои тановул омода гашту гуфт:

– Маро Манзаршоҳ гӯянд, муовинати ҳокими Рӯшонро дорам. Инҳо – рафиқонам...

Рӯи Ёркунчӣ чун офтоб хандон гашт. Вай аз хурсандӣ ҳатто расми назокатро аз ёд бурду сухани Манзаршоҳро бурид:

– Манзаршоҳ?! Эй дар пеши поят бимурам, мани дунёбехабарро бубахш, ки нашинохтам. Эй мардум, муждагонӣ! Худи хованди Рӯшон – Манзаршоҳи машҳури ҷаҳон, ба суроғи фақирони Бартанг омадааст!

Ғалоғулаи на он қадар баланде байни ҷамоат афтод, ҳамаро кунҷковии сахт ба дасторхони Манзаршоҳу ёрони ӯ мутаваҷҷеҳ сохт.

– Ман бояд аз шумо узр бипурсам, ки дар муддати вазифадориам боре ҳам хабаратон нагирифтам. Айб дар ман аст, на дар шумо. Насиби обу дона ҳамин рӯз будааст. Ман дар ихтиёри шумоам, чи дарде дар дилатон бошад, беибо ба рӯям бикашед.

– Гап бисёр аст, мир, вале "аввал таом, он гаҳ калом" гуфтаанд. Шумо пеш аз ҳама меҳмони ман астед. – Ва даст ба миён заду садо баланд кард: – Фардо корёрӣ – навбати хонаҳои боло! Офтоб набаромада, дар сари кор шавед! Гапи дилатонро ба ҳоким худам мегӯям.

Пас аз ошомидани таом Манзаршоҳ пурсид:

– Чӣ корёрие дорӣ, ки халқро пеш аз бархостани офтоб даъват мекунӣ?

– Қалъа месозем, мир, – посух дод Ёркунҷӣ, – моҳе нест, ки қирғизҳо ҳуҷум накунанд.

– Кор ин қадар сахт аст?

– Рӯз то рӯз мушкилтар мегардад. Чанд сол пеш фақат дуздонашон меомаданд, ҳоло чарогоҳҳоямонро қадам ба қадам забт карда омада истодаанд. Дастаҳояшон метозанд, ки моро аз ҷон безор кунанду шикастонда, қишлоқҳоямонро соҳиб шаванд.

– Тамоман сахт будааст-ку! – гуфт Манзаршоҳ ва дастҳояшро поккунон ба андеша афтод.

Соҳиби хона ишора кард, ки дасторхонро бардоранд. То бардоштани дасторхон, барои халал нарасондан ба фикру хаёли Манзаршоҳ, ҳама сукут варзиданд. Зеро аз меҳмон то мизбон ҳис мекард пешвои онҳо дар андешаи қарорест, ки сарнавишти минбаъдаи бартангиёнро муайян месозад.

Соати ҳалкунанда фаро расидааст!

Манзаршоҳ чанголҳои дарози бақувваташро ба ҳаво бардошта, “Худо файзу баракатро аз ин хона канда накунад!” гӯён дуо карду пурсид:

– Наздиктарин қароргоҳи қирғизон куҷост?

– Аз роҳи Қаракӯл бештар меоянд, аз роҳи Сарез камтар.

Манзаршоҳ ба Дарвеш рӯ овард:

– Андувол, ту бояд моро бо кадом роҳ бибарӣ?

– Бо роҳи Сарез ба Аличор.

– Ҷанг карда метавонӣ?

Ин суоли ногаҳонӣ ҳамаро ба изтироб андохт. Аммо Дарвеш орому боварибахш посух дод:

– Даркор шавад, каллаи хирсро меканам.

– Боракаллоҳ! – хурсанд шуд Манзаршоҳ, – Дар мардонагиат шубҳа надоштам. – Ва рӯ ба соҳибхона овард: – Чӣ қадар ҷанговар ҷамъ карда метавонӣ?

– Аз Савноб то Бопасор як саду бист нафар, – бидуни мулоҳиза ҷавоб дод Ёркунҷӣ.

Манзаршоҳ изҳори тааҷҷуб кард:

– Ин қадар дақиқу аниқ?

– Бале, мир, дақиқ, чунки барои муҳофизати худ ҳар қишлоқ даста ташкил карда, бо ҳам робита дорем.

– Чӣ силоҳ доранд?

– Ёздаҳ камони пилтаӣ, чанд таққанак[1]. Шофу шамшер, ханҷару корд, фалахмону табар ҳама доранд.

– Худат дар қатори фалахмонзанонӣ-чӣ? – ба фалахмони ба шохи зардолу овехтаи Ёркунҷӣ ишора кард Манзаршоҳ.

– Бо фалахмон бехато мезанам, аммо ҳоло фақат парандаҳои боғу киштхорро, – шӯхиомез посух дод Ёркунҷӣ.

– Тарафи Сарез ҳам ҷанговар дода метавонад?

– Аз мо бештар дода метавонад, чунки аҳолиашон зиёдтар аст.

– Ин тавр бошад, пагоҳ тамоми ҷанговарони қишлоқатро аз корёрӣ халос куну ба ман бидеҳ, – гапашро хулоса кард Манзаршоҳ.

– Барои шинос шудан? – дар ҳайрат афтод хованди Савноб.

– Барои тозиш бар қирғизон.

Дар вуҷуди аҳли нишаст ҳайрат, ҳаяҷон ва нобоварӣ дарҳам омехт.

– Тозиш? Чӣ тавр? – Ёркунҷӣ ба гӯшаш бовар намекард.

– Ҳамон тавре ки онҳо ба саратон метозанд, мо ҳам рост ба қароргоҳашон ҳуҷум карда, титу парешонашон мекунем, – сухани Манзаршоҳ амромезу қатъӣ буд. – Мардум гапамонро мегирад?

– Мегирад, мир, чунон мегирад, ки ҳайрон ҳам мешавӣ, – худбоварона гуфт Ёркунҷӣ. – Ба кадом сӯ – Аличор ё Қаракӯл?

– Аввал ба Қаракӯл, баъд ба Аличор. Пасфардо ҳаракат мекунем. Аз деҳоти сари роҳ ҷанговар гирифта, пеш меравем. Пагоҳ барвақт чор нафар чобуксаворро ба охирин қишлоқ бифирист, ки, якум – ба калонтарони деҳаҳо амр диҳанд, ки одамони коромадро ба ҷанг омода созанд, ду дигар – касеро то расидани мо аз ҳудуди Бартанг берун рафтан намонанд. Чунин шахсони боэътимод дорӣ?

– Дорам.

– Хеле хуб. Лахман ҳам бо онҳо меравад.

[1] Таққанак – милтиқи шикорӣ

# ШАБОХУН

Рӯзи дигар Манзаршоҳ қалъаи сохташавандаро дида, бо Савнобу савнобиён шинос шуд. Мардон бо ҷидду ҷаҳд ба кор часпида буданд, занон ҳам ба онҳо ёрӣ медоданд. Қалъаро дар баландии даромадгоҳи деҳа, бар асоси қалъаи куҳнаи нимвайрона месохтанд. Дурусташ, дижи қадимаро бозсозӣ мекарданд. Деворҳои мустаҳкамаш аз чор тараф тоқҳои тирандозӣ доштанд. Саҳни шарқии он рост бар фарози роҳи даромад ба деҳ воқеъ гашта, тирборони душман аз болои он саҳлу осон буд. Манзаршоҳ бурҷу бора ва сангу гили сохтмони қадимаро аз назар гузаронда, меандешид, ки онро дар кадом замоне, барои муқобилат бо кадом душмане сохтаву чӣ ҳодисоте дар дохилаш ба вуқӯъ пайвастаанд. Ба вайрона табдил ёфтанаш аз он гувоҳӣ медод, ки дастикам ба ин сарзамин сад сол пойи аҷнабиёни ғосиб нарасидааст. “Сад сол пеш қавми ман адаби истилогаронро нағзакак дода будааст, ки дигар ба ин сӯ тоб нахӯрдаанд, – ифтихоромез ба худ меандешид Манзаршоҳ. – Аммо замон он сабақҳоро аз ёдҳо зудуду ғосибони нав боз моро ғуломи ҳалқабаргӯш кардан мехоҳанд. Бехабар аз он, ки халқи ман дар пеши душман сар хам накардаву нахоҳад кард!”

Ғайрати беандозаи сокинони ин деҳи одии бағали кӯҳҳо аз он шаҳодат медод, ки дар вуҷудашон муҳаббати ватан ҷӯш мезанад; кушта мешаванд, вале қавми бегонаро ба Бартанги дилбандашон роҳ намедиҳанд!

Манзаршоҳ бист марди тавоноро ҷудо кард. Танҳо панҷ нафар тақҷанаку камони пилтаӣ, нуҳ нафар шофу шамшер доштанд, боқӣ ҳама ханҷару табару шивезн. Ёркунҷӣ таклиф кард, ки силоҳи оташфишони мардони интихобнашударо ба интихобшудагон бидиҳанд, лекин Манзаршоҳ розӣ нашуд:

– Барои муҳофизати қишлоқ ҳам силоҳ лозим. Мо равему душман ҳуҷум кунад, чӣ кор мекунед? Ғайр аз ин, “қарзи падар надорӣ, камони мардака нагир” гуфтаанд.

– Маро барои чӣ бо худ намегирӣ? – пайти муносибро барои гила истифода кард Ёркунҷӣ. – Бале, калонсолтаракам, лекин дар занозанӣ аз ҷавонон кам нестам.

– Медонам, аммо халқро ҳам соҳибӣ кардан лозим аст. Обод кардани қишлоқу ба ҳуҷуми душман омода сохтани он низ корнамоӣ аст, андувол.

– Дар ҳақиқат одами доно будаӣ, мир, – ба фаросати Манзаршоҳ қоил шуд Ёркунҷӣ, – ҳазорон раҳмат бар калонкардаат.

Гашти рӯз ба муддати се соат малакаҳои ҷангии аъзои дастаро санҷиду тартибу тарзи муҳорибаро барояшон фаҳмонд. Тиру борут камӣ мекард, аммо аз ягона устои тиру борутсози қишлоқ чизе бештар гирифта намешуд.

Субҳи дигар, офтоб шафақро лолагун накарда, дастаи мусаллаҳи Манзаршоҳ ба роҳ баромад. Роҳ дар ин минтақа, ки Кӯҳдара ном дошт, нисбат ба Бартанги поён хеле фароху тахт буд. Буттаву рустаниҳои гуногун ҷангал-ҷангал ба кӯҳдоманҳо хазида баромадаанд, мешу оҳувони ваҳшӣ на сар-сари кӯҳҳо, балки лаб-лаби рӯду бар-бари камарҳо рама-рама сайр мекарданд. Ҷанговарон ҳар рӯз ду-се нахчир шикор карда, ба ҳамин минвол то охири сафар озуқаи дастаро таъмин намуданд.

Аз се деҳаи сари роҳ ба даста боз сӣ ҷавонмард пайвасту Манзаршоҳ ба муттафиқии бартангиён дар роҳи муҳофизати нангу номус офаринбод хонд. Вақте ба деҳаи Рухч расиданд, Манзаршоҳ аз ҷанговарони рухчӣ пурсид:

– Дар деҳаатон ягон қирғиз зиндагӣ мекунад?

– Не, – ҷавоб доданд онҳо, – фақат гоҳе ғоратгаронашон ба сари мо метозанд. Мақсад – мехоҳанд бигурезему деҳаро холӣ кунем.

– Ҳоло Рухчатонро Қарақӯрған мегӯед?

– Мо Рухч мегӯем, қирғизҳо – Қарақӯрған. Фақат онҳое, ки бо қирғизон додугирифт доранд, Қарақӯрған мегӯянд.

Ду қишлоқи болоии дигар ҳам чунин вазъият доштанд. “Раҳмат ба Зарену Шоҳниёз, ки номаи қозиро гум карданд, – ба дилаш хурсандӣ кард Манзаршоҳ, – набошад, ҳеҷ гузорам ба ин тарафҳо намеафтоду Бартангро аз даст медодем. Акнун ба мағзи гапи пирам Ҳоҷимаҳмад расидам, ки гоҳе чунин матал мезад: “то бад нагӯӣ, нек пеш наояд”. Шоҳниёзу Заренро ҳақорат додам, вале ҳилабозии қирғизонро ошкор кардам”.

То фуромадан ба ҳамвориҳои Кӯҳдара на қирғизеро дучор омаданд, на каси дигареро. Хабарҳои аз мардум ҷамъоварда ба он далолат мекарданд, ки наздиктарин дастаи мусаллаҳи қирғизон тақрибан бист-сӣ фарсанг аз Кӯҳдара дуртар воқеъ асту ҳуҷумашон ба ин тарафҳо понздаҳ-бист рӯз пас, вақте чорвояшонро ба чарогоҳҳои Бартанг бурданӣ мешаванд, сурат мегирад. Аз хабари

ҷамъ гардидани қирғизони силоҳдор дида, ба Манзаршоҳ он рӯйдод, ки ин ғосибон номи Кӯҳдарароро ба Ғудара ё Қӯйдара табдил додаанд, сахттар таъсир кард. Аламаш чунон боло гирифт, ки Дарвешро ба қафтинги сарзаниш кашид:

– Гирам, ки аҳли ин диёр ҳамагӣ ому абаданганд, аммо ту марди ҷаҳондидаву коршинос менамоӣ. Наход дар бораи худсарии қирғизҳо як даҳан ба Вомар ё Баҳрпанҷа хабар дода натавонистӣ?

Нигоҳи Манзаршоҳ он қадар заҳролуду тунд буд, ки бо ҳама салобату хунсардие, ки Дарвеш дошт, дилаш такон хӯрду пушташ биҷиррос зад.

– Мир, росташро гӯям, ман машғули кору тиҷорати худ, дар ин хусус фикр ҳам накардаам.

Вай намедонист чашмонашро аз теғи нигоҳи сипаҳсолори хашмгин куҷо гурезонад.

– Фикр мекунӣ, қавми бегона Бартангро бигирад, коргоҳу бозорат амон мемонад?

Чеҳраи Дарвеш аз хиҷолат сурху арақшор гашт. Ва барои сафед кардани худ далели охиринашро пеш овард:

– Охир, ман бо ин қавм нонунамакхӯрда, аҳди ёриву бародарӣ дорам...

– Ман намегӯям ба рӯйи қирғизоне бидав, ки инсонгарӣ доранду намакҳалолӣ. Лекин оне, ки бо силоҳ ба сарат метозаду мулкатро кашида гирифтанӣ мешавад, чӣ ёрӣ дораду чӣ бародарӣ?! Магар оини бародарӣ тасарруф кардани хонаи бародар аст?! Ҳамин корро бо ту ягон бартангие раво бубинад, бовар дорам, зиндааш намегузорӣ. Лекин кадом ёбоӣ тамоми ватанатро гирифтан мехоҳад, ту нону намак пеш меорӣ!

Манзаршоҳи чун оташ даргирифта сарзанишашро бо носазоҳои обдор чунон баланд ба забон овард, ки тамоми даста шунид. Дарвеш араҳи ҷабин пок карду тан дод:

– Нодониамро бубахш, мир. Ҳоло ки чашмамро кушодӣ, аз ин пас чи карданамро медонам.

Гапи Манзаршоҳ тамоми саворонро мутаассир сохт. Касе ба тарафдории Дарвеш зикроме накард. Ҳама худро то дараҷае гунаҳкор мешумурданд.

– Барои Бартанги боло ҳокими ягонае лозим, ки ба дастури Вомар кор бикунад, – ниҳоят паҳлавони рухчие, ки ҳама вақт ду

нафар пас аз Манзаршоҳ асп меронду бо як рухсораи суп-сурх доштанаш аз ҳама фарқ мекард, муҳри хомӯширо аз лавҳи вазъият барканд.

Пешниҳод ба мир писанд афтод:

– Аз сафар бо пирӯзӣ баргардем, чунин одамро худам таъйин менамоям.

Даста ба ҳамон шаст як рӯзи дигар қад-қади рӯди Қоқайбез ҳаракат карду ба ҳамвории фарохе фуромада, дар айлоқҷойи холӣ ба шабгузаронӣ нишаст. Пас аз хӯрдани кабоби бенамак (касе намак нагирифта буд), ҷанговарон ҷо-ҷо гулхан афрӯхта, гирди он ба суҳбату назиргӯӣ пардохтанд. Манзаршоҳ шаш нафарро барои авзоъгирӣ ба се ҷониб фиристоду худ сар ба рӯйи зин гузошт, ки соате бихобад. Аммо эҳсоси ногуворе синаашро фишурда, ҳар гоҳ маҷбураш мекард, ки нафаси жарфе бигираду ба паҳлуи дигар бигардад. Пас аз ним соат ахиран ҷисми нерумандаш бар баландии ҳаво ғалаба намуду пилкҳояш ба ҳам пайвастанд...

Гулӯлаи оташине дар ҳаво тоб хӯрда-тоб хӯрда, аз сӯи дарёбод ба баландие меояд, ки Манзаршоҳ дар паҳлуи Юсуфалихон истода, ба ҷарӣ паридани Кекеи сурхинапӯшро тамошо дорад. Аммо аҷиб, ки Кеке на сарнокӣ, чунонки воқеъ гашта буд, балки пойнокӣ дар фазои партгоҳ муаллақ мерафту ду даст ҷониби Манзаршоҳ ишораҳое мекард. Гулӯлаи оташин ҳам аз сӯи Кеке дар ҳаво шинокунон меомад, – шояд аз даҳонаш баромад; шояд аз ҷисми мирандааш бархост, Манзаршоҳ намедонад. Кеке нопадид гашту гулӯла аз пеши бинии Юсуфалихон гузашта, рост ба зери пойи Манзаршоҳ афтод! Афтоду ба мисли анор ба ҳазорон-ҳазор донаи оташин тақсим гашту дарҳам рехт. Аҷибаш ин ки шоҳу атрофиёнаш на гулӯларо медиданду на ба таркиши он таваҷҷуҳе нишон доданд. Манзаршоҳ ба ин хотир, ки зарраҳои оташ пояшро насӯзонанд, чанд қадам ақиб рафтан хост, вале аз миёни ғалоғулаи издиҳоми моту ҳайрон садое аниқу шунаво ба гӯшаш расид: "Баргарде-е-е-ед!!" Сар бардошту ҷониби овоз нигарист ва аз ҳайрат таркиши гулӯларо ҳам фаромӯш кард: Кекеи партшуда аз ҷарӣ сар бароварда буду бо Манзаршоҳ ин сухан мегуфт! Вақте Манзаршоҳ ба ӯ мутаваҷҷеҳ гашт, аз нав дар партгоҳи муҳлик ғайб зад. Ӯ зери пояш назар андохт. Аз гулӯла чизе боқӣ намонда буд. Баргашта ба шоҳ нигарист, аммо шоҳ мустағриқи тамошои манзараи ба лаби

Шаҳолечой давидани хуфиён, лаззат мебурд. Манзаршоҳ хост фарёде бикашаду бандиёнро аз паридан нигоҳ бидорад, ки нохост садои шоҳ баланд гашт: “Биисте-е-е-д! Напаре-е-ед!” Бонги Юсуфалихон он қадар гӯшхарош буд, ки дили Манзаршоҳ таконе хӯрд...

Ва дидагонаш боз шуданд. Болои сараш Роҳи каҳкашон пули бузурги оташзадаро ба хотир меовард. Ахтарони бешумор аз паси меғи нафиси он ба мисли чашмони кӯдакон содаву пок ба торикистони замин менигаристанд. Ду тарафи ин дараи осмонӣ мавҷхези ситора дошт. Ба ҷуз Роҳи каҳкашон, дигар дар ягон кунҷу бурҷи фалак кавкабе парда бар рухсор накашида буд. Ситораҳо он қадар калону пуртоб, он қадар зебову рангоранг буданд, ки Манзаршоҳи мафтунгашта хаёле хоби дидаашро ба фаромӯшӣ супурд. Моҳ бар сари кадом як риштакӯҳи дуродур ханҷари заррини кашидаеро ба хотир меовард.

“Аҷабо, Кеке бароям чӣ пайғоме дорад? – хобашро ба мизони таҳлил гузошт Манзаршоҳ. – Гулӯлаи оташин чист?” Сипаҳсолор ба ду панҷа такязанон нимхез шуду пушт бар зин гузошт ва атрофиёнашро аз назар гузаронд. Ҳилоли моҳ шамъи хирасӯзро мемонд. Аммо равшании ситоразори фалак аз моҳи шаби чаҳордаҳ камие надошт. Кунҷу канори дараи васеъ аз торикиву равшании ба ҳам омехта ҳавлноку асрорангез ба назар мерасид. Шаби сокиту хоболудро танҳо хурроккашию фириқ-фириқи аспони орамида ва шилдирроси пасти дарёча халалдор месохт. Гоҳе аз кадом гӯшаи дуродури дашт ё аз соҳили рӯдбор садои кӯтоҳи махлуқе хомӯширо мешикасту гӯё аз нороҳат намудани шаб шарм медошта бошад, дарзамон дам ба дарун мезад.

Манзаршоҳ бархосту ҷониби дарёча роҳ гирифт. Даҳ-дувоздаҳ қадам гузошта буд, ки аз пасаш шарфаи по шунида шуд. Баргашту дар нимаравшанӣ суроби танумaнди Лахманро ташхис кард.

– Бачам, ту бихоб, ман обтанӣ меравам.

– Ман ҳам, – кӯтоҳ ва нимшунаво посух дод Лахман ва чун ба ӯ баробар шуд, афзуд: – Иҷозат диҳӣ, ман ҳам як каллағӯта мезанам.

– Шаб ҳам думи маро сар намедиҳӣ? – ба оҳанги мамнуният наҷво зад Манзаршоҳ.

– Падар рӯз ҳам падар аст, шаб ҳам.

– Оҳ зaранге, воҳ мазанге! – хандаи гулӯие кард Манзаршоҳ ва ба роҳаш давом дод.

Пияндару писархонд либос барканда, худро ба оби ширгарми рӯҳнавози дарёча заданд. Об гарониеро, ки аз дидани хоб дар сари Манзаршоҳ пайдо гашта буд, дар они воҳид шуста бурд. Вай чанд бор то миёнаи рӯд шино карда, дар жарфтарин мавзеи он, то расидани ишкамаш ба реги дурушт, ғӯта заду сипас ба соҳил баромад. Аз паси ӯ Лахман низ аз об берун ҷасту хитобид:

– Чӣ оби сабуке доштаст ин Кӯкейбе!

– Кӯкейбе?! – куртаи басаркашидаи Манзаршоҳ лаҳзае муаллақ монд. – Наход, нобакорон номи дарёро ҳам қирғизӣ карда бошанд.

– Шояд, – шалворпӯшон гуфт Лахман, – рости гап, ман ба ин чизҳо сарфаҳм намеравам. Рӯшониро базӯр гап мезанаму...

– Аз ман беҳтар гап мезанӣ. Соле пас чатрорӣ буданатро ҳама фаромӯш мекунанд.

Онҳо пӯшок ба бар карда, милтиқҳоро сари китф ниҳода буданд, ки банохост аз поёни дара, ҷое, ки занахдони пуштаи синамол ба остонаи дашти резасанглох фурӯ мерафт, садои суми аспон ба гӯш расид. Ба ишораи Манзаршоҳ ҳарду худро дар нишебии соҳил парӯ партофта, силоҳҳоро омода намуданд. Баъди панҷ-шаш дақиқа ду савор панҷоҳ-шаст қадам дуртар аз онҳо гузашта, ҷониби қароргоҳ шитофтанд.

– Авзоъсанҷони худамон! – хурсандона нидо дод Лахман ва бархост.

– Савори пеш дар кунҷиғaааш одам дорад, – сабук аз ҷо барҷаст Манзаршоҳ ва сӯйи қароргоҳ қадам ниҳод.

– Бале, шахси лоғарандоми сарлуч, – манзараи дидаи пияндарро пурратар кард Лахман ва аз паси ӯ ба роҳ афтод.

Дар лашкаргоҳ ҳама ба по хеста, ду савори аз авзоъгирӣ расидаро ба ҳалқа гирифта буданд. Манзаршоҳ рост ба назди онҳо рафт.

– Чӣ хабар?! – овоз баланд кард сипаҳсолор.

– Қирғизҳо дар Ақташ хиргоҳ задаанд, – посух дод яке аз авзоъгирон – марди сӣ-сиву панҷсолаи пасорӣ.

– Чӣ ном дорӣ?

– Шерчангол.

– Ҳо-оо, ин қадар хуб! – аз мамнуният рӯ ба осмон гардан афрохт сипаҳсолор, – аз авлоди паҳлавонҳостӣ, ё нодуруст гуфтам?

– Дуруст, – авлодам ҳама шикорчиву паҳлавон аст.

– Тасанно! – аз тахмини задааш қаноатманд нидо дардод Манзаршоҳ ва афзуд. – Қирғизҳоро ба чашми худат дидӣ?

– Не. То Ақташ ним фарсанг роҳ монда буд, ки ба ин ҷавон дучор омадем. Ин сарбараҳнаву побараҳна аз банди қирғизҳо гурехтааст.

Манзаршоҳ бо панҷ-шаш қадам худро назди ҷавонак расонд ва дар кӯрравшании шаб ӯро аз назар гузаронд. Ҷавоне буд ба тахмин дувоздаҳ-чордаҳсола, қадбаланди неруманд, дар танаш қатмаи паҳлуяш даридаву овезон, сараш луч, поҳояш урён. Аз нафаси сарди нимаи шаб баданаш меларзид. Кафи даст рӯи гӯши рост дошта меистод.

Манзаршоҳ камзӯли худро бадар карду ба китфи ҷавон партофт ва хитоб кард:

– Касе попӯшие дорад, зуд биёрад! – Ва суолаш дод: – Чӣ ном дорӣ?

– Азгуломӣ.

– Язгуломӣ? – Манзаршоҳ хаёл кард, ки нодуруст шунидааст.

– Не, Азгуломӣ.

– Хуб, Азгуломӣ ба қирғизҳо чӣ бадӣ кард, ки зиндонаш карданд?

Ин асно Дарвеши заршӯй як ҷуфт пехи баландсоқ оварду ба дасти ҷавон дод.

– Бишину бипӯшу қисса бикун! – амр дод Манзаршоҳ.

Ҷавон нишасту пехпӯшон ба ҳикоят пардохт:

– Мо дар Сариқул хешу табор дорем. Падарам нийят кард, ки онҳоро хабар гирем. Рафтем. Ба Ақташ расидем, ки аз пеш саворон баромаданд. Ҳамаашон қирғиз, ҳама камону шамшер доранд. Роҳамонро гирифтанду зада-зада, ба Ақташ бурданд. Чизе, ки савғотӣ доштем, ғорат карданд. Аспу харамонро ҳам. Пӯшоки гармамонро низ кашиданду дар каппаҳо банд карданд. Алоҳида-алоҳида. Ман шаб фарши каппаро кофтам. Реги намнок баромад. Ба осонӣ нақб задаму баромадаму гурехтам. Баъд ба ин амакиҳо вохӯрдам.

– Аз кадом деҳ ҳастӣ? – суол кард Манзаршоҳ.

– Рошорв.

– Номи падарат чист?

– Мастибек, – ҷавоб дод ҷавон ва дасташро боз рӯи гӯшаш ниҳод.

– Ку гӯшатро нишон бидеҳ, – Манзаршоҳ аз бозуяш дошта, ба назди гулхани тоза афрӯхта бурд ва муоина кард.

– Ба дастаи шамшер заданд, – эзоҳ дод Азгуломӣ.

– Кабуд шудааст, лекин бехатар, – хулоса баровард Манзаршоҳ, – се-чор рӯз равған бимол, соз мешавад. Акнун бигӯ, ки қирғизон молдор буданд ё силоҳдор?

– Силоҳдор... Ҳа, ҳама шамшеру камону камар доранд.

– Бисёранд?

– Бисёр, – андешакунон ҷавоб дод Азгуломӣ. – Мумкин панҷ ё шаш даҳак[1] бошанд.

– Номи калонашонро надонистӣ?

– Донистам. Гуфтанд, ки пагоҳ шуморо ба назди Кӯканбек мебарем, ҷонатон дар дасти вай аст.

Аз шунидани номи Кӯканбек байни ҳозирон ғавғо афтод.

– Кӯканбекро мешиносед? – ба ҳозирон рӯ овард сипаҳсолор.

Аз ҳар тараф овозҳо баланд шуданд:

– Роҳзан.

– Қӯрбошии роҳзанон.

– Ҳароми номусулмон.

– Ғораткуни бартангиён...

Манзаршоҳ даст бардошт:

– Оро-о-ом! То Ақташ чӣ қадар роҳ аст?

– Қад-қади Қоқулбез равем, каме беш аз ду манзил[2] мебароянд, – гуфт Шерчангол.

– Кӯкейбе ё Қоқулбез? – ҳайрон шуд Манзаршоҳ.

– Бобоҳои мо Қоқулбез[3] мегуфтанд, ҳоло баъзеҳо Қоқайбез мегӯянд. Қирғизҳо ба лафзи худашон Кӯкейбе меноманд.

– Минбаъд касе Кӯкейбе гуфт, дар даҳонаш лахча меандозам, – ғазаболуд хитоб кард Манзаршоҳ ва сукуте варзиду ҳарчи оромтар давом дод: – Роҳ ин қадар дур набудааст. Тунд ҳаракат кунем, то сапедадам мерасем?

---

[1] Панҷ ё шаш даҳак – панҷоҳ ё шаст

[2] Манзил – ченаки роҳ; як манзил баробари чил километр

[3] Қоқулбез (рӯшонӣ: Қоқулбеδ) – изи Қоқул

– Ситора напарида, расидан мумкин – посух доданд чанд нафар.

– Ин тавр бошад, ба амрам гӯш бидиҳед. Шабохун мезанем! Ба сурате бизанемашон, ки сар аз по хабар наёбанд. Савор шавед!!

Пас аз даҳ дақиқа даста ба роҳ уфтод. Бори як улавро ба сутурони дигар тақсим карда, онро ба Азгуломӣ доданд. Ҷавон ранҷу дардашро аз ёд бурда, пеш-пеши ҳама асп тозонд. Касе ба ӯ шивезн, касе корд дода буд.

Дар ҳақиқат, ҳанӯз ситораҳо гунбади осмонро тарк накарда, дастаи Манзаршоҳ ба Ақташ расид ва ба хаймаҳои қирғизон ҳуҷум бурд. Роҳзанон, ки аз ғояти худбоварӣ ҳатто посбоне нагузошта буданд, аз хоби ширини саҳарӣ чашм накушода, зарбаҳои марговар хӯрданд. Дар ним соат хиргоҳҳо чаппаву посгона, даҳ-дувоздаҳ қирғиз куштаву боқимонда сарлучу побараҳна таслим шуданд. Танҳо панҷ-шаш нафар дар айни авҷи занукӯб гурехта, бо торикии биёбон махлут шуда тавонистанд.

Тулӯи офтобро Манзаршоҳ дар хиргоҳи фароху гулкорӣ ва пур аз асбобу анҷоми саркардаи қирғизон Кӯканбек пешвоз гирифт. Худи Кӯканбек дар шумори гурехтагон буд. Ҳоло бистараш сард нашудаву мӯзаҳои ғафстагчармаш бо даҳанҳои воз, – гӯё ба ҳоли соҳибашон ҳайрон, – паҳлуи ҳам афтода буданд. Маълум, ки қӯрбошӣ ба пӯшидани онон фурсат наёфта, пои луч ҷон ба саломат бурдааст. Барои бовар ҳосил кардан ба гурехтани роҳзани овозадори Помир, Манзаршоҳ амр дод, ки асиронро дар назди хиргоҳи қӯрбошӣ қатор кунанд. Азгуломӣ ҳам падарашро ёфт ва ба назди Манзаршоҳ овард. Мастибек марди тануманди миёнақаде будааст бо бинии фарохпоча, чашмони мешии хурд-хурди бозингар, риши паҳни мошубиринҷ ва гардани кӯтоҳи бақувват. Дар танаш қатмаи пашми уштурӣ, дар по пеххои хушдӯхти баландсоқ дошт. Вай, гӯё солҳо бо Манзаршоҳ шинос бошад, баробари даромадан, ӯро ба оғӯш гирифта, вохӯрӣ кард ва забон ба баёни миннатдорӣ баркушод:

– Мавло бароят иқбол бидиҳад, марди бечорапарвар! “Бечора ҳам Худо дорад” гуфтани халқ аҷаб дурусте будааст. Ту намеомадӣ, ин лаънатзада маро ғуломи ҳалқабаргӯш мекард.

– Ба писари баҳодурат офарин бихон, андувол! Ин мардак бандашро намеканд, мо боз чанд рӯзи дигар қирғиз кофта мегаштем.

Мастибек бачаашро ба оғӯш кашид:

– Аз кӯдакиат бози паррону гурги даррон будӣ, мондӣ, ҷони падар! Ту чӣ хел аз он сагхона баромада тавонистӣ?

– Заминашро кандаму баромадам.

– Дар ақлҳоят ҷонам-е! – нидо дардод падар, – ман як моҳи дигар ҳам мемондам, ақлам ба ин ҳила намерасид.

– Заданд? – ба сару рӯи Мастибек синча андохт Манзаршоҳ, – таги чашмат сиёҳ, дастат харошида.

– Ин гулкории онҳое, ки роҳамонро гирифтанд. Раҳ ба раҳ зада-зада овардандмон.

– Ҳоло чунон ҷазошон бидиҳам, ки дигар тоҷикеро дучор оянд, тагчарми пехашро бибӯсанд ин жиндурвҳои[1] каҷсалиқа!

Ин ҳангом Лахман хабар дод, ки роҳзанонро дар берун ҳамагӣ қатор кардаанд. Манзаршоҳ тунд бадар рафту дар пеши сафи қирғизон истод ва дақиқае бо нигоҳҳои пур аз нафрату ҳавландоз сару сумоташонро аз назар гузаронд.

– Занону наврасон чӣ гуноҳ доранд? Инҳоро рухсат диҳед!

Чор-панҷ зану чанд бачаро дарзамон ҷудо карда бурданд. Манзаршоҳ ба қаноти чапи саф гузашту аз одами аввал сар карда, то охир, кашидаву кушода, ба буногӯши ҳамаашон якмуштӣ задан гирифт. Зарби мушти сипаҳсолорро фақат касе медонист, ки боре онро хӯрда бошад, – каллаи шерро мекафонду палангро аз по меафтонд. Онҳое, ки дар бораи ин таҳамтани чоснудӣ ривоятҳо шунида буданд, акнун чи зӯре доштани дасту бозуи ӯро ба чашмони сари худ дида, ангушти тааҷҷуб мегазиданд. Аз шумори ин чиҳил марди дар ғорату пайкор машҳур танҳо панҷ-шаш нафар ба по истода тавонистанд. Боқӣ фарши замин гаштанд!

Пас аз он ки саф аз нав пурра ба по рост шуд, Манзаршоҳ ба Мастибеку писараш амр дод:

– Акнун он бадбахтонеро, ки шуморо кӯфтанд, нишон бидиҳед.

Падару писар сафро гашта, озордодагони худро нишон доданду Лахману чанд тани дигар онҳоро кашола карда, пеш бароварданд. Баргаштабахтон чор нафар буданд. Манзаршоҳ шакли ҳар кадомашонро бо кароҳат аз назар гузаронду пурсид:

---

[1] Жиндурв (шуғнонӣ-рӯшонӣ) – ғули биёбонӣ; барзангӣ.

– До Мастибек, кадом ҷазоеро барои ин сагони дайду раво бинӣ, ба ҳамон дастур ҷазояшон медиҳам.

Мастибек, ки чунин сурат гирифтани ҳодисаро интизор надошт, дар вазъи нобоб афтод: чи карданашро надониста, гоҳ ба Манзаршоҳ нигоҳ мекарду гоҳ ба роҳзанон. Сипаҳсолор луқма партофт:

– Парронем? Ба дор кашем? Сар бурем? Тозиёна занем? Пӯст канем?

Чашмони Мастибек аз даҳшат сиёҳӣ заданд.

– Мир, агар гапи маро бигирӣ, инҳоро бубахш.

Аз ин гап хун ба сари Манзаршоҳ зад. Аз талотуми ғазаб мисли хурӯс гардан ёзонду барои нафаси амиқ гирифта ором гаштан сина дамонд.

– Бубахшам?! – аррос зад Манзаршоҳ, – инҳо имрӯз туро ё мекуштанд, ё бадтар аз куштан – ғулом мекарданд, аммо ту ин номурзидагонро бахшиданиӣ?! Бо кадом рӯ? Бо кадом дил? Бо кадом виҷдон? Аз бахшояндагиатон қишлокҳоятонро гирифтанд, айлоқҳоятонро зер карданд, намемонанд, ки дар хонаҳоятон осуда нафас бикашед, ҳатто номи деҳу дарёҳоятонро қирғизӣ карданд. Агар чунин корро дар мулки инҳо бикунед, чӯҷаи мурғатонро ҳам зинда намегузоранд. Ту ба гапам бовар мекунӣ, Мастибек?

Мастибек бо ҳамон ноҳинҷорӣ, ингор мегурехта бошад, дар ҷояш ду-се бор по бар замин заду посух дод:

– Тасаддуқи ҷонат, мир, албатта, бовар мекунам.

– Пас ҷазояшонро интихоб кун.

– Наметавонам...

Манзаршоҳ ҷонибаш нигоҳи тунде афканду даҳон ҷуфт кардан хост, ки банохост Азғуломӣ садо баровард:

– До Манзаршоҳ, ба ман иҷозат медиҳӣ?

На танҳо сипаҳсолор, балки, аз асирон сар карда, то ғолибон, ду дидаи ҳайрат ба ҷавони гӯшаш варамкарда дӯхтанд.

– Иҷозат.

– До, ман мехоҳам ҳар чорро чунон қамчин бизанам, ки устухонҳояшон луч-лучак гардад.

Ҷуръати ҷавон сояи хашмро аз чеҳраи Манзаршоҳ зудуд:

– Боракаллоҳ, шаҳбоз! Инак қамчин, инак муртадҳо. Ҳар кадомашро ҳафтоду панҷ бор мекӯбӣ.

Азгуломӣ қамчини дастааш нуқракӯбро аз дасти Манзаршоҳ гирифту гуфт:

– Лекин ман ҳисоб намедонам.

– Ту задан бигир, ҳисобашро ба ман ҳавола бикун, – қаноатмандона гуфт Манзаршоҳ ва амр дод: – Аввал ана ҳамин олуснаморо бихобонед!

Дарзамон роҳзани ишоракардаро байни саф бароварда, яктаҳашро кашиданд ва парӯ хобонда, дасту пояшро зер карданд. Азгуломӣ бо камоли мамнуният ба гирифтани қасоси худ пардохт. Манзаршоҳ бо овози баланд ба шумориш даромад: “Як! Ду! Се...” Қамчин “шив-в-в” пардаи ҳаворо дарида, “шип-шап” ба пушти маҳкумгашта мерасиду доду войашро ба фалак бароварда, ҳаракаташро аз сар мегирифт. Вақте ҳисоб аз чил гузашт, баоси барзаговонаи муҷрим ба вингоси нимшунавои модасаги зоянда табдил ёфта, тадриҷан ба фаххоси пасти моли сарбурида монанд гашт. Ҳоли фигори ҳамроҳашонро дида, роҳзанони бағайраттар барои халос кардани ӯ мехостанд коре бикунанд, аммо баробари ҷунбидан, дарзамон аз бартангиёни дар пушташон истода зарбе хӯрда, ноилоҷ тамошои маҷбуриашонро давом медоданд.

Ҷазодиҳӣ беш аз як соат тӯл кашид. Аз хуни чор роҳзан қамчини дасти Азгуломӣ ба шохи арғавон монанд гашту гирду атроф ба саллоҳхона. Аз гӯшти кандаву хуни рехта замин лолазор шуд. Пас аз адои ҷазодиҳӣ Манзаршоҳ шамшер аз ғилоф баркашиду сӯйи қамчинхӯрдагон нигаронд ва хитоб кард:

– Натарсед. Ин бор каллаи нодаркорашонро намебурам. Аммо Худо нокарда бори дувум ба дастам афтанд, модар набинад доғи фарзанд! – Ва сукуте карду афзуд: – Бачаҳо, қирғизиро кӣ медонад?

– Ман! – овоз дардод Мастибек.

– Хеле хуб, – хурсанд шуд Манзаршоҳ, – гапи гуфтаамро ба забонашон баргардон.

Мастибек тарҷума кард. Манзаршоҳ давом дод:

– Ман ҳокими тамоми Рӯшонам, номам Манзаршоҳ. Ин дафъа аз бахри ҷонҳои беарзишатон мегузарам. Бо чашмони тангатон дидед, ки Бартанг бехованд нест. Бидонед ва огоҳ бошед, аз ҳамин рӯз эътиборан агар шунавам, ки як нафаратон бо камону камар ба диёри ман по гузоштааст, на фақат зинда барнамегардад, балки

мурдаашро низ нахоҳед дид. Ин гапамро ба ҳар фарди қабила, хусусан ба шоҳатон бирасонед. Воқеан, бипурс, шоҳашон чи мардесту маконаш куҷост?

Ба саволи Манзаршоҳ қирғизе, ки бо телпаки сиёҳи ҷингилапашм аз дигарон фарқ мекард, посух гуфт. Мастибек пӯзхандзанон гапашро тарҷума намуд:

– Мардак мегӯяд, ки шоҳашон зан аст, номаш Қурбонҷон. Чанд моҳ пеш аз Қаракӯл ба ҷониби Алай рафта буд.

– Зан?! – Манзаршоҳ аз ҳайрат даме чи гуфтанашро надонист. – Барои ҳамин мулкатон на сар дорад, на бар. Агар хоҳед ба суроғи он зан наафтам ва дар хонааш ӯро зери поям нахобонам, аз тааррузу таҷовуз ба Шуғнон, Рӯшон, Вахон, Шохдара даст нигоҳ доред!

Сипаҳсолор барои паноҳ кардани чашм аз шуълаҳои тези офтоби субҳгоҳӣ лапари каф ба пешонӣ гузошт ва дақиқае авулро аз назар гузаронду гапашро давом дод:

– Ақташ чӣ маъно дорад?

– Сафед жур[1], – аз пушти Манзаршоҳ садои Дарвеши заршӯй баланд шуд.

– Сафед жур? – суоломез такрор кард Манзаршоҳ, – Номи нағз! Эй бартангиён, ба гӯшатон бигиред: аз ҳамин дам номи Ақташ Сафеджур шуд! Касе аз шумо Ақташ бигӯяд, ба ҳамин ҷо бадарғааш мекунам! Фаҳмидед?

Аз ҳар тараф садоҳо баланд шуданд: “Фаҳмидем”.

– Дарвеш, ба ин номардон бигӯ, ки номи Ақташро Сафеджур мондам.

Дарвеш гапи сипаҳсолорро ба қирғизӣ тарҷума кард.

– Ҳой қирғизи сиёҳсарпӯш! – хитоб кард Манзаршоҳ, – ту ҳам ин гапамро ба қабилаат такрор бикун.

Он мард чунин кард. Манзаршоҳ бо нигоҳҳои баброна асиронро аз назар гузаронду гуфт:

– Барои он ки гапам на аз ёди тоҷик барояд, на аз хотири қирғиз, дар ҳамин ҷо қалоте аз санги сафед мебардорам. Агар як бори дигар ба мамлакати ман ҳуҷум биёред, меояму дар ҷойи қалот қалъа месозам. Он гоҳ дигар на Ақташатонро мебинед, на Сариташатонро! Сиёҳсарпӯш, гапамро қирғизӣ кун!

---

[1] Сафед жур (рӯшонӣ) – санги сафед.

Мард бо овози баланд гапи Манзаршоҳро тарҷума кард. Қирғизон сар пеш афканда, аз зери пешонӣ иддае бо нафрат, қисме бо тарс, бархе бо ноумедӣ ба Манзаршоҳ менигаристанд.

– Фаҳмида бошед, ба суди худатон, – гуфт Манзаршоҳ пас аз он ки тарҷумон лаб фурӯ баст. – Ба Кӯканбекатон бигӯед, ки ба думи шер бозӣ накунад. Ба сари мардуми бечора шамшер накашад. Мард бошад, бо ман панҷа бизанад, на ин ки ба мисли калламуш ҳамроҳонашро партофта, сари қоқи худро бигираду бигурезад. Умед дорам, бори дигар маҷбурам намекунед, ки рӯйҳои ношустаатонро бубинам. – Ва ба ҳамроҳонаш амр кард: – Яроқу аспашонро бигиред ва рафтем!

Баъди ним соат даста бо ғанимати бисёри ҷангӣ – шонздаҳ аспи пурқувват, шофу шамшер ва милтиқу найза қад-қади Қоқулбез ба тарафи Кӯҳдара роҳ пеш гирифт. Албатта, роҳзанон ҳоло ҳам аспу хачиру хар доштанд, вале ба амри сипаҳсолор навкарон фақат аспони яккачинро ҷудо карда гирифтанд. Офтобшин даста бо сари баланду дамдамаи лашкари пирӯзгашта ба деҳаи Пасор даромада, ба дамгирӣ нишаст. Мардум қаҳрамонони худро дарзамон ба ҳалқа гирифта, ҳолпурсӣ намуданд ва чун мутмаин гаштанд, ки дар муҳориба касе талаф наёфтааст, дафу рубоб ва нуқлу кабоб оварда, базми осмонкафе тартиб доданд.

Он рӯз то поси шаб Пасор сур дошт. Хабари деринтизори шикастондани қирғизони роҳзанро шунида, аз деҳаҳои ҳамсоя низ одамони бисёр омада, ба дилхушӣ пайвастанд. Манзаршоҳу ҳамроҳонашро калонтари деҳ, марди хушсуҳбати солхӯрдае ба хонаи худ бурд ва он қадар хандонд, ки дар хотири меҳмонон аз ҷанги субҳдамон ғуборе боқӣ намонд.

Рӯзи дигар Манзаршоҳ фармуд тамоми пасориён, меҳмонону роҳгузаронро ҷамъ оварданд. Вай болои тахтасанге баромада, ба мардум хитоб кард:

– Дирӯз мо ба роҳзанони Кӯканбек зарбаи маргбор задем. Мақсад, ин бенухтагон донанд, ки мо дигар зинҳор ба зинҳор ягон ҳуҷуму дастдарозиашонро бе ҷавоб намегузорем. Инро ман – Манзаршоҳ, қоиммақоми Рӯшон, бароятон мегӯям. Ин ҳама нишони сустиву камбинии ҳукумат, яъне шахсан худи ман аст. Мо мардуми Бартанги болоро ба ҳоли худаш раҳо кардаем. Пагоҳ дар Савноб ман номи мирдеҳон ва мирҳазори Бартанги болоро

эълон менамоям. Дигар оқсақол-поқсақол, мингбошӣ-пингбошӣ нагӯед. Оқсақол мирдеҳ аст, мирҳазор – мингбошӣ. Дар тамоми деҳаҳо қалъаҳои бударо аз нав сохта, чунон мустаҳкам кунед, ки занбӯр ҳелча карда натавонад. Натарсед! Роҳзан тарсончактарин, номардтарин махлуқи рӯи олам аст. Ду-се нафарашро бикушед, дигар то умре дорад, ёди Бартанг намекунад. Мо зотан мардуми нармдилу мадорочӯй астем. Ҳамин хислат намегузорад, ки ҳатто ба душманонамон бишӯрем. Чи нармдиливу дилсӯзие доред, ба хонаводаи худ, ҳамсояи худ, ба ҳамдиёри худ нишон бидиҳед. Аммо ба оне, ки дар пайи ишғол кардани мулку нест кардани аҳлу авлодат афтодааст, ягон зарра раҳму шафқат раво нест! Дидед, мардони мо чи ҷанговарони диловаранд! Мо дина инро исбот кардем. Номи деҳаатонро қирғизӣ нагӯед. Пасор гӯед, на Ағачқӯрған-Пағачқӯрған! Касе ба сабаби аҳмақии худ ба номи қирғизӣ хушбинӣ нишон диҳад, номашро шахсан ба ман маълум кунед. Ман чунин хоинро, мард бошад, аз ришаш, зан бошад, аз мӯяш меовезам! Вой бар ҳоли он касе, ки ин гапамро шӯхӣ дониста бошад!

Манзаршоҳ дар ҳар деҳа истода, ҳамин суханонро ба ҳар тарзе ба мардум гуфта, сокинонро дар роҳи истодагарӣ ба муқобили душман муттаҳид сохтаву рӯҳбаланд намуда, рӯзи сеюм дар Савноб ҷаргаи калон орост. Аз Кӯҳдара сар карда, то Рошорв, ба он одамони баруманди Бартанги болоро ҷеғ зад. Вай ғайричашмдошти ҳама Азгуломии ҷавонро мирҳазор таъйин намуда, сабабашро чунин шарҳ дод:

– Медонам, ин ҷавон ҳоло бистсола ҳам нест. Аммо барои ман ду сифаташ муҳим аст: нотарсӣ ва устуворӣ. Ман ба мӯйсафедони фозилу мардони ҳунарманду босахо сахт эҳтиром дорам, аммо ҳоло барои Бартанг раҳбари диловар, ҷанговар, хастанашаванда, зирак, ба душман оштинопазир лозим аст. Агар хоҳед дар хонаатон бегонагон хӯҷаинӣ накунанд, гапи маро ба замин намонеду дар пеши чашми ман аввал ба ҳамин ҷавонмард, сипас ба ман даст бидиҳед.

Калонтарон – чил-панҷоҳ нафар намояндагони халқ, бидуни шарту ҳарф як-як ба Азгуломиву Манзаршоҳ даст дода, ҳамраъйӣ изҳор намуданд. Онҳоро раиятдӯстӣ, кордонӣ ва диловарии Манзаршоҳ ба ваҷд оварда буд. Ба ин сабаб Азгуломиро бо

эътиқоду эътимоди росих ба сардорӣ қабул карда, барои ин кори аҷибу наҷиб ба Манзаршоҳ офаринҳо хонданд.

Баъд аз ин Манзаршоҳ бо ёрии намояндагон барои ҳар деҳа мирдеҳе баргумошту ҷаргаро чунин ҷамъубаст кард:

– Андуволон! Бо ҳамин ҳукумат дар диёри шумо барқарор шуд. Бартанг ба Вомар, Вомар ба Баҳрпанҷа итоат мекунад. Яъне, Азгуломӣ то ба Вомар омадани Қубодхони мири Рӯшон ба ман – қоиммақоми Рӯшон, ман ба Қубодхон, Қубодхон ба шоҳ Юсуфалихон, ки фармонравои мутлақи Шуғнонзамин мебошад, итоат менамоянд. Мо роҳзанони тарафи Кӯҳдараро тарсондем, аммо аз мори захмишуда бештар тарсидан лозим. Дар Кӯҳдара бист ҷангӣ гузоштем. Пас аз ҳар даҳ рӯз он бист нафарро иваз кардан лозим аст. Дар сурати ҳуҷуми қирғизон ҷанговарони дигар деҳаҳоро ба ёрии онҳо фиристода, душманро намонед, ки як ваҷаб даруntар по бигузорад. Ман фардо ба тарафи Аличор ҳаракат мекунам. Алови чашми роҳзанони он тарафро ҳам гирифтан лозим аст. Ҷанговаронро аз деҳаҳои сари роҳ мегирам.

Манзаршоҳ барои андешидани дастуроти дигар сукут варзид.

– Мир, аспону аслиҳаи ғаниматро бо худ мегиред ё то омаданатон меистанд? – риштаи хаёли сипаҳсолорро Ёркунҷӣ бурид.

– Ҳамаашро дар ихтиёри шумо мегузорам. Ин ҳаққи ҳалоли хавручони диловари шумост.  Азгуломӣ одилона тақсим мекунад. Аммо ҳоло ба тарафи Сарез одам бифиристед, ки ҳар деҳа бароямон ҷанговар бидиҳад.

– Миро, илтимос, ин корро ба ман бисупор, – ба гап ҳамроҳ шуд Дарвеши заршӯй.

Манзаршоҳ андаке ҳайратолуд ба рӯи Дарвеш нигаристу гуфт:

– Ватанатро ба мо нишон додан мехоҳӣ?

– Бале.

– Гапатро мегиранд, охир?

– Ваъда медиҳам, – даст рӯи дил гузошт Дарвеш.

Манзаршоҳ ба Ёркунҷӣ рӯ овард:

– Ту ҳамин мардакро мешиносӣ?

– Боре ҳам надидаам.

– Мушоҳида кардам, ки туро ягон кас намешиносад, – ба Дарвеш рӯ овард Манзаршоҳ. – Барои ҳамин пурсидам.

– Узр, – шакарханд зад Дарвеш ва сар поин андохт.

Рафтори Дарвеш ба Манзаршоҳ писанд омад:

– Ин тавр бошад, Лахманро бигиру худи ҳозир ба роҳ баро.

Дарвеш ҷониби Лахман нигоҳ андохт ва маъракаро тарк кард. Ҷавон дунболи ӯро гирифт.

## ҚАРОРИ ҚАТЪӢ

Тамоми шаб на лашкари Бадахшон мижа таҳ кард, на лашкари Шуғнон. Аз хавфи шабехун ҳар ду дар ҳоли ҳозирбош қарор доштанд. Сипоҳии савор панҷсад-шашсад қадам масофаи байни хутути пешро дар як нафас паймуда, дар торикии шаб чунон воҳимае андозад, ки дар равшании рӯз аз даҳ ҷанговар чунин кор барнахезад. Инро ҳам Аъзами Бомаконӣ медонист, ҳам Асламхон. Бинобар ин, вақте шоҳи Шуғнон, ясавулбошӣ ва девонбегӣ дар иҳотаи дастаи муҳофизони вижаи дарбор ба дашти Демурғон расиданд, сипоҳ мунтазири фармон ҳушёру омода истода буд. Субҳи содиқ медамиду шуълаҳои саркашидаи хуршед теғи нав аз оташи кӯра баркашидаро ба хотир меоварданд. Юсуфалихон баробари расидан ба қароргоҳ – чодари Гулпочо, чобук ба замин ҷаҳид ва хитоб кард:

– Боракаллоҳ, лашкар бояд ҳамин дастур бошад! Саг зарби дуруст хӯрад, заҳрааш мекафад. Аз душман чӣ хабар?

– Тамоми шаб сари по буд, – арз кард Гулпочо, – на пеш омад, на қафо рафт.

– Метарсад! – каф ба пешонӣ лапар сохта, сӯи сипоҳи душман чашм дӯхт шоҳ, – албатта, метарсад, бетармолӣ. Хаёлаш, ки Шуғнон на дар дорад, на дарвоза.

– Падар, иҷозат бидеҳ, аз Шохдара лашкар биёрам, – гуфт Асламхон. – Яке кор сахт шавад...

– Ҳазор раҳмат, вале мо корро ба сахтӣ намебарем.

Афсарон бо тааҷҷуб ҳамагӣ ба шоҳ нигаристанд.

– Чӣ хел *намебарем*? – ҳайраташро ба забон овард Асламхон.

– Мо оштӣ мехоҳему Маҳмудшоҳи худписандро хушӣ ба хушӣ рухсат мекунем.

Гулпочо, Асламхон ва Сияҳсар шигифтомез ба ҳамдигар нигаристанд: намедонистанд аз ин хабари ногаҳонӣ хурсанд шаванд ё хафа.

– Оре, – суханашро давом дод шоҳ, – оштӣ мекунем. Писарам, Сияҳсару Муборакро бигиру биравед ба назди Маҳмуд. Бигӯ, дар ҳамон хонаи Ширинбек бо ӯ гуфтугӯ кардан мехоҳам. Барои рафъи ҳама гуна занну шубҳа ман танҳову бесилоҳ ба ҳузураш меравам.

– Танҳову бесилоҳ? – рӯ туруш кард Асламхон.

– Лозим ояд, бале, – барои нишон додани қатъияти хулосааш даст ба ҳаво бардошт шоҳ. – Биравед!

Асламхон, Сияҳсар ва Муборак дарзамон савор шуда, ҷониби Демурғон асп монданд.

## ГУФТУШУНИД

Ҳавлии барҳавои Ширинбек ду рӯз боз қароргоҳи мири Бадахшон – Маҳмудхон мебошад. Он дуруст дар байни деҳа ҷойгир шудааст, гирду атрофаш – ҳама киштгоҳу боғзор. Тобистони сабз дар сабз оламро зери фармон гирифта буду дар замину само шодмониву сурур пар-пар мезад. Табиат он қадар хубу марғуб, ширину рангин, гулрезу мушкбез буд, ки гӯӣ дар дунё на сардии зимистон вуҷуд дорад, на зардии хазон. Танҳо тобистон пойдор асту ҷовидон! Ва ин тарабу масаррати ҷовидонаро на касе халалдор карда метавонад, на хасе.

Аммо бо расидани пойи Маҳмудшоҳу лашкари ҷррори ӯ тобистон дар ним соат ба дӯзахистон табдил ёфт. Баробари даромадан ба Демурғон, гӯё девона шуда бошанд, бадахшиён якбора ба ҳар тарафи деҳа тохтанду даст ба тороҷи кишту боғ заданд. Чанд хонаи сари роҳро оташ заданд. Шояд барои куштани аҳолӣ дастур надоштанд, ки, сад шукри Додори Кирдгор, ба сари касе шамшер накашиданд. Агар Маҳмуд чунин нийят медошт, ҳоло нисфи Демурғон ба хоку хун ғарқ мегашт. Мардум медонист, ки мири Бадахшон ба саломи шоҳи Шуғнон меояд ва то пазируфта шудан дар Баҳрпанҷа, қӯши худро ба хонаи оқсақол Ширинбек мепартояд. Бинобар ин, қариб тамоми аҳли деҳ, бидуни эҳсоси хавф, ба пешвози Маҳмудшоҳ баромад. Бароmаду дигар ба хонааш даромада натавонист. Аз турктозии ғайричашмдошти “меҳмонони олиқадр” сару калоба гум карду афтону хезон, гирёну нолон, саргиҷу ҳайрон ба ҳар тараф пароканда шуд. Қисме ба сӯи кӯҳ давид, бархе ба ҷониби

дарё. Дар боғҳо саридарахтие намонд. Лашкариён на танҳо меваи ғӯраву пухтаро резонданд, балки шофу шамшер бар шохаҳои тар заданду шикастанду зери по карданд. Дарахтони мевадор ба одамони дасту пову гӯшу бинибурида монанд гаштанд. Ғаллазорон ба чарогоҳи аспони сериштиҳо, марғзорони сералаф ба бошгоҳи хушҳаво, хонаҳо ба меҳмонхонаи бенарху навои лашкариён мубаддал шуданд.

Ба ҳоли Демурғон мурғони ҳаво мегиристанд.

Аҳли хонадони Ширинбек аз ҷумлаи касони ангуштшуморе буд, ки фирор накард. Ва на ба амри дили худ, балки ба ҳилабозии Аъзами Бомаконӣ. Охирӣ бо зердастонаш тарафи бегоҳ ба хонаи Ширинбек омад ва гуфт: "Оқсақол, субҳи барвақт мо бо ту бояд ба пешвози мири Бадахшон бароем. Лутфан, иҷоза бидеҳ шаб дар ҳавлиат бихобем, то барвақт бихезему ҳамроҳ ҳаракат бикунем". Чун Ширинбеку писарони вай ҳар рӯз ба дашт рафта, барояшон обу таом мебурданду унс гирифта буданд, бо камоли эҳтиром меҳмонхонаро ба ихтиёрашон гузоштанд. Мол куштанду зиёфат доданд. То як поси шаб ба хизмат истоданду танҳо баъд аз хоб рафтани онҳо сар ба болин гузоштанд. Аммо субҳдам, вақте Ширинбек бархосту ба рӯи ҳавлӣ баромад, Аъзами Бобакониву ҳамроҳонашро бо камону камар диду пурсид: "Ин қадар барвақт хестед? Бисёр хиҷил шудам. Ҳоло дасту рӯ шуста меоям". Аммо Бомаконӣ шамшер бараҳна карду бар синааш гузошт ва гуфт: "На ту, на авлодат аз хонаат намебароӣ! Бачаҳота бигӯ, туғён накунанд. Ба поси намакат, то шумо таҷанг нашавед, касеро озор намедиҳам. Ҳоло ҳамаро бапо бихезону хонаро барои мир Маҳмудшоҳ омода бисоз! Гапамро фомидӣ?" "Фаҳмидам", – ба чи бадбахтӣ дучор омаданашро акнун дарк карда, бо садои шикаста посух дод Ширинбек. Бомаконӣ теғашро ба ғилоф андохту гуфт: "Бовар дорам, шумо саломат боқӣ мемонеду мо ба хушӣ аз хонаат меравем". Ширинбек худро ба даст гирифту оромона қазияро ба зану бачаҳояш тавзеҳ дод. Вақту имкони муқобилат набуд. Ҳама аз хоб хестанду дар тараддуди рӯфтану шустану пок намудани хона уфтоданд. Ва кунҷи шарқии боғро аз чор тараф чодар гирифтанду лоқу пари худро ба он ҷо кашонда, бошгоҳи муваққатӣ дуруст карданд. Бо ҳамин соҳибони хона ба хизматгор табдил ёфтанду меҳмонони нохонда ба соҳибхона.

***Осоишат набинам, эй чархи осиёӣ,***
***Худ суда менагардӣ, моро ҳаме бисоӣ.***
***Моро ҳамефиребад гашти дамодами ту,***
***Ман дар ту чун бипоям, гар ту ҳаменапоӣ?***
***Сайёд, бемуҳобо, ҳаргиз чу ту надидам,***
***Ғаддору гандапирӣ, пурмакру норавоӣ[1].***

То расидани Маҳмудшоҳ сипоҳиён деҳаро тохтанду поймол сохтанд, аммо ба аёли Ширинбек коре нагирифтанд. Ширинбекро Бомаконӣ барои истиқболи мири Бадахшон бо худ бурд. Пеш аз рафтан ду афсари ҳамроҳашро посбон гузошту таъкид намуд, ки “мӯйе аз сари инҳо ғадар шавад, ба дасти худ пӯстатонро меканам”. Бо ин ҳама, Ширинбек бо дили гарону табъи мотамзадагон ба пешвози меҳмоне баромад, ки ҳанӯз ба Шуғнон қадам нагузошта, доду фиғони фақиронро ба осмони ҳафтум баровард.

Мири Бадахшон даруни каппае аз бахмали сабз, миёни кӯҳони уштури сурхмӯйи қолинпӯш, бо карру фарре, ки фағфури Чин бинаду як умр дар оташи ҳасрату ҳасад бисӯзад, нишаста будааст. Аз даруни каҷовaҳои тиллогуни дар ду тарафи уштур овезон ҳамчунин каллаҳои салладори ду марди хушлибоси дигар ҳам ба чашм мехӯрд. Муҳори уштурро ҷавони зангинамои сурхлибоси мавзунқомати сарбараҳанаи ҷингиламӯе дар даст дошт. Понздаҳ-бист чобуксавори сиёҳпӯши бо туфангу шамшер ва найзаҳои кӯтоҳ мусаллаҳ пеш-пеши уштур, ба ҳамин миқдор пас-паси он асп меронданд. Аъзами Бомаконӣ ва ҳамроҳонаш дар қатори аввал асп ронда, дастаро то хонаи Ширинбек раҳнамоӣ карданд. Баробари расидан ба ҳавлӣ, навкарон зуд пиёда шуданд ва уштурро чак доданд. Аввал ба баромадани он ду марди хушлибос аз каҷовaҳо ёрӣ доданд. Сипас даричаи каппаро боз намуданд ва аз ду бағалаш гирифта, Маҳмудшоҳро ҳам ба замин фуроварданд. Вай марди чилу ду – чилу панҷсолаи баландқомате будааст бо ришу мӯйи чун қатрон сиёҳ, рӯйи сабзина ва китфу кӯполи наварзида. Баробари расидани пояш ба замин, ба Аъзами Бомаконӣ, ки ба мисли дигарон даст рӯи сина гузошта, сар хам карда буд, рӯ овард:

---

[1] Аз Носири Хусрав

– Оқибат аз дасти ту ҳам коре баромад-ҳо?

Бомаконӣ дасти дигарро ҳам бар сина гузошту қоматашро бештар хам зад:

– Тадбири ҷалолатпаноҳ буд, агане ман чи дасте дораму чи хираде!

Мир ба садои ҷанг, ки ин дам ба авҷ расида буд, гӯш андохту пурсид:

– Ин сагон неруи муқобилат доранд?

– Аккос зада метавонанд, – бо писханд ҷавоб дод Бомаконӣ.

Мир қаноатманд сар ҷунбонду ба Ширинбек нигарист.

– Соҳиби ин вайрона ҳамин мартака[1] бошад?

– Оре, исмаш Ширинбек, – ҷавоб дод Бомаконӣ.

Мир лаҳзае ба нописандӣ сару рӯи Ширинбекро аз назар гузаронду пурсид:

– Дар назди шоҳакат амале дорӣ?

– Дорам, оқсақоли ҳамин деҳа астам, – аз зери дандон наҷво зад Ширинбек.

– Тамом? – теғкашон ба соҳиби хона нигарист мир.

– Тамом.

– Аёз, ту ба ин патакриш бовар дорӣ? – мир ба марди шалғамсаллаи наҳифқади сафедпӯсти зебосурат, ки дар каҷоваи чап нишаста буд, рӯ овард.

Аёз чашмони зебояшро лаҳзае чанд синчакорона ба рӯи Ширинбек дӯхту гуфт:

– Дилат пур бошад, ҳазратам.

Мир сар ҷунбонду ҷониби хона ишора кард:

– Бидароем, ки хаста шудем.

Онҳо ба хона даромаданд. Ширинбек ба назди зану фарзандонаш шитофт. Вақте дид, ки онҳо дар пушти хона машғули пухтупаз ва такудави кори хоҷагианд, дилаш пур шуд. Лаҳзае пас Бомаконӣ омад ва амр дод:

– Оқсақол, зану духтаронро маҳрам бикун, фақат писаронат бимонанд. Ҳоло матбахиёни мир ошхонаатро соҳибӣ мекунанд.

Ширинбек ба Бомаконӣ сипос изҳор намуд ва амр дод, ки занону духтарон ба чодари канори боғ бидароянд. Дарзамон шаш нафар аз

[1] Мартака – хитоби таҳқиромез нисбат ба мард.

ҷумлаи сияҳпӯшон хӯроки пухтаи Гуланору синҳорони ӯро ба пагнизи[1] калон рехтанду худ ба тараддуди пухтани таом уфтоданд. Вақте Ширинбек гуфт, ки таомро барои шоҳ пухтаанд, сарошпаз эътирозомез ҷавоб дод: "Барои шоҳ фақат мо мепазем, инро бо касе, ки хоҳӣ, бахш кун". Ширинбеку писараш пагнизро ба чайлаи худ бурда, бо аёлашон хӯрданд ва боқимондаашро ба хизматгорони шоҳ доданд.

Бегоҳ, вақте ду тараф даст аз ҷанг боздоштанд, Маҳмудшоҳ Ширинбекро ба назди худ талабид. Мир дар баҳорхоби васеи канори даҳлез болои ду қабат кӯрпа ба тӯшаку болиштҳо паҳлу задаву он ду марди каҷованишин дар ҷониби росташ дузону нишаста буданд, Аъзами Бомаконӣ бо ду афсар, ки Ширинбек бори аввал медид, дар пойгаҳ рост меистоданд.

Мир бо нигоҳи хашмолудаш афту андоми Ширинбекро пармосиду ангушти ишораташро сӯйи Аъзами Бомаконӣ рост кард:

– Ҳамин мардакро мешиносӣ?

Ширинбек ба рӯи афсар нигоҳе афканду ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Ин тур бошад, ба ин суолам ҷавоб бидеҳ: магар дар бораи ҳуҷуми ман ба Шуғнон аз ӯ чизе шунидӣ?

– Не.

Маҳмудшоҳ абрувон боло кашида, сар ҷунбонду пурсишашро давом дод:

– Дар бораи мақсади омаданаш ба Шуғнон чӣ гуфт?

– Гуфт, ки мири Бадахшон ба саломи шоҳи Шуғнон меояд.

– Баъд чӣ шуд?

– Ман эшонро бо шоҳ чорбарӯ кардам. Баъд дар дфштаки мо ба интизори ту чодар заду нишаст. Дирӯз бо навкаронаш ба хонаам омад. Гуфт, ки фардо субҳ аз ҳамин ҷо ба пешвози мир бароем. Ман барояшон ҷой додам. Субҳ авлодамро хонабанд карданду маро бо худ гирифта, ба пешвозатон бурданд.

Мир даме андешиду бозхосташро аз сар гирифт:

– Пас, бигӯ, ки лашкари Шуғнонро кӣ огоҳ карда, ки чунин муқобилат дорад?

– Сипоҳи Шуғнон ҳамеша омода аст, мир. Мо лашкари доимӣ дорем.

[1] Пагниз (шуғнонӣ: паѓнӣз) – хурмаи бузург

Мир ба сӯи ду афсари дигар ҳақоратомез нигаристу садо баланд кард:

– Чанд кас шаҳид шуд?

– Ҳафт сарбоз кушта шуд, хеле захмӣ, – посух дод афсаре, ки ба гумони ғолиб фармондеҳи асосӣ буд.

– Мурдаҳоро бичинеду дар ҳамин ҷо ба хок супуред, – ба ҳамон оҳанг амр дод мир. – То Файзобод роҳ дур асту ҳаво бисёр гарм.

– Фармонбардор, – посух доданд афсарон.

– Ба инҳо роҳи масҷидро нишон бидеҳ, – Ба Ширинбек рӯ овард Маҳмудшоҳ.

– Масҷид? Кадом масҷид? – дар ҳайрат афтод оқсақол.

– Масҷиде, ки халқатон намоз мехонад. Ҷанозаи шаҳидонро дар он хонанд, беҳтар.

– Мо масҷид надорем.

– Чӣ, халқи шумо намоз намехонад? – мир аз посухи шаккоконаи Ширинбек даст ба гиребон бурд.

– Мехонем.

– Дар куҷо мехонед?

– Дар хонаҳои худ.

Мир китф дарҳам кашиду ба марди саллакалон, ки дар каҷоваи тарафи рост нишаста буд, рӯ овард:

– Эшон, шунидӣ, ин мардак чӣ мегӯяд?

Эшон фаши ба сина афтодаи саллаи сабзашро бо нӯги ангуштон пушти сар партофту гуфт:

– Субҳоналлоҳ, шунидам. Мушкили аҷибе пеш меояд, – ва гулӯ равшан карду ба Ширинбек муроҷиат намуд: – Дар тамоми Шуғнон масҷид нест, ё фақат дар ҳамин Мурғондеҳ?

– Демурғон, – саҳви эшонро ислоҳ кард Ширинбек ва афзуд: – Дар тамоми Шуғнон, албатта.

Аз мир то афсар ҳамагӣ суоломез дида ба даҳони эшон дӯхтанд. Эшон аз таваҷҷуҳи ҳамагонӣ рӯҳ гирифту ваҷоҳаташро омиронатар нишон доданӣ шуда, аз кисаи камзӯли сабзранги пешбарҳояш зардӯзӣ тасбеҳи дарозе бо муҳраҳои оҷӣ бароварда, ба кафаш овехт ва наҷво зад:

– Гуфтем, мушкили саъб пеш меояд, меояд. Дарбор.., қалъаи ... – эшон барои ба ёд овардан лаҳзае хотираашро такурӯ кард, – Барипанҷ ҳам надорад?

– Қалъаи Баҳрпанҷа ҳам надорад, ҳазрат.

– Пас намози ҷумъаро дар куҷо мехонед шумо?

– Банавбат дар хонаҳои якдигар, рӯзҳои ид дар назди остон.

Эшон маънидорона ба мир, мир бо ҳамон ифода ба эшон нигоҳ кард. Аёз каф бар даҳон гузошту сулфанамо хандид.

– Оқсақол, остонро нафомидам, – гуфт эшон.

– Зиёратгоҳ, – посух дод Ширинбек.

Хандасулфаи Аёз баландтар гашт. Ғазаби Ширинбек ҷӯшид, вале сир бой надоду чашм поин андохт.

– Аҷаб мусулмоние! – бо ҳайрат хитоб кард эшон, дасти тасбеҳдорашро рӯи дил гузошта.

– Нагӯ, – бурутханде зад мир ва амр кард: – Оқсақол, ту қабристонро нишон бидеҳ, эшон ҷанозаашонро бихонад. Имрӯз не, фардо субҳ.

Фардо субҳ Ширинбек ҷойи холиеро дар доманакӯҳи деҳа ба бадахшиён нишон дод. Онҳо ба тадоруки гӯру чӯби шаҳидон афтоданд. Ин асно навкаре назди Ширинбек омад ва гуфт:

– Соҳиб, мир шуморо мепурсад.

Ширинбек савор шуду аз паси навкар ба хона асп ронд. Раҳораҳ сад андешаи бад аз дилаш гузашт. "Чӣ коре бикунанд, ихтиёрашон, аммо Худо дасташонро аз занону духтаронам нигаҳ бидорад". Мушаввашу музтариб ба ҳавлӣ расида, аввал ҷониби чодаркаппаи аёлаш нигарист: оромӣ буд. Ҳатто такудави хизматгорону навкарон ҳам ба назар намерасид. Пиёда шуда буд, ки Бомаконӣ аз хона баромада, аз дасташ гирифт ва гуфт:

– Шоҳи ту барои гуфтушунид омадааст. Чун касе бо худ нагирифтааст, мир туро хост, ки шоҳиди музокара бошӣ. Биё!

Ва арақшору дастношуста Ширинбекро рост ба гӯшаи боғи рӯи ҳавлӣ, ба маҷлиси меҳтарон бурд. Зери сояи дарахтон, рӯи ду қабат кӯрпача мир Маҳмудшоҳ, дар ду тарафаш эшону Аёз, дар рӯбарӯяшон шоҳ Юсуфалихон нишаста буданд. Ширинбек расми таъзим баҷо оварда буд, ки Маҳмудшоҳ ба даст ҷониби Юсуфалихонро нишон доду гуфт:

– Дар паҳлуи валинеъматат бишину шоҳид бош, ки ӯ чӣ мегӯяду мо чӣ мегӯем. – Ва ба Аъзами Бомаконӣ рӯ овард: – Ту ҳам дар паҳлуи ин мардак бишину шоҳид бош.

Юсуфалихон бо гӯшаи чашм ба Ширинбек назаре андохту маънидорона ин масал ба забон овард:

– “Гар гӯш бадиққат шунавад, суди забон аст”.

Ширинбек сар ҷунбонду чашм ба даҳони Маҳмудшоҳ дӯхт. Мири Бадахшон бо кибру ғурур ва гардани афрохта хурӯси таҷангро ба хотир меовард. Вай гӯё аз тоқи осмон бошад, ба Юсуфалихон калонгирона нигоҳҳои таҳқиромез андохта, суҳбатро оғоз кард:

– Аввал аз ин бигӯям, ки пур одами бефаросате баромадӣ, Юсуфалихон! Ту наход бо ман, бо Маҳмуде, ки ба як ҳамла аз Хуросон то Бадахшонро зери дасти худ овардам, ҷуръати сина задан кардӣ? Бо мане, ки меҳтари Чатрор сари таслим ба хоки поям бисуду амири Кобул аз бими шамшери ман на шаб хоб дорад, на рӯз?! Бо мане, ки пагоҳ ба тухми оли Дустмуҳаммадхон қирон меораму фардо тоҷи Музаффархонро дар Бухоро бо сараш ба хок ҳамвор хоҳам кард?! Оё сарнавишти бади Ҷаҳондори носазовор бароят дарс нашуд? Чунон гурехтане кард, ки касе намедонад ҳоло хоки Ҳиндро ба сар мекунад ё Чинро ё Туркистонро? Аммо ту бо як ваҷаб сангистонат ин қадар менозиву ҳатто ба сарам метозӣ!? Ту ҳоло ҳам надонистаӣ, ки Маҳмудшоҳ кист ва барои чӣ бахт мададгору толеъ ёри ӯст. Лоҷарам, агар медонистӣ, дав-давон ба саломи ман мерасидиву ба сари каммағзат бало намехаридӣ.

Мир мушт бар синааш кӯфту лаб фурӯ баст ва синчакорона ба Юсуфалихон чашм дӯхт. Шоҳи Шуғнон, ки бо хунсардиву тамкини сангин гӯш ба давоми сарзаниши Маҳмудшоҳ фаро дода буд, чун ҳис кард, ки нотиқ мунтазири посухи ӯст, бо садои равшану бурро наҷво зад:

– Ба ҳаққи Худо, намедонам.

– Ҳоло ҳам намедонӣ? – оташ гирифт Маҳмудшоҳ. – Чи гунди кадукаллае будаӣ! – Ва ба Аъзами Бомаконӣ рӯ овард: – Магар ту ба ин мардак нагуфтӣ, ки ман кистам?

Аъзами Бомаконӣ ду даст рӯи сина гузошт ва гуфт:

– Фурсат нашуд, олиҷоҳ.

– Ҳоло бигӯ, – амр дод мир.

– Ин шиор бар шарқу ғарб чун офтоб равшан аст, ки шумо худованди Хуросону Эрон, Синду Ҳинд, Бухорову Хоразм шоҳ Маҳмуди Ғазнавии ҳозирулмавҷуд мебошед. Агар ҳокими Шуғнон

инро нашунавида бошад, мо барояш бо дами шамшеру нӯги синон нишон медиҳем.

– Маҳмуди Ғазнавӣ? – нохудогоҳ нидо баровард Юсуфалихон.

– Шунидӣ?! – аз муаррифии Бомаконӣ ҳаво гирифт Маҳмудшоҳ, – Акнун фомидӣ, ки ман кистам? Манам Маҳмуди Ғазнавии кофаркуши мусулмонпарвар, – ва нарангушт сӯи ҳамнишинонаш нигаронду афзуд: – Ин ҷавони зебо Аёзи доност ва ин марди порсо – ҳазрати Эшон Субҳониддин, имоми мусалмонони қаламрави ман.

Юсуфалихон нахуст хост ба хушкмағзии Маҳмудшоҳ аз таҳти дил бихандад, аммо ғалаёни хандаи даруниашро дар бурутханди таҳдоре ҷамъубаст намуду ниқоби ҷиддият ба рӯ кашид:

– Хуш омадӣ ба иқлими ман,  шоҳаншоҳи соҳибқирон, пушту паноҳи ҷумлаи мусулмонон! Инак ман – шоҳи Шуғнон Юсуфалихон ибни Абдураҳимхон, ба хидмати ҳазраташон ҳозир астам ва умед дорам ҳар суоле, ки дошта бошанд, дар ҳамин ҷо ба рӯи мо бикашанд.

Маҳмудшоҳ барои таъсирноктар гаштани ғуруруш сари худро ин бор чунон ёзонд, ки ба аъфии дар пеши туъма қарор дошта монанд гашт.

– Суол зиёд аст, аммо ту аввал бигӯ, ки чаро ба саломи ман наомадӣ?

– Барои он ки бо Ҷаҳондоршоҳ хешу табор ва нону намакхор астем. Кӯрнамак будан намехоҳам. – Юсуфалихон дар ниҳоят посухи чанд моҳ омода намудаи худро ба забон овард ва барои санҷидани асари он ба чашмони ҳарифаш нигарист.

– “Кӯрнамак”? – аз хашм сурх шуд мир. – Ба ӯ осӣ шудан нахостӣ, аммо аз хашму ҳайбати ман натарсидӣ? Фикр накардӣ, ки ҳазорон Ҷаҳонгир дар пеши Маҳмудшоҳ аз мирмушоне беш нестанд!?

– Дар пеши мо баднамакӣ хиёнат аст ва хиёнаткор на дар назди дӯст мухтарам аст, на дар назди душман.

Маҳмудшоҳ аз ҷавоби пухтаи Юсуфалихон дар андеша уфтод. Магар дар мулоҳизааш душворӣ кашид, ки ба Аёз нигарист. Аёз гӯё маътали ҳамин ишорат бошад, зуд даҳон ҷуфт кард:

– Яъне ту моро душман мешуморӣ?

Юсуфалихон лаҳзае фикр карду ба лабханд гуфт:

– Ба ҳар ҳол, дӯст на, аммо дӯст шудан ин қадар кори сахте ҳам нест.

Дар чашмони Маҳмудшоҳ шарораи шодӣ барқ заду густохона ба миёна даромад:

– Яъне тарсидӣ?

– Метарсидам, даҳ сол пеш шаҳрамро медодаму сар дар гиребони гумномӣ мекашидам. Аз шумо не, аз авғонҳо метарсам.

– Аз авғон? – Маҳмудшоҳ аз ноҳинҷорӣ лаҳзае нимхез шуду боз нишаст. – Ту аз ман битарс, ки саратро хурд накунам. Авғон кист, ки аз ӯ бароям мисол мезанӣ?

– Розиям, ки авғон ба сари худ он қадар воҳимае надорад, – оромона суханашро шарҳ дод Юсуфалихон, – вале дар пушти ин қавм Ингилистон барин давлате истодааст, ки аз ҳавои буруташ фил дар Ҳиндустон меларзаду шер дар Эрон. Лиҳозо, вазъият талаб дорад, ки ба қасди ҳамдигар теғ бар фасон насовему аз дари сулҳу салоҳ дароем ва гӯйи ғалабаро аз дасти душман рабоем.

Юсуфалихон гапашро ба охир расонду мунтазири посух чашм ба рӯи Маҳмудшоҳ дӯхт. Маҳмудшоҳ гиреҳ бар абрувону чин бар пешонӣ барои санҷидани гапи ҳариф сар ба ҷайби хаёлот фурӯ бурд. Ширинбек, ки аз Юсуфалихон чунин сухани бамағзу баёни нағз интизор надошт, ҳис кард, ки бо ин гап шоҳи Шуғнон якбора як сару гардан баландӣ ёфт. Ва худро ҳам дар муддати ин чанд рӯз бори нахуст соҳиби ҳақиқии хонааш эҳсос намуд.

– Ман, мошоаллоҳ, авғонро ба хараш савор карда, аз Кобул бадар хоҳам кард, – китф паррондаву гардан ёзонда, ба оҳанги таҳдидомезаш андешаашро ҷамъугир кард мир. Ба ин ҷоҳу ҷалоле, ки дорам, бояд амири ҳафт иқлим бошам, на мири як Бадахшони барканда аз олами обод. Ман ҳанӯз поям ба Ому нарасида, дар Кӯлоб ҳамин қасамро хӯрда будам. Ё ҳамин тур набуд? – мир ним давр ба тарафи Аёз гашт.

– Оре, қасами сахт хӯрдед, олиҷоҳ! – ду даст бар сина чилликвор гузошт Аёз ва се маротиба сар ҷунбонд.

– Ту ҳам тасдиқ мекунӣ, эшон?

– Оре, оре. Ва ман ин ояро далел оварда будам: “туъти-л-мулка ман ташоъу ва танзиъу-л-мулка мимман ташоъ”[1], – посух дод Субҳониддин ва тасбеҳ рӯи лаб бурду бар пешонӣ гузошт.

---

[1] «Ба ҳар, кӣ хоҳӣ подшоҳӣ медиҳӣ ва аз ҳар, кӣ хоҳӣ подшоҳиро боз мегирӣ” – оя аз Қуръон.

– Нийяти ниҳоят олӣ, ҳардуямон як душман дорем – авғон ва як мақсад – тоза кардани хоки Хуросон аз он, – пайтро муносиб ёфта, мақсади асосиашро баён кард Юсуфалихон. – Пас, биё, буғзу таканаббур як сӯ бинихему фикри фардоро бикунем ва дасти ҳам бифишорем.

Маҳмудшоҳ дар андеша уфтод, ришашро дақиқае ханҷол зад ва гуфт:

– Пас, қавл медиҳӣ, ки дар ҷанг бо авғония пушти маро мегирӣ?

– Бо рағбати тамом ин корро мекунам.

– Сипоҳу силоҳ дода метавонӣ?

– Сипоҳ ҳам дода метавонам, силоҳ ҳам. Ба дурустӣ, аз дасти лашкари ҳамеша омодаву ҷангозмудаам хеле кор меояд, – киноялуд таъкид кард Юсуфалихон.

Маҳмудшоҳ ба чи эҳсосе чашмонашро нимпӯш намуда, чанд сония пилкпарронӣ карду гуфт:

– Агар чунин кор аз дастат барояд, ман ба туву халқат раҳм карда метавонам.

Ин гап ба Юсуфалихон хуш наёмад, аммо онро бо пӯзханде аз гӯши худ бадар оварду ҷавоб дод:

– Мебарояд, бовар кун, беҳтару бештар аз он, ки хаёл мекунӣ.

Мир ба ҷониби Аёз сар тофт. Аёз ба гап ҳамроҳ шуд:

– Дӯст ёфтан кори душвор аст, олиҷоҳ. Аммо барои тасдиқи суханаш шоҳи Шуғнон бояд моли худро дареғ надорад. Зиёда аз ин, хироҷи яксолаи моро ҳам бо ҷуброни зиёнаш ба дасти мо бидиҳад. Он гоҳ, албатта, мо ҳам одам ҳастем, ба гапаш бовар мекунем.

– Дил қавӣ доред, аз он бештар медиҳам, – буррову боваринок қавл дод Юсуфалихон.

Маҳмудшоҳ мамнуну хушҳол наҷво зад:

– Хеле хуб, пешкашатро ба ҳамин қароргоҳ биёр ва ман амри баргаштан медиҳам.

– Ба ин ҷо биёрам? Ман қасру кӯшк, боргоҳу меҳмонсарой дорам, дӯсти азиз! Ё дилат пур нест? – изҳори норизоият кард Юсуфалихон.

– Не, ба ҳамин ҷо биёру аз ҳам ҷудо мешавем, – исрор варзид Маҳмуд. – Чиҳо мебиёрӣ?

– Ихтиёр ба дасти шумост, – розӣ шуд Юсуфалихон. – Аз ҷавоҳиру симу зар, парчаву чиниву намаду бӯрё сандуқ-сандуқ нисоратон мекунам.

Ангуштони мир ба бозӣ баромаданд, қомат рост гирифт, гардан ёзонд ва мутакаббирона муддаои дил кафонд:

– Ҳамаи ин, бешакку шубҳа, бояд бошад. Мешуморему боз гап мезанем. Вале аспу гову мол ва ғаллаву туту мавизро ҳам аз ёд набар, ки дар сангистони ту суми сутурон суда гашту афсару навкар ҳам маунат металабад.

– Бошад, – гулӯ афшонд Юсуфалихон.

– Ва арз кунам, ки ҷавоби шаҳидонро ҳам додан даркор, – афзуд Маҳмудшоҳ ва ба Ширинбек рӯ овард: – Эй мардак, ба забони худат бигӯ, ки чанд сипоҳии ман шаҳид шуд?

– Ҳафт, – нимовоз садо баровард Ширинбек.

– Ба ивази ҳар як шаҳид панҷ ғулом, панҷ каниз медиҳӣ ва ҳисобамон баробар мешавад! – ба заҳрханда савдояшро хулоса кард мири Бадахшон.

Аз ғазаб рӯи Юсуфалихон то буногӯш сурхид, лунҷҳояш арангe париданд. Вале заҳру зақуми гапи Маҳмудшоҳро балъида тавонист ва посух дод:

– Яъне, барои як мурдаатон панҷ писару панҷ духтар, ҷамъ ҳафтод нафар талаб мекунӣ?

– Дуруст фомидӣ, – ба ҳоли Юсуфалихон ришханд зад мир.

Юсуфалихон ғалаёни ғазабашро ба зӯри ирода фурӯ нишонда, ҳарчи оромтар гуфт:

– Оё мусулмониву шариат вайрон намешавад? Ин қадар товони гарон ва бар замми он боз ҳафтод одам?!

– Ту аз кадом мусулмониву аз кадом шариат ҳарф мезанӣ, мардак? – шӯрид Маҳмудшоҳ, – Дар тамоми мулкат як масҷид надорӣ, ки намози ҷаноза бихонему боз иддаои мусулмонӣ? Лоақал як дона масҷид медоштиву мане, ки пушту паноҳи шариат мебошам, дар он як ракаат намоз мехондам, он гоҳ гап дигар буд.

– Он гоҳ, – ба гап ҳамроҳ шуд Эшон Субҳониддин, – мувофиқи ҳадиси набавӣ – "мусулмон бародари мусулмон аст", на ғулом талаб мекардем, на каниз. Вале дар Шуғнони ту бӯйе аз исломи мусулмонӣ, ки набошад, ба кадом далел аз исломи шариат шафоат металабӣ?!

– Оқилонатар аз ин гапе нашунидаам, – даҳонашро дошта, пиқ-пиқ хандид Аёз.

Табъи Юсуфалихон батамом хира шуд. Вай сар дар пеш андохта, дақиқае андешид ва ниҳоят бо лаҳни шикастаомез:

– Қабул, ман розӣ, – гуфт ва лаҳзае боз лаб хоиду афзуд: – Аммо барои иҷрои ин ҳама се рӯз муҳлат мехоҳам.

Мир абрӯ чин кард:

– Се рӯз бошад, се рӯз. Дар ин муддат, агар хоҳӣ, ки навкария гурусна шуда, мардуматро тороҷ накунад, обу нонашро бирасон.

– Мерасонам, фақат иҷозат бидеҳ халқ ба хонааш баргардаду оқсақолам харҷу хароҷоти сипоҳатро тадорук бикунад.

– Қавл медиҳам, касе ба халқ дигар кордор намешавад. Аммо барои он ки ту ҳам ба ман кордор нашавӣ, писари силаҳшӯрат Асламхонро чун гарав ба назди ман бифирист, – аз ҷо бархост Маҳмудшоҳ ва ба Юсуфалихон даст дароз кард.

Ҳама бархостанд. Юсуфалихон дасти Маҳмудро фишурду гуфт:

– Асламхонро мефиристам. Аммо то рафтани шумо сипоҳи ман дар ҷойи будааш меистад. Ман паспагоҳ баъд аз пешин ба хизматат хоҳам расид. – Ва ба Ширинбек рӯ овард: – Ширинбек, ман одамонро таъйин мекунам, ки мардумро баргардонанд. Ту чӣ кор карданатро худат беҳтар медонӣ.

Юсуфалихон чобук савор шуду баробари баромадан аз ҳавлӣ аспашро чорхез занонд. Маҳмудшоҳ аз пасаш дақиқае ба истеҳзо нигоҳ карду гуфт:

– Пашшаи косалес, боз ҳавои бурут ҳам дорад-е.

Зердастонаш хандиданд, Ширинбек сар поин андохт.

## ПАС АЗ ГУФТУШУНИД

Сипоҳи Шуғнон шоҳи худро бо сафҳои омода ба муҳориба пешвоз гирифт. Он аз лаби дарё то подомани кӯҳ муназзаму батартиб истода, девори мустаҳкамеро ба хотир меовард. Қалбаш аз саворaҳои шамшерзан, маймана аз пиёданизоми тирандоз, майсара аз омехтаи пиёдаву савора иборат буд. Баробари дар уфуқ падид омадани суроби шоҳ, ба оҳанги “тантатан тантанта тан” овози чандин табл ба фалак печид ва аз даҳони даҳҳо сипоҳӣ ин суханон ба ҳаво пар кашиданд:

***Тāтта бепуц мāш кинāм!***
***Нāнта бебуц мāш кинāм!***
***Лап рамборуц турд ца форт,***
***Лап рамборуц мāш кинāм!..***

***Тāтта бепуц мāш кинāм!***
***Нāнта бебуц мāш кинāм!***
***Ар цӯнд хаχ дуχман ца вед,***
***Хаχта мис χуц мāш кинāм.***

***Тāтта бепуц мāш кинāм!***
***Нāнта бебуц мāш кинāм!***
***Тар мāш замӣн мак аwас?***
***Ту нəʒанд фуц мāш кинāм!***[1]

Юсуфалихон то ними роҳ асп давонду вақте наздиктар расид, чорхези самандро ба лукка иваз кард. Лашкараш яшти далериву шуҷоат месароид. Садояш ба кӯҳҳо мепечид, акс меёфт, пурқувваттар мешуд ва баргашта бар замин меомаду баданҳоро бо ҷони тоза пур менамуд. Ғубори хотири Юсуфалихон андаке рафъ шуд. Суруди мутантани ҷангӣ на танҳо душманро ба таҳлука меовард, балки гӯё таъкид менамуд, ҳушёр бошед, ки худи шоҳи Шуғнон ба майдони масоф баромадааст!

---

[1] Падар беписар кунем,
Модар бебачча кунем.
Шӯру ғавғотон форад,
Шӯру ғавғо мо кунем!

Падар беписар кунем,
Модар бебачча кунем.
Душман агар сахт бошад,
Сахтро суст мо мекунем.

Падар беписар кунем,
Модар бебачча кунем.
Ба заминмон чашм надӯз,
Монӣ ангушт дар бинӣ.

**(Тарҷумаи таҳтуллафз)**

Вақте Мулло Хишол бори аввал гапи дар ҳар се даҳа нигоҳ доштани се таблзанро ба миён гузошт, Юсуфалихон он қадар хуш қабул накард. “Ин қадар шамшерзане надорем, ки боз чанд-тояшро усулгар кунем”, – эътироз овард шоҳ. “Шамшер ба тани ҷанговар далерӣ мебахшад, табл ба рӯҳаш. Рӯҳ қавӣ набошад, аз бадан ҳеч коре барнамехезад”, – гапашро асоснок кард шоир. Юсуфалихон аз ҳар кас дида беҳтар медонист, ки дар сипоҳҳои давлатҳои дигар гурӯҳҳои махсуси таблзан вуҷуд доранд, аммо дар лашкари худ хӯрондану пӯшондани ин гуна одамонро кори беҳуда медонист. “Фақат ба хотири худат розигӣ медиҳам, аммо нафароне баргузин, ки ҷанг ҳам карда тавонанд”. Мулло Хишол бо шавқу ҳавас аз пайи иҷрои амр шуд. Дар муддати як ҳафта аз байни сипоҳиён таблзанҳои хубро ёфта ҷудо кард. Ба ёфтан ёфт, вале масъалаи аз ин душвортар пеш омад: чӣ оҳангеро бояд онҳо навозанд? На танҳо оҳанг, балки зарурати вуҷуд доштани як ё чанд суруди рӯҳбаландкунанда ва дар айни замон бимангез ҳам ба миён омад. Мулло Хишол шеър нависад ҳам, аз табъаш фақат ғазалҳое бо вазнҳои нарму мулоим берун меомаданду халос. Дар сохтани оҳанг бошад, тамоман лоилоҷ буд. Аввал хост оҳанги дафзании занонро, ки хеле мутантану ваҷдовар буд, баргузинад, вале дар тӯйҳо навохта шудан ва, аз ҳама муҳим – ба дасти занон иҷро гардидани он ӯро аз раъйаш гардонд.

Дар ҳамин андеша буд, ки рӯзе марде ба китобхона ба суроғи ӯ омад. Вай Мулло Лочин ном шоире будааст аз Нимдеҳ. Мулло Хишол аз вуҷуд доштани чунин суханвар дар Шуғнон билкул хабар надошт. Бинобар ин, вақте донист, ки Лочин ҳамагӣ дар ду фарсах роҳ аз Баҳрпанҷа зиндагӣ мекунад, бисёр тааҷҷуб кард.

– Ҳайрон нашавед, шумо маро намешиносед, – тавзеҳ дод Лочин, – ман бештари вақт дар Ҳиндустон мусофират дорам. Ба Шуғнон гоҳе хабаргирӣ аз авлод меояму халос.

Аз ношиносӣ дида Мулло Хишолро ба ҷойи “ту” “шумо”-гӯии Мулло Лочин бештар ҳайрон сохт. Аммо чизе нагуфту сабаби таш-рифашро пурсид. Шоир аз бағалаш як даста коғази сафед, ки ба коғази таҳҷоӣ монанд набуд, баровард, пеши ӯ гузошт ва гуфт:

– Шунидам, шумо шоири маъруфе ҳастед. Хостам ашъори шуморо бигираму ашъори худро ҳам ба дастатон бидиҳам.

– Ман, рости гап, девону дафтари махсус надорам, вале чанд вароқи парокандае навиштаам, ки ҳамааш якнусхаӣ мебошад, – аз он ки Мулло Лочин ӯро “шоири маъруф” номид, хиҷолатзада посух гуфт Мулло Хишол.

– Боке не, мулло, ман онро барои худ рӯбардор карда мегирам. Барои ин кор ҳоло ҳам ҳавсала дорам, ҳам фурсат. Албатта, агар шумо ба ман бовар бидиҳед.

– Албатта, бовар мекунам. Дар умрам бори аввал шоири зинда бо пои худ ба китобхонаам дароягу ман хоҳиши ӯро рад кунам, дар касбам на хайр мемонад, на баракат, – ва чашм ба вароқҳои додаи ҳамсуҳбаташ дӯхт, аммо ҳарчанд зӯр зад калимаеро хонда натавонисту аз шарм сурх шуда гуфт: – Маро бубахш, аммо забони хат порсӣ нест. Ба ҳиндӣ навиштаӣ?

– Ҳиндӣ?! – хандаи гуворое кард Мулло Лочин, – Наход ҳиндӣ бошад-а?

– Охир, ҳарфҳое ҳам дорад, ки ман намешиносамашон. Ҳиндӣ набошад, ягон забони дигар будагист.

– Бале, ҳиндӣ несту порсӣ ҳам, – хандаи форамашро такрор кард шоир, – шуғнонии ману ту аст.

– Шуғнонӣ!? – як қад парид Мулло Хишол.

– Ҳа, – барои тасдиқ на танҳо сар, балки тамоми баданашро ҷунбонд Мулло Лочин.

Мулло Хишол аз нав ба коғаз зеҳн монд ва ин бор ба шуғнонӣ фикр карда, калимаҳоро ба душворӣ ҳам бошад, хондан гирифт. Як саҳифаро поён оварду бо ҳайрат, ҳатто бо ваҷд ба муаллифи шеър рӯ овард:

– Муллоё, аз ҳайронӣ маро куштӣ!! Наход ба забони мо ҳам навиштан мумкин бошад?!

– Магар ҳамин навишта шуғнонӣ нест?

– Дар тасаввурам намеғунҷад, – Мулло Хишол бо ҳайрат вароқҳои дигарро аз назар гузаронд ва банохост андешаи тоза дар зеҳнаш барқ зад: – Гӯш кун, Мулло, ту ягон сурудеро медонӣ, ки сипоҳиён онро дар вақти ҷанг бихонанд?

– Бо таблу нақора?

– Бале. Оҳангаш мутантан бошад.

Мулло Лочин каме фикр карду гуфт:

– Медонам.

Мулло Хишол аз хурсандӣ каф ба ҳам совид:

– Наход?! Ку бигӯ.

– Тāтта бепуц мāш кинāм!

Нāнта бебуц мāш кинāм!..

Суруди ҷангии қадимаи мо.

– Ёфтӣ, ёфтӣ!! – гӯё чизи дер боз гумгаштаашро ёфта бошад, фарёд кашид Мулло Хишол.

Меҳмон муштони гиреҳкардаашро болову поин бурда, сурудро оҳангноку баланд хонда, пас аз фуровардан нигоҳи оташборашро ба чашмони мизбон равона сохт.

– Баҳ-баҳ! – бо рӯи шукуфтаву даҳони пурханда хитоб кард Мулло Хишол, – Аҷаб таронаи зебо, аҷаб сароиши шево!

Мулло Хишол ба дӯсти нави фозилаш китоберо ҳадя дода, гусел намуд. Шоирон аҳд карданд, ки минбаъд ҳамдигарро зуд-зуд дида, шеърҳои тозаиншокардаашонро аз назари ҳамдигар мегузаронанд. Пас аз рафтани Мулло Лочин Мулло Хишол дарҳол дар пайи ташкили дастаи таблзан уфтод. Дар муддати як ҳафта аз миёни ҷанговарон шахсони баистеъдод интихоб намуду ҳафтаи ояндааш ҳунари онҳоро ба шоҳ намоиш дод.

Он вақт Юсуфалихон ба сабаби банд будани андешааш ба корҳои дигар таронаи ҷангиро бидуни иштиёқ гӯш карду барои суруданаш иҷозат дод. Хусусан ба забони шуғнонӣ баргузидани суруд писандаш наомад, вале ба эҳтироми Мулло Хишол чизе нагуфт. Аммо ҳоло ки таҳти оҳанги ҷонфизои чандин табл ва ҳамсароии ҷанговарон ҷониби сипоҳи худ асп меронад, чи муъҷизае доштани суруди ҷангиро дар тору пуди ҷонаш эҳсос намуд. Синааш аз ҳавои ифтихор мамлу шуд, ба танаш неруи тоза дамид, ҳушу ёдаш равшантар гашт. Ва ҳамин лаҳза дарк кард, ки забони суруд ҳам бояд маҳз шуғнонӣ бошад – аввалан, ҷанговарони Шуғнонро ба корнамоӣ бармеангезад, ду дигар, забони ношинос барои душман биму ҳайбати бештаре дорад.

Баробари ба лашкаргоҳ қадам гузоштани Юсуфалихон фарёду ғиреви хушҳолонаи сипоҳ боз ҳам баландтар гардид. Шуғнониён аз саломат бозгаштани шоҳи худ ва бештар аз нотарсона, тани танҳо ба назди душман рафтани ӯ сари ифтихор ба осмон месуданд. Шоҳ амр дод, ки то се рӯзи дигар сипоҳ аз ҷо наҷунбида, душманро зери назорат бигирад. “Агар ҳуҷум овард, як қадам қафо намонед.

Баръакс, пеш раведу аз шоҳ то сипоҳ ҳамаро несту нобуд кунед. Ба халқ ёрӣ диҳед, ки ба хонаҳояшон баргарданд”. Ва бо девонбегиву Сияҳсар бошитоб роҳи Баҳрпанҷаро пеш гирифт.

Вақте Юсуфалихон ба боргоҳ даромад, офтоб ба хонаи ғуруби хеш як найза наздик омада буду аз бими ҷанг дар деҳоти сари роҳ ва гирду атрофи қалъа, ки одатан аз раҳгузарону ҳар гуна корафтодагон ҳамеша пур мешуд, ҷонзоде наменамуд. Бими ҷанг ба мисли лошахӯри ноаёни ҳавлангез дар ҳавои Шуғнон пар мезад.

Сурхалишоҳ арз кард, ки Парвонахон ном шахсе ба мулоқот омадааст. Шоҳ гуфт:

– Хеле хуб. Дар пеши худ нигаҳ дор, обу таомаш бидеҳ, пас аз маслиҳат ба наздам дарор.

Дар боргоҳ Юсуфалихон мазмуни гуфтушунидро ба муқаррабонаш нақл кард. Алалхусус худро Маҳмуди Ғазнавии сонӣ эълон кардани мири Бадахшон ба ҳозирон ҳайратовар, айни замон хандаовар намуд. “Бовар кунед, мағзи ин мардак бояд ҷунбида бошад. Мехоҳад ба Кобул ҳуҷум карда, онро фатҳ кунаду рӯ ба Бухоро орад. Ин бетармолӣ солим нест. Бо одами носолим ҷанг кардан ба шаъни мо намезебад”.

– Бисёр даъвои бузургу бузургӣ доштааст ин аблаҳ! – ба гап ҳамроҳ шуд Мурассаъ, – ҳамин Бадахшонро ҳам хешу табори худи Ҷаҳондоршоҳ ба дасташ доданд, дар акси ҳол илло-билло агар вай ба ҳукумат мерасид.

– Чӣ тавр “хешу табори Ҷаҳондоршоҳ”? – дар шигифт уфтод Юсуфалихон.

Мурассаъ аз гапи задааш пушаймон барин, даме каф ба ҳам суду гуфт:

– Охир, Ҷаҳондоршоҳ солҳои охир бар авлоди худ, хусусан, ба онҳое, ки дар дарбор вазифае доштанд, ҷабру зулмро аз ҳад гузаронд. Бисёрашонро бидуни кадом гуноҳе ба зиндон афканд, ҳар рӯз касеро азобу шиканҷа мефармуд. Барои ҳамин тоқаташон тоқ шуд ва пинҳонӣ одам фиристода, Маҳмудшоҳро ба тасарруфи Бадахшон ташвиқ намуданд. Худашон барои даст ба исён задан қувва надоштанд. То Юсуфалихон хабар ёфт, сипоҳи Маҳмудшоҳ ними Файзободро гирифта буд.

– Магар то Файзобод дидбонгоҳу лашкар набуд, ки муқобилат нишон бидиҳанд? – аз ин гапи барои худ тамоман нав Юсуфалихон то буногӯш ба чоҳи ҳайрат фурӯ рафт.

– Буд, аммо касе аз номи Ҷаҳондоршоҳ ба сипаҳбудон мактуб мебарад, ки ба сипоҳи Маҳмудшоҳ кордор нашаванд, зеро он қасди фатҳи Ҳиндустонро дорад ва лашкари Бадахшон ҳам дар ин тозиш мададгораш мебошад. Барои ҳамин то даромадан ба Файзобод Маҳмудшоҳ бе монеа пеш рафт. Шояд бе монеа ба дарбор ҳам медаромад, магар Шердилхон – писари Ҷаҳондоршоҳ, огоҳ шуд ва даст ба муқовимат зад.

– Акнун фаҳмидам, ки дар сари ин мардак ҳаваси футуҳот аз куҷо пайдо шудааст, – ба тааҷҷуб сар ҷунбонд Юсуфалихон. – Аммо дар мулоқоте, ки доштем, шоҳаншоҳ аз ин хусус чизе нагуфт.

– Сари кӣ болои гарданаш зиёдист, ки дар назди ӯ чунин сирро фош кунад? На Ҷаҳондоршоҳ воқиф аст, на Шердилхон.

– Худашро Маҳмуди Ғазнавӣ гирифтаасту кадом бетармолии занакбашараро Аёз, – бо нафрат мушт гиреҳ кард Юсуфалихон. – Ӯ вазираш бошад?

– Маслиҳатгар, дилхушкун ва ... – Мурассаъ забон хоиду афзуд, – маъшуқаш.

– Маъшуқаш?! – аз забони чанд нафар нидои шигифт баланд гашт.

– Аёзи доно амради Султонмаҳмуд буд, – суханашро давом дод Мурассаъ, – инро ҳама медонанд. Пас дур нест, ки Аёзи ин Маҳмуди сарчархида ҳам ҳамон вазифаро дорад.

– Падарсӯхта боз моро таъну лаън кард, ки масҷид надорему мусулмон нестем, – Муборак аз ғазаб манаҳашро сахт молиш дод. – Тфу!!

– Тухми занро қаҳт задааст, ки ... – бо кароҳат гиребон дошт Сияҳсар, – Иснод ба мард!

– Бачабозиву лӯтигарӣ аз давраи ҳамон султон Маҳмуд сар шуда, дар он тарафҳо кори маъмулӣ шудааст, – эзоҳ дод Мурассаъ, – ин Маҳмуд ҳам пойи худро ба сӯи он бадахлоқон дароз кардааст.

Сияҳсарро огоҳии равшани Мурассаъ гӯшбақимор сохт, хост пурсад, ки ӯ ин ҳамаро аз куҷо медонад, лекин аз ҳузури шоҳ истиҳола карду ба ҷои он чунин гуфт:

– Ҳоло ки қалъаро созу пардоз мекунем, намешавад масҷиде бисозему даҳани душманонро бубандем?

Ҳама ба шоҳ нигоҳ карданд. Юсуфалихон табассуми сарде карду гуфт:

– Не, масҷид намесозем. – Ва чун дид, ки онҳо сабабашро донистан мехоҳанд, давом дод, – Падару бобоёнам насохтанд, ман ҳам намесозам. Намесозам, чунки он моро дар чашми халқ бегона нишон медиҳад. Масҷид набошад, мардум ба ин масъала фикр ҳам намекунанд. Агар созем ҳам, ба он кӣ меравад? Ман, фарзандонам, набераҳоям, боз як даҳ каси дигар. Ба ғайр аз зоғи сафед тофтанамон аз чунин маъбад чӣ суде?

– Ман ҳам ифтихор мекардам, ки дар пушти шоҳ намоз мегузорам, – даст ба сина гузошта, нимтаъзиме кард Мурассаъ.

Юсуфалихон табассуме карду нимшӯхӣ гуфт:

– Аз ҳафт пушти Аёз ку безорам, аммо барои мо як домуллое ба мисли Эшон Субҳониддин намерасад.

– Ман аз ягон Субҳониддин кам нестам, – ним қадам пеш гузошт Мурассаъ, – дуди чароғи мадрасаро беҳуда бӯ накашидаам.

Шоҳ, ки то ҳол истода буд, бар тахт нишаст ва симояш ҷиддӣ гашт:

– Дар ин бора баъд фикр мекунем. Ҳоло ин Маҳмуди девонамизоҷи бетармолиро ба ватанаш гуселонидан лозим. Муборак, ту панҷ сандуқ ҷавоҳирот, сад ҷувол ғаллаҷот, бист улоғ қолину сӯзаниву бӯрёву намаду парчаву аҷноси дигар, ки зеби хазинаи миранд, омода соз. Сад сар гӯсфанду буз низ ҳамроҳ бикун. Мурассаъ, худи ҳозир ту даҳ-понздаҳ навкари тезчанголро ба Хуф бифирист. Худат нарав, ягон ясавули кордидаатро вазифадор кун. То пасфардо аз он девлохи саркашон на кам, на зиёд – ҳафтод писару духтари навчаки химчақоматро ба дарбор бирасонанд.

– Бо Манзаршоҳ маслиҳат кунанд?

– Манзаршоҳ тарафи Бартанг баромадаву Худо медонад, кай бармегардад. Вай бояд то ҳафтаи гузашта товони ба хуфиён андохтаамро меовард. Наовард, оварда ҳам наметавонад. Хуф ҳафтод бута дорад, яктоӣ бача диҳад, товонам аз гарданашон соқит мешавад. Ҳукм аз ман аст, на раъйи Манзаршоҳ лозим дорам, на аз каси дигар. Касе садди роҳ шуд, каллаашро биканед! Шумо аз пайи кор шавед, ман бо Сияҳсар кор дорам.

Мурассаъ ва Муборак таъзиме карда баромаданд. Шоҳ ба Сияҳсар рӯ овард:

– Бори дигар дар бораи он марди ба Бухоро мерафтагӣ фикр кардӣ?

– Чандин бор, шоҳам. Дар ҳоли ҳозир аз вай беҳтараш нест.

– Ман ба гапат бовар мекунам, вале дар пайаш як каси дигарро ҳам тайёр кун. Медонӣ, ки авлоди ӯ бо бетармолӣ ҷанг карда буд.

– Медонам, албатта, медонам. Лекин хусуматаш фардан бо Муҳаббат.., – Сияҳсар ҷигот андохтани шоҳро дида, хатояшро зуд ислоҳ кард, – он бетармолӣ буд. Ба худат кина надорад, шоҳам. Вале аз пасаш, албатта, чашми дигаре бояд бошад.

Шоҳ ба аломати мамнуният сар ҷунбонд ва фармуд:

– Биёр одаматро.

Сипаси чанд дақиқа марди тахминан сиву ду-сиву панҷсолаи қадаш аз миёна болотар, ришаш сиёҳи равшан, каллаи калонаш ба пайкари бузургустухонаш мутаносиб, чашмонаш мешии косахонаашон қариб чоркунҷашакл, нигоҳаш ороми асроромез дар пеши Юсуфалихон "ассалому алайкум" гуфту дастҳо пеши бар истод. Саллаи тунуки сафед, яктаҳи дарозу шалвори хокистарранг ва пехҳои баландсоқи сурхчатоб афту андоми хушгилонаи мардро боз ҳам назарработар месохтанд. Чашми Юсуфалихон даррав ба ӯ гарм шуд.

– Парвонахон ту ҳастӣ аз Баҳшор? – суол кард шоҳ.

– Оре, ҳамчунон ки фармудед.

– Ин ту ба муқобили бародарам ҷанг карда будӣ?

– Оре.

– Пас барои чӣ ба ман хизмат кардан мехоҳӣ? – Шоҳ нигоҳҳои пармавор тезашро рост ба чашмони Парвонахон равона кард.

– Барои он ки холуям Муҳаммадкаримро Муҳаббатхон кушта буд, на шумо. Ман бо вай ҳисобамро баробар кардам.

– Чӣ тавр *баробар кардӣ*? – бо кунҷковии аланӣ чашм ба даҳони ҳамсуҳбаташ дӯхт Юсуфалихон.

– Замоне ки шумо ҳокими Рӯшон будеду вай дар ин ҷо, бо дастаам ҳар рӯз ба одамонаш ҳуҷум карда, баъзеашро мекуштем, қисмеро мезадем. Охири кор маҷбур шуд, хунбаҳои холуямро бипардозаду аз ман хоҳиш кунад, ки Шуғнонро тарк кунам.

Шоҳ ҳайратомез сар ҷунбонд:

– Чӣ хунбаҳо дод?

– Як ман тилло.

– Як ман?! Яъне се паймона?! – шоҳи шигифтзада зерилабӣ ҳуштак кашид.

– Бале, шоҳам.

– Албатта, ба ин миқдор зар тамоми дунёро гаштан мумкин. Мебинам дар ғурбат вақтатро беҳуда нагузарондаӣ.

– Оре, мадраса хондам, омию донӣ дидам, ёру ошнои бисёр пайдо кардам.

– Аз аҳлу авлод кӣ дорӣ?

– Волидайн даъвати Ҳақро лаббайк гуфтанд. Ду бародар дораму чор хоҳар, ки кадхудойу кахвой[1] астанд.

– Авлод надорӣ?

– Таассуф, – сар пойин андохт Парвонахон. – Зан накардам. Дигар фурсат нашуд.

Юсуфалихон аз тахт фуромаду ба тарафи ӯ қадам гузошт. Сияҳсар даст ба шонаи Парвонахон ниҳоду оҳистакак телааш дод, ки ба тарафи шоҳ равад. Юсуфалихон дасти ҳамсуҳбаташро дар кафаш фишурд ва сар надода гуфт:

– Хеле ҷолиб. Дар чӣ мамлакатҳое будаӣ?

– Ҳиндустон, Қандаҳор, Пешовар, Ҳирот, Исфаҳон, Марв, Хуросон, Кӯлоб, Ҳисор...

– Аҷоиб, тамоман аҷоиб, – суханашро бурид шоҳ, – Бухоро чӣ?

– Оре.

Юсуфалихон қаноатмандона сар ҷунбонд ва аз зери бағали Парвонахон гирифта, ба тарафи суфаи дароз қадам гузошт.

– Охирин бор дар Бухоро кай будӣ?

– Яку ним сол пеш.

– Хеле хуб. Тахмин мекунӣ, ки барои чӣ фароят хондам?

– Не, шоҳам.

Шоҳ по ба суфа гузошт ва сари дасторхон нишаст.

– Бишин, – дар паҳлуяш ҷой нишон дод ӯ ва чун Парвонахон нишаст, хоҳиш кард: – Ҳамин кӯзача гулоб дорад, ба ман ҳам резу ба худат ҳам. Ҳаво гарм, ҳалқам хушк шуд.

Ва Сияҳсари пеши дарро фармуд:

– Бигӯ, хӯрок биёранд ва худат ҳам ба суфа баро.

Шоҳ гулобро ба як нафас то ба охир нӯшиду пиёла бар дасторхон гузошт. Парвонахон низ ӯро пайравӣ кард, аммо фақат ними пиёларо холӣ намуд.

---

[1] Кадхудой – марди зандор; кахой, кахвой – зани шавҳардор

– Шукри Худо, гулоби хуштаъме будааст, – изҳори сипос намуд меҳмон.

– Агар дилат шароб хоҳад, ана, ин кӯза мусаллас дорад.

– Тасаддуқ, боре ҳам ба даҳон нагирифтаам.

– Боракаллоҳ, яъне хушдилии ту фақат шаҳргардӣ асту халос.

– Бале, шоҳам. Агар дили шумо бикашад, мерезам.

– Ман ҳам ин қадар ошиқаш нестам. Гулоб бирезӣ, беҳтар.

Парвонахон пиёлаи шоҳро пур кард. Сияҳсар бо ду хизматгор, ки лаганҳои хӯрок дар даст доштанд, даромад. Хизматгорон моҳишӯрбо ва сихкабоби хушбӯйро ба дасторхон ниҳоданд. Шоҳ ишора кард, ки онҳо бираванд.

– Сияҳсар, имрӯз хизмат аз туст.

Сияҳсар нон пора карду косаҳои шӯрбо ва чумчаҳоро назди шоҳу меҳмон гузошт, худаш ҳам гирифт ва гуфт:

– Бисмиллоҳ аз туст, шоҳам.

Юсуфалихон чумча бардошт ва “бисмиллоҳи раҳмони-р-раҳим” – гӯён даст ба тановул зад. Моҳишӯрбо бидуни сухане хӯрда шуд. Вақте ки Сияҳсар косаҳоро ғундошту барои сихкабоб наздашон табақҳо гузошт, шоҳ ба арзи муддао шурӯъ кард.

– Дар Бухоро амир кист, медонӣ?

– Албатта, медонам – Музаффариддин.

– Ба мо лозим аст дар дарбори Музаффариддин одами худро дошта бошем. Сияҳсар мегӯяд, ки инчунин кори муҳимму нозукро фақат ту анҷом дода метавонӣ. Ту чӣ мегӯӣ?

Парвонахон сихи бардоштаашро гашта ба табақ гузошт ва табассуми ҳайратолуде карду посух дод:

– Ин кори душвор аст. Ба дарбор фақат амалдоронро роҳ медиҳанд.

– Гапат рост, лекин мо намегӯем, ки аз дарбор мансаб бигир. Бо мансабдорон робита куну хабарҳои кироиро ба мо бирасон.

Парвонахон андешиду гуфт:

– Кардан мумкин, вале барои ин василa ё воситаи ҷиддие даркор аст.

– Дуруст, – аз ҷаҳонбинии Парвонахон хурсанд шуд шоҳ, – Воситаву василаашро Сияҳсар ёфтааст. – Ва ба Сияҳсар рӯ овард: – Ку, афсонаи фикркардаатро ба ин кас нақл кун.

– Ту чанд сол саркор дар Кӯҳи Лаъл будаӣ. Кам-кам ҷавоҳир гирд овардаӣ ва ҳоло бозоргонӣ пеша кардаӣ, – ривояти бофтаашро дар миён гузошт Сияҳсар. – Мо ба ту як лаъл медиҳем, миқдоре лоҷварду сангҳои дигар. Арзиши ин мол гарон аст. Ба тиҷорат машғул шаву ба дили дарбориёни даркорӣ роҳ ёб. Мо пас аз як моҳи расо ба наздат одам мефиристем. Хабарҳоятро он шахс ба мо мерасонад.

– Агар пурсанд, ки барои чӣ чунин мансаби муҳимро тарк кардӣ, чӣ бигӯям?

– Бигӯ, ки шоҳ писари худашро ба ин мансаб баргумошт, – ҷавоб дод Юсуфалихон. – Ман дар ҳақиқат ҳам Асламхонро ба ин кор вазифадор кардам, аммо ин Маҳмуди Ғазнавии ноқисулақл ба миён даромаду кор қафо зад.

Парвонахон ду даст ба сина гузошт:

– Барои боваратон сипосу қуллуғ. Мекӯшам, ки амратонро ба беҳтарин сурат иҷро намоям.

Юсуфалихон сар ҷунбонду ба оҳанги маслиҳатомез ӯро таҳдид намуд:

– Аммо, бидон ва ба хотират бигир: бо ман бозӣ накун, ки дар Шуғнон ақрабову хонаву дар дорӣ! Худатро ба теғу табар зан, лекин хиёнат накун.

Сияҳсар ҳам ангушти ишорат ба сӯи ӯ нигаронда, ҳушдор дод, ки ин қисмати муҳимтарини гапро дар хотираш мех бизанад. Парвонахон ба ду зону бархоста, таъзимкунон қавл дод:

– Худо нигоҳ дорад, шоҳам. Саъй мекунам, ки лоиқи эътимоди шумо ин масъулиятро ба ҷо биёварам.

Шоҳ барои дақиқтар сохтани амали Парвонахон маслиҳатҳои дигар доду ҷосуси навашро бағал кашида, ба ӯ роҳи сафеду кушоиши кор орзу намуд ва гуселонид.

## РӮЗИ СИЁҲИ ХУФ

Се моҳи аввали соли муш ба оромиву осудагӣ паси сар шуд. Барфи на он қадар баланд ба шуълаҳои тези хуршед тоб наоварда, ҳафтае пас аз Наврӯз заминро аз асорати барфу ях озод кардан гирифт. Дар баъзе ҷойҳо ҳатто эҳтиёҷ ба хокпошӣ намонд – барфҳо бидуни дахолати деҳқон об мешуданд. Оре, дар водиҳо офтоб худ

барфро об мекунаду заминро ба ихтиёри барзгар месупорад. Аммо дар дараҳои баланде ба мисли Хуф кори офтобро ҳам деҳқон бачо меоварад. Дурусташ, ба рӯи барфи киштзорон хок пошида, барои зудтар об карданаш ба хуршед ёрӣ медиҳад. Барф, ки об шуд, хуршеди оламтоб ба деҳқон дасти мадад дароз мекунад: лойи замини корамро зуд хушк мекунаду рӯзи ҷуфтбароронро наздиктар меорад. Ҳосили донаи ҳарчи барвақттар ба замин афтода бештар, мағзаш пуртар мешаваду тезтару беҳтар мерасад. Он гоҳ дуои "як донро ҳазор гардон, ҳазорро бешумор"-и барзгар мустаҷоб меояд. Мардон аз фаровонии ҳосили гирифтаи худ соҳибифтихор, занон аз доштани саробони заҳматкашу батадбир – шукргузор.

Соли мушро бисёриҳо бахосият ба шумор меоварданд. Бархе мегуфтанд, муш ҷонзоди тозаву озода аст ва ин мақоли кухнаро далел меоварданд: "фалонӣ муш барин тоза аст"; иддае мегуфтанд муш ҳайвони хонадор[1] аст – лонааш аз ҳар навъ хӯрданӣ, ҳатто аз пӯшиданӣ – пашму ришта пур мебошад; вале одамоне ҳам ёфт мешуданд, ки ба хушхосият будани соли муш шубҳа доштанд – онҳо бар ин бовар буданд, ки "муш дузд асту солаш соли дуздон". Аммо ба тезии парвози лочин гапи Ёрибеки рӯҳшанос[2] аз даҳон ба даҳон гузашту ин ҳама гумону тахминҳоро аз забонҳо бурду аз ёдҳо сутурд: "соли муш вазнинтарини солҳост. Муш аввал мековад, сипас мешикофад. Чунон мешикофад, ки сари кас аз по хабар намеёбад". Ёрибек агар одами қаторӣ мебуд, ба гапаш эътибор намедоданд. Як мешуниданду даст афшонда, фаромӯшаш мекарданд. Вале ин ҷавон шахси одӣ нест, вай рӯҳшинос аст! Моҳе пас аз марги Кекеи авлиёнусах бо асои ӯ дар деҳаҳои Хуф пайдо шуду шиор дод: "Ин ки мебинед, асои он бузургвор аст ва рӯҳи покаш ба ман ёру мададгор аст". Халқ васияти Кекеи маҳбуби худро ба гӯш дошт, ки "шохнафири остони Теғбараҳнагонро ба дасти касе бубинед, бидонед, ҳамон аст ҷонишини ман". Ва рӯзи дафни Кеке ҳамин Ёрибек бо шохнафир дар сари наъши ӯ ҳозир гашту намози ҷанозаашро хонд. Аз ин рӯ, ба гапи Ёрибек на мулло, на халифа, на оҳангар, на

---

[1] Хонадор – дар ин ҷо ба маънои соҳибхонае, ки хонаи серу пур дорад.

[2] Рӯҳшанос – рӯҳшинос (шакли вайроншудаи калимаи мазкур дар талаффузи мардум)

деҳқон, на чӯпон на шакк овард, на шубҳа. Баръакс, хурсанд шуданду қаноатманд буданд, ки назарӣ[1] будани Кеке пас аз вафоташ низ исбот ва водии Хуф аз нав соҳиби остонбон гашт.

Таҳлукаи ботиние бар дили хуфиён роҳ ёфт. Ҳақ Таоло чизеро тақдир карда бошад, аз он ҷои гурез нест, вале шоду ношод бояд зистан ва даст дар остин набояд нишастан. Хосса ки баҳор серборон омаду табиат аз тори кӯҳ то санговҳои лаби дарё пур-пури гиёҳу гул гашт. Аз ҳарсола дида мардум моли худро даҳ-дувоздаҳ рӯз пештар ба чарогоҳҳои Пастхуф ҳай карданд. Пушт ба пушт одати хуфиён ҳамин аст: мавсими айлоқравиро аз Пастхуф сар мекунанд. Зеро вақте дар ин ҷо сабза қад мекашад, Хуфи боло ҳанӯз сард асту замини тоза аз барф озодгашта аз бегиёҳӣ карахту хокистарӣ. Ингор моми табиат намадҳои азим молидаву паҳн намуда, вале ҳанӯз рӯи онҳо гул напартофта. Вақте дар Пастхуф қади алаф то зону мерасад, дар девлохҳои болои остони Теғбараҳнагон гуна-гуна гулу гиёҳ сар аз ниҳонхонаи замин бадар меоранд ва бо ҳавлу шитоб рӯ ҷониби шамсу қамар меоранд. Ҳангомаи сабқати қадкашӣ ба дараву дарасор меғеҷад ва ба теғаву ситеғҳои сарбагардун мепечад. Пас аз дӯзахи тӯлонии зимистон биҳишти ҷоннавози тобистон ба атрофу акноф пероҳани ҳазорранг мегустурад; села-села парандагони хелбахелу ранбаранг сайронгоҳҳои гунҷишку зоғу акка – ин се намояндаи зимистонии худро танг намуда, оламро пур аз суруду сурур мегардонанд. Дар рагу риштаи ҳар чизи рӯяндаву пӯянда ҳаёт мавҷ мезанад, талотум мекунаду сар ба авҷ мезанад!

Баҳор на танҳо дар ҷони сабзаву гиёҳ нафҳаи кӯшишу ҳаракат медамонад. Дар ин фасл барои инсон яку якбора даҳҳо навъи кор пайдо мешавад. Ҳашт моҳи сармо, ба ҷуз аз рӯфтани барф, хӯрондани гову мол ва хушк кардани таги онон бо афгина амалан кори дигаре нест. Вале бо об шудани барф дақиқа-дақиқа роҳати зимистона ба рӯз-рӯз заҳмати миёншикан табдил меёбад. Бахусус кори мардон як бар сад меафзояд. Онҳо, бидуни муболиға, ба сутури корӣ мубаддал мегарданд. Фақат барои баровардани як лал аз оғилҳо чи заҳматҳое мебояд кашид! Корёрӣ даъват бикун, ду-се рӯз онро ба киштгоҳҳо бикашонанд, ду-се рӯзи дигар титу тунук ва

[1] Назарӣ – назаркарда

санглалашро хурду реза бикун! Ин ҳама ба гуфтан осон, дар амал бадани корварзидаву ҷони қобил надошта бошӣ, азоби дӯзахро дигар чӣ мепурсӣ, ки ҳамин аст.

Занон, ки сиҳҳату парвариши чорпо бар дӯши онҳост, бо афтодани чашмашон ба сабзии атроф, дар орзуи айлоқравӣ меафтанд. Гову мол барояшон баробари фарзанд азиз аст. Зани хонавода – модар ба чорпои оғили худ низ ҳамчунон меҳрубон аст, ки ба аҳли хонадони хеш. Гову гӯсола, бузу бузғола, гӯспанду – барра ҳар яке дар назди соҳиби худ мақому мартабае дорад, ки онро танҳо кахвой медонаду моли ӯ. Кадбонуи асил, оне, ки фидоии хонаву дар, фарзанду шавҳари худ бошад, ҳатман хушдасттарин молдор ҳам ҳаст. Он гуна ки ба фарзандонаш менозад, на камтар аз он, дар байни занони деҳ бо чорпоёни аз фарбеҳиву солимӣ ялаққосӣ ва ҳунари молдориаш фахр мекунад. Агар ҷавонзанону дӯшизагон бо ӯсмаву сурма, куртаву кафш ва ишваву ноз ҳамҷинсони худро ба гирдоби ҳасад андозанд, модарони хонавода ин корро бо гову моли худ анҷом медиҳанд. Модар кафили хушрӯзии хонадон аст, салоҳу саломати аҳли байт дар дасти ӯст. Барои ҳамин мард се чизи асосӣ – оғил, ганҷур ва сарфу сарфаро ба дасти ӯ супурдааст, ба дастоне, ки фарзанд мепарваранду набзи зиндагиро ҷовидон нигоҳ медоранд. Ва ҳар мард ин насиҳати қадимаи падаронро, ки пеш аз кадхудо кардан ба писари худ ҳатман мегӯянд, то охири умр ба гӯш мегираду вақташ ояд, ба писари худ ҳам мегӯяд: “даwлат кахой кāланд, ху даwлат атёт ки![1]”

Пеш аз вақти муқаррарӣ дамидани баҳор ормону ҳаваси айлоқравиро ҳам дар дили занон барвақт бедор намуд. Онҳо даст ба баҳси айлоқбарой – йелмуслат[2] заданд. Йелмуслат бемории гузарандаро мемонад. Аввал дар каллаи зане пайдо мегардад, ки зимистони дарозу хонадории якранги тӯлонӣ ба дилаш зиёдтар зада бошад. Баробари ба гӯшаш расидани садои куку, ки башорати баҳорро аз тамоми парандагони кӯчӣ пештар мерасонад, дар сараш ҳавои баровардани чорвои худ аз чордевори оғил ва дидани замини фароху саҳроҳои хуррам лона мегузорад. Вай дилашро дар назди зани ҳамсоя холӣ мекунад, зани ҳамсоя онро ба зани ҳамсояаш ме-

[1] Давлат дар сари зан аст, давлататро эҳтиёт кун! (Ҳикмати маъруфи шуғнонӣ)
[2] Йелмуслāт (шуғнонӣ), йӣлмуслāт (рӯшонӣ) – маслиҳати айлоқравӣ

барад, он зан ба зани дигар ... ва минбаъд боли парвоз мекушояд. Аз даҳон ба даҳон мегузараду дар дили тамоми занон алов меафканад. Сипас дар маъракае ҷамъ омада, қарор мебароранд, ки вақти ба гӯши мардони “бепарвофалак” даровардани ин гап расидааст. Дигар мардон дар хона рӯз надоранд: шабу рӯз дар даҳони занак фақат як гап: ҳел, ҳел, айлоқ, айлоқ!!

Он сол ҳам пас аз баҳсҳои одатшудаи занон бо мардон, ниҳоят занҳо ғалаба карданд. Мардон маҷбур шуданд аз халифа соат гиранду[1] молашонро ба Пастхуф фуроварданд. Он замон дар тамоми Пастхуфи серзамин ҳамагӣ ду буна зиндагӣ мекард, ки якеаш оқсақол Шоҳниёз буд. Онҳо ҳам аслан хуфианд, аммо азбаски шахсони тавонманду мансабдор – яке оқсақолу дигаре муҳассиланд, дар Хуфи поён низ хонаҳо доранд.

Моҳе нагузашта, занон дар фикри ҳелгардонӣ[2] афтоданд. Мардон, ки киштзорони худро ба шудгор омода месохтанду вобаста ба ин аз порутиткунӣ сар карда, то ҷӯйсозиву хунукдеҳии барзагову тармими юғу сипор, агар ҳамагӣ як гови корӣ дошта бошад, ёфтани алғов[3] ва ҳоказо дарди сари бисёри дигар доштанд, боз ба ҳоли ногувор афтоданд. Охир, айлоқгардонӣ дастикам се-чор рӯз вақти ҳар дақиқааш аз тангаи тилло пурқиматтарро мегираду шудгор ақиб мемонад. Шудгор, ки ақиб монд, кишт ақиб мезанад, ҳар як рӯзи кишти дермонда баробар аст ба халта-халта ғаллаи норасидаву камдону пуч. Хушбахтона, дар ин рӯзҳои муқобилати шадиди мардону занон пайғоми оқсақол Шоҳниёз мисли кабӯтар аз деҳ ба деҳ пар мекашаду ҷанҷолу хархашаи айлоқгардонӣ пасанда мегардад: «Ҳӯ, мардум, молатон хоки Пастхуфро лесид, имсол ба гумон аст дигар сабзае сар кашида тавонад!» Ин пайғом хеле ҷиддист; гапи оқсақол бидир-бидири занон нест, ки бишнавию гӯш биховонӣ. Мардон тамоми корро партофта, ба назди халифа мераванд; халифа соати ҳелгардониро дақиқан муайян менамояд; мардон ба занон ин хабарро мебаранд. Бисёрии занон аз хурсандӣ хӯроки болаззат

[1] Соат гирифтан – иҷозаи мулло барои дар соати саъд барпо кардани ягон маърака
[2] Ҳелгардонӣ – аз айлоқҳои назди кӯҳпояҳо ба айлоқҳои дараҳои баланд баровардани чорпо.
[3] Алғов – барзагове, ки барои ҳамроҳ кардан ба барзагови худ аз ҳамсоя ё хешу табор гирифта мешавад.

пухта, аҳли хонаводаро зиёфат медиҳанд; чи меҳрубоние, ки дар бисот доранд, ба шавҳарони худ нисор мекунанд. Охир, бурдани гову мол ба айлоқи тобистонӣ барои ҳар зан тӯйи ҳақиқист – вай барои бачаҳояш ба андозаи кофӣ қуруту панир, равғану саршиfirst чакка тайёр мекунад, чорпоёни худро бо обу алафи сершираи кӯҳистон парваронда, зимистони дароз хонадонашро бо гӯшту шири серғизо ва дӯғу мости ҷонфизо таъмин намояд. Вале, «зани беноз – оши бепиёз» гуфтани халқ таъйинан гапи хушку холӣ нест: ҳанӯз сухани халифа ба гӯши ними аҳолӣ нарасида, дар муқобилаш гапи нав пайдо мешавад: «Бибинуқра гуфт, ки ҳоло вақти ҳелравӣ нест – айлоқҷой сардистон асту об дар хурма ях мебандад». Раъйи бисёр занон дарзамон дигар мешавад: «Чанд рӯзи дигар сабр кардан лозим, Бибинуқраи ҳелчизани кӯҳна беҳтар медонад». Ҷанҷоли гӯё ҳалшуда аз нав авҷ мегирад. Акнун баръакс – мардон мехоҳанд, занон намехоҳанд! «Охир, гапи халифа қонун аст, – асабӣ мешаванд мардон». Вале занон гардан намефурӯранд: «Бибинуқра модарбамомо ҳелчизан аст, вай беҳтар донад ё халифа?»

Ба хушбахтии мардон, хайрият Ёрибеки рӯҳшанос дар дунё вуҷуд дорад. Гапи охирон гапи ӯ, соат соати ӯст. Ба ишораи ӯ мардум чорпои худро ба назди остони Теғбараҳнагон мебаранд. Дуруст, ки Ёрибек ба мисли Кеке даруни остон зиндагӣ намекунад, аммо дар рӯзҳои барои халқ даркорӣ – ҳелравӣ, ҳелфурорӣ, идҳои Қурбону Рамазон ва худоиҳои калон ба ин ё он муносибат дар он ҷо ҳозир асту нозир.

Ҳисоби офтобдармард ба «биёбон» расида буд, ки эълони деринтизори Ёрибек дар саросари водӣ барқосо паҳн гардид: «Ҳелгардонӣ – рӯзи чоршанбеи ҳафтаи оянда!» Хуф ба ҷунбуҷӯш даромад! Субҳи рӯзи чоршанбе сукути пуштаву селкандҳои сокиту ороми ду тарафи рӯд шикаст. Сели молу гов аз поён ба болои дара ҷорӣ гашт. Овози даҳҳо рамаву гала ба синаи шаххҳои серпаҳнову сарбаафлок бархӯрд, аз он ба ситеғу даманҳои муқобил кӯчид ва он қадар қавӣ гашт, ки мор дар буттазор, паланг дар кӯҳсор, суғур дар пуштазор ба ҳарос афтоданд. Мардон борҳои вазнин, аз қабили пагнизу хурмаву чархчӯбу косаву табақ, бӯрёву намаду кӯрпаву болишт, намаксангу нону чалпаку бурсоқу орду талқон ва корду фасону панҷшоху белу метин ба пушт, занон бор-

ҳои сабук, ба мисли сабаду чодару сӯзаниву риштаву сӯзану дастпӯшу попӯш дар бухчаҳо ба сар, қад-қади дара ҷониби остони Теғбараҳнагон турнақатор шуданд. Бачагону наврасон – духтар то писар, шӯхикунону бозикунон дар селканду пуштаҳо медаванд, ҷастухез мезананд, фарёд мекашанд, суруд мехонанд ва чорво ҳай мекунанд. Аз духтарак то момо, аз писарак то бобо табъи идонаву рӯҳи болида доранд. Оре, ҳелравӣ барои мардуми чорводор рӯзи ҷашн, рӯзи дидорбинии умумӣ, рӯзи суру тамошо аст. Се рӯз дар назди остони Теғбараҳнагон сели одаму ҳайвон ҷӯш мезанад. Бачагон чорворо ба пуштаҳои атроф ба чаро сар дода, бо чукриву торон ва рову рошак шитобзада ба остон бармегарданд. Чунки дар ин ҷо базму дилхушӣ сар мешавад. Занон дар корсонҳо нонирӯған тайёр мекунанд, бачаҳо онҳоро ба дасторхонҳо мегузоранд. Пас аз таом Ёрибеки рӯҳшанос дуои дуру дароз мехонаду мардум дар хатми он каф мекӯбанд; сипас ҳар хонавода як сар молро ба лаби ҷӯи дарозрӯяи навканда мебаранду қассобон ба забҳу пӯстканӣ машғул мешаванд. Баъде ки гӯштро ба дегҳо меандозанд, маъракаҳои хушҳолӣ шуруъ мегарданд. Ва, албатта, пеш аз ҳама, суруду рақс. Аввал бонги кахойдаф[1] дар кӯҳҳо танин меандозад, ба он яккафарёди фалакии марди хушовозе ҳамроҳ мешавад, касе аз бағал най мебарорад ва оҳанги латифи он тан-тан-та-тан, тан-тан-та-тани дафҳоро таровати тоза мебахшад. Дилҳо ба хурӯш меоянд ва марде дастонашро чун болҳои уқоб баркушода, худро миёни маърака мезанад. Садоҳои таҳсину офарин, ҳуштаку ҳобалегӯии мардум ба осмон мепечад! Пас аз дақиқае се-чор марди дигар ба ӯ ҳамроҳ мешаванду мардум аз шодиву тараб ғами дунёро аз сар бадар месозанд. Остон ба идгоҳ табдил меёбад. Мардум дар созандагиву навозандагиву раққосӣ деҳ ба деҳ ба сабқат мебароянд. Бонги базм пиронро ҷавон, ҷавононро шодмону пуртавон мегардонад. Дар ин байн пазандагони моҳир дар понздаҳ-бист полчакии лаби рӯдак дар деге оши боқило, дар деге шӯрбо, дар деге боҷ, дар деге кабоб, дар деге батҳалво мепазанд. Занону духтарон дар гирди остон бӯрёву намадҳо густурда, дасторхон мепартоянд. Соате пас ясавули маърака гӯшҳояшро бандча зада фарёд мекашад: «Ҳой мардум, аввал таом, вонгаҳ калом! Навбат ба на-

[1] Кахойдаф – дафнавозии якҷояи занон

вбат! Ҷойи мӯйсафедон, модарон ва хоҳарон – гирд-гирди остон, ҷойи ҷавонон – дашту биёбон!» Ба издиҳоми гирди остон ризокорони ясавул хӯрок мебаранд, ҷавонону наврасон дар косаву табақҳои худ хӯрдании дилхоҳашонро гирифта, аз лаб-лаби об то сар-сари сангҳо даст ба тановул мезананд. Сипас зӯрозмоиҳо сар мешаванд. Гурӯҳе ба тамошои гуштӣ менишинад, тоифае дастхобонро ҳаводорӣ мекунад, қисме буҷулбозонро ҳобале мегӯянд, иддае ба тамошои кабкҷанг меистанд… Духтарон ҳам аз дилхушӣ бенасиб намемонанд. Онҳо тӯббозӣ мекунанду чустиву чолокии худро ба ҳам нишон медиҳанд. Чунин тартиб, албатта, фақат аз рӯзи аввал то пешини рӯзи дувум ҷорист. Баъд аз пешини рӯзи дувум то пешини рӯзи сеюм, вақте ки чавгондорону човандозони номӣ ба гӯйбозиву бузкашӣ даст мезананд, хӯрдан ҳам фаромӯш мегардаду бозиҳои дигар ҳам. Деҳаҳо барои ин бозиҳо мукофотҳои калон мемонанд: ҷувона, барзагов, асп! Бозигарон давоми ду рӯз тамошое медиҳанд, ки онро фақат бо базми наврӯзии анъанавии Баҳррӯшон муқоиса кардан мумкин аст! Барои тамошо ва ширкат варзидан дар ин маъракаи пурҳангома чобуксаворону чавгонбозони ашаддии Рӯшону Шуғнон низ ҳатман меоянд. Агар деҳқон дар тирамоҳ, ҳангоми бардоштани ҳосил ид дошта бошад, иди чӯпон ҳамин рӯзҳои айлоқбарорист. Гашти рӯзи сеюм хушҳолӣ анҷом мепазирад. Оқсақол ба пирӯзомадагон подош месупорад, остонбон дуои сафар медиҳад ва мардум парокanda мешаванд. Меҳмонон мераванд, хуфиён ҷониби қуллаҳои сарсафед, ки ҳелгаҳҳои серобу алаф дар бағал ниҳон доранд, ҳаракат мекунанд. Давоми чанд соат дастобадаст шикасту рехти ҳелҳоро дуруст мекунанд, пасон якҷо хӯроки корёрӣ мехӯранд ва паноҳбархудо гуфта, ба хонаҳояшон мераванд. Аз ҳамин соат сар карда, мардум ду қисм мешаванд: шорчиён[1] ва ҳелчиён. Шорчиён дар деҳот ба деҳқониву боғкорӣ машғул мешаванд, ҳелчиён дар кӯҳ ба шубониву ҳелдорӣ. Ҳар хонавода ҳелгаҳи худро дорад. Ҳар ҳелгаҳе ба номи занест, ҳелчизане, ки барояш бори аввал дар он мавзеъ ҳел сохтаанд. Ба ҳамин муносибат чарогоҳҳои бағали қуллаҳои пиряхпӯш соҳиби ном гаштаанд: ҳели Гулбодом, ҳели Бибихон, ҳели Мастура, ҳели Тӯрамоҳ ва ҳоказо. Ба ин тартиб,

---

[1] Шорчӣ (шуғнонӣ:ҳорчи) – шахси деҳнишин нисбат ба ҳелнишин.

фикр мекунӣ, ки дар ин сарзамин ҳар дарраеро ба номи модаре гузошта бошанд, модаре, ки ҳастии нозуку наҳифашро дар ин кӯҳпораҳо фидои нигоҳ доштани чароғи ҳаёт намудааст.

Пас аз се рӯзи ҷойгузину батартиб даромадани ҳаёти ҳел ҳафтрӯзаи муқаддаси кешу парҳез[1] шуруъ мегардад. Дар муддати ҳафт рӯз мардум аз рафтан ба айлоқ пой нигоҳ медоранд. Дар он танҳо занону духтарон мемонанду бас. Ба дарозои ҳафт рӯз дар ҳел бояд бӯйи мардина набошад! Аз ҳеле, ки дар он кешу парҳез намегиранд, фариштагон рӯ мегардонанду чорвояшро гургон мехӯранд. Гург ин гуноҳи сахтро ба ҳеҷ кас намебахшад. Пас аз гузаштани ҳафта ҳам аз ҷинси мард танҳо чӯпон ё посдор[2] ҳаққи пой гузоштан ба остонаи ҳел дорад. Ҳелдорӣ кори зан аст, ту, мардак, бирав, аз паси боғу заминат бишав!

* * *

Сапедадам, ҳанӯз тирагиаш аз рӯшанӣ сареҳ ҷудо нашуда, саворони мусаллаҳ шоҳроҳро канор гузошта, ба рост, ҷониби дара тоб хӯрданд ва қад-қади рӯд, ки дар нимторикии саҳар шири аз хурма ба пагниз сардодаи зани ҳелдорро ба хотир меовард, роҳи Хуфро пеш гирифтанд. Баробари рост шудан ба пайроҳаи дара, шамоли атромези дилангез димоғҳоро муаттар сохт ва нафаси рӯҳбахшандаро ба баданҳои хаста андохт. Фармон чунин буд, ки шабошаб чун барқ ба Хуф бароянд, ҳафтод наврасро улчакӣ намоянд ва чун бод ба Баҳрпанҷа биёранд. Раҳи дароз, шитобу бехобӣ саворонро хаста кард. Аммо ҳавои сабуку муаттар, наҷвои диловези рӯди пуртуғён ба тани ҳар бист савор ҷони тоза дамонд ва накҳати гулу гиёҳи дараи хушманзараро ба сари онҳо барафшонд. Дараи чун дили кӯҳистониён беғаш меҳмонони нохондаро чунин меҳрубону гарм пешвоз гирифт. Дар ҷангалакҳои анбӯҳи лаб-лаби рӯд садҳо паранда бо лаҳну лаҳҷаҳои гуногун шукронаи субҳи тозаро месуруданд.

– Ханҷару Ношак, пеш дароед! – аз сари қатор садои ҷарангосии даҳа Тиллобек сукути суруровари субҳгоҳонро шикаст.

Аз миёни сипоҳиён дарҳол ду савор ҷудо шуда, аз Тиллобек гузашта, истодан хостанд.

---

[1] Кешу парҳез (шуғнонӣ-рӯшонӣ: кеҳат парез) – манъи рафтуомад ба айлоқ.

[2] Посдор (шуғнонӣ: поцдор) – касе, ки навбати молчаронӣ дорад.

– Ҳай кунед! Роҳро нишон бидиҳед, ки фурсати ба бунбаст афтодан надорем.

Саворон гашти аспонро тезонда, ба дурии сад қадам якбора пеш рафтанд.

– Ин қадар надавон, ки ба ҷарие напарӣ! – аз паси Ношак бонг баровард Ханҷартило.

– Аспи ман набошӣ, ки ин қадар ғам мехӯрӣ? – пичинг парронд Ношак, вале гашти таковарро суст кард.

– Мабодо ҷар шавӣ-ку, вақте надорем, ки мурдаатро бардорем, – тарғузагӯиашро[1] давом дод Ханҷартило, – ҳатто хабари мурдаатро ҳам ба занат расонданамон ба гумон.

– Ба дуои кӯрмуш борон намеборад, – алов гирифт Ношак, – беҳтараш раҳата нигоҳ кун, ки ҷонварат бӯйи модиёнамро гирифтааст.

Ханҷартило фириқ-фириқу бинидамонии аспашро бо зарбаи сусти тозиёнае ба даҳони он фурӯ нишонд, вале зардапошиашро қатъ нанамуд:

– Аз рӯзе, ки мешиносамат, ё мочахар дорӣ ё модиён! Пуштат кӯз гашту аз модабозиат намондӣ.

– Агар мақсадат таъна задан бошад, нарасидӣ, – рӯ ҷониби ҳамроҳи қайсараш гардонда, хандаи малоломез зад Ношак. – котабозиву модабозиро ҳам мард мекунад, на занмизоҷи ҳавои даҳан...

– Пешатро нигоҳ кун! – гапи Ношакро хавотиромез бурид Ханҷартило.

Ношак ба пеш нигарист. Аз паси тахтасанге, ки дар болояш анбакси[2] бузурге аз дами шамоли рӯд кокулафшонӣ мекард, ду писару ду духтари наврас намоён шуданд. Онҳо ҳар яке таёқе дар даст, мисли оҳу аз санге ба санге чолок ҷаҳида ва чизе гуфтаву хандида, ба сӯи саворон меомаданд.

– Оҳо, пеши кор кушода шуд-ку! – хурсандона нидо баровард Ношак ва ба пешвози бачаҳо маҳмез зад.

Бачаҳо саворони мусаллаҳро дида, дар ҷояшон истоданд. Ношак дар як нафас худро ба онҳо расонд ва аз асп фуромад.

– Эй бачгала, куҷо равонаед?

---

[1] Тарғуза, талғуза – пичинг, мазоҳ

[2] Анбакс (шуғнонӣ: анбаҳц) – навъе аз бурс

– Ба Пастхуф, – ҷавоб дод писараки даҳ-дувоздаҳсола, ки пойлуч мерафту кафшҳои чӯбӣ дар даста дошт.

– Дар Пастхуф чӣ кор доред?

– Говҳоямон дар Пастхуф мондаанд, онҳоро ба айлоқ ҳай мекунем, – тавзеҳ дод ҷавонак.

– Аз дунболатон боз касе ҳаст? – пурсид Ханҷартило, ки ин замон расида буд.

– Немедонем, – қариб ба як овоз гуфтанд бачаҳо.

– Калононатонро мӯр задаст, ки шумо ба чунин роҳи дур баромадаед? – айёрона пурсид Ханҷартило.

– Падаронамон – дар Дерзуд, модаронамон – дар айлоқ.

– Дар Дерзуд чӣ гап будааст?

– Оҳан мегудозанд.

– Бисёр хуб! – хурсанд хитоб кард Ханҷартило, – акнун аз роҳатон баргадед.

– Барои чӣ? – қариб баробар изтироболуд пурсиданд бачаҳо.

– Ба мо роҳ нишон медиҳед, – гуфт Ношак, – мо бори аввал ба Хуф меравем.

– Не, амак, мо корамонро партофта наметавонем, – гуфт духтаре, ки аз бетоқатӣ ҳар замон нӯги чӯбдасташро ба санги пеши пояш мекӯфт,

– Ту, духтар, наметарсӣ, ки ба чунин сафари дур баромадаӣ? – пурсид Ханҷартило ва аз асп фуромад.

– Додаронамон хурд, падаронамон дар Дерзуд, модаронамон дар айлоқ, калони хона – худамон, – ба ҷои духтари ҳамроҳаш ҳам посух дод он духтар.

Ин асно савörони даста расиданду бачаҳо ба ҳарос афтоданд. Онҳо ҳатто ҳаракати гурехтан карданӣ шуданд, вале Ношак, ки ҳангоми суҳбат ба қафояшон гузашта, ба баҳонаи дам гирифтан болои санге нишаста буд, садди роҳашон гашт.

– Ҷунбидед, мезанам, – шофашро аз ғилоф кашид Ношак ва теғашро бо нарангушташ пармосидан гирифт.

Духтарон ба гиря даромаданд, писарон ҳайрону тарсон ба анбӯҳи саворон хира шуданд.

– Уҳӯ, сайд ба пои худ омадааст-ку! – хитоб кард даҳа Тиллобек, – ба қунҷиға бигиред!

Ханҷартилову Ношак бачаҳои нолону гирёнро як-як озод бардошта, ба дасти саворе доданду худ низ савор шуданд.

– Ин бадбахтҳо чӣ мегӯянд? – суол кард даҳа.

– Корамон осон барин, даҳа! Гуфтанд, ки мардон ба Дерзуд оҳангудозӣ рафтаанд.

– Ҳақиқатан ҳам осон, – хурсанд шуд Тиллобек, – касе муқобилат накунад, давоми ду-се соат корамон буд мешавад. Ҳай кунед!

Ношаку Ханҷартило тунд ронданд, саворони дигар ҳам гашташонро тезонданд. Ҳой-ҳой гиристани духтарон ва вовайлои писарон субҳи хушгувори Хуфро ногувору бимангез сохт. Пас аз соате, баробари расидани даста ба деҳаи аввали Хуф, аз оромиву дилбеғамӣ дар водӣ нишоне намонд. Навкарон ба хонаҳо зада даромада, писарону духтарони наврасро кашон-кашон ба назди Тиллобек меоварданд. Тиллобек аз байни духтарон соҳибҷамолтарон, аз миёни писарон зеботару пурзӯртарашонро ҷудо мекарду дигаронро ҷавоб медод. Гапи бачаҳои аввал асирафтода дуруст баромад: дар тамоми деҳаҳо мардинаи кироие набуд, ки бар зидди бедодгарон таёқе баланд кунад. Оҳангудозӣ маъракаи бисёр муҳим барои деҳқонон буд. Дар тамоми Рӯшон ҳамагӣ се-чор чиндон[1] вуҷуд дошт, ки аҳолии ҳар деҳ банавбат дар онҳо оҳан мегудохт. Кораш сахт душвор буд. Бахусус дамҳои пӯстӣ, ки оташро ба воситаи онҳо тез мекарданд, неруи зиёд талаб менамуданд. Аз ин рӯ, ҳузарбтарин мардон ба дамдиҳӣ машғул мешуданд; онҳо на танҳо гаҳри[2] харидаи худро дар чиндон месӯзонданд, балки ба ҳамдеҳагони камқувват ё бемори худ низ барои ба оҳан табдил додани он ёрӣ медоданд. Барои анҷом додани кор ба ҳар як деҳаи калон ҳамагӣ як рӯз, барои Хуф, ки аз панҷ-шаш рустои хурду калон иборат буд, чор рӯз ҷудо мешуд. Дар ин чор рӯз мардони Хуф бо тӯшаву мӯза ва ангишту хӯрҷинҳои худ ба Дерзуд мефуромаданд ва танҳо дар рӯзҳои шашум-ҳафтум ба хона бармегаштанд. Баъзан кор ба даҳ рӯз ҳам мекашид. Пас аз ҳосил шудани оҳан ҳиссаи худро гирифта, онро ба коргаҳ[3] дода, якбора дос, поза, табар ё дигар абзори зарурӣ сохтан лозим меомад.

---

[1] Чиндон – оташдон барои гудохтани оҳан.

[2] Гаҳр (шуғнонӣ-рӯшонӣ: гāр) – санге, ки дар таркибаш оҳан дорад.

[3] Коргаҳ – оҳангархона.

Ҳамин тавр, қазо чунин раво донист, ки он рӯзи наҳс Хуф аз ҳимоятгарон – онҳое, ки дар лаҳзаҳои даркорӣ ба ҷои белу сипор туфангу шамшер ба даст мегирифтанд, холӣ буд. Сипоҳи Тиллобек дар муддати се-чор соат тамоми деҳаҳоро тохт ва ба тезии шамол аз ҳар даре писар ё духтареро тепкашол бо худ бурд. Ҳатто изн намедод, ки либосе бо худ бигирад ё ба аҳли хонаводааш лоақал ҳарфи видоъ бигӯяд. Танҳо вақте дар хирманҷойи деҳа барои шумурдан ва аз назар гузарондани туъмаҳои бадастоварда ҷамъ омаданд, даҳа мушоҳида кард, ки аз духтарони дӯшиза дида ҷавонзанон бамаротиба бештар буданд.

– Ба тухми духтар қирон омадааст, ки занакҳоро баровардед? Ин чӣ бемазагӣ?

– Даҳа-сойиб, духтарон ҳамроҳи модаронашон ба айлоқҳо баромада рафтаанд, – шарҳ дод Ханҷартило.

– Чӣ истодаед? Ба айлоқҳо равед! Ин кулчаҳои холзадагиатонро бо кадом рӯ ба шоҳ нишон бидиҳам?

– Аз ту амр, аз мо итоат, – гуфт Ханҷартило, – лекин барои андармон шудан бо айлоқҳо як рӯз камӣ мекунад. – Ханҷартило дастаи қамчинашро ба сӯи қуллаҳои барфпӯш нигаронд. – Ғайр аз ин, ҳоло ҳафти муқаддас асту кешу парҳез.

– Раҳи маро на кеш гирифта метавонад, на парҳез. Лекин вақт нест. Дер кунем, шоҳ худамонро ба бадахшиҳо тортуқ медиҳад.

Саркарда як бори дигар ҳафтод улчакии тарсону ларзонро якяк ҳисоб кард. Ин асно аз ҳар тарафи деҳа садоҳои ғавғову вовайлои мардум ба гӯш расида, одамони зиёде намоён шуданд, ки гирёну нолону афтону хезон ба ҷониби сипоҳиён меомаданд. Аз байни асирон ҳам садоҳои дилхарош баромадан гирифтанд.

– Чӣ кунем? Ба айлоқ ё ба водӣ? – бетоқат шуд Ханҷартило.

– Чӣ кунем дигар? Аз маҷбурӣ ҳиндуро момо мегӯем, – ва ба сӯйи одамони оянда нигоҳи хашмолуд андохту афзуд: – Як дами дигар биистем, каллаи чанд ҷангараро кафондан лозим мешавад. Ин бетавфиқонро дар миёна бигиреду бичунбед!

Даҳа, гӯё сипоҳашро ба ҳуҷум бармехезонда бошад, дасти тозиёнадорашро ба сӯи водӣ дароз карду фарёд кашид:

– Аз қафои ман!

Ва аспи бодпояшро резачорпо давонд. Саворон бандиёнро ба миёна андохта, аз паси ӯ ҳаракат карданд. Ғиреву шевани ҷонгудози

асирон ва хешу ақрабояшон ғулғула дар чархи фалак андохт ва рӯзи офтобии тобистонро дар назари хуфиён аз дили шаб сиёҳтар сохт.

Хуф дар кӯраки сиёҳи ноаёни мотам фурӯ рафт. Чунон мотаме, ки монданд булбулон дар шохаҳо аз чаҳ-чаҳ, кабкон дар пуштаҳо аз қаҳ-қаҳ, оҳувон дар гарданаҳо аз кӯшиш, палангон дар қуллаҳо аз ҷунбиш, чашмаҳо дар шибарҳо аз ғул-ғул, шамолҳо дар дараҳо аз ҳур-ҳур. Сабзаҳо истоданд аз дамидан, гулҳо аз чамидан, дарахтон аз бозидан, гулҳо аз нозидан. Дунё сард гашту пурдард…

Оре, он рӯзи шум дар тамоми Хуф синаи таҳме набуд, ки заифон сар бар он бигзоранд, шонаи паҳне набуд, ки бечорагон такягоҳаш бишморанд.

***Бадал карда ҷаҳони сифла ҳастиро ба ноҳастӣ,***
***Фурӯ монда бад-ин кор андарун гардун чу шайдое.***
***Баросуда зи ҷунбишҳову қолу қили даҳр эдун,***
***Ки гӯӣ нест дар олам на ҷунбое, на гӯёе[1].***

Вақте инсони фарёдрас дур аст, Худои додрасро ҳамеша ҳузур ҳаст. Андӯҳи саъбро танҳо Он Яктои Шикебо тоқати шунавидан дорад! Ва танҳо Ӯ ноумедонро уммеди боэътимод, сӯгворонро дилосоии аз ҳар пиндоре зиёд дода метавонад. Худогоҳу нохудогоҳ хуфиён аз ҳар деҳе, аз ҳар даре рӯ ба маҳзари нури Ҳақ – остони Теғбараҳнагон оварданд. Майда-майда, то расидани офтоб ба миёнаи осмон, гирду навоҳи остон аз мардуми сарсахту бадбахт пур шуд. Онҳо банавбат сангҳои муқаддасро равған молида, назре мегузоштанду ба Ёрибеки дар пои он нишаста салом дода, ба дарёвгари[2] дигар ҷой холӣ менамуданд.

Ёрибек асои Кеке дар паҳлу, сарбараҳнаву побараҳна, бо пешонии харошида ғамзадаву пажмурда рӯи пӯстаки сиёҳе чорзону менишаст. На саломеро алайк мегирифт, на ба пурсише таваҷҷуҳ менамуд. Ингор аз ғояти ғусса санги кулӯх гаштаву ба остонсанги дарёвӣ табдил ёфта. Даҳшате, ки аз ғулому каниз шудани ҳафтод сокини ҷавони Хуфи ҷоноҷонаш дар дили ӯ афтод, забонашро лолу танашро бемаҷол гардонда буд. Ғами он шасту нуҳ асир як тараф, дарди носури додари ахтарсӯхтааш – як тараф. Ёрибек субҳи мар-

[1]Аз Носири Хусрав
[2] Дарёвгар – зиёраткунанда

дон дар паси хона лой шӯрид, то анбореро, ки тоза барафрохта буд, гил бизанад. Вақте садои ғавғо баланд гашт, базӯр пой аз гилдон канду ба хона давид. Ба даргоҳ расиду дид, ки саворе додарашро ба каманде баста, аз паси аспаш кашолакунон мебарад. Давид то халосаш кунад, аммо савор ба масофаи панҷсад-шашсад қадам фосила гирифта буду баъди дақиқае дар пастхамии охири деҳ аз назар нопадид шуд. Ёрибек побадаст давид, вале вақте ба пайроҳаи лаби дара рост шуд, дид, ки он савор танҳо набудааст. Чанд аспакии дигар низ одамонро ё кашола карда, ё дар қунҷиға шинонда, поён ҳаракат мекарданд. Ин асно аз қафояш додувой баланд шуд. Баргашта дид, ки айнан ба ҳамин тариқ, наврасонро улчакӣ карда, се-чор савори дигар аз деҳа башаст мебаромаданд. Вай чӣ кор карданашро надониста, бехудона ду даст ба ду тараф ёзонда, дар байни роҳ истод, то роҳи улчакидоронро бигирад. Аммо баробари наздик расидани савораи аввал ба манаҳаш лагаде хӯрду ба пастхамии канори роҳ ғелида, миёни буттазорони лаби рӯд афтод. Дигар осмону замин дар назараш ба ҳам часпиданд. Вақте ба ҳуш омад, чорчангол худро ба пайроҳа расонду дав-давон роҳи остонро пеш гирифт.

***Сияҳ ин субҳидам шуд, вой бар мо,***
***Дилам дарёи ғам шуд, вой бар мо.***
***Зи дасти душманони беадолат***
***Халоиқ беватан шуд, вой бар мо!***[1]

Даромаду инони гиряву фиғонро сар дод. Чунон гирист, ки кулӯласангҳои остон аз борони сиришки ӯ тар гаштанд. Он қадар ашк рехт, ки дарёи синааш хушкид. Сипас рӯ ба зориву зурна овард. Даст ба дуо бардошт ва аз Парвардигор дафъи ин фоҷиаи бузург, андохтани инсоф дар дили золимони мулкро тазарро кард ва пешонӣ он сон бар санги остон молид, ки чанд ҷояш харош ёфт. Соате пас қариб тамоми маскунони ҷабрдидаи Хуф низ расиданд ва аз ҷигари сӯхта нолаву фарёд баркашиданд. Остоне, ки ҳамагӣ ду рӯз пеш бонги шодиву тараб аз он ба фалак мепечиду масаррат дар ҳавояш ҷӯш мезад, ба байтулҳазан табдил ёфт. Мардум ба Худованд зора мекарду дарё-дарё ашк мерехт. Мегиристу сӯзу алами худро ҳарф-ҳарфу ҳиҷо-ҳиҷо аз банди гулӯ сар медод ва чакомаи дард мекард. Банохост аз кунҷаке

[1] Моли халқ

овози маҳзуну ларзон, вале гуворои шоир Маҳмадсодиқ баланд гашт. Ӯ забон ба марсияи ин мусибати азим баркушод:

***Дар айлоқон кешу парҳез,***
***Гург омадаст дандонаш тез.***
***Гург омадаст гурги дупо,***
***Аз чангаш нест ҷои гурез.***
***Эй войи ту, эй войи ман,***
***Вой баччаи яктойи ман!***

Даҳҳо мусибатзада бо ҷигарҳои пурхуну садоҳои маҳзун ба нолиши шоир ҳамроҳ гаштанд:

***Эй войи ту, эй войи ман,***
***Вой баччаи яктойи ман…***

Маҳмадсодиқ давом дод:

***На гург омад, гургон омад,***
***Даҳон пурхун, ғуррон омад.***
***Бебачча кард хуфиёнро***
***Ба тухми мо қирон омад.***

Мардум фиғон баркашид:

***Эй войи ту, эй войи ман,***
***Вой баччаи яктойи ман!***

Маҳмадсодиқ наҷво зад:

***Дар айлоқон кешу парҳез,***
***Бар сари мо заданд маҳмез.***
***Хунхорони шоҳи Шуғнон***
***Қамчин хунин, ханҷарҳо тез.***

Мардум шеван кард:

***Эй войи ту, эй войи ман,***
***Вой баччаи яктойи ман!***

Маҳмадсодиқ:

***Дар айлоқон парҳезу кеш,***
***Осуда бошад гову меш.***

***Одам вале зад дар бало,***
***Шуд синаи ӯ реш-реш.***

Мардум:

***Эй войи ту, эй войи ман,***
***Вой баччаи яктойи ман!***
**..............................**

Хуфи тохтаву хуфиёни ҷигартофта ба азои ҷонсӯзу дилшикар нишастанд. Тиллобек ба дастааш фурсати як нафас дам гирифтан надода, якрост ба Баҳрпанҷа шитофт. Бандиён фиғон мекашиданду нола мекарданд, баъзе зора мекарданд, ки сарашон бидиҳанд, иддае носазо мегуфтанд. Вақте ба охири дара наздик расиданду ғиреву шеван бештар гашт, даҳа амр дод даҳонҳояшонро бибанданд. Бо ҳамин бадбахтон аз охирин василаи эътирозу фарёдрасҷӯӣ ҳам маҳрум гаштанд. Вақте хомӯшӣ ҳукмрон шуд, Ханҷартило ба Ношак гуфт:

– Қасосамонро гирифтем, андувол! Соли гузашта ба ҳоли мо хандиданд, имсол ба ҳоли зори худашон мегирянд.

– Ҷонам ором гирифт, Ханҷар, – ба китфи асире тозиёна фуроварда, хандаи заҳромез зад Ношак, – забонамон дар назди мардум дароз гашт. Дигар мо ба ҳоли ин мулоимхунукони девлохӣ механдем. Ғалаба кардем, дӯстам, ғалаба!!

## ЗӮҒ[1] АЗ ҲАФТ ОСТОН

Бозори Вомар калон нест, аммо рӯзҳои ҷумъа серғавғо мешавад. Радаву қатор, тартибу низом надорад – касе субҳидам кадом ҷоеро интихоб кард, то фурӯхтани мол ё пир шудани ҳавсалаву матоъ барчидан он макон аз они ӯст. Молу колояш ҷойдористу савдогар ҳам таҳҷоӣ. Савдогари рӯшонӣ бозоргони касбӣ нест, вай ҳамон деҳқонест, ки ё ёфту тофти аз рӯзгори худ зиёдатиро ба чизе иваз кардан мехоҳад, ё мушкиле ба сараш омадаву барои рафъи он ягон ашёи хонаашро ба фурӯш гузоштааст. Аз қавмҳои ҳамсоя дар ин бозор гоҳе язгуломиву шуғнӣ ё ванҷиву дарвозӣ ва ба нудрат қирғизу бадахшӣ пайдо мешаванд. Пул дар ин ҷо қариб ба кор на-

[1] Зӯғ (шуғнонӣ-рӯшонӣ) – дуои бад

меравад – халқ онро намегирад, чунки барои рустоии одӣ молу чиз даркор аст, на коғазе ё филизе, ки онро на хӯрда мешаваду на пӯшида. Бо пул фақат мансабдорон муомила мекунанд, зеро ба дарбор равуо доранду дарбориён – ба олами фарох. Бозор аз они касе набуд. Он замоне дар сангистони наздик ба остони Лангар, байни дарахтони ёбоӣ ба вуҷуд омада, чун ба касе тааллуқ надоштааст, то ҳол ҳам соҳиби мушаххасе надорад. Танҳо гоҳ-гоҳ, дар моҳҳои тамуз, ки мавсими хариду фурӯш авҷ мегирифт, аз қалъаи Вомар муҳассиле меомад ва аз савдогарон ба қудраташон мувофиқ чизе ё пуле мегирифту дигар соли дароз андозчине ба тарафашон тоб намехӯрд.

Бозораки Вомар ҳам чун дигар бозорони олам фақат ҷойи харидану фурӯхтан нест. Он макони шунидани хабарҳои тоза ва дидани одамони ҳархела низ ҳаст. Аз бист нафар агар даҳ нафарашон харидор бошанд, даҳ нафари дигар онҳоеанд, ки барои фаҳмидани гапу калочаҳои тоза омада, барои он ки вақт кӯр кунанд, ба ягон саргармие ба мисли кабкҷанг, сагҷанг ё хурӯсҷанг машғул мегарданд.

Дар бозорак вақт ба вақт, албатта, ҳодисаҳое ҳам рух медиҳанд, ки боиси ҳайрату ғайбат мегарданд. Масалан, соли гузашта аз куҷое марди қаландармашраби хушсуҳбате омаду чунон ғозу пардоз дода, қиссаҳои росту дурӯғ гуфт, ки шунавандагон намедонистанд ошафсонаро[1] чӣ тавр бароварда, ба дасташ додаанд. Имсол боз як воқеаи ғайриодӣ диққати бозориёнро ба худ ҷалб намуд. Кампири фарсудапӯшоке пайдо шуду таги дарахти себ нишаст ва гуфт, ки то зани ҳокими Рӯшон ба саломаш наояд, пушти вай донаду танаи ҳамин дарахт. Себҳои аз шоха уфтодаро мехӯрду бо остин рӯяшро шамол медод ва шабро рӯз мекарду рӯзро шаб. Бозорнишинон барояш хӯрдание доданӣ шаванд, қабул намекард, гапе пурсанд, ба ғайр аз «зани ҳокимро бигӯ ба саломам ояд», дигар ҷумлае аз даҳонаш берун намеомад. Ҳама пиндоштанд аҷузаи хаёлие асту ҳарзадароӣ мекунад. Аммо ҳафтае нагузашта ин кампири девонанамо чунон саҳнае намоиш дод, ки на бозори Вомар ёд дошту на бозориёни он.

Аммо ҳоло аввал сухан аз Бибианор – зани ҳокими Рӯшон Манзаршоҳи диловар. Бибианор акнун шоҳбону буд. Чандин хиз-

---

[1] Ошафсона – ҳаққе, ки барои шунидани қисса ё афсона ба ровии он дода мешавад.

матгор дар ихтиёр дошту дар ҳуҷраи барҳавои қалъа зиндагонӣ мекард. Ҳар чи дилаш хоҳад, – дарзамон омода. Хушбахт буд. Дилаш гулистони шукуфонро мемонд. Гулистоне, ки аз бӯсаборони хуршеду нам-нами обшорон ҳар лаҳза рангу таровати тоза мегираду хуррамтар мегардад. Доғи ҳиҷрони чандсолаи ҷуфти меҳрубон аз синааш кайҳо бархоставу дар пайроҳаҳои хотирааш танҳо пайи ноаёне аз он боқӣ мондаву халос. Шаъшааи офтоби хушбахтӣ он ҳама ёдҳои дарднокро дигар маҷоли чароғак задан намедиҳад. Манзаршоҳи дӯстдоштааш бо ӯст. Бибианор ба ивази чашминтизориҳову маҳрумиятҳои ҷигартобу гаронсоя соҳиби бахте гардид, ки ингор дар зиндагиаш Ҳумои толеи нек дақиқае ҳам ба ӯ пушт нагардондааст. Писаракаш Меҳтаршоҳ ба сездаҳ қадам мегузошт. Мисоли падараш қади баланду мӯйи ҷингила ва устухонҳои калону ҳаракоти чусту чолок дошт. Барои дилёбиву кушодадилиаш ҳама ӯро дӯст медоштанд. Пешвои калонсолони қалъаи Вомар падараш бошад, пешвои хурдсолонаш Меҳтаршоҳ буд. Аз бачаҳои саис сар карда, то ҳар гуна раиси дарбор, қалъа камаш дувоздаҳ-понздаҳ писаракони аз ӯ каме хурдтару бузургтар дошт. Онҳо зимистону тобистон рӯзи дароз дар даруну беруни он бо ҳаёҳуву даводав ба ҳар гуна бозӣ машғул мегаштанд. Дар тамоми бозиҳо пешкорашон Меҳтаршоҳ буд. Ва ин шараф на танҳо баста ба он буд, ки Меҳтаршоҳ писари ҳокими Рӯшон аст. Вай ба ҳақиқат сифати аз паси худ бурдани бачаҳоро дошт ва ҷасуриву беозориаш ӯро дар назари онҳо дидадаротар ба ҷилва меовард. Модарашро сахт дӯст медошт, ончунон ки ҳар рӯз барояш чизаке ҳадя меоварd – аз баҳор то тирамоҳ ҳар гуна гулу гиёҳи хушбӯй, зимистон – аз сиптак[1] сар карда, то ду-се чормағзу як каф тут, ҳатто шохаи пурмеваи ангат ё хуч. Ба хона медаромаду мегуфт: «Мод, чашмота бипӯш!». Модари одаткарда даррав пилкҳо рӯи ҳам мегузошту даст ҷониби писар дароз мекард. Меҳтаршоҳ овардаашро ба дасти модар медоду наҷво мекашид: «Чашм кушо, ҳадя бигир!» Модар ба олиҳаи хушбахтӣ табдил меёфту онро мегирифт ва писари нозанину дилнишинашро мебӯсиду мегуфт: «Меҳтаршои ман, бебаҳои ман! Ҷонам ба қурбонат». Ва рӯзе набуд, ки Меҳтаршоҳ ин одаташро аз ёд баро-

[1] Сиптак (шуғнонӣ-рӯшонӣ: сӣптак) – сабадак барои нигоҳ доштани ҳар гуна ашё, ки аз навдаи бурс бофанд.

варда бошад. Модар писари зиндадилу хандонрӯяшро он қадар дӯст медошт, ки агар дар атрофи қалъа бо бачаҳо бозӣ кунад, чанд бор берун мебаромаду то чашмаш ба ӯ науфтад, изтироби ҷонаш фурӯ наменишаст. Ин муҳаббат дар тану равонаш чунон шуъла кашида буд, ки тасаввур намекард баробари Меҳтаршоҳ дар олам ҷавонписари дигаре вуҷуд дошта бошад. Ҳатто вақте ки обистан шуд ва шавҳараш ин муждаи тарабангезро аз забонаш шуниду «Худо хоҳад, боз як писари дигар бароям мезоӣ!» гуфт, Бибианор даст ба гарданаш ҳалқа намуд ва дар гӯшаш пичиррос зад: «Не, Худо кунад, ки писар набошад, ман касеро ба Меҳтаршоҳакам баробар кардан намехоҳам, ҳатто писари худамро». Манзаршоҳ аз ҳайрат намедонист чӣ бигӯяд. «Чунон ки дар тамоми олам мардеро ба ту муқоиса карда наметавонам…» «Ризои ту ҳамин бошад, бигузор ҳамин тавр шавад, – дар синаи шавҳар аз гапи занаш вулқони муҳаббат ҷӯш зад, – духтар ҳам сабзаи Худованд аст. Барои худат ҳамроҳ мешавад».

Ба ҳамин тариқа, Бибианор бисёр мехост тифли батнаш духтар бошад. Барои ин даст ба тадбир зад. Ба бовари кампирони рӯзгордида, дар чунин ҳолат зан ду роҳ дорад: якум – агар писари ноболиғ дошта бошад, муддати чил рӯз ба ӯ пӯшоки духтарона пӯшонда, ба гарданаш муҳра бандаду ба кокулаш гесу. Дувум – бештар ба духтарон нигоҳ кунад, имкон бошад, шабҳо духтаракеро дар бараш бихобонад. Вақте Манзаршоҳ ба Бартанг раҳсипор гашт, Бибианор субҳи рӯзи дигар як даст куртаву лозимӣ гирифта, ба Меҳтаршоҳ гуфт:

– Бачам, як хоҳиш дорам, иҷро мекунӣ?

Меҳтаршоҳ ба пӯшоки духтаронаи дасти модараш шигифтолуд нигоҳе карду ҷавоб дод:

– Чӣ хоҳише, модҷон?

– Чанд рӯзаке ҳамин либосро бипӯш.

Меҳтаршоҳро гӯё халмандак[1] газида бошад, аз кому забон монд.

– Ойй… войй, – базӯр садо баровард бача.

– Не нагӯй, писарҷон.

[1] Халмандак – як навъи кана, ки бар асари газиданаш одам варам карда, ҳалок шуданаш мумкин аст.

Меҳтаршоҳ аз шарм сурхиду чанд қадам қафо рафт.

– Мод, ту маро масхара мекунӣ?

– Не, писарам, ба ман лозим. Мефаҳмӣ, бисёр даркор.

– Не, намепӯшам! Мехоҳӣ, ки дар тамоми қалъа маро «духтар» гуфта, мазоҳ кунанд?

– Хай, вақте берун баромадӣ, бадараш кун, – илтиҷоомез гуфт модар.

– Не, модарҷон, наметавонам, наметавонам! – Ва хост берун бидавад. Бибианор аз домани шивинчаш дошт:

– Биист! – Ва вақте Меҳтаршоҳ истод, гарданбанди пурмуҳраро ба гулӯяш наздик бурд. – Дардат ба ҷонам, набошад, ҳаминро ба гарданат бандам. Ба инаш ҳам не бигӯй, маро сахт хафа мекунӣ.

Писарак аз ғояти лоилоҷӣ дод зад:

– Модҷон, ба ту чӣ шудаст? Ман дар назарат духтар метобам-чӣ?

Бибианор, ки рости гапро ба ӯ гуфта наметавонист, чунин дурӯғе бофт:

– Писарам, расм чунин аст, вақте шоҳи мулк ба сафар мебарояд, барои он ки бидуни осебе бозгардад, писарони хурдсолаш ҷомаи духтарона мепӯшанд. Агар хоҳӣ падарат ба тандурустӣ гашта ояд, лоақал ҳамин гарданбандро ба макат биовез. Аз чашми бад ҳам нигоҳат медорад.

– Чӣ расми баде! – абрувон гиреҳ зад Меҳтаршоҳ, – инро кӣ баровардааст?

– Одамони оқилу доно, бачам.

Меҳтаршоҳ камтари дигар андешиду розӣ шуд:

– Майл, бибанд, аммо суст, ки ба синаам фарояд.

Бибианор хурсандона шаддаро ба гардани писараш баст ва гуфт:

– Илоҳим, чашми душман кӯр гардаду ман ба орзуям бирасам.

– Чӣ орзу дорӣ, модарҷон? – мутаваҷҷеҳ гашт Меҳтаршоҳ.

– Орзуям бисёр аст, ҷонаки модар. Ҳамааш барои хушбахтии ту.

Меҳтаршоҳ шаддаро зери курта пинҳон кард ва рухсори модаршро бӯсиду берун давид.

Бибианор чун дид, ки ба писараш либоси духтарона пӯшонда натавонист, ба як шадда дилаш тоқат накарду духтараки чорпанҷсолаи як хизматгорашро пеши худ талабида, шабҳо дар

паҳлуяш хобондан гирифт. «То баргаштани Манзаршоҳ аз Бартанг йени[1] духтарак ба ҷони тифлам медарояду вай ҳатман духтар мешавад», – қаноатмандона аз дил мегузаронд ӯ.

Аммо Манзаршоҳ диранг мекарду ташвиши вуҷуди Бибианор рӯз ба рӯз бештару бештар мегашт. Заренро, ки Манзаршоҳ дар набуданаш ӯро кафили вазифаи худ гумошта буд, илтимос намуд, ки ба Бартанг кас фиристад, то сабаби дермонии ҳокимро бидонад. Зарен ҳам худи ҳамон рӯз саворпойеро ба Бартанг фиристод, зеро дили худашро низ гургон тала мекарданд. Мувофиқи ҳисоби ӯ, Манзаршоҳ дери дераш дар рӯзи чордаҳуми сафар бояд аллакай дар Вомар мебуд. Вале бист рӯз гузашту аз ҳоким на хате буду на хабаре.

Ба ҳамин минвол, ташвишу изтироб дар синаи Бибианор бештар доман паҳн менамуду соат ба соат меафзуд, ки хизматгорзан – модари духтаре, ки Бибианор ӯро барои худ ҳамроҳ гирифта буд, хабари аҷибе овард:

– Хӯҷаин, аҷузае чанд рӯз боз дар бозор нишаставу туро суроғ дорад.

Бибианор ҳайрон нашуд:

– Шояд коруфтодае бошад. Дидӣ, бигиру ба назди ман биёраш.

Хизматгор ба аломати рад сар ҷунбонд:

– Омадан намехоҳад. Мегӯяд, ки зани ҳоким ба саломи ман биёяд.

Бибианор, ки барои духтарчаи ҳанӯз назоидааш рӯйпӯшак гулдӯзӣ мекард, аз кор бозистод:

– Аҷабо! Ин қадар худашро дӯст медоштааст ин занак! Кӣ будааст вай?

– Як зани солрафтаи камбағалнамо. Ҳеҷ кас намедонад аз куҷо пайдо шудааст.

Дар қалби Бибианор ҳамоно шуълаи умед чароғак зад, дилаш равшан гашт:

– Шояд аз Бартанг омада бошаду аз Манзаршоҳ хабаре дорад?

Хизматгорзан китф дарҳам кашид:

– Росташ, намедонам. Ба касе ҳам аз куҷо омаданашро нагуфтааст. Шабу рӯз дар даҳонаш фақат як гап: «Зани ҳокимро бигӯед, ба саломи ман биёяд».

---

[1] Йен (шуғнонӣ) – сояи ҷон; аура

– Таъйин Манзаршоҳро дидаву бароям пайғоме дорад, – хулоса баровард валъамат ва парчаро як сӯ гузошту ба по ҷаҳид. – Рафтем ба бозор!

Хизматгорзан, ки чунин рафторро аз валъамат интизор набуд, дасту по хӯрд:

– Шояд рафтани ту ба назди як кампираки ғариб он қадар лозим набошад. Ман наздаш бираваму дурусттар бозхосташ бикунам.

– Не, рафтем, – дили Бибианор он қадар беқарор шуда буд, ки мехост бол барораду ҳар чи зудтар ба бозорак бирасад.

– Лоақал либоси маъракаатро пӯш, валъамат.

– Не, хоҳар, дер мешавад. Рафтем, зуд бош! – Бибанор аз остини зан гирифта, ба сӯйи дар кашола кард.

Шитобон ба рӯи ҳавлӣ баромаданд.

– Асп биёранд? – аз дасти Бибианор кашид хизматгорзан.

– Не, дер мешавад, давидем.

Онҳо роҳи тахминан нимсоатаи сӯи бозорро дар даҳ-дувоздаҳ дақиқа тай намуда, ба бозору бозоракиён ҳам аҳамияте надода, рост ба назди зани ғариб омаданд. Кампир бо шоли сафеди аз чирк сиёҳгашта рӯяшро пӯшонда, дар таҳи дарахти себ пинак рафта буд. Гирду атрофаш пур аз себи хоидаву партофта, дар зери оринҷ гузоштаву аз он барои худ болине сохта.

– Бедораш кун! – амр дод Бибианор, ки бо дидани кампир сабраш бештар аз даст рафта буд.

Хизматгор пеши зан дузону зад ва боэҳтиёт китфашро ҷунбонд:

– Витс[1], ҳо витс, чашмонатро кушо!

Кампирро гӯё барқ зада бошад, лаҳзае ларзиду бо ҳаракати тунде паҳлу аз санг бардошту пушт ба танаи дарахт такя дод ва рӯяшро кушоду ғурунгид:

– Бирав, ба ман корат набошад, бирав!

Бибианор ба чеҳраи заъфарону пурожанги ғарибаи лоғару чиркин зеҳн монд. Лаҳзае сурати зан барояш шинос тофт, аммо барои ба ёд овардан хотирааш кундӣ кард. Дилаш ба ҳоли ӯ сӯхт. Даст ҷонибаш дароз карду гуфт:

[1] Витс (рӯшонӣ: виц) - хола

– Хоҳарҷон, бихез, ман корат дорам.

Кампир, ки баъди ғанаби буридашуда ҳушашро тоза ҷамъ оварда буд, бо шунидани садои Бибианор ба рӯяш хаёле диққат кард ва бонг баровард:

– Зани ҳоким, омадӣ!? Охираш омадӣ-а? – ва худро ба танаи дарахт ҷафстар кард.

Дасти Бибианор муаллақ монд. Зан гӯё аз зарби шамшер худро муҳофизат мекарда бошад, ду дастро чилликвор пеши рӯ сипар намуд. Вақте Бибианор даст поин андохт, ғариба пушти дастонашро ҷониби ӯ чанд бор таконду бо садои ғамолуд хитоб кард:

– Киш, киш! Ба ман даст нарасон.

Бибианор ӯро шинохт. Дилаш шуввӣ лағжиду ваҷабе поён рафт.

– Султонбахт?! Худоё, Султонбахт, ин туӣ? Ман – Бибианор.

– Бибианор?! – зан чашмони камнури худро бо ғазаб ба рӯи Бибианор дӯхту ғурунгос зад: – Вай магар зинда аст? Не, ту Бибианор не, ту зани ҳоким ҳастӣ.

– Ҳа, зани Манзаршоҳ, – Бибианори аз чунин вохӯриву муносибати ғайричашмдошт даступохӯрда гапи Султонбахтро тасдиқ кардан хост.

– Манзаршоҳ?! – Аз аламу хашм садои зан аввал дар ҳанҷара печиду баъд ниме зангӯладору ниме хирросӣ бадар омад. – Магар вай чор сол пеш намурда буд? Магар Булатои ман ҷони ӯро нагирифта буд?

Аз ин гап буду вуҷуди Бибианор такон хӯрд, нафасаш танг шуд. Вай бемадорона дар ҷои истодааш ба замин нишаст. Хизматгорзан, ки аз чунин сурат гирифтани гуфтугӯи як зани ҷулҳундӣ бо валъамати хеш моту мабҳут шуда ва зиёда аз ин, барои ба сари чунин бало овардани Бибианор сахт пушаймон шуда буд, ба сари кампир дод зад:

– Эй алошақшақа, фаровезатро банд! Манзаршоҳ зинда асту ҳокими Рӯшон!

Кампир коҳ-қоҳи зоғонае аз гулӯ сар доду гуфт:

– Ҳа, дуруст мегӯӣ – ҳокими Рӯшон, аммо Манзаршоҳ не! Манзаршоҳи шаҳсувор мурд.

Кампир ду остин ба ораз гузошту ба навҳа даромад ва дар тамоми бозор овоз андохт:

*Ёрум рафтаст, ғамгусорум рафтаст,*
*Себ аз чаману гул аз канорам рафтаст.*
*Ин хона агар биҳишти олам гардад,*
*Безорум аз ин хона, ки ёрум рафтаст.*

*Садбарги сафеди саҳарира чӣ кунум?*
*Ман бе ту ҳаёту зиндагира чӣ кунум?*
*Мардум ҳамагӣ умри дароз металабанд,*
*Ман умри дарози ғамқатира чӣ кунум?*

Бибианор сарашро дудаста қапида, сели ашк аз дида равон сохт. Бозоракиҳо овоз андохтани аҷузаи ғарибро шунида, ҷамъ шудан гирифтанд. Вале ин асно Зарен, ки аз банохост тарки қалъа намудани Бибианор ба ташвиш афтода буд, бо ду савор расиду ҳоли бонуро дида, мардумро пароканда кард ва худ ҳам бо саворонаш бист-сӣ қадам дуртар истод.

– Аз ман ҳар чӣ мехоҳӣ, бихоҳ, Султонбахт, – пас аз сокит шудани кампир гиряолуд хоҳиш кард Бибианор.

Султонбахт заҳрхандаи ҷигарсӯзе заду гуфт:

– Он чи бароям даркор буд, шӯят аз дастам рабуд. Дигар бароям дар ин дунё чизе лозим нест. Фақат омадам бароят бигӯям, ба ивази он ки шавҳарат шавҳарамро ба ноҳақ кушту ман дар даврони пирӣ гадову хору зор шудам, Худованди Таоло, Имоми Замон, Пири паррон ва ҷамеъи абдолони ду олам туву шавҳаратро аз фарзанд бенасиб гардонанд. Омин! Омин! Омин! – Ва қаҳқосе заду афзуд: – Ман туро дар ҳафт остон ба номи аслиат зӯғ кардам, фаҳмидӣ, ба номи аслиат!!

Султонбахт даст ба рӯй кашиду бемадорона аз ҷой бархост ва ҷониби офтобнишин ҳаракат кард. Бибианорро мадор хушк шуд, сараш чарх зад, рӯзи равшан дар чашмонаш ба шаби сиёҳ табдил ёфт; бармало эҳсос кард, ки чи сон неру аз тори сараш батадриҷ поён мефурояд ва қисм-қисм аз тариқи ҳар як узви бадан бадар меояду берун мерезад. Вақте аз бемаҷолӣ якпаҳлу ба замин афтид, хизматгорзан ӯро рӯи дастони бақувваташ бардошт ва фарёд баровард:

– Ёрӣ кунед!!

Зарену ҳамроҳонаш зуд ба мадади зан расиданд. Бо ёрии навкарон Зарен валъаматро ба пешқунҷиғаи худ гирифт ва хизматгор-

занро ҳам яке аз онҳо ба қафои худ шиномду бошитоб бозорро тарк карданд.

Хабари зӯғ шудани бонуи ҳокими Рӯшон ҳанӯз ба деҳаи ҳамсоя нарасида, овозаи ба асорат бурдани мардуми Хуф онро дарёб намуд; ҳатто гузашту то рӯзи дигар ба тамоми Рӯшон паҳн гардид. «Кампире дар либоси ғарибон, – мегуфтанд мардум, – хабари асир шудани хуфиёнро ба зани Манзаршоҳ расондааст; зани Манзаршоҳ аз шунидани он беҳуш шуда, фарши замин гардидааст; аҷуза гуфтааст, ки эй мардум, дар Хуф одам намонд, бигурезед, ки акнун навбат ба Рӯшон мерасад».

## НИКОҲ БА ДАРАХТ

Матали «кабк аз даҳонаш тир мехӯрад» фақат ба шунидан ширин метобад, аммо ба дидан талхтару ногувортар аз он чизе набудааст. Аз маҷбуриву ночорӣ гапе ба забон меориву он гап зиндагиатро ба манҷалоби ташвиш табдил медиҳад. Ба ҳазорон ҳазор сухане, ки баҳудаву беҳуда аз даҳонат мебарояд, на дӯст, на душман эътиборе намедиҳад, вале ба он *як сухан* аз душман то дӯст якбора мечаспанд. Мечаспанду дигар сар намедиҳанд. Гӯянда садҳо бор пушаймон мегардад, аммо аз ин пушаймонӣ ба қадри пари пашша суде нест. Чунон ки ҳоло Сарвиноз пинҳонӣ вовайло дораду барои раҳо ёфтан аз ҳоли риққатбор, балки таҳқиромез, хурдтарин дарича ҳам ба рӯяш бастааст.

Аввал Гулнамо дар гирди беди сершоху барге, ки дар болои шахи баромадгоҳи Сарез, дар пушти хонаи Дарвеши Заршӯй, яккаву танҳо қад афрохтааст, бо нидоҳои «шогун шавад!» се бор давр зада, даф навохт. Баъд аз дасти Сарвиноз гирифту ба таги дарахт шинонд ва худ низ дар паҳлуи ӯ нишаст. Аз пушти бед садои Шаҳтути дармонгар баланд шуд:

***Ин об ба наздики хатиб овардам,***
***Аз баҳри никоҳи анқариб овардам.***
***Бо ҳукми Худову ҳам расули сақулайн,***
***Ин туҳфа ба шаҳмард насиб овардам.***

Дар посухи Шаҳтут овози баланду бурройи халифа Султонҳайдар суханони муқаддаси никоҳро ба чаҳор ҷониб пароканда, хомӯшии шоми тозарасидаи деҳаро халалдор сохт:

***Хуш омадаӣ, вакил, бо амри расул,***
***Аз назди акобирони аҳли мақбул.***
***Бо ҳукми Худову суннати шаръи набӣ,***
***Бо ин ду гувоҳи хубу донову уқул…***

Ҳаво гарм набуд, вале вақте маросими никоҳ оғоз ёфт, аз сару рӯи Сарвиноз арақ рехтан гирифт. Хайрият, чеҳрааш дар зери шоли паҳнбари абрешимӣ пинҳон аст, вагарна дар пеши Гулнамо тақаллубаш ошкор мешуд. Ошкор нашавад ҳам, ин занаки чун мор зирак, бе шакку шубҳа, пай мебурд, ки Сарвиноз сирре дораду онро ба сарезиён намегӯяд.

Оре, рухсораҳои Сарвиноз ҳоло лаввас месӯзанд, лолатоб шудани гӯшҳояшро ҳис менамояд. Мехоҳад фарёд бикашад, ки «эй халифа, забон нигаҳ дор! Намегӯям зани номӯяам[1], аммо чор маротиба шӯй накардаам. Ин тосу косаатонро бардореду ин вакилу гувоҳонатонро биронед, ки маро то мағз-мағзи устухонам таҳқир мекунед!» Аммо Султонҳайдару Шайдо ва ҳамроҳонашон, ба хушнудии он ки аз тоза кардани дасти зани ғарибаи бекасу кӯй амали савоби бузурге хоҳанд гирифт, бо шавқу завқи том кӯшиш доранд ҳар нуктаи маросими никоҳро ба беҳтарин сурат анҷом бидиҳанду аз Гулнамои бадавлат ҳадяву дастмузди хубе бигиранд. Хуллас, чизе шабеҳи зарбулмасали «буз дар ғами ҷону қассоб дар ғами чарбу».

Аз он рӯз, ки Сарвиноз дар хонаи Шайдо барои пинҳон кардани шахсияти аслиаш ва дур сохтани таваҷҷуҳи мардон аз худ дурӯғ бофт, ки чаҳор бор шӯй кардаву ҳар чорашон мурдаанд, сарашро ба балои дигар монд. Дарзамон дар деҳа овоза паҳн гашт, ки ба хонаи Шайдо зане омада, ки сархӯр асту аз касофаташ алҳазар! Агар дасташ тоза нашавад, балои ӯ ба сари занони Сарез мезанад. Ин гапро дар вадаксур якбора чанд зан ба гӯши хеш шуниданду худи ҳамон рӯз начакондаву нарезонда, балки ғозу пардоз дода, ба гӯши даҳҳо зани дигар расонданд. Пайдо шудани чунин зани балодор тамоми деҳаро ба ташвиш гузошт. Дар хонаи Шайдо масъала он қадар сахт набуд – Сабзпарӣ ба хотири наозурдани меҳмон чизе намегуфт, вале Гулнамо ҳар рӯз нимшӯхиву нимҷиддӣ дар ин бора гап мекушоду Сарвинозро ба ҳарчи зудтар

[1] Номӯя – зане, ки ҳамагӣ як бор шавҳар карда бошад.

тоза кардани даст ташвиқ менамуд. Дар ниҳоят, ҳафтаи гузашта ризоият дод, аммо шарт гузошт, ки Гулнамо, ба ғайр аз наздиктарин шиносҳояш, каси дигарро ба маросим нахонад.

Султонҳайдар аз китоби варақҳояш чун зарчӯба заб-зарде, ки болои тахтасанги пеши зонувонаш гузошта буданд, ба овози баланд хутбаи никоҳро ба мисли суруд месароиду байн-байн ба Шаҳтути обфурор[1] суолҳое дода, аз ӯ низ ба ҳамон оҳанги мутантан посух гирифта, «ҳай боракаллоҳ!» гӯён бо садои ҳарчи баландтар ба хонишаш идома медод. «Худо забонатро бибандад!» – нимшунаво дуои бадаш кард Сарвиноз, ки мехост аз ин маъракаи барояш ногувор аҳли деҳ огоҳ нагарданд, аммо акнун метарсид, ки садои баланди баланди халифаро аз болои кӯҳпора акнун тамоми аҳли деҳ мешунавад. Умеди охирини Сарвиноз бар он буд, ки дар ин говгуми хираравшан чашми Султонҳайдар ба китоб намегузараду дуову саноро кӯтоҳ мекунад, вале «дар ноомади кор шиша сандон шиканад» гуфтагӣ барин, китоб ҳам ҳамагӣ як унсури рамзие баромад дар ин маъракаи дилнохоҳ: халифа онро болои санг гузошту дигар ба будану набуданаш эътиное накард. Тамоми навиштаи онро, ки дар назари Сарвиноз аз шаби ялдо ҳам дарозтар намуд, азёд медонистаасту дар ҷое ғалат накардаву сукут наварзида, аз болои чунин минбари табиӣ ба мисли муаззин фарёд кашида, гӯё амдан сарезиёнро аз никоҳ шудани «зани сархӯр» ба дарахт бохабар месохт.

Ниҳоят, вақте халифа ному насабашро пурсиду чанд маротиба «Сангинбахт бинти Дарвеш» гӯён ҷор зад, ташвишу таҳлукаи Сарвиноз андаке фурӯ нишаст. Ҳатто ба ҳоли халифаву шариконаш баланд хандидан хост: онҳо бо чунин ҷиддияту сароҳат никоҳи занеро анҷом медоданд, ки на номаш ба ӯ мувофиқат мекард, на номи падараш! «Дод зан, фарёд бикаш, амаки халифа, вале ин маъракаат заррае ба ман дахл дошта наметавонад!» – барои сар надодани хандаи банохост дар синааш пайдошуда Сарвиноз бо дастпоккун даҳонашро пӯшонд. – «Ман Сарвиноз астаму ду бор никоҳ дидаам. Ту намедонӣ, вале малоикаҳо хуб медонанд, ин никоҳе, ки карда истодаӣ, ба мисли вадаксуратон масхарабозие ҳасту халос».

---

[1] Обфурор – шахсе, ки оби никоҳ ба назди халифа меорад.

Пас аз он ки Гулнамо Сарвинозро оби никоҳ нӯшонд ва Шаҳтут боқимондаи онро ба танаи «домод» пошид, Султонҳайдар гуфт:

– Хоҳар, муборак шавад, дастат тоза шуд. Акнун ҳамааш ба хости Худованд вобаста аст. Агар ин дарахт соли оянда аз сабзиш намонад, никоҳат қабул, мабодо хушк шавад, аз сар ба дарахти дигар никоҳ кардан лозим меояд.

Гулнамо аз бозуи арӯс гирифта, бидиррос зад:

– Халифа, моро натарсон, илтимос. Дили Сангинбахт ғунча барин сабзу нийяташ чашма барин соф. Ана, мебинед, наврӯзи оянда Дарвеш аз ҳамин бед ба хона качак меораду меҳмонамон фаришта барин тозаву тар мегардад. Бовар дорам, ки …

Халифа китобашро аз болои санг гирифту сухани Гулнаморо бурид:

– Оре, оре, акнун ба мо иҷозат. Арӯс як ошпухтани дигар дар таги бед бишинаду баъд ба хона баргардад.

– Сангинбахт, тоқа наметарсӣ? Ман магарам ҳамроҳи инҳо хона фуроям, – дудилаву хавотиромез пурсид Гулнамо.

– Таомул ин аст, ки арӯс бояд танҳо бошад, – эътирозомез таъкид варзид Султонҳайдар. Шайдо ва Шаҳтут низ пасопеш гапи халифаро қувват доданд:

– Ҳа, расму русум чунин аст.

– Зану шавҳар бояд дар хилват бимонанд.

– Ман наметарсам, Гул, – гуфт Сарвиноз, – то меҳмонон зиёфат мехӯранд, ки ман ҳам расида меоям.

– Ман ҷиянатро ба сарат равон мекунам, – аз паси мардон ба роҳ уфтод Гулнамо ва шӯхиомез илова кард: – Бин, домодро бисёр ғам надиҳӣ.

Дақиқае пас суробҳояшон дар гуми тирагии шом аз назар нопадид гаштанду Сарвиноз бо «шавҳари наваш» – яккабеди сари пушта тоқаву танҳо монд. Аввал шӯхии Гулнамои зиндадилро мулоҳизакунон дар остинаш хеле хандид: тасаввур кард, ки дарахти беҷон ба оғӯшаш мегираду навозиш мекунад. Чи манзараи хандаовару музҳике! Ин таомули найрангнамунро кӣ фикр карда баровarда бошад? Тану нафси одами зиндаро ба кундаи беҳиссу безабон мебахшанду ӯро танҳо гузошта мераванд. Боз бовар доранд, ки зан баъди ин ҳалол мегардаду хушбахт мешавад. Агар

шавҳар кунад, сари шавҳарашро намехӯрад. Оё ин ҳамоқат нест? Сарвинозеро, ки ду шоҳи кунумнокунум[1] хушбахт карда натавонистанд, ҳоло ҳамин дарахти берӯҳу равон хушбахт мекунад?! Боз Шаҳтутро бин чӣ мегӯяд: «Зану шавҳар бояд дар хилват бимонанд»! Хилват кардан бо дарахт?! Боз ин қадар ҷиддӣ мегиранду мегӯянд, ки аз никоҳ бо марди зиндаву саломат ҳам беҳтару хубтар.

Сарвиноз қомат рост карду шоли сарашро лағжонда, ба гардан фуровард ва манзараи шоми Сарезро, ки дар пойи баландӣ ба фарохӣ афтодааст, даме тамошо кард. На хонаҳо менамуданд, на киштзорон, на дору дарахтон. Танҳо девораҳои кӯҳ чун сиёҳии яклухти вахим ҷониби осмон қад афрохтаву анбӯҳи бешаҳо дар канори рӯдбор намади қиргуни беканораро ба хотир меоварад. Танҳо ҷо-ҷое равшании заъифи сиёҳчароғон, ки аз равзани хонаҳо шабеҳи охирин лахчаи нимасӯз хира-хира шуъла мекашиданд, аз вуҷуд доштани ҷони зинда дар ин торикистон дарак медоданду халос. Наҷвои оби дарё ва ҷунбиши шохаҳои бед аз шаббодаи форам низ эҳсоси мағшуши тирагӣ ва танҳоиро хаёле сабук мегардонданд. Сарвиноз пас гашту ба шавҳараш – беди куҳансоли болобаланди сершоху барг чашм давонд. Вай бо салобату тановариву маҳкампайии хеш дар ҳақиқат марди солору рӯинпайкарро мемонд. Шохаҳои асосие, ки аз танааш ба мисли дастҳо ҷудо шуда сӯи само мехазиданд, панҷ-шаш-то буданд. Дигарон сабзу дар нашву нуму, ба ҷуз ду шохаи ҳампаҳлу, ки танҳо дар болотарин панҷаҳояшон ҷо-ҷо бобаву барг ба чашм мехӯрад. «Дарахт пир шудан дорад, балки барвақт пир шудаву ҳанӯз умед аз зиндагӣ наканда», – аз дил гузаронд зан ва панҷа бар тани дурушти бед гузошт ва ба ҳоли худ тамасхур зад. – «Бори аввал ба инсон шӯ кардам, мисли ҳамин дарахт пир буд, бори аввал ба дарахт шӯ кардам, ин ҳам куҳансол баромад».

Вай шояд барои фурӯ нишондани алангаи аламу сӯзи банохост дар сина туғён кашида як каф бар тани беду то овозаш набарояд, кафи дигар бар даҳон гузошта, гирди дарахт даврзанон лаҷоми гиряро сар дод. Гиристу давр зад, давр заду гирист, чандон ки пойҳояш суст шуданду истод ва бемадор бар танаи «шавҳар»-и ка-

---

[1] Кунумнокунум – масти давлат, ғарра ба молу чиз

рахту безабонаш такя зад. Чашм сӯи осмони ситорарез дӯхту чашмони дурахшони ҷигарбандаш – Гулнози гумгашта ба ёдаш омаданд. Гӯиё тамоми ситораҳо аз карон то карон дидаҳои Гулноз буданду ӯ аз торуми коинот бо миллионҳо чашм ба модари азизаш менигарад. Оре, вақте инсон модари худро пазмон мегардад, ҳазорон ҳазор чашм дошта бошад ҳам, аз тамошояш сер намешавад! Ёди Гулнози шириндона банд-банди вуҷудашро сӯзонд. Тафти дар муддати моҳҳо зулбиёгаштаи дарун бо чунин мисраъҳо аз даҳони модар шуъла кашид:

***Мусулмонҳо, бубинед шаб чӣ вахт аст,***
***Ки булбул масту шайдои дарахт аст.***
***Ки булбул мепарад шоха ба шоха,***
***Ҷудоий модару духтар чи сахт аст.***

Сарвиноз бисёр мехост то озурда шудани садопардаҳош овоз барангезаду ҳасрату шевани худро аз ин баландӣ то қатраи охирин бар атрофу акноф бирезад. Вале дар лаҳзаи охир аз сари ин андеша гузашт – боз мардум девонааш нашуморанд! Барои сархӯрӣ агар ба дарахт никоҳаш бастанд, Худо медонад, барои девонагӣ бо ӯ чиҳо хоҳанд кард. Ба ин мулоҳиза, рубоиро зери дандон, зор-зору порапора нолиду даст ба дуо бардошт: «Ё Худованди Ҳаққу Ҳозир, ё Мавлоно, дар ин шоми ғарибона рӯи ниёз ба даргоҳи ҳазрати бениёз овардам, то лобаву тавбаи маро бишнавӣ! Агар ризоияти Ту дар ҳамин никоҳ бошад, савганд ба номи покат, ки ҳамин дарахтро шавҳар гирифтам ва дигар дар орзуи марде наафтам. Агар кушоиши корамро ба ҳамин оид карда бошӣ, дарахт низ офаридаву парвардаи Туст, ҳазорон бор таслими ризоят ҳастам. Танҳо яккаву ягона духтарамро аз балоҳо нигоҳ дор ва сиҳҳату саломаташ ба дасти ман супор ва маро ба дидори падарам расон, ки тобу тавонам аз даст рафтааст. Ба он ҳама машаққате, ки бароям раво дидӣ, ба иноятй худ коре кун, ки мани шармандаро обрӯву эътибор бибахшӣ, зеро тадбири тақдир дар дасти Туст ва моҳии саодат дар нӯги шасти Туст».

Зан бо чунин андешаҳои гарон ва дуоҳои пурҳаяҷон «тавоф»-и гирди дарахтро анҷом доду бар пойи он нишаст ва пешонӣ бар замин ниҳоду гуфт: «Худованд туро сабз нигоҳ дорад! Агар чунин кард, пас оҳам ба даргоҳаш расидааст. Ба шукронаи он сарратарин

барраро тарбият дода, қурбонӣ хоҳам кард ва устухонашро дар зери пои ту ба хок хоҳам супурд».

Вақте Сарвиноз ба пайраҳаи пурпечутоби теппа қадам гузошту роҳи хонаи Дарвешро пеш гирифт, осмон аз бисёрии ситора саҳрои бекаронаи пургулро ба хотир меовард. Сарвиноз бори нахуст медид, ки дар афлок ин қадар ситора анҷуман ороста бошад. Гӯё ахтарони ниҳону ноаён ҳам имшаб ба тамошои никоҳи ғайриодии ӯ баромадаанд, ки баъзе аз ҳайрат мижа таҳ намекарданд, қисме аз асабоният милт-милт чашмакӣ мезаданд, бархе аз шарм сурхидаву рухи гурӯҳе аз ҳамдардӣ заъфаронӣ гаштааст. Маҳтоб падидор нест, шояд тоби дидани маъракаи мардумфиребонаи Сарвинозро надорад. Ба ҷои моҳ ситораи Рухак[1] имшаб шоҳи анҷуман гаштааст: ишва мефурӯшаду ҳусн менамояд.

Аз теппа фуромада буд, ки Самандар – писари Гулнаморо дучор омад.

– Бахшиш, дер кардам, – гуфт ҷавон, – падарам омад, андак андармон шудам.

Вуҷуди Сарвиноз лабрези фараҳ гардид:

– Хуштарин хабар овардӣ, бачам! Ҳеҷ гап не, ман аз шаб наметарсам.

Зан дар ҳамин соат банохост пайдо шудани Дарвеши кампайдоро муъҷизаи никоҳ ва натиҷаи ниёишу тазаррои чанд дақиқа пеши худ донисту дар дил ба Худованде, ки ба ин зудӣ доди ӯро шунид, ҳамду сано гуфт ва нийят кард, ки ин бор то Дарвеш падарашро нишон надиҳад, даст аз ӯ барнахоҳад дошт.

Хона пур аз одам буд. Гулнамо, албатта, ҳамсояҳои наздикашро ба пухтаи[2] Сарвиноз даъват кардааст. Маърака маърака аст. Бе ҳаққу ҳамсоя онро чӣ хел мегузаронӣ? Он барои Сарвиноз азоби виҷдон аст, вале барои Гулнамо тантанаву ифтихор. Тоза кардани дасти як ғарибаи муштипар савобест, ки ба ҳар кас муяссар намешавад.

Вақте Сарвиноз чун арӯси ҳақиқӣ қадашро хам задаву сару рӯяшро бо шол панаҳ намуда, дар дупеча намоён гашт, садоҳои шодбошу таҳсин аз ҳар тараф баланд шуданд ва баробари барома-

---

[1] Ситораи Рухак (шуғнонӣ: Рухак ҳитэрз) – Зуҳра
[2] Пухта – маъракаи хурд, ки бе суруду рақс барпо гардад.

данаш ба суфатанӯр, Гулнамо табақиро ба сараш фурӯ рехт. Занон дархол ситирахм даргиронданду ӯро дар пои сутуни Чирезак[1] шинонданд. Халифа «омин!» гӯён даст ба дуо бардошт ва бо овози дилнишин фотеҳаи «Мубораки кори хайр»-ро бархонд. Мавҷи чапакзанӣ дуди ситирахмро ларзонд. Дарвеш дасти халифаро бӯсид ва табақҳои чугбоҷ[2], ки ҳаври хушбӯи он дарзамон димоғҳоро чоқ гардонд, рӯи дасторхон қатор шудан гирифтанд.

Пас аз сарфи таом, вақте дасторхонро бардоштанд, Дарвеш дар дупеча истод ва рӯ ба меҳмонон овард:

– Бародарону хоҳарон! Хуб шуд, ки ба туфайли амри хайри хоҳарамон Сангинбахт одамони даркории қишлоқ дар ин ҷо ҷамъ омадаанд. Ман гуфтанӣ, ки ҳокими Рӯшон Мир Манзаршоҳ барои аҳволпурсии мардум ба Бартанги боло омадааст. Ман мардеро ғаюртар ва одилтар аз ӯ дар тамоми олам дучор наомадаам. Кӯтоҳи гап чунин аст, ки Манзаршоҳ аз тааррузи халқи қирғиз ба замини бобоиамон сари номус омада, мехоҳад ба тохтутози онҳо хотима бидиҳад. Ду рӯз пеш бо халқи деҳаҳои тарафи Савноб ба қирғизҳо ҳуҷум кард ва он ғоратгаронро ба зону шинонд. Имрӯз ману ин ҷавони паҳлавонро, ки Лахман ном дорад, ба Сарез фиристод, ки то омаданаш сарамардонро ҷамъу мусаллаҳ созем ва ба ихтиёри вай гузорем. Мо деҳаҳои сари роҳро огоҳ намудем, онҳо фардо ҷанговарони худро ба Сарез роҳӣ мекунанд. Аз ҳамаатон илтимос: дар ин кори ниҳоят муҳим ба мо мадад расонед.

Бо шунидани чунин хабари на он қадар гуворо даҳони ҳама гӯё ях баст, ки ба ҷуз чарс-чарс сӯхтани ҳезум дар танӯр, садоҳои дигар хомӯш гаштанд. Чашмони занон аз болои суфатанӯр озмоишкорона ба мардон дӯхта шуданд. Мардон, қисме сар дар пеш афкандаву бархе дидаи ҳайрат ҷониби Дарвеш нигаронда, гӯш ба қимор дода буданд, ки нахуст кӣ лаб мекушояду аз даҳанаш чӣ андешае мебарояд. Дарвеш бо нигоҳҳои орому жарф сар то пои мардонро аз назар гузаронду чун дид, ки онон ба қарори муайяне наомадаанд, ҷониби суфатанӯр мутаваҷҷеҳ гашт.

– Якум ман меравам! – баланд шуд овози занонае.

---

[1] Сутуни Чирезак (шуғнонӣ: Чирэзак) – сутуни қисмати чирезаки хона.

[2] Чугбоҷ (шуғнонӣ-рӯшонӣ: чӯѓбоҷ) – як навъи боҷ (далда).

Ҳама сӯи садо рӯ оварданд ва ҳайрониашон як бар даҳ афзуд: ин ҳарф аз даҳони Сангинбахт, сабабгори асосии маърака, баланд шуда буд. Вай шолашро бо як ҳаракати зебо ба ду сӯ кашида, рӯяшро кушоду гапашро давом дод:

– Не, нагӯ, бародари азизам Дарвеш! Нагирӣ ҳам, калтаке бардошта, аз қафоят меравам.

Дарвеш медонист, ки мақсади асосии Сангинбахт чист, аммо чун иддаои ӯ ба суди кор буду ғайрати мардонро ба ҷӯш оварда метавонист, хитоб кард:

– Хоҳишат бошад, марҳамат, хоҳарам. – Ва ба сӯи суфаҳо назар андохт, – Лекин дар сафи пеш бояд мардон бошанд, на занон.

Дарҳол тамоми мардон ба по ҷаҳиданд, ҳатто халифа Султонҳайдар ҳам.

– Албатта, меравем, лозим бошад, хонахез ба ҷанг мебароем, – гуфт халифа. – Ин бори якум нест. Соле нест, ки қирғиз ҳуҷум накунаду мо бо вай муштбагиребон нашавем. Бисёр вақт дар алоҳидагӣ. Лекин ҳамакаса ба сараш тохта, миёнашро бишканем, боз беҳтар. Яку якбора аз балояш халос мешавем. Мир Манзаршоҳ оқилонатарин корро пеш гирифтааст.

Дарвеш хурсандона ба сӯи Сарвиноз рӯй овард:

– Шаҳ бош, хоҳар! Беҳуда «қуввати мӯрчаву заҳраи зан» нагуфтаанд. Ту барин шерзан дар лашкар бошӣ, ҳар ҷанговар як фили масте мешавад. Пагоҳ вақти видоби[1] дуюм дар назди остон ҷамъ мешавем. Касеро бинед, огоҳ созед. Субҳи содиқ бачаҳоямро барои хабар кардан ҳам мефиристам.

Меҳмонон хайрухуш карда рафтанд. Мизбонон ва Лахман аз нав сари дасторхон нишастанд.

## ҲУҶУМ БА АЛИЧОР

То расидани Манзаршоҳ ба Сарез Дарвеши заршӯй панҷоҳ нафар ҷавонмарди чолоку паҳлавонро гирд овард. Барои омодагӣ ва машқ додани сипоҳиён се рӯзи пурра сарф шуд. Ба хотири аз Бартанг набаромадани гапи ҳуҷум муваққатан бартангиёнро аз

[1] Видоб (шуғнонӣ-рӯшонӣ: wидоб) – қисмати рӯз миёни субҳ ва нимрӯзӣ; соати 9.30-10 – видоби аввал, соати 10-11.30 – видоби дуюм.

ҳамагуна сафарҳо боздоштанд. Сипаҳсолор амр кард, ки ҳар ҷанговар бо савории худ ба майдон ҳозир гардад. Зеро ҳам роҳ дур буд ва ҳам барои зарбаи ногаҳонӣ задан ба душман ва таъқиби сареи он дар биёбонҳои Помир аз дасти сарбози пиёда коре намебаромад. Аммо ҳарчанд кӯшиданд, ҳамагӣ сездаҳ аспу даҳ хар пайдо карда тавонистанду халос. Боқимонда камбағалоне буданд, ки ба нигоҳ доштани як хар қудрат надоштанд, чи расад ба парваридани асп, ки зимистон ҳар рӯз як турба ҷаву як сабад коҳ мехӯрд. Сипаҳсолор ба мушкили саъб дучор шуд: агар аз баҳри пиёдаҳо гузарад, аз баҳри ними сипоҳ гузаштан лозим меояд; агар бигирад, тохти ӯ самараи дилхоҳ дода наметавонад.

Ғайри интизори Манзаршоҳ ин мушкилро Дарвеши Заршӯй осон гардонд. Ӯ гуфт:

– Мир, қариб тамоми бартангиёни ин ҷо хушгов доранд. Бисёр дидаам, ки одамон ба хушгов савор шуда мегарданд. Ин ҷонвар дар давидан аз асп монданӣ надорад.

Манзаршоҳ аз хурсандӣ чак дода, панҷаи Дарвешро бо муҳаббат фишурд:

– Чӣ фикри аҷибе гуфтӣ, андувол! Рости гап, хушговро ба чашмам то ҳол надидаам, лекин дар ягон деҳа ҳам ба назар нанамуд.

– Онро ин айём ба айлоқҳои баландтарин ҳай мекунанд, ки аз гармӣ талаф нашавад, – шарҳ дод Дарвеш.

– Ин тавр бошад, бо мардум маслиҳат кунем, ки ба мо бист сар хушгов бидиҳанд.

– Худи ҳозир! – гуфт Дарвеш ва аз пайи супориш шуд.

Рӯзи дигар хушговҳоро ҳам оварданду сипоҳи на он қадар калони Манзаршоҳ пурра омода гашт. Баъди пешин сипаҳсолор ба назди ҳар як ҷанговар рафта, ҳолу саломатиашро пурсида, омодагиашонро бадиққат санҷид. Бисёрашон шахсоне бароманд, ки бо қирғизҳои роҳзан на як бору ду бор дастбагиребон шуда, бархе камтар, баъзеҳо бештар таҷрибаи муҳориба доштанд. Аҷибаш он буд, ки чун дар деҳкадаҳои Савноб, дар Сарезу деҳоти атрофи он низ, ягон кас на буздилӣ кард, на аз даъвати фарзандашон ба сипоҳ эътирозе пеш овард. Баръакс, хурду бузург, чи зану чи мард, чи ҷавону чи пир – ҳама мамнуну қаноатманд буданд, ки дар ниҳоят шахсе пайдо шуд, ки таҳти раҳбарии ӯ шарри чандинсолаи бодия-

гардони ғоратгару дастандоз аз сари онҳо дафъ ва рафъ мегардад. Ва аҷибтараш ин, ки ҳама – аз сипоҳӣ то мулкӣ, ба пирӯз омадан бар қирғизон сахт бовар доштанд!

Вақте Манзаршоҳ бо охирин ҷанговарон суҳбат мекард, марди таҳамтани куҳансоле, ки қалпоқи қирғизӣ дошту бо шамшер, найза ва сиёҳмилтиқи шикорӣ мусаллаҳ буд, расид ва лаҷоми аспи сиёҳмушкини худро рост дар пеши бинии ӯ кашид ва бонг зад:

– Инак, хоҳед-нахоҳед, ман ҳам омадам!

Ҳама ба тарафи савор мутаваҷҷеҳ шуданд. Ҷунбиши хурсандиомезе байни сипоҳиён афтод.

Манзаршоҳ ба ҳайбату салобат ва он, ки мард дар андешаи пиёда шудан ҳам набуд, ҳайрон шуда пурсид:

– Ту кистӣ?

– Агар боре дар умрат номи Мардонаи Гарданшиканро шунида бошӣ, ҳамон паҳлавони овозадор манам, – ҷавоб дод ӯ найзаи дасташро рост дар пеши пойи Манзаршоҳ ба замин фурӯ нишонда.

Манзаршоҳ хушҳол шуд:

– Албатта, шунидаам. Дар Рӯшон майдондориатро ҳам боре дида будам.

– Ана, акнун аз асп мефуроям, – хушбахтона фарёд кашид Мардона, – намедонистӣ, баргашта мерафтам.

Ӯ чобук ба замин ҷаҳид ва гӯё солҳо боз шиносу ҳамдам бошад, Манзаршоҳро дар канор гирифт. Манзаршоҳ низ даст ба гардани чун кунда сахту мустаҳками вай андохту нидо дод:

– Боракаллоҳ, номуси паҳлавониат боло гирифту дар канор истода натавонистӣ-а!

– Оре, ба гулбонги ту омадам. «Ё мард бош, ё дар хизмати мард» гуфтаанд. Ту, ки даст ба қирғизпешкунӣ задӣ, пешакӣ медонам, ки ғалаба бо мост. Ман барои ту барин инсони баномус ҷонамро фидо мекунам.

– Баномус туӣ, ки ба солат нигоҳ накардиву ба ёрии халқат расидӣ, паҳлавон. Ҷангиёнро рӯҳбаланд кардиву маро сарафроз. Лекин бо ин қалпоқат дар гармии ҷангуҷӯш бачаҳои худамон боз туро назананд, – шӯхии ҷиддинамо кард Манзаршоҳ.

– Касе занад, гарданашро мешиканам, мир! Марди маро мезадагиро ҳоло модар назодаст.

– Дуруст мегӯӣ, – ғурури худписанднамоёнаи паҳлавони номдор ба сипаҳсолор хуш омад. – Кош тамоми мардони олам чунин мебуданд.

Ба сипоҳ пайвастани шикорчиву паҳлавони номдор Мардона дар ҳақиқат рӯҳияи ҳамаро бардошт. Аммо вақте сапедадамон, савори аспи оташранг, Сангинбахт милтиқи Қошғарӣ дар баргустувон кашол, ҳамроҳи Манзаршоҳу Дарвеши Заршӯй омаду дар сафи пеш қарор гирифт, ҷанговарон бе муҳоботу маҷоз дар ҷояшон шах шуданд. Манзаршоҳ ба нигоҳҳои ҳайратолуду саволомези онҳо чунин посух дод:

– Қирғизҳо ин хоҳарро бо модараш солҳои пеш асиру бадбахт кардаанд. Ҳоло аз онҳо интиқом кашидан мехоҳад. Касе саволи дигаре дорад?

– Паронда метавонад? – садое аз байни даста баланд шуд.

– Нишон диҳам? – даст ба камон бурд Сарвиноз.

Аз посухи Сарвиноз байни ҷанговарон хушҳолӣ афтод.

– Қуллуғ, лозим не, – рад кард соҳиби он овоз, – тавонӣ, шуд.

– Ҷунбидем! – фармон дод Манзаршоҳ ва аспашро маҳмез зад.

Даста ба ҳаракат даромад.

Офтоб ҳанӯз қуллаҳоро зарҳалӣ накарда, сипоҳи андак, вале тезтаки Манзаршоҳ Сарезро пушти сар гузошта, ба дараи Катта Марҷоной қадам гузошт. Рӯди сероби лойолуд ба он гувоҳӣ медод, ки дар водии Аличор борони нобаҳангом боридааст. Инро селаи қозҳои ширранг, ки бо сафи секунҷашакли зебои дароз ҷониби шимол бол меафшонданд, низ тасдиқ менамуданд. Парвози муназзаму шевои парандагон аҳли корвонро чанд дақиқа беихтиёр аз ҳаракат боздошт. Садои шинои нарми қувон бо шуввоси ширини оби рӯд ҳамнаво гашта, хотирҳоро навозиш мекард. Офтоби навбаромада бо анвори зарҳалии худ чашмони аҳли корвонро бӯсида, субҳи навбатии кӯҳистон домани гардунро барояшон бахайр мегуфт. Дар роҳи камбари пурфарозу нишеби камару селкандаҳо корвон ба дарозои қариб сесад қадам дар се гурӯҳ пеш мерафт: аспсаворон дар пеш, хушговсаворон дар байн, харсаворон дар қафо. Пас аз гузаштани чанд гарданаи паст, даста рӯ ба нишебӣ овард. Риштакӯҳҳои мутавозӣ оҳиста-оҳиста ба ду ҷониб аз ҳам ҷудо гашта, пас аз ду-се фарсанг заминро ба ихтиёри водии пур-

буттаву гиёҳи фароxдоман супурданд. Аз шамолаки гуворо ва атрогини дарёбод димоғҳо баякбор чоқ гаштанд; одамон, ки то ҳол хомӯш роҳ мепаймуданд, ба гап даромаданд. Садоҳои хандаву шӯхӣ ва ҳатто замзамаи суруд сукути хоболуди саҳрои пурвусъатро халалдор намуд.

– Ҳамин рӯз ба Аличор расида метавонем? – пурсид Манзаршоҳ Дарвешро, ки акнун дар ҷодаи кушод паҳлу ба паҳлу асп меронданд.

– Агар давонем, мумкин, лекин он гоҳ хаста мешавему зӯри ҷанг намемонад.

– Роҳ ҳамин тавр тахт аст ё кӯҳу ҷараш бисёр?

– Аз Каттамарҷоной, ки ба Марҷоной гузаштем, дара танг мешавад, ба водӣ, ки баромадем, кӯҳ нест, аммо баландупасташ бисёр. Ба Яшилкӯл, ки расидем, роҳ ҳамвор мешавад. Бар-бари Булункӯл, Тузкӯл ва Сасиққкӯл дар ду-се соат ба деҳаи Аличор расида метавонем. Агар якрост биравем, субҳдам мерасем.

– Яшилкӯл? Тузкӯл? Дигарашро чӣ гуфтӣ? – аспашро ба Дарвеш наздиктар овард Манзаршоҳ.

– Сасиққкӯл, – баландтар садо баровард Дарвеш.

– Ҳа-а, Сасиқ, – номи кӯлро ба хотирааш супурд сипаҳсолор ва норозиёна сар ҷунбонду афзуд: – Ин кӯлҳо аз қадим чунин ном доштанд ё ба наздикӣ қирғизӣ карданд?

Дарвеш каме андешиду нобоварона посух дод:

– Гумонам, Яшилкӯлро Суманкӯл ҳам гӯянду Тузкӯлро Намаккӯл. Дигарҳошон фақат як ном доранд. Шояд номи дигар ҳам дошта бошанд, лекин ман нашунидаам.

– Боз чӣ хел номҳо ҳастанд?

– Бадчор, Аличор, Ақҷар, Бозордара, Ақчилва, Кӯҳтезак, Ақбалиқ, Башгунбаз, Найзаташ, Харгӯшӣ, он тарафаш Маҳмадзоир, Марғов, Рангкӯл.

Манзаршоҳ сари номҳои ба забоновардаи рафиқаш хеле фикр карду гуфт:

– Агар ба ҳисоб гирем, ки Рангкӯлу Марғов номҳои худиянду Суман тоза Яшилкӯл шудааст, пас маълум мешавад, ки қирғизҳо ин тарафи мулки моро ҳам аз они худ карда истодаанд. Лекин шоҳони мо, ба ҷои нигоҳ доштани малакат, чашми якдигарро мекованду

вақте ба тахт менишинанд, кӯр-кӯрона ҳукумат меронанду халос. Бовар кун, на Муҳаббатхон ба ҳамин тарафҳо боре гузар кардаву на ҳамин Юсуфалихон. Пагоҳ-фардо қирғизҳо тамоми Ғунду Шохдараро забт кунанд ҳам, ин мардак хабар нахоҳад дошт.

Чашмони Манзаршоҳ аз ҷӯши ғазаб танг шуданд, барои баровардани тафти дил ба қоши зин муште кӯфт. Авзои беҷогаштаи мир димоғи Дарвешро сӯзонд. Андешид, ки мир дар пеши ӯ махсус чунин гапҳоро мегӯяд. Шоҳони Шуғнонро маломат мекунаду Дарвешро ҳам дар назар дорад. Зеро шоҳи Шуғнон аз ин ҷо фарсангҳо дур мезиҳад, аммо Дарвеш ватандори ҳамин мулк аст. Инро бин, ки умраш қариб ба шаст мерасад, лекин боре ҳам дар ин бора фикре аз дилаш гузар накардааст. На фақат аз дили ӯ. Бовар дорад, ягон бартангӣ, ягон шуғнонӣ, ягон вахонӣ боре ҳам дар ин бора, ки барои чӣ номҳои таҳҷоӣ оҳиста-оҳиста қирғизӣ мегарданд, гумони баде ба дилаш роҳ надодааст. Не, албатта, ба ҳуҷумҳои онон ҷавоб медиҳанд, намегузоранд, ки чарогоҳҳояшонро истило кунанд, аммо ҳамаи инро тасодуфиву муваққатӣ мепиндоранд. Наандешидаанд, ки онҳо дидаву дониста ватани аҷдодии моро зер карда, батадриҷ даруntари Шуғнон даромада истодаанд.

– Гапат дуруст, – овози Манзаршоҳ хаёлоти Дарвешро пароканд. – Ба Аличор дамгирифтаву ҳушёр даромадан даркор. Ғайр аз ин, дар куҷо воқеъ будани дастаи роҳзанонро бояд дақиқ кунем. Шояд дар Аличор набошанд, роҳзанон макони муайян надоранд.

– Шабро дар Яшилкӯл гузаронем, беҳтар, – таклиф кард Дарвеш.

– Суманкӯл! – норизоёна ӯро ислоҳ кард сипаҳсолор.

– Оре, Суманкӯл, – Дарвеш мисли кӯдакон забон хоид. – Албатта, дар Суманкӯл.

Манзаршоҳ рӯ ба қафо гардонду фарёд кашид:

– Нимдавон ҳай кунед! Лахман, нигаҳбони холаат бош! – Ва аспашро қамчин зад.

Дараи хомӯш аз садои суми сутур пур шуд, чанги корвон ҳавои софашро ғуборолуд кард.

## ҶАНГИ НОБАРОБАР

Ду ҳафтаи расо ҷобаҷо кардани бадарғашудагон вақти Мирзоазизро гирифт. Бадчор дараи серобу хушманзара, серун ва пур аз ҷангал баромад. Заминашро аз дарахтони тӯсу беду рим ва буттаҳои ғӯлии вану хучу ангат тоза карда, деҳаи ободу сернуфусе бунёд кардан мумкин аст. Албатта, зимистонаш дарозу сербарф меояд, аммо бо ин алафу ҳезуме, ки воҳаву пуштазорони ин ҷо доранд, анбор-анбор ғаллаву беда анбошта, то бардоштани ҳосили нав фароxдастона зиндагӣ кардан аз эҳтимол дур нест. Ягона сокинони ин дарасори бузург шавҳару зан Худопаноҳу Булқайс – хизматгорони Пасор буданд, ки рӯзҳои дарози тобистон алаф даравидаву ҳезум кашида, барои таъмини маишати хӯҷаин дар зимистон хонаашро омода менамуданд. Синни ин ҷуфти ҳалиму меҳрубон аз панҷоҳ гузашта бошад ҳам, фарзанд надоштанд. Аз ин рӯ, вақте ки банохост аз гарданаи ҷониби кӯли Суман одамони бисёре бо асбобу анҷом ва молу гов ба дараашон сарозер гаштанду онро моломоли шавқуни кӯдаку чудак, маосу баоси бузу гӯсфанд, гову гӯсола ва такудави мардону занон – хулоса, пур аз навои зиндагонӣ сохтанд, чолу кампир аз хурсандӣ қариб дилкаф мешуданд. Ҳанӯз корвониён ба кулбааш наздик наомада, Худопаноҳ ду гӯсфанди сараро дар қадамашон хун кард ва ҳамроҳи занаш барои фуровардани бору буна ва ҷойгузини одамон ёрӣ додан гирифт. Дар они воҳид зану шавҳари аз ёди оламу одам рафта ба муҳимтарин ашхоси ҷамоат табдил ёфтанд: ҳама аз онҳо маслиҳат мегирифтанд, ҳар як ҳаракати худро ба онҳо мувофиқа менамуданд. Гузашта аз ин, вақте фаҳмиданд, ки корвон раҳгузар набуда, балки ба Бадчор барои муқимӣ гаштан омадааст, Худопаноҳу занаш якбора ба мартабаи калонони деҳа расиданд. Чунки калони меҳмонон – ҷавони азимҷуссаи хушсурате, ки Мирзоазиз ном дошт, пас аз ҷо ба ҷо гаштану хӯрдани хӯрок чунин гуфт:

– Бародарону хоҳарон, ман дар ин ҷо шуморо ба бобои Худопаноҳу момои Булқайс месупораму инҳоро ба Худованди меҳрубон! Дар куҷое, ки инҳо нишон диҳанд, хона андозед, аз куҷое, ки инҳо салоҳ донистанд, замин гиред, чи амре, ки доданд, иҷро кунед, чи хоҳише карданд, баҷо оред. Агар ба гӯшам расад, ки

кадоме аз шумо инҳоро хафа кардааст, ё аз болои ман шикояте бурдааст, аз худ гила дошта бошаду аз ман не.

Рӯзи дигар ҷунбуҷули муҳоҷирон Бадчореро, ки ба бисёр гӯшаву канораҳояш ҳанӯз пойи инсон нарасида буд, аз ғафлати ҳазоронсола бедор сохт. Ҳар лаҳзаи рӯзҳои тобистонро барои ворастан аз лоилоҷии зимистон судмандона истифода бурдан лозим. Пеш аз ҳама сарпаноҳе бояд пӯшонд ва алафу ҳезум ба анбор кашонд. Ин се чиз фароҳам оянд, то баҳори оянда ҷони худро кашола кардан имкон дорад, агар не, дар ин девсори чор сӯяш ҳалқаи кӯҳсор ҷони зиндае боқӣ нахоҳад монд.

Мирзоазиз ду рӯзи дигар ба муҳоҷирон дар ҳар гуна кор ёрӣ расонду субҳи рӯзи сеюм ҳамроҳи Дурманча роҳи кӯли Суманро пеш гирифт. Гарданаро баромаданд, ки банохост абри сиёҳ ба осмони беғубор лашкар кашид ва борони шадид оламро дар бар кашид. Теғаҳои оташак дар ҳар гӯшаву канори гунбади тиргун чун дами шамшер медурахшиданд, аз паси ҳар дурахшиш садоҳои бимангези таркиш ба чор тараф мавҷ зада, ҳаворо мехарошиданд.

– Мирзо, биё ба таги ҳо, ана, он тахтасанг дароем, ки то устухон тар шудам, – фарёд зад Дурманча, ки аз паси Мирзоазиз асп меронд.

Аммо Мирзоазиз ҳатто гашти аспашро суст накард:

– Не, ҳай кун, баъзан обтанӣ ҳам кардан даркор-ку.

– Касал мешавем, Мирзо!

– Касал шавӣ, мекушам! – ғазаболуд дод зад Мирзоазиз ва сари аспашро якбора қафо гардонд. – Пеш даро!

Пушти Дурманча аз ғояти тарс биҷиррос зад. Вай бо ҳарос ба сурати Мирзоазиз тири нигоҳ андохту пеш гузашт ва аспашро қамчин зад.

– Ана ҳамин хел, – аз пасаш равон шуд Мирзоазиз, – қадам суст кардӣ, ба ҷойи аспат худат тозиёна мехӯрӣ. Одами хабаркаш бояд ҷонсахт бошад, лекин ту аз се қатра борон ранги бузғолаи навзод дир-дир меларзӣ. Вой бар ҳоли Сияҳсари бадбахт бо шумо барин ҷосусон!

Бороншитоб ду соат бештар давом карда, дар биёбони регзор наҳру ҷӯйҳои нав шахм заду заминро лойоба сохт ва гӯё вазифааш-

ро иҷро карда бошад, яку якбора по фаро чид. Сиёҳабрҳои охирин машкҳои пуракши худро ба сари кӯҳҳои дуродуру биёбони беканор чаппа карда, осемасар ба чор тараф пароканда шуданд. Офтоб чеҳраи нурониашро намудор сохт ва сабзаву гиёҳ қомат ёзонду гардан афрохт. Мирзоазизу Дурманча бо либосҳои обчакону ба тан часпида ба марғзорони канори кӯл расида, аспҳоро ба чаро сар доданду пӯшок кашиданд ва дар замин паҳн карданд, ки хушк шавад. Барои ниҳон сохтани шармгоҳи худ, Дурманча дастори сарашро гирди миён лунгӣ баст ва бар тахтасанге баромаду дароз кашид, то рутубат аз баданаш бухор гардад. Мирзоазиз ҳам дар пайравӣ аз ӯ лунгӣ басту даҳани кулборашро кушод ва яхниву нон баровардду ба назди ҳамроҳаш бурда, болои тахтасанг гузошт.

– Ту ҳам гурусна мондагистӣ, – гуфт Мирзоазиз, – бигир!

– Не, ман аз тӯшаи худам мехӯрам, – ба талхкомӣ овоз баровард Дурманча ва пешонӣ бар тахтасанг гузошт.

– Қаҳр кардӣ-а? – пичинголуд ба тори асаби Дурманча нохун зад Мирзоазиз, – бо ман бузбозӣ кардан хостӣ, сазоят ҳамин.

Мирзоазиз гӯштро пора кардаву ба нон печонда, бо иштиҳои қозгир хӯрдан гирифт.

Дурманча сар набардошта, ба зарда наҷво зад:

– Ин ту ҳастӣ, ки бузбозӣ мекунӣ, на ман! Ман хизматгори дарборам ва аз фармоиши дарбор кор мекунам. Аммо ту чӣ карда истодаӣ? Амри шоҳро тоб додӣ, ба ҷои ба Чин бурдан, аворшудагонро ба Бадчор бурдӣ. Ин на фақат бузбозӣ, балки хиёнат аст!

– Ҳо-о, булбулакат ба хониш даромад-ку! – заҳрханда зад Мирзоазиз, – таҳсин, сад офарин, ки бузбозиро аз хиёнат фарқ мекунӣ. Лекин ақли сардори каллахарат ба фаҳми ин чизҳо намерасад.

– Чӣ хел намерасад?

– Вай барои ширин кардани худ дар назди шоҳ бо бузбозӣ одамонро сиёҳ карда, аз ватан беватан мегардонад. Шоҳ ба ӯ бовар карда, фармонҳои нодуруст мебарораду рӯзи мардумро сиёҳ менамояд. Ман ба мардумам раҳм карда, чунин фармонҳои ноинсофонаро иҷро намекунам. Пас, бигӯ, ки ман хиёнат мекунам ё Сияҳсару дидадорони[1] вай?

---

[1] Дидадор – ҷосус

Мирзоазиз бо абрувони гиреҳбаста луқмаи калоне ба даҳан андохту онро дандон зада, мунтазири ҷавоби ҳамсафараш шуд. Дурманча сар бардошта, манаҳ рӯи ду каф гузошту хеле андешид ва ниҳоят чунин гуфт:

– Гапат дуруст менамояд, Мирзо. Аммо салоҳи кори давлатро подшоҳон донанд, на ману ту. Ҳар кас ба мисли худат бачагӣ карда, амру фармони шоҳро ба андозаи ақли худ тоб диҳад, мамлакат чаппа мешавад. Дуруст аст – нодуруст аст, одилона аст – ноодилона аст, саволу ҷавоби он ба гардани он мардак аст. – Дурманча ангушти ишора ҷониби офтобшин нигаронд. – Ману ту барои иҷрои ҳукм ҳақ мегирем, на барои баровардани он.

– Гапат дуруст, амак, – синаи чун кундаи чинор калонашро ба тахтасанг гузошта, ба чашмони Дурманча хира шуд Мирзоазиз, – лекин магар ману ту аз Сияҳсару шоҳ дида ба халқ наздиктар нестем? Ману ту медонем, ки Сарбаланд гунаҳкор аст, зеро ба рӯи шоҳ теғ кашид. Вале хусуру хусурбачаҳояш чӣ гуноҳе доранд, ки онҳоро низ ҳамроҳаш бадарға карданд?

– «Акси калла дар шӯрбо мезанад». Мору морбача як чизанд.

Ин гап ба Мирзоазиз писанд наомад. Вай панҷа ба гардани Дурманча заду фишор додан гирифт:

– Пас агар ҳоло ба ҷои Сияҳсар туро бикушам, беадолатӣ намешавад.

Дурманча аз шиддати дард «вой мурдам, сар деҳ!» гӯён фарёд кашид.

– Ту, бадзоти мурдаинсоф, ин қадар аблаҳ будай-а! – Мирзоазиз аз гарданаш бардошта, ӯро аз болои санг ба замин фуровард. – Агар куштан хоҳам, на додат ба додат мерасад, на фарёдат. Лекин ман ҷони сагонаатро намебарорам. Аз ҳамин соат сар карда, ту хабаркашаки ман мешавӣ. Фаҳмидӣ? Хабарашаки ман! – Мирзоазиз гардани ҷосусро сар доду аз гулӯяш қапид. – Тамоми гапу кори шунидаву дидаатро начакондаву нарезонда, ба ман маълум мекунӣ. Ба Баҳрпанҷа, ки расидем, касе пурсад, мегӯӣ раддимулкшудагонро ба Қошғар бурда расондем. Ба сардори бадбахтат ҳам! Гапи маро фаҳмидӣ!

Мирзоазиз гулӯи Дурманчаи рангаш сап-сафед кандаро сар дод.

– Фаҳмидам! – дар байни сулфаҳои канда-канда хиррос зад Дурманча.

– Ҳушёр бош, ман як гапро ду бор намефаҳмонам, – ангушти ишорат чанд маротиба ба пешонии мардак зад Мирзоазиз.

Банохост аз сари пуштае, ки тахминан сад-саду панҷоҳ қадам аз ҷои истодаашон дур буд, садоҳое баланд шуданду Мирзоазиз дид, ки саворони қалпоқбасари шамшербадаст ба сӯи онҳо асп метозонанд.

– Худоё, қирғизҳо! – ба таҳлука хитоб кард Дурманча ва гурехтан хост.

– Биист! – аз дасташ кашид Мирзоазиз, – ман ба пешвозашон мебароям. Ту милтиқамро бигиру касе наздик омад, бипарон.

– Шамшератро гир!

Мирзоазиз масофаи байни худу ҷойи силоҳҳоро, ки дар паҳлуи пӯшоки офтобкардаашон монда буданд, ба чашм чен карду гуфт:

– Не, фурсат нест.

Ва ду сангро аз замин бардошту ба саворон ҳуҷум овард. Санги аввал ба синаи савори пештоз бархӯрд. Вай аз шиддати дард лаҷомро сар дода буд, ки асп Мирзоазизро дар рӯ ба рӯяш дида, чироғпо бархост. Савор мувозинаташро гум карда, порикоб шуд. Санги дигар ба дасти шамшердори ба ҳаво бардоштаи савори пешсафи дуюм расид. Он ҳам корашро кард: шамшер аз дасти савор париду аспаш аз паҳлуи Мирзоазиз тирвор гузашта рафт. Мирзоазиз ба як ҳаллос худро ба шамшери афтода расонду онро бардошт, ки бо нидои «ур-р-р, ур-р-р!» саворони боқимонда ба сараш рехтанд. Занозану шапошапи шадид даргирифт. Қирғизе аз болои асп сарозер мегашт, аспе соҳиби дар рикоб дармондаашро кашола карда мегурехт; касе дасти буридаи хунфишонашро дошта, «бой-бой!!»-гӯён ғалтана мезад; касе ҳамроҳи аспаш яклухт нақши замин гашта, роҳи халосӣ меҷуст; сари аз болои гардан паридаи мақтуле зери суми аспон ба мисли гӯй ба ҳар тараф меғелид.

Дурманча худро ба милтиқ расонд, вале ҳанӯз онро ба даст нагирифта буд, ки савори шамшераш афтода ба сараш расид ва аз сари зин рост худро ба болои ӯ партофт. Дурманча афтод, аммо дарзамон каштали қирғизро дудаста қапид ва ҳарду ба рӯи реги дурушти тар ғел заданд. Ба бахти Дурманча, дасти рости зарбхӯрдаи

қирғиз аз кор баромада будааст. Ба ин иллат, бар ҳарифаш зӯр оварду сарашро чанд бор ба замин кӯфта тавонист. Қирғиз суст шуду ҳуш бохт. Дурманча аз болояш бархоста буд, ки лунгиаш дар дасти қирғиз монд. Аз он ки савори дигаре ба тарафи ӯ бошаст меомаду фурсати аз нав бастани лунгӣ намонд, луб-луч ба сари милтиқ давиду ин бор онро гирифта тавонист. Зуд баргашту милашро ба тарафи савор гардонд ва кулангро зер кард. Вале садои тир набаромад. Тирдон холӣ будааст. «Худо зад!» – аз дил гузаронд Дурманча ва камонро партофта, охирин рамақи ҷонро ҳам ба мушакҳои пой равона сохту рӯ ба гурез овард. Аз ҳавли ҷон пояш ба замин намерасид. Вале сония ба сония нафаси сарди аҷал – аспи бодпои душман ба ӯ наздик меомад ва ниҳоят сари асп дар паҳлуи чапаш падидор гашт. «Тамом, ҳозир мезанад!» – бо даҳшат аз дил гузаронд ӯ ва тасаввур кард, ки чи сон ҳоло каллааш парида, пеш-пеши баданаш ғел мезанаду хун аз гарданаш ба чор сӯ фаввора мезанад. Барои ҳимояи худ нохудогоҳ ду даст ба сар бурд. Як, ду, се … Вале асп тирвор гузашта рафт. Дурманча сар бардошт ва дид, ки савори он болои зин парӯ афтодаву миёни ду шонааш корде фурӯ рафта. «Зинда мондам, Худоро шукр!» – барқвор андешид ӯ ва аз хурсандӣ худро ба замин партофту реги пурнамро дар оғӯш гирифт. Пешонӣ ба реги дурушт совиду то мураттаб гаштани нафаскашӣ аспи башаст дуршавандаро тамошо кард. «Аҷабо, ин роҳзанро Мирзоазиз корд зада бошад ё каси дигар? – Ва даррав худ ҷавоб дод: – Оре, Мирзоазиз! Маълум, ки дар ҷӯши ҷанг корди ҳаволакардаи паҳлавон ба пушти ин лаънатӣ халидаву ин аз бими ҷон ба тарафи ман асп давонда. Ҳалолат бод паҳлавонӣ, Мирзоазиз!»

Дурманчаи оромгашта танҳо акнун ҳаёҳӯи ҷангро шунид. Бархосту ба қафо рӯ овард. Дар фосилаи дусад-сесад қадам аз ӯ муҳориба давом дошт. Аз саворон чанд кас нақши замин гашта буданду панҷ-шаш нафари дигар пиёдаву савора Мирзоазизро дар ҳалқа гирифта, занозан доштанд. Пайкари луб-лучи Мирзоазиз гоҳе аз таги аспе намудор мегашту гоҳе ҳангоми ба тарафе ҳаллос кашидану бо шамшер зарбае задан. «Лунгии вай ҳам афтодааст!» – пӯзханде зад Дурманча ва ба тани белибоси худ назаре афканду гуфт: «Хайрият, ин чӯлистон одам надорад, набошад, шармандаи ду дунё мегаштем». «Лекин ман чӣ кор кунам – гурезам ё ба Мирзоа-

зиз ёрӣ диҳам? Агар гурезаму Мирзоазиз зинда монад, ҳатман калламро меканад; агар ба ҷанг дароям, кушта шуданам мумкин, лекин ман мурдан намехоҳам». Дурманча дақиқае дар аърофи дудилагӣ истод ва ниҳоят тамоми заҳраву ғайрати дар вуҷудаш боқимондаро ҷамъ оварду ба тарафи милтиқ давид. Дар лаҳзаи охирини гурехтанаш аз ҳамлаи савор тирдони чармини Мирзоазиз ба назараш афтод, ки дар паҳлуи яктаҳи офтобкардааш мехобиду Дурманча аз ғояти саросемагӣ пештар онро надида буд. Вай ба майдони ҷанг назар андохт, – ҳушу гӯши қирғизон ҳамагӣ банди куштани Мирзоазиз! – ҳар лаҳза ғанимат аст!

Дурманча побадаст давиду дар як дам худро ба милтиқ расонд ва онро чанг зада гирифту нафаси дигар тирдонро бардошт ва тасмаашро аз китфи рост ба паҳлуи чап овехту ба назди харсанге рафт, ки понздаҳ-бист дақиқа қабл дар болояш офтоб мехӯрд. Дар паси он сангар гирифту ба милтиқ тир ҷо кард ва анбӯҳи қирғизонро ба нишон гирифт. «Худоё, Мирзоазизро нигоҳ дор!» – гӯён зери лаб пичиррос заду кулангро фишурд. Садои ногаҳонии тир ва «бой!» гуфта ғелидани қирғизе дар они воҳид ҳалқаи фишори гирди Мирзоазизро гусехт. Қирғизон ҳанӯз ба ҳодисаи рухдода сарфаҳм нарафта, боз садои тир баланд шуду саворе китфашро дошта, лаҷомро сар дод ва аз хонаи зин канду пуштнокӣ сар ба думғозаи аспаш гузошт. Ба ёриаш расидани Дурманчаро фаҳмида, ғайрати Мирзоазиз даҳчанд афзуд. Вай шерсон наърае кашиду ба ҳарифон ҳуҷум овард. Садои тири сеюм ва наъраи ҳайдарии Мирзоазиз қирғизони боқимондаро ба гурехтан водошт. Аҷибаш он, ки чанде аз онон камон ҳам доштанд, аммо ҷанг бо шамшерро авло دониста буданд. Шояд барои он ки Мирзоазиз на танҳо силоҳ, балки дар танаш либос надошту онҳо куштан ё гирифтани ӯро кори саҳле пиндоштанд. Қирғизҳо ҷониби офотоббаро асп монданд. Мирзоазиз шамшер дар ҳаво ҷавлон дода, аз пасашон тохт. Дурманча ҳам қуфли камонро аз нав савор карду аз қафои Мирзоазиз давид. Манзараи ғарибе ба вуҷуд омад: ду марди луч – яке бо шамшери оҳехта, дигаре бо милтиқи омода ба паррондан – дар регзори паҳновар пасопеш медавиданду саворони қалпоқу чакманпӯши сартопо мусаллаҳ ба қафо ҳам нигоҳ накарда, аз онҳо ҷон ба саломат бурдан мехостанд. Танҳо пас аз он ки

саворихои тезтак ба дурии аз майдони тиррас берун фосила гирифтанд, Мирзоазиз истоду милтиқро аз дасти Дурманча кашида, аз пасашон тир холӣ карду дод зад:

– Эй номардони майдонғариб, баргардед, ки мардиро бо тамоми бараҳнагиаш ба шумо нишон диҳам!

Аз ин сухани духӯраи нишонрас ханда дар вуҷуди Дурманча афтод. Вай аввал пасту оҳиста, сонӣ баланду башиддат ҷилави хандаро сар дод ва вақте Мирзоазиз ҳам сироят ёфта, ба вай ҷӯр гашт, ду каф бар зонувон кӯфтаву хамурост шуда, ҳарду то ба дард расидани холигоҳашон қоҳ-қоҳ заданд.

– Шоҳ бош! – лаб ба таҳсин кушод Дурманча, – медонистам паҳлавон ҳастӣ, аммо ба ин андоза гумон накарда будам. Ман дар наздат ду дастамро бардоштам. Бовар кун, дигар як умр чокарат гаштаму навкарат.

– Аввал, ҳо ана он мардаки зиндамондаро бинем, баъд гап мезанем, – гуфт Мирзоазиз милтиқро сари китф гузошт ва шамшереро, ки аз дасти кадом қирғизе чанг зада буд, ба Дурманча доду қадам партофт.

Дурманча пас гашту дар майдони ҷанг марди бапохестаи сарбараҳнаеро дид ва дунболи Мирзоазизро гирифт. Марди солманди қаддароз, ки оринҷашро дошта, аз дард ба худ мепечид, баробари наздик шудани онҳо дузону зад ва ба забони шуғнонӣ ба зорӣ даромад:

– Илтимос, накушед, илтиҷо мекунам! Бад кардам, тавба кардам, балои бачаҳотон ба сарам…

– Бас кун! – хашмолуд бонг баровард Мирзоазиз, – ҷони туи ношуд чӣ арзише дорад, ки бигирамаш?

Қирғиз дар ҷояш нишасту хомӯш шуд ва бо таҳайюри дардолуд ба ин ду марди бараҳнаи бар як даста ҳамтаборонаш ғолибомада чашм дӯхт. Мирзоазизу Дурманча арсагоҳро аз назар гузаронданд. Ҷасади ҳафт қирғиз дар ҳар ҳолате ба замин мехобид; чанд ханҷару шамшер ҳам дар шуълаи офтоби нимрӯзӣ медурахшиданд.

– Силоҳҳоро мегирем, – амромез гуфт Мирзоазиз, – ин қирғизро ҳам бо худ мебарем.

– Либосашонро кобам? – ба мурдаҳо ишора кард Дурманча.

– Ихтиёрат, – бо кароҳат туф андохт Мирзоазиз ва ба тарафе рафт, ки либосҳои худро дар офтоб паҳн карда буданд.

Баъди он ки либос пӯшиданд, Дурманча аз рӯи шафқат дасти шикастаи қирғизро, ки Суянбек ном доштааст, баст. Мирзоазиз аспҳои туридаро аз ҷӯшидагози[1] пояи адир пайдо карда оварду қирғизро ба бозхост кашид. Суянбек иқрор овард, ки йигити дастаи қӯрбошӣ Кӯканбек мебошад. Кӯканбек хабар ёфтааст, ки мири Рӯшон ба Аличор ҳуҷум карда, дастаи ӯро торумор карданист. Барои он ки Манзаршоҳро ғафлатгир кунад, Кӯканбек қарор додааст, ки имрӯз ногаҳон ба дастааш ҳамла бурда, сипоҳи ӯро несту нобуд созад.

– Манзаршоҳ дар ин тарафҳо чӣ кор мекунад? – бо ҳайрат пурсид Мирзоазиз.

– Таъйинан намедонам, чанд рӯз пеш бо дастааш ба Ақташ ҳуҷум карду бисёр йигитҳои моро бераҳмона кушт. Қӯрбошиамон базӯр гурехта, ҷони худро наҷот дод. Баъди ин ба Бартанг ҷосус фиристоду ҳаракати Манзаршоҳро зери назорат гирифт. Дирӯз хабар доданд, ки Манзаршоҳ ба мисли Ақташ Аличорро ҳам аз дасти мо гирифтанист. Лекин мо пешдастӣ кардем.

– Чӣ пешдастии аҷоиб! – ба истеҳзо хандид Дурманча, – ба ҷои ҳуҷум ба Манзаршоҳ, ба сари мо тохтед.

– Ба ин пушта баромадем, ки садои додувой баромад. Кӯканбек ба понздаҳ нафарамон фармон дод, ки бинем чӣ гап аст.

– Понздаҳ нафар?! – музтариболуд хитоб намуд Мирзоазиз, – дигарон ба Суман рафтанд.

– Ҳа, ба Яшилкӯл, яъне Суман, – тасдиқ кард Суян.

– Савор шавед, тез! – осемасар амр дод Мирзоазиз.

– Чӣ гап шуд? – дар ҳайрат афтод Дурманча.

– Ба ёрии Манзаршоҳ расидан даркор! Давондем!!

Мирзоазиз чобук худро рӯи зин гирифт.

– Илтимос, маро дар ин биёбон напартоед, – тавалло кард қирғиз, – қурбонатон …

– Гап назану савор шав! – гуфт Мирзоазиз, – лекин нодуруст ҷунбидӣ, ин дафъа гарданатро мешиканам.

Дурманча аспи Суянро оварда, барои нишастан ба вай мадад карду худ низ савор шуд ва ҳар се ҷонвар якбора аз ҷои худ чорхез

[1] Ҷӯшидагоз – марғзори нафтноке, ки заминаш ҳама қубба-қубба аст.

гирифтанд. Офтоби рӯ ба ғуруб сояҳояшонро дарозу танумандтар сохта, гӯё ҳарчи воҳиманоктар нишон додан мехост.

Пас аз ним соат ба канори шимолии кӯли Суман наздик омада буданд, ки садои парон-парону ҳаёҳӯ ба гӯшашон расид. Мирзоазиз аспашро ба аспи Дурманча наздик оварду дод зад:

– Вақте расидем, ту шинак бигиру милтиқро ба кор дарор. Қирғиз бо ту мемонад. Ҷунбид, паронаш! Ман худро миёни қирғизҳо мезанам.

Дар ҳақиқат, қирғизҳо бо ҳуҷуми ногаҳонии худ дастаи Манзаршоҳро ба воҳима андохтанд. Он соате пеш ба лаби Суманкӯл расида, парсими пухтани таом ва рост кардани нафас гашт. Зеро пас аз танаффуси як ош пухтан боз сафарашонро бояд идома бидиҳанд. Касе пинак мезад, касе барои алов ҳезум мечид, касе пӯшоки аз борон таршудаашро офтоб мекард, касе ба соҳили кӯл фуромада, аз тамошои он лаззат мебурд. Баногоҳ аз поёни дашт аввал шарфаи давомнок, сипас ҳаёҳуи одамон ба гӯш расиду посбонон фарёд кашиданд:

– Қирғизҳо!!

То бартангиён даст ба силоҳ бурданд, ки роҳзанон ба қароргоҳашон зада даромаданд ва чанд касро дар як нафас аз по даровარданд. Ин ҳангом Манзаршоҳи оббоз ба соҳили кӯл мефуромад ва Лахману Дарвеши заршӯй даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар аз қафояш меомаданд. Ӯ дар умраш кӯлҳои зиёде дида буд, вале онҳо дар назди Суман кӯлмакро мемонданд. Суман бо оби мисли шиша шаффоф, паҳноии канораш базӯр намудор ва дарозии нопайдои худ бо як назар сипаҳсолорро шефтаи хеш гардонд. «Кӯли Йӯрхи ман зебоии духтари хонаро дорад – содаву қобили идрок, вале Суман мисли фаришта будааст – пурасрору аз тасаввур берун…». Андешаашро то охир пайгирӣ накарда буд, ки бонги хатари посбон баланд шуду Манзаршоҳ пас гашт ва дод зад:

– Ба ҷанг!!

Лахману Дарвеш боло давиданд ва даст ба силоҳ бурданд. Манзаршоҳ шоф аз ғилоф баркашиду аз паси онҳо шитобид. Вақте бо нахустин ҳарифон рӯ ба рӯ омаданд, ки қирғизҳо ба миёни урдӯгоҳ даромада, аспҳояшонро ба ҳар сӯ метозонданд ва бартангиёни ҳушбохтаро меафтонданд. Манзаршоҳу Лахману Дарвеш ба

душман овехта, чанд танро аз асп сарнагун сохта, шасти ҳуҷумро андаке гардонданд. Ин дастзад сипоҳиёнро аз саргумиву ошуфтагӣ баровард. Онҳо як-як рӯ ба муқовимат овардан гирифтанд. Шасти Манзаршоҳро савораи қавиҳайкале, ки шамшери, ба қавле, ҳафтманӣ дар дасти ӯ чун чӯбдаст бозӣ мекард, сахт гардонд. Шамшери Манзаршоҳро низ кам касон мебардоштанд, вале аз они вай гаронтар ба назар мерасид. Қирғиз аз болои асп мехост сари Манзаршоҳро ду бӯлак кунаду Манзаршоҳ зарбаҳои сангинашро ба душворӣ баргардонда дар айни замон мехост ба пояш захме бизанад. Аммо ҳарчанд мекӯшид, даст намеёфт, тамоми ҳушу ёдаш ба дифои худ сарф мегашт. Ин асно қирғизи дигаре пиёда дар қафо пайдо шуду ба тахтапушташ ханҷар заданӣ буд, ки Манзаршоҳ дар лаҳзаи охирин пайхас карду тоб хӯрд. Ханҷар ба тахтапушташ нарасид, вале шамшери ҳарифи савора сари бедифоъмондаи ӯро омоҷ гирифта, поин омадан гирифт. Манзаршоҳ шамшери худро барои баргардондани зарба бардошт, вале нӯгаш ба рикоби аспи ҳариф андармон шуд. Илоҷи ягона ба таги асп даромадан монда буд, вале шамшер бояд ё ба гардан ё ба китфаш мерасид. Банохост савор таконе хӯрду шамшери башаст фуромада дар ними роҳ аз мушташ раҳо гашт ва хатти ҳаракаташ тағйир хӯрда, рост ба гулӯи қирғизи пиёда даромада рафт. Савор ҳам лаҳзае пас рост дар пеши пойи Манзаршоҳ нақши замин гашт. Манзаршоҳ чобук ба асп нишасту фарёд кашид:

– Андуволон, натарсед, занед ин лаънатиҳоро!

Ва чашмаш ба харсанги баланд афтид, ки дар болои он Мардонаи Гарданшикан шинак гирифта, бо сиёҳмилтиқаш ба душман тир меандохт. «Шаҳ бош, мӯйсафеди зирак!» – Манзаршоҳ дар дилаш Мардонаро тасанно хонду ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашт. Садои сипаҳсолор бартангиёнро рӯҳбаланд намуд. Онҳо даст ба ҷанги нобаробар заданд. Муҳорибаи шадид даргирифт. Гоҳе бартангиён қирғизҳоро ба танг меоварданд, гоҳе бартарият ба ҷониби қирғизҳо мегузашт. Ҳамлаи ногаҳонии қирғизон ва ҷангнаозмуда будани бартангиён ба рафти муҳориба бетаъсир намонд: пас аз ним соати задухӯрд қирғизҳо фишор оварданд ва бартангиёнро ба ақиб нишастан маҷбур карданд. Барои ба даст овардани бартарият Манзаршоҳ ба милтиқдорон амр дод, ки ба баландиҳо бароянду аз

он ҷо тир андохта, фишори қирғизҳоро суст намоянд. То инҳо ба баландиҳо расиданд, ки сафи қафои қирғизҳо низ милтиқҳоро ба кор андохт.

– Як ҳуҷуми дигар. Ё Алӣ мадад! – гӯён сипаҳсолор наърае кашиду боз ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашт. Зеро медонист, ки ақиб рафтан гиранд, душманон далер мегарданду ҳамсилоҳони ӯ ноумед. Аз паси ӯ Лахману Дарвеш ва чанд паҳлавони дигар худро ба майдон зада, заҳраи камгаштаи ҳамсангарони худро аз нав барафрӯхтанд. «Ин охирин ҳуҷум аст – ё бурд ё бод! Фақат ба пеш!» – шамшерзанон ба худ талқин мекард Манзаршоҳ ва тамоми ғайрату матонати худро ба кор андохта, пеш рафтан гирифт. Аммо ин пешравӣ ҳамагӣ панҷ-шаш дақиқа давом кард. Қирғизҳо ӯ ва Лахманро аз дигарон ҷудо карда, дар ҳалқа гирифтанд ва аз чор сӯ ба теғборон сар карданд. «Илоҷе карда баромадан даркор, – барқвор андешид Манзаршоҳ, – вагарна шикаст хӯрдем». Ин асно шамшере ба китфи чапаш расиду зиреҳашро пора кард. «Бизан инҳоро!» – хитоб кард Манзаршоҳ, то сипоҳиён садояшро шунаванду дилашон пур гардад. Вале дасти душман ин бор ҳам боло шуд. Онҳо Манзаршоҳу Лахманро лаҳза ба лаҳза ба ночорӣ наздик менамуданд. Зарбаи дигар ба бозуяш расиду дарзамон оринҷаш хунолуд гашт. Нигоҳаш ба Лахман афтод. Вай дар рӯи зин устувор, ба чор тараф шамшер мезад, вале ҳалқаро даронда наметавонист. Танҳо оташ кушодани милтиқдорон имкон медод, ки душман аз онҳо даст бардорад. Аммо ҳайҳот! Ҳатто садои тирандозии Мардона ҳам қатъ шуда буд – ё тир хӯрд, ё тираш ба охир расид. «Шояд милтиқдоронамонро куштаанд», – андешид Манзаршоҳ ва дид, ки қирғизе аз пушт шамшерашро ба рони Лахман расонд. Хуни Манзаршоҳ ҷӯшид, вале чӣ кунад, масофа ҳамагӣ ду-се қадам бошад ҳам, ба ёриаш расида наметавонист.

Банохост дар қафои қирғизон ҳаёҳӯи тозае бархосту чанд дақиқа пас шиддати фишорашон кам шудан гирифт. «Касе ба паси инҳо гузашта, ҳуҷум кард», – зуд дарк кард Манзаршоҳ ва оташи ғайраташ аз нав аланга зад. Лахману ҷанговарони зиндамондаи дигар заъфи ногаҳонии душманро дида, ба танашон ҷони тоза дамид. Пас аз фурсати дигаре ҳалқа фарохтару фарохтар гашту дар ниҳоят ба даридан сар кард. Лахману Манзаршоҳ ҷангкунон хеле пеш раф-

танд ва акнун ба чашми худ диданд, ки як гурӯҳи қирғизон дар гирди касе ё касоне ғун гашта, задухӯрди сахте доранд. Ин асно садои тир ҳам баланд гашту бартарият пурра ба тарафи бартангиён гузашт. Қирғизон қафо рафтан гирифтанд. Манзаршоҳ худро ба ҳалқаи навпайдогаштаи душман заду чанд нафари дигар ҳам ба ёриаш расиданд. Пас аз он ки чанд қирғиз аз пушт зарба хӯрда, аз аспҳо афтоданд, Манзаршоҳ банохост аз ҳайрат лаҳзае ҷангро ҳам фаромӯш карду шамшери бардоштааш дар ҳаво муаллақ монд. Шахсе, ки аз ҳар зарбааш қирғизе захме ҷонкоҳ мехӯрду меафтид, Мирзоазиз будааст! Ҷанги Мирзоазиз ба гирдбоде монанд буд, ки иблисак бармехезонад: тунд, тез, пуршиддат, муҳлик! Бинанда гумон мекард душман на аз дасти ӯ, балки аз шамоли шасташ ба замин меафтад – чунон ки боди хазон барги дарахтонро ба чор тараф чошу пош медиҳад.

Чашми Мирзоазиз ба Манзаршоҳу ёронаш афтоду фарёд кашид:

– Нанта бепуц маш кинам!!

Ин нидо ҷони ҷанговарони бартангиро ба таҳрик овард, синаашон аз нашъаи ғалаба моломол гардид. Қирғизҳо аввал ба мудофиа гузаштанд, аммо дигар худро ҷамъугир карда натавонистанд. Дақиқа ба дақиқа талафоташон афзудан гирифт ва дар ниҳоят пушт дода, ба тарафи офтобнишин рӯ ба ҳазимат оварданд. Вале ҳумои толеъ аз онон он рӯз билкулл рӯ гардонда будааст. Гӯё аз таҳи замин баромада бошад, банохост дар миёнаи биёбон аз пешашон дастаи тоҷикон баромаду онҳоро тирборон кардан гирифт. Қирғизҳо сару калобаашонро гум карданд. Танҳо як роҳи гурез боқӣ монда буд – ба чап тоб хӯрда, худро ба оби кӯл андохтан! Чунин пешомади ғайричамдошт тақдири шикастхӯрдагонро ҳал кард. Ин асно аз байни саворони аз пеш баромада касе ба забони қирғизӣ фарёд кашид:

– Ман Кӯканбек! Таслим шавед, вагарна ҳамаамонро мекушанд!

Парон-парон қатъ шуд. Қирғизҳо овози саркардаи худро шинохта, бозистоданд. Гурӯҳи Манзаршоҳ аз қафо ба дастаи аз ҳаракат бозистодаи қирғизҳо расиду даст ба куштор зад. Қирғизҳо аз ҳавли ҷон ба мудофиа бархостанд, аммо чун заҳраву мадор аз даст дода буданд, сафашон бошиддат кам шудан гирифт. Банохост аз тарафи муқобил чанд бор фарёди:

– Манзаршоҳ, ман Пасор! Бас кунед, инҳо таслим шуданд, – баланд гашту чанд дақиқа пас худи Пасори мушкинсавор ба ҷабҳаи ҷониби Манзаршоҳ расид. – Қӯрбошиашонро гирифтем, вай зинҳор мехоҳад.

Манзаршоҳ бонг зад:

– Ҷанг тамом! Қирғизҳо таслим шуданд.

Мирзоазиз, ки бо ҳавсалаи фарох дар майдон ҷилва мезад, даст аз корзор фурӯ гузошт ва бонг зад:

– Худо гӯед, ки бахтатон тофт, худозадаҳо! Партоед силоҳатонро!

Қирғизҳо дилу бедилон силоҳ ба замин гузошта, дар як ҷо ғун шуданд. Бартангиён онҳоро ба ҳалқа гирифтанд. Мирзоазиз ба барчидани силоҳи асирон машғул шуд. Чанд дақиқа пас Сарбаланду даҳ-дувоздаҳ нафари дигар саркардаи шуҳратёри роҳзанони Помир – Кӯканбеки дастбастаро оварда, ба ишораи Пасор, пеши пои Манзаршоҳ партофтанд. Сипаҳсолор афту андоми ин марди тануманди гарданкаҷро аз назар гузаронду пурсид:

– Шумо кистеду ин каҷкаллаи махав чӣ тавр ба дастатон афтод?

Пасор ҷавоб дод:

– Номи ман Пасор аст, мир. Дар гирду атрофи Булункӯл молдорӣ мекунам. Қирғизҳои роҳзан аз ман қади аҷал метарсанд, чунки аз пасашон мепояму тоқа ки ёфтам, каллаашонро мебурам. Шаб огоҳ шудам, ки ин ришрехта дар Суманкӯл ба саратон тохта, нобуд кардан мехоҳад. Дархол хавручҳоямро[1] ба по хезонда, ба ин тараф ҷунбидем. Ҳӯ, ба таги он пуштаҳак расидем, ки ин мардак, зане дар пеши зин, асп давонда омада истодааст. Ман, ки бо ин шайтонбача бисёр дучор шудаам, зуд шинохтамаш. Фаҳмидам, ки аз майдони ҷанг гурехтаву занеро ғанимат гирифтааст. Ин номардро феълаш ҳамин: дар ҷанг камтар зӯраш ояд, «қочмаган номард» гуфта, дуздаконашро партофта мегурезад. Дид, ки на пеш рафта метавонад, на ақиб, худро ба пои мо андохт.

– Даюсфеъли беномус будаӣ ку, қӯрбошӣ! – ба зардаханд қалпоқи Кӯканбекро аз сараш гирифт Манзаршоҳ, – ҳо-о кал ҳам ҳастӣ, барои ҳамин – зираки лағҷонак. – Сангинбахти моро

---

[1] Хавруч (рӯшонӣ) – ҷавонмард, йигит

беҳимоят ёфта, ба ҳарамат бурдан хостӣ-а, ҳаромхиштаки хонасӯхта!

Ин асно Сарвиноз, ки миёни писарони Сарбаланд меистод, рост ба сӯи Пасор давиду худро ба гарданаш овехта, гирякунон фарёд кашид:

– Татик! Татҷон!!

Ҳама дар шигифт афтоданд. Ҳодисае буд боварнакарданӣ! Зани ғарибе, ки дар ҳоли табу беҳушӣ ба Сарезаш оварда буданд ва касе намедонист киву чикора аст, Пасори қирғизкушро падар мехонад! Пасор аз ғояти ҳайрат ҳатто ёро надошт, ки лоақал ба як даст зани ба гарданаш овезону ашкрезонро оғӯш бигирад. Ин ҳангом Мирзоазиз низ силоҳпартоии асиронро анҷом дода, ба назди онҳо расид ва занро шинохту ғайриихтиёр хитоб намуд:

– Валъамат Сарвиноз!

– Сарвиноз?! Духтари ман?! – фарёд кашид Пасор ва сари занро ба кундаи сина зер кард.

– Бале, падарҷон, манам Сарвинози саргашта, духтари умре номуроду дарбадари ту!

Аз ғалаёни хушбахтии ногаҳонӣ Пасор ҳуш бохт, пойҳояш суст шуданд ва ба зону афтод. Донаҳои сиришк аз ду дидааш шашқатор рехтан гирифтанд. Сарвиноз низ нишаст ва нолаву фиғону дарду ҳасрати деринасолро аз банди ҷигари сӯхта сар дод. Вохӯрии ғайричашмдошт ва ҷоншикоронаи падару духтар атрофиёнро ба риққат овард.

– Агар ту аз пеш намебаромадӣ, ин бор ҳам қирғиз маро ба асорат мебурду аз нав канизу пойкор мекард. Ба дидорат нарасида, боз дарбадару хокбасар мешудам. Оҳ, падарҷон, туро Худованд худ ба ман расонд. Парвардигори оламро ҳазорон шукр, ки ниҳоят оҳу фарёди чандинсолаам ба даргоҳаш расид. Оҳ, падарҷон, ту аз куҷо медонӣ, ки ин ҳама солҳо рӯзе чанд бор мемурдаму боз зинда мешудам! Модарам, ҷону ҷигарам ба чӣ таҳқиру зиллат зиндагӣ карду ба чӣ хориву зорӣ кушта шуд! Ҳо, падар, ягона баҳонаи зинда мондани ҷонам дар ин олами номардпарвар! Ягона касу касоте, ки дар ин дунё дорам, ту мондай, ту!

Зан бо нолаҳои ҳазин бо ин дардномa гӯши фалакро кар, хотири ҳозиронро мукаддар сохт:

***Рӯзе, ки фалак аз ту буридаст маро,***
***Кас бо лаби пурханда надидаст маро.***
***Бовар накунӣ агар қасамҳои маро,***
***Ман донаму Он, ки офаридаст маро.***

Вақте Сарвиноз тафти синаашро бароварду падару духтар ормони пазмониро каме шикастанд, Дарвеш гуфт:

– Шогун шавад, хоҳар, ба муроди дилат расидӣ.

– Ҳазорон раҳмат, бародар. Ин ҳама корам бо дасти ту сохта шуд, агарне дар орзуи падар бо чашми боз аз дунё мерафтам.

Манзаршоҳи ба кори ҷаҳон ҳайрон пурсид:

– Хоҳаро, ту ҳамон Сарвинози зани Муҳаббатхон нестӣ, ки ҳукм гирифта будӣ?

– Оре, манам, мир.

– Ба Баҳрпанҷа хабар оварданд, ки туро ба парин ҳаво додаанд.

Зан алами гиреҳбастаро чун луқмаи дар гулӯ дармонда фурӯ бурд ва ҷавоб дод:

– Партофтанд, лекин Худо мурданамро нахоста будааст. Кореро, ки Худо нафармояд, аз банда набарояд. Лекин Гулнозам нобуд шуд, – гиря аз сар гирифт Сарвиноз, – ба дарё рафт.

Ҳоли зори Сарвиноз дилҳои бе ин ҳам маҳзунро ғамгинтар гардонд. Мирзоазиз аз гардани каҷи қӯрбошӣ гирифта, ба по хезонд ва бонг зад:

– Эй каллакашоли хунукрӯй, дидӣ, қавмат мардумро чӣ гуна бадбахт намудааст. Он рӯз беҳуда туро аз чанги Пасор раҳо кардам. Акнун хатоямро ислоҳ мекунам.

Мирзоазиз панҷа фишурд, ранги Кӯканбек сафед шуд. Манзаршоҳ бозуи Мирзоазизро қапид:

– Мирзо, албатта, ин дузди маккор ҳаққи зиндагӣ надорад. Лекин ҳоло аз мурда дида зиндааш ба мо даркортар аст.

Мирзоазиз гардани қӯрбоширо сар дод. Вай чун халтаи холӣ ба замин афтод ва гарданашро дошта, хиррос задан гирифт.

– Чизе бигӯй, мир, – гуфт Мирзоазиз, – лекин нодаркор шавад, хоҳиш, куштанашро ба ман супор. Камтар хурсандӣ кунам.

Манзаршоҳ пӯзханде заду розӣ шуд:

– Дастони ман ҳам сахт мехоранд, лекин аз рӯят намегузарам. Қабзи ҷонаш дар дасти ту бошад, касе онро аз ту гирифта наметавонад.

Хуршед, ба нишони падруд бо замин, пешонӣ бар гарданаи талҳои дур месовид ва кокулони зарринашро як-як ба пушти онҳо партофта, аз назарҳо пинҳон менамуд. Шом ба густардани сияҳбӯрёи хеш оғозид. Як рӯзи ноором, рӯзи хунбори Помир ба охир расид. Оре, онро дар таърих ба номи Манзаршоҳ рақам хоҳанд зад, аммо аз куҷо медонанд, ки ба чӣ меҳнату маҳрумияте! Аз панҷоҳ ҷанговари бартангӣ ҳабдаҳ тан кушта шуданд. Шахсе набуд, ки захме набардошта бошад. Се-чор нафар маслуқ шуда, роҳ гашта наметавонистанд. Қирғизҳо ҳам беш аз бист мурда дар биёбон гузоштанд. Ҳар ду ҷониб мотам дошт. Одамон наздиктарин хешу пайванд, дӯсту ҳамсоя, рафиқу муниси худро аз даст дода, даҳанпурхун гашта буданд. Бартангиён, ки даҳшати ҷангро бори нахуст медиданд, аз ин ғалаба на тантана мекарданд, на ифтихор. Ғолиб аз ғолибияташ пушаймон менамуду мағлуб аз мағлубияташ.

Сипаҳсолор амр дод, ки мурдаҳоро ба тартиб оранду дар соҳили кӯл паҳлуи ҳам гузоранд. Сипас посбон баргумошту иҷозат дод, ки ҷанговарон дам бигиранд. Худ ҳамроҳи Лахман, Мирзоазиз, Дарвеш, Сарбаланд, Пасор ва чанд тани дигар гулхан даргиронда, ҳар касе аз кӯлбораш тӯшае бароварду ба дасторхоне, ки аз футаҳои худ омода карда буданд, гузошта, ба таҳтӯлу суҳбат пардохтанд. Манзаршоҳ мақсади сафар ва ба қазияи ҷазо додани қирғизҳои ғоратгару роҳзан печидани худро баён кард. Мирзоазиз ҳам гуфт, ки бо супориши шоҳи Шуғнон ба Помир омадааст, ки авзои ин мулкро бисанҷад, аммо мақсади асосии сафар – ба бадарға бурдани сокинони Шуғнонро аз ӯ пинҳон намуд. Мири Рӯшон нақшаи минбаъдаашро дар миён гузошт:

– Мо роҳзанонро шикастем. Акнун корро то охир расондан лозим. Инҳоро ба Аличор бурда, ҳамтаборонашонро ба ҷарга ҷеғ зада, бо ҳузури онҳо якҷоя бозхост мекунем. Аз чунин фурӯмоягон халқи худашон ҳам безор аст. Баъд бо роҳи Ғунд ба пойтахт бармегардем. Агар қирғизҳо дар он тарафҳо ҳам мардумро озор диҳанд, онҳоро ҳам дар ҷояшон мешинонем.

– Маро ҳам бо худ мегиред? – умедворона пурсид Мардонаи Гарданшикан, – гардани чандтои дигарашро шиканам, кушта шавам ҳам, ба дилам ормон намемонад.

Манзаршоҳ ба паҳлавони солхӯрда, ки милтиқ миёни ду по бар санге нишаста буду равшании хираи гулхан ҳайкали қавиашро воҳиманоктар нишон медод, меҳрубонона назар афканду посух дод:

– Ман фидои ҳиммату ғайрати баландат, до Мардона! – Агар хирадмандиат намебуду дар болои харсанг шинак намегирифтӣ, яқинан, ҳамаамон кушта мешудем. Оқилон барои ҳамин «пир нест, тадбир нест» гуфтаанд. Ба Аличор бо одамони Пасору Мирзоазиз ҳаракат мекунем. Ту ба ин ҷавонон сару бар шуда, ҳамакаса ба Бартанг баргардед. Мурдаҳоро ҳарчи зудтар бурдан даркор аст. Барои кушта шуданашон ман худамро сахт гунаҳкор мешуморам. Аммо чӣ кунем – ҷанг қурбонӣ мехоҳад. Бисёр афсӯс, ки ин бор роҳи дараҳоро дуруст набастем. Ё кадом ҷосусе роҳзанонро огоҳонид ё онҳо ҳамлаи моро ба ин тараф худашон пай бурда, пешдастӣ карданд. – Манзаршоҳ дақиқае сукут варзид ва оҳи сӯзноке кашиду давом дод: – дареғи ҷони ҷавонон…

Хомӯшии гарону тазйиқовар гӯё ба гарданҳо нишаста бошад, ҳама бо андӯҳи гарон сар дар пеш афканданд. Гулхан чарсчурскунон бӯи уштурхору пӯши сӯхтаро ба ҳам даромехта, дуди гоҳ ҷамъу гоҳ парешонашро ба осмони пурахтар, ингор ба чашми ситораҳо сар медод. Мардонаи Гарданшикан милтиқашро ба дасти рост гирифту ба дасти чап ханҷареро, ки обаш дар шуълаи оташ медурахшид, аз миён баркашид ва аз ҷо хест. Ҳама бесаранҷом шуданд, пиндоштанд паҳлавон душмане дидаву ба қасди вай бархоста бошад. Чашмони оташбору нигоҳи қатъиаш ба ин далолат менамуданд. Чанд нафар хавотиромез ба атроф нигаристанд, вале Мардона бо овози ғафсу бурройи худ чунин суханонро ба забон овард:

– Бародарон! Ин шабро ба ҷойи рӯз бигиреду панди ин бачамарди куҳнаро бипазиред. Ман Қошғарро дидааму Қуқандро, Ҳунзоро дидааму Файзободро, Тошкӯрғонро дидааму Ёркандро, қирғиз дидааму хитоиро, сарт дидааму ӯйғурро, бадахшӣ дидааму ҳиндуро. Ҳамон Бузургчашме, ки ҳоло дар тори сари мо истодаву кирдори моро мебинад, барои ҳар қавме дар ин дунё макони хосе офаридааст, ки ватан ном дорад. Ҳар қавме бо ватани худ зинда аст.

Мардона сукуте варзиду бо чашмони калонаш, ки аз бозтоби шуълаҳои гулхан ва ҳолати дарунии ӯ медурахшиданд, ҳамсанга-

ронро як-як аз назар гузаронд. Касе сиву ду дандон сафед накард – мазмун, интизор буданд, ки ин муқаддимаи аҷоиб чӣ ҳикмате дар пай дошта бошад?

– Шумо бубинед, мӯрчаҳо ҳудуди алоҳида доранду гамбускон ҳудуди алоҳида. Худо накарда, агар гамбускон ба марзи мӯрчаҳо дароянд, мӯрчаҳо қиёмат барпо менамоянд. Ҳама ба ҷанг бармехезанд ва то як гамбуск зинда аст, мехурӯшанду меситезанд. Мӯрча ҳам ба ҳудуди гамбуск сар халонад, ҷон намераҳонад. Мемуранд, аммо мӯрча гамбускро, гамбуск мӯрчаро, магас пашшаро, пашша магасро, зоғ аккаро, акка зоғро, шағол кафторро, кафтор шағолро ба макони худ роҳ намедиҳанд! Чаро? Зеро бегона бар ватанат хӯҷаин шавад, ту нобуд мегардӣ, нобуд!! Одамизод ҳам ба мисли ҳамин. Оллоҳи Таоло ба ихтиёри қирғизон биёбон гузоштаасту ба ихтиёри мо – кӯҳистон. Вале барои ин ношукрҳо биёбонҳои фарох тангӣ мекунанд, ки чашми тамаъ ба дараҳои дастаи чумча барин борикамон дӯхтаанд. «Ҳирсӣ макун, оташ аст»! Лекин мо ин дарасоронеро, ки Худованд моро дар онҳову онҳоро барои мо офаридааст, на ба қирғиз медиҳем, на ба тоифаи дигар. Номардӣ карда додем, ба ғазаби Худо гирифтор омада, несту нобуд мегардем. Рӯи номардро ягон об намешӯяд! Барои ҳамин, эй мири соҳибтадбир, худатро дар назди ин шаҳидон гунаҳкор нашумор. Инҳо чун мардони ҳақиқӣ барои сарзамини худ, барои муҳофизати номуси хоҳарону модарони худ ҷонашонро нисор карданд. Агар ҳамаи мо аз ҷонамон битарсем, ин ғосибон хона ба хона каллаи моро бурида, беномусамон мекунанд. Он гоҳ дар назди Парвардигори олам чӣ ҷавоб медиҳем?! Ба фарзандонамон чӣ мегӯем?!

Нутқи самимӣ ва оташини паҳлавони номдор аз дилҳо гузашту ба мағзи устухонҳо нишаст. Дар вуҷуди ҳама чунин эҳсос талотум зад, ки шаҳидон – онҳое, ки ҳамагӣ сӣ-чил қадам дуртар аз ин гулхани афрӯхтаи зиндаҳо бар болини абадият сар ниҳодаанд, қадру қимати дигар пайдо карданд. Мисле ки лойро аз рӯи тангаи тилло пок созанд ва он аз нав дурахшад.

– Ин муҳориба нишон дод, ки халқи мо наметарсад, – посух дод Манзаршоҳ бо садои паст, вале ифтихоромез, – агар сари тарс медошт, яқинан, дар ҷанги имрӯза пирӯз намеомадем.

* * *

Вақте дастаи Манзаршоҳ бо роҳзанони дастбастаи савораву пиёда ба қишлоқаки Аличор даромад, офтоб майли нишастан мекард. Аз даҳ-дувоздаҳ хиргоҳи дар ҳар ҷои деҳа пароканда аввал бачаҳо дав-давон, аз паси онон калонсолон бо эҳтиёт ба истиқболи дастаи мусаллаҳ баромаданд. Сокинон роҳзанони шиноси асирафтодаро дида, ҳайрон шуданд. Вақте чашмашон ба Кӯканбеки хору залил афтод, ки пеш-пеши корвон бо дастони баставу каллаи каҷ сарлучу кашталдарида меомад, беихтиёр «тавба!» гӯён даст ба гиребон мебурданд ва ҳангоме ки ин тӯдаи ғайриодӣ сӯи хиргоҳи Канакбой тоб хӯрд, баччаҳо бо мағалу фарёд ба он тараф давиданд, ки муждаи омадани як корвон меҳмонро ба соҳиби хиргоҳ расонанд.

Аммо баробари дар паси ду хиргоҳи калон нопадид гаштани бачаҳо, садои тир баланд шуду аҳли корвон қадам нигоҳ дошт.

– Тоқтот! Мен атам![1]

Дарвеши заршӯй аспашро чанд қадам пеш ронду ба лафзи бартангӣ фарёд кашид:

– Канакбой, а вирод, азум Дарвеχ![2]

Дақиқае хомӯшӣ ба миён омад. Дарвеш аспашро оҳиста-оҳиста пеш рондан гирифт. Гӯё аз таги замин бошад, дар паҳлуи хиргоҳҳо ду шахси милтиқдор пайдо шуданд ва ба пешвози Дарвеш қадам ниҳоданд. Дарвеш, баробари наздик расидан, ба замин ҷаҳиду оғӯш кушод.

– Бародарони азиз, маро ба хонаи худам роҳ медиҳед ё не?

Бародарон Канакбойу Ҷӯлдошбой ҳарду ба гардани Дарвеш овехтанд ва гарм-гарм ҳолпурсӣ карданд. Ин асно корвони аҷиби тоҷикони озоду қирғизони асир ҳам ба наздашон расид.

– Хуш омадӣ, бародари ба ҷон баробарамон, Дарвеш, – хурсандона нидо баровард Ҷӯлдошбой, – ин лашкари ҷарорро аз куҷо овардӣ? Ба Худо, тарсондӣ моро.

– Уҳу! – бо ҳайрат хитоб кард Канакбой, – ин мардак Кӯканбеки шағол нест!?

– Худи худаш!

---

[1] Биист! Мепарронам!

[2] Канакбой, бародар, ман Дарвеш астам.

– Ин мори лағжонакро чӣ хел ба даст афтондӣ? – Канакбой аз ғояти шигифтӣ каф ба пешонӣ соябон карду афту андоми саркардаи роҳзанонро ба нигоҳи таҳқиқ гирифт.

– Ман не, ана он кас – ҳокими Рӯшон мир Манзаршоҳ.

– Шаҳ бош, Манзаршоҳ! – хушҳолу чаққон ҷониби Манзаршоҳ шитофт Канакбой ва дар наздаш нимтаъзиме карду афзуд: – Хуш омадӣ ба диёри мо, баҳодури беҳамто!

Манзаршоҳ пиёда шуд ва бо Канакбойу Ҷӯлдошбой чун шиноси дерина вохурӣ карду гуфт:

– Маъзарат, ки ин қадар меҳмони нофарохон овардам.

Бародарон нороҳат шуданд.

– Қадаматон болои дида. Аличор чӣ дорад? Даштҳои фарох, – хушсуханӣ кард Ҷӯлдошбой.

– Шармандаем, ки шуморо бо садои тир пешвоз гирифтем, – узрхоҳӣ намуд Канакбой.

– Мард бояд ҳамин тавр бошад, – посух дод Манзаршоҳ, – овози тир суруди шаҳсуворон аст.

– Ин гапро ба ёдам мегирам ва то ба гӯши духтарнабераам ҳам мерасонам, – ба лутфи сипаҳсолор бо лутф ҷавоб дод Канакбой, – акнун аз паси ман – ба кулбаи мо!

Вақте ба назди хиргоҳҳо расиданду аз чебҳои[1] рӯи даргоҳашон бо амри Канакбой боз даҳ-дувоздаҳ марди гуногунсоли мусаллаҳ ба пешвози меҳмонон баромаданд, Манзаршоҳ аз ҳозирбоши низомиёнаи қирғизҳо ба ваҷд омад:

– Қандатонро занед! Ана инро сипоҳигарӣ мегӯянд!

– Сабабгораш ҳамин Кӯканбеки ғоратгар аст, – гуфт Ҷӯлдошбой, – аз дасти тохтутози инҳо бачаҳоямонро камондору каминдор кардем.

– Қасди мо ҳам аз овардани ин роҳзан ба Аличор он аст, ки халқи худатон низ дар муҳокимааш иштирок намояд, – гуфт Манзаршоҳ.

То фуромадани торикӣ мизбонони бойу бадавлат шаш-ҳафт хиргоҳи нав барафрохтанду барои меҳмонон дар онон ҷой андохтанд. Сарвинозро зани Ҷӯлдошбой ба хиргоҳи худ бурд. Ду ҷавона сар заданду дар ду деги калон ба пухтани гӯштобаву кабоб пардох-

[1] Чеб – кандак, хандақ

танд. Бандиёнро дар хиргоҳи алоҳида ҷой дода, дар атрофашон посбонҳо гузоштанд. Сарфи таоми шом барои калонтарони дастаи Манзаршоҳ дар хиргоҳи Канакбой – оқсақоли авлоди Арали худораҳматӣ, барпо гашт. Манзаршоҳ, ки бори нахуст меҳмони қирғизҳо шуда, хиргоҳсозиву хиргоҳдориашонро бо чашми худ медид, бовар намекард, ки ин хонаи намадин чунин рифоҳу роҳат дошта бошад. Ба фарши он намади рангаи зебо, дар нишастгоҳи меҳмонон ба болои намад қолинҳои гаронбаҳои эронӣ, ба рӯи қолинҳо кӯрпаву кӯрпачаҳои таркдӯзии қирғизӣ густурдаанд. Дасторхонро бо чанд намуд нуқлу навои шириву гӯштӣ, кулчаҳои ширмол, бурсоқу чалпак ва ҳалвоҳои тару хушк оростаанд. «Ҳаёти ин биёбониҳоро бин, ба гумон аст бойтарин одами мо хӯроку палоси ин Канакбойро дошта бошад», – барои он ки ҳайраташро пай набаранд, худро ба пора кардани гирдача андармон сохта, андешид Манзаршоҳ, – «ҳалолашон бод!»

Вақте охирин табақҳои кабобро бар хон ниҳоданд, Канакбой «қана бисмиллоҳ!» гӯён барои ошомиш дуо дода буд, ки нохост қирғизҳо бо часпу талош ба дасторхон дарафтоданд. Манзаршоҳу ёронаш ҳайрону хавотир шуданд. Мирзоазиз дарзамон ҷаҳида бархосту даст ба ханҷар бурд. Онҳо гӯшту кулчаву чалпаку бурсоқро қап зада, дар як зум ҳар яке ба пеши худ кашиданду саросема ба хӯрдан оғоз карданд. Агар гӯшти каллаи ҷувонаи пеши Манзаршоҳ боқимондаро ба ҳисоб нагирем, дар пеши меҳмонон аз он ҳама хӯрду хӯрок чизе намонд.

– Ти-и-инҷ! – садои хашмолуди омиронаи Канакбой баланд шуд.

Қирғизҳо фавран ором гирифтанд.

– Бачам, дар ҷоят бишин, – ба Мирзоазиз рӯ овард Канакбой, – мо ҳамин хел як шӯхӣ дорем. – Ва чун Мирзоазиз ба ҳар тараф боэҳтиёт нигоҳкунон нишаст, бо лаҳни дурушт афзуд: – Чанд бор насиҳататон кунам, ки дар ҳузури тоҷикон чунин кор накунед?! Инҳо чунин одатро намеписанданд.

– Чӣ гап шуд, ростӣ, нафаҳмидам? – пурсид Манзаршоҳ.

– Ҳамин хел расм дорем, оқсақол, – бо таассуф сар ҷунбонд Канакбой, – ба дасторхон ҳуҷум мекунему чизи будагиро ҳарчи зиёдтар пеши худ кашида мехӯрем.

– Барои чӣ? – Манзаршоҳ аз ҳайрат гиребон дошт.

Канакбой гунаҳкорона лабханде заду тавзеҳ дод:

– Аз бобоёнамон ба мо ҳамин гуна расми аҷибе мондааст. Ин расмро «яғмо» гӯянд. Ҳар кас чаққонтар бошад, аз дасторхон ҳиссаи бештар чанг зада мегирад.

– Бобо, ҳамин гапро пешакӣ мегуфтӣ, ман ҳамаи инҳоро бенаво мемондам, – бо лаҳни андаке дурушт изҳори норозигӣ кард Мирзоазиз.

– Бобот дар ҷонат бимирад, йигит, – шакарханда зад Канак, – ман туро гушна намегузорам.

Мирзоазиз чизе гуфтан хост, аммо Дарвеш гапашро бурид:

– Вақте бори аввал меҳмони инҳо шудам, аз ин корашон каме ранҷида будам, лекин баъд одат кардам. Ба дил нагир. Мо ҳам одатҳое дорем, ки ба қирғизҳо писанд нестанд. Лекин инҳо моро таъна намезананд-ку.

Мирзоазиз дасташро болои дасторхон чархонду хандакунон гуфт:

– Аҷаб меҳмондорие! Акнун соҳибони хона хӯрок хӯранду мо лабҳояшонро лесем. Ақаллан худат гӯштпораеро қап назадӣ, ки бо ҳам мехӯрдем.

Дарвеш хиҷолатмандона гуфт:

– Ман ҳам дар қатори шумо одоби худамонро нигоҳ доштам.

Ин асно хизматгорони маърака аз нав табақҳои хӯрок оварда, ба пеши меҳмонон гузоштанд. Пасор, баробари ба дасторхон расидани табақ, онро дудаста қапиду шӯхӣ кард:

– Канакбой, илтимос, ин бор «қана бисмиллоҳ» нагӯ, ки табақро ба сари ягон кас нашиканам.

– Медонам, Пасор, беҳуда туро «қирғизкуш» намегӯянд, – ба шӯхӣ ҷавоб дод Канакбой.

– Шумо якдигарро мешиносед-чӣ? – пурсид Манзаршоҳ.

– Ин бартангии барзангиро кадом қирғиз намешиносад? Даҳҳо бор дар биёбонҳо вохӯрдаем, чандин бор меҳмонам шудааст.

– Ба ростӣ? Ин мардак бо қирғиз ҳам дӯстӣ мекунад?

– Пасор фақат бо роҳзанону ғоратгароне ба мисли Кӯканбек кор мегирад. Ва хубашон мекунад. Ба фуқарои аҳл коре надорад, мавридаш ояд, ба додашон мерасад.

Сухани оқсақоли қирғиз дар ҳаққи Пасор фикри Манзаршоҳ, Мирзоазиз ва ёронашонро дар бораи қирғизон дарзамон тағйир дод. Онҳо гумон мекарданд, ки ҳамаи қавми қирғиз ба Пасору дастаи мусаллаҳи ӯ кинаву нафрат доранд.

– Дузду таррор дар ҳама ҷову дар ҳама халқ дузд асту таррор, – ба гап ҳамроҳ шуд Ҷӯлдошбой, – одами беномус на хеш дорад, на дӯст. Кӯканбеку ноҷавонмардони вай моро ҳам ба дод оварданд, лекин зӯрамон намерасид. Худо ҳафтод пушти гузаштагонатонро раҳмат кунад, ки ин палидро баста, ба дасти мо додед. Бигузор, халқ худ ҷазояшро муайян кунад.

– Хешу таборашон ҳам аз инҳо безоранд, – гуфт Канакбой. – Ҳамин Кӯкани лаънатшуда хеши модарии ман аст. Лекин модарам ҳам агар гӯрхез шаваду барояш шафоат талабад, ман ба ин бадбахти торикадаб раҳме нахоҳам кард!

Ин асно хидматгузорон дар косаҳо гӯштоб оварданду риштаи суҳбатро буриданд.

– Косаҳоро ҳам чанг мезанем? – шӯхиомез суол дод Мирзоазиз.

– Ташвиш накаш, писар! Илоҷаш мебуд, ғавр мекардем, лекин хӯроки обакӣ дасторхонро ҷазир мекунад. Барои ҳамин фақат хӯроки сахтро мерабоем, – тавзеҳ дод Ҷӯлдош.

– Ба ҳамин ҳам шукр, – хандид Мирзоазиз ва ба косаи шӯрбояш андармон гашт.

– Оқсақол! – ба Канакбой рӯ овард Манзаршоҳ, – Кӯкан хеши туст, роҳзанони дигар ҳам, албатта, бе хешу табор нестанд. Фикри ман ин аст, ки инҳоро ба шумо таслим мекунему ҳукмашонро ҳам ба худатон ҳавола менамоем. Ман кореро, ки дар Ақташ ба ғоратгарони Кӯкан раво дидам, дар ин ҷо ба хотири инсонгарии ту намекунам. Мекушедашон, раҳояшон мекунед, – ихтиёр бо шумост, аммо агар бинам ё шунавам, ки ин фурумоягон ба Бартанг, Ғунд, ё Шохдара ҳуҷум овардаанд, баъд ман худам медонам, ки бо инҳо чӣ кунам!

Даҳанҳо аз хӯрдану дастон аз ҷунбидан monданд. Чашмҳо ба Канакбой дӯхта шуданд, ки ӯ чӣ мегӯяд. Оқсақол, гӯё барои бароҳаттар андешидан, қалпоқ аз сар гирифту дар паҳлу гузошт ва манаҳи камришашро дақиқае кафмол заду сипас забон баркушод:

– Кори дурусте мекунӣ, Манзаршоҳ. Бо ин ҳама гургигариаш Кӯкан барои муҳофизати ҷону моли мо аз қирғизони Алайу ӯйғурони Чин бисёр лозим аст. Чунин дастаи омодаву машқдидаро қавми мо дигар надорад. Ман бо Кӯкан фардо ҷиддӣ, хеле ҷиддӣ гап мезанам. Лекин, мир, хафа нашав, аммо сарҳади Шуғнон дар тарафҳои мо як зарра назорат надорад. Шаҳри бедарвоза ба кӣ намефорад? Дузд ҳам Худо мегӯяд, корвон ҳам. Наздиктарин қӯрғанатон дар қишлоқи Чарсем аст, ки он ҳам бисёр вақт аз посбон холист. Аз Чарсем то Булункӯл медонӣ чанд чақрим роҳ аст? Бо асп як шабонарӯз! Пас, бигӯ, айб дар қирғиз аст ё дар тоҷик? Ҳоло Қурбонҷон-она – пешвои қирғизҳои он сӯи Қизиларт, шахсан худаш ба Марғов омадааст, ки тамоми қирғизҳоро муттаҳид намояд…

– Қурбонҷон-она?! – гапи оқсақолро бурид Манзаршоҳ. – Занак-а? Шунида будам, лекин бовар надоштам.

– Не, дуруст шунидай, мир. Қурбонҷон зан асту пешвои қирғизони Алай. Дар борааш мегӯянд, қирғизон аз Чингизхони дунёгир ин қадар наметарсиданд, ки ҳоло аз ин хонуми шерзаҳраву соҳибсиёсат. Худо нокарда, вай ҳокими мо шаваду чашм ба Шуғнон ало кунад, он гоҳ чӣ кор мекунед?

Сухани пурмағзи Канакбой ҳамаро мутаассир сохт. Ин бор чашмҳо ба даҳони Манзаршоҳ дӯхта шуданд. Манзаршоҳ пас аз тааммули гапи оқсақол корди дасташро ба буряи[1] пешаш хобида халонду гуфт:

– Андуволо, мо хокамонро ба мардон ки надодем, ба занон ҳеҷ гоҳ намедиҳем. Аммо ман бо ту мувофиқам. Ҳамаи ин натиҷаи бесоҳибии чандсолаи Шуғнон мебошад. Вале ҳоло Шуғнон соҳиб дорад ва он шоҳ Юсуфалихон аст. То ҳол касе ҳам бо ғоратгарони диёри шумо панҷа назада буд. Акнун замони бесоҳибӣ гузашт. Мо дар сарҳадамон тартиб ҷорӣ мекунем.

– Кошкӣ! – хурсандона нидо баровард Канакбой. – Кош ҳамин хел шаваду халқи сарҳади ҳар ду тараф осудаву ором гардад.

Баъд аз он ки таом хӯрданду ба хиргоҳҳои худ пароканданд, Канакбой, Манзаршоҳ, Мирзоазиз, Дарвеш, Пасор ва Лахман пеш аз хоб ба сайругашт баромаданд. Осмони беғубор анҷумани ахтарон ороста

---

[1] Буря – пораи калони гӯшт

буду биёбони беҳадду беканор бесадо таронаи фароххавсалагӣ месуруд. Манзаршоҳу ёронаш дар ин фарохии нопайдо худро чун бандиёне ҳис мекарданд, ки тоза аз маҳбас баромада бошанд. Эҳсоси озодӣ дар вуҷудашон талотум мезад. Биёбон бӯйи махсус медод, бӯйе, ки барои кӯҳистониён ношинос бошад ҳам, бо гуворои худ ҷонро болу пар мебахшид. Манзаршоҳ қадам мезаду фикр мекард, ки биёбон бо забони ҳоли худ ба инсон як чизро талқин кардан мехоҳад: озодиву озод буданро! Ӯ мехост аз нашъаи ин эҳсоси навпайдо ба рафиқонаш чизе бигӯяд, аммо дар назди Канакбой ба кадом мулоҳизае забон нигоҳ дошт. Шояд аз ин андешаи банохост дар шуураш чароғак задаву ҷонашро ба сӯзиш оварда забонаш лол гашту ҳавсалааш каммаҷол: чаҳор сӯи сарзамини тоҷикнишинро туркону муғулшаклон печонда гирифтаанд! Аз ҷониби Бадахшон – қатағану бандагонем қарлуқу узбак, аз тарафи Дарвоз – лақайу қунғуроту манғит, аз сӯи Бартангу Помир – қирғиз. Шуғниву дарвозиву вахонӣ дар ҳалқаи ин ақвом афтодаанд ва сол то сол ин ҳалқа тангтар мегардад! Манзаршоҳ аз ҳайрат қадам нигоҳ дошт. Канак ду-се қадам гузашту истод ва пурсид:

– Баргардем, мир!

Дигарон ҳам бозистоданд. Манзаршоҳ дақиқае ба рӯи Канакбой бетафовут хира нигаристу охири риштаи андешаашро ба дасти хотира супурд: «Биёбонҳои фарохи нопайдоканор ба инҳо рӯҳи озод ато кардаанд, барои ҳамин аз қавми бегона ба худ сарвар намегиранд. Вале равони моро кӯҳҳо аз чор тараф чунон фишурдаанд, ки зоҳиран озод намоем ҳам, ботинан бандагонем. Ба худ бовар надорем, вале бегонагонро мепарастем. Худкуши бегонапарварем, бегонапарвари худкуш!»

– Хаста шудӣ, мир, вақти хоб ҳам шуд. – Садои Дарвеш хаёлоти Манзаршоҳро барканд.

– Не, хоб надорам, вале дар ин хаёлам, ки вақти дар миён гузоштани қазияи аспҳо расид, – посух дод Манзаршоҳ.

– Ҳар чи ки фармоӣ, – гуфт Дарвеш ва ба Канакбой рӯ овард: – Канак, бародар, ман наздат ба талаби некии калон омадаам.

– Нек бош, бародар, – ҳайратолуд наҷво зад Канак.

– Гап сари он, ки мехоҳам аз ту бист сар аспи хушзот бихарам, – аз дасти бародархондаш гирифта гуфт Дарвеш. – Албатта, бо нархи арзонтар.

Ҳама ба сӯи Канакбой назар дӯхтанд. Гӯё дар торикии шаб ҳам мехостанд бубинанд, ки ин суоли гарон ба авзоаш чи таъсире мегузорад. Аммо Канакбой ҳамагӣ дамаке пурсиши Дарвешро андешиду гуфт:

– Ин қадар аспро чӣ кор мекунӣ, бародар?

– Сахт даркор шудааст.

– Қарздор шудаӣ-чӣ?

– Қарздор? Оре, қарздор.

Канакбой, гӯё гарм мекарда бошад, ба ду каф биниашро паноҳ намуда, андешиду гуфт:

– Ин тавр бошад, намефурӯшам, медиҳам, Дарвеш.

Ин гапи оқсақоли Аличор ҳамроҳонашро моту мабҳут сохт. Онҳо бовар намекарданд, ки инсон то ин андоза олиҳиммат мешавад.

– Барои чӣ медиҳӣ, бародар? Ман пул дорам.

– Пулат ба худат истад, – лабханд зад Канакбой, – барои ман муҳим ин, ки бародари азизам аз ман некӣ металабад. Ёдат бошад, Тағойбек аз моли падарам ҳисса дорад. Вай Бухоро рафтаву дигар Худо медонад кай бармегардад. Фикр мекунам, замони баҷо овардани васияти падари биҳиштимаконам фаро расид. Бароят бист асп даркор бошад, фардо бист аспро ба дастат месупорам, ҷони бародар.

– Барои мерос бист асп бисёр нест? – пурсид Дарвеш.

– Арал-ота инсони бадавлат буд. Бист асп тамоми он молеро, ки бояд ба Тағойбек медод, талофӣ мекунад.

– Ҳаббазо! – хитоб кард Манзаршоҳ, – инак ёриву инак бародарӣ! Кош ҳар тоҷике ба мисли ту як бародари қирғиз медошт, Канакбой!

– Мир, чизе, ки додам, моли падари ман асту ҳаққи ҳалоли бародарам Тағойбек. Вале ману Ҷӯлдош ҳоло барои бародарони тоҷикамон чизе накардаем.

– Ман ҳам, – гуфт Дарвеш, – кадом рӯзе гузоратон ба Бартанг афтад, бародаратон танашро барои шумо банда мекунад.

Ҳамин тариқа, мақсуди асосии сафари Манзаршоҳ – ба даст овардани бист асп, ҳосил шуд. Боз ба чунин осонии ғайричашмдошт. Вай ҳам шодмон буд, ҳам ҳайрон. Эҳтироми шигифтовари Канакбой ба бародархондагии марди бартангие бо номи Тағойбек ва он ҳам дар ғайбаш, на танҳо Манзаршоҳ, балки дигар

ҳамраҳони ӯро низ сахт мутаассир кард. Ба ин сабаб, вақте ба хиргоҳ баргаштанду сар ба болин гузоштанд, Манзаршоҳ то ғалаба кардани хоб дар бораи Тағойбек андешид. «Тағойбек чаро Бухоро рафтааст?» – чанд бор суол дод ба худ Манзаршоҳ. Савол сабаби ҷиддӣ дошт: бартангиёну рӯшониён ҳама вақт ҷониби офтоббаро – ё ба Фарғона мардикорӣ мерафтанд ё ба Қошғару Хутан. Бартанг бо ин мамлакатҳо роҳи мустақим дошт. Вале Бухоро дар кадом кунҷи офтобнишини олам ҷойгир асту бартангиёнро ба он чӣ муносибате? Банохост дар шифти тираи хиргоҳ гӯё озарахше барқ заду дар тасаввури Манзаршоҳ тарҳи тоқии чор таркаш қуббадори Дарвеш дурахшид, ки дар Танимас ба сараш дида буд. «Чунин тоқиро бухороиҳо мепӯшанд!» – ба дилаш хитоб кард Манзаршоҳ, – «онро дар сари тоҷирони бухороӣ дар Файзобод дидааму Кобул. Он дар Бартанги дурдаст дар сари Дарвеш чӣ тавр пайдо шудааст?» «Агар ба ҳамаи ин шигифтиҳо биафзоем, ки Дарвеш дар назди қозӣ Раҳмихудо бадавлати бад будани худро иқрор овардааст, пас ин мардак сирре дорад, ки ҳеҷ кас намедонад».

Рӯзи дигар, бо даъвати Канакбой, тарафи нимрӯзӣ, қирғизҳои гирду атрофи Аличор дар манзили ӯ ҷамъ омаданд. Канакбой барои қирғизон модиён, барои тоҷикон, ки гӯшти асп намехӯрданд, барзагов кушта, зиёфати калоне орост. Пеш аз оғози зиёфат вай ба ҳамқабилагонаш рӯ оварда гуфт:

– Имрӯз барои он ҷамъ омадем, ки ба диёри мо ҳокими Рӯшон мир Манзаршоҳ, дӯсту ҳамрикоби шоҳи муҳтарами Шуғнон Юсуфалихон ташриф овардааст. Манзаршоҳ дар ҷанг бо қӯрбошии роҳзан Кӯканбек дастболо шуда, ба ҷонаш раҳм карда, барои ҷазо додан ӯро ба ихтиёри мо супурдааст. Имрӯз мо ба чунин кори дилгиркунанда машғул намешавем. Дилхушӣ мекунем ва фардо бародарони тоҷикамонро бо иззату икром мегуселонем. Пас аз хӯрдани таом йигитҳоро ба бузкашӣ мехонам. Касе ғолиб ояд, як милтиқи қошғарӣ ҳадя мегирад.

– Мирзоазиз, Пасор, Сарбаланд, – гуфт Манзаршоҳ, – умедамон ба шумо. Қирғизҳо моро ба талош даъват карданд. Ман маҷбурам, ки дар паҳлуи Канакбой ба тамошо бишинам.

– Парво накун, мир, – даст рӯи дил гузошт Мирзоазиз, – чунон бозие нишон диҳем, ки ягон қирғиз дар умри сараш надида бошад.

– Чанд тане, ки ҳастем, ба майдон медароем, – гуфт Пасор, – қирғизҳо дар чавандозӣ моҳиртарин халқанд. Бурданамон ба гумон, вале барои номус иштирок кардан лозим аст.

Чавандозҳои номдорро дар майдон дида, ҳама аз хурсандӣ каф месовиданд, ки он шавқовар, шадид, пурмоҷаро ва тӯлонӣ хоҳад шуд. Вале тарбузи умедҳо аз бағалҳо афтод. Он шавқовар, шадид, пурмоҷаро шуд, аммо аз бист дақиқа зиёд дароз накашид. Мирзоазиз бузро дар аввали бозӣ аз дасти як ҳарифи чусту чобукаш кашида гирифту дигар ба касе надод. Гоҳе худро миёни тӯдаи чавандозон мезад, гоҳе тоқа шуда, майдонро давр мегашт, гоҳе ҳатто бузро ба миёна андохта, дур мешуд ва баробари ба дасти касе расиданаш, гашта меомаду дафъатан чанг зада мегирифт. Чанд ҳарифаш аз асп афтоданд, гарди майдон ба фалак дакка хӯрд, вале касе ба гарди Мирзоазиз нарасид. Ниҳоят бузро ба патта[1] партофту баргашт ва дар назди Канакбой пиёда шуд. Канакбой қалпоқи худро ба сари ӯ гузошту ҷомаи сармадӯзии худро ҳам кашиду ба китфонаш партофт. Мавҷи тасанНову салламно ба осмон печид.

– То будаам, чунин бозиву чунин бозигарро надидаам! – дасти Мирзоазизро боло бардошта, фарёд кашид Канакбой. – Ҳалолат бод!

Бо ишораи Канакбой Ҷӯлдошбой милтиқи наппа-навро ба Мирзоазиз супурду оғӯшаш гирифт. Оқсақолони ҳамнишини Канакбой ҳам як-як Мирзоазизро табрик карда, ҳайрату ваҷди худро аз маҳорати бемисли ӯ баён намуданд. Манзаршоҳ Мирзоазизро ба сина пахш карду гуфт:

– Дигарон бонг заданд, ту гонг[2] задӣ! Ба ҳаққи Мавлои замон, ки акнун кӣ буданатро донистам! Як ҷилваат дар ин майдон бас буд, ки дигар роҳзане ба марзи Шуғнон наздик наояд.

Канакбойу Ҷӯлдошбой пас аз зиёфати шоҳона галаи аспони якачинро пеш-пеши меҳмонон андохтанду ба ҳар кадомашон кешекҳои[3] алоҳида дода, хайрухуш карданд. Корвони аз ҳисоби

---

[1] Патта – ҷое, ки бузро расонанду бозиро баранд

[2] Гонг, гӯнг (шуғнонӣ-рӯшонӣ) – ғалабаи ҳайратовар дар бозӣ; маҷозан, комёбии ғайричашмдошт дар ҳама гуна кор.

[3] Кешек (қирғизӣ) – дастовез барои меҳмон

аспони ҳадякардаи Канакбой калоншудаи Манзаршоҳ ба сӯи Шуғнон роҳ гирифт. Қарор бар ин шуд, ки аз тариқи Ғунд ҳаракат кунанд, зеро Манзаршоҳ бисёр мехост, ки будан ё набудани ғоратгарони қирғизро дар ин дара бо чашмони худ бубинаду тадбирҳо биандешад.

Табъи Манзаршоҳ ниҳоят чоқу буду хотираш болида. Дар як сафари кӯтоҳ ғоратгарону роҳзанонро ба зону шинонд, дар байни қирғизон дӯстони баэътимод пайдо кард, сарҳадро мустаҳкам намуд ва дар ниҳоят бист аспи намерасидагиро ба даст оварду акнун ҷони хуфиёнро аз чанги Юсуфалихон мераҳонад. Танҳо як муаммо боқӣ мондааст: ин Дарвеш дар ҳақиқат кист ва бо Бухоро чӣ робитае дорад? Аз худи ӯ дар ин бора пурсад ё аз Сарвиноз? Ҳоло ки фурсат ҳасту ба роҳи Бартанг нарасидаанд, сарриштаи ин чигилро ёфтан лозим аст. Вай нахуст Сарвинозро интихоб карду аспашро ба паҳлуи аспи ӯ наздик овард ва занро ба гап гирифт. Аз ҳар хусус савол дода, гашташро суст гардонд ва вақте аз корвон фосила гирифтанд, сари мақсади асосӣ омад:

– Валъамат, гап байни худамон, ман моҳи оянда азми сафари Бухоро дорам. Бародархондат Дарвеш дар он шаҳр одам дорад. Ту намедонӣ, ки вай кисту дар Бухоро ба чӣ машғул аст? Яке барои ривоҷи корҳоям ёрӣ карда тавонад.

Сарвиноз чунин ҷавоб дод:

– Мир, ҳамин қадар медонам, ки хоҳари Дарвеш дар ҳамон тарафҳо, ё дар Фарғона гуфтани мулк, ё дар Бухоро шавҳар кардаасту амакбачааш Тағойбек ба диданаш рафта, то ҳол барнагаштааст. Инро аз даҳони халқи Сарез шунидаам. Худи Дарвеш дар ин бора ҳатто ба занаш чизе нагуфтааст. Ҳамин қадар медонам, ки Дарвеш одами бадавлат аст, соли пайваста дар ғоре бо номи Сартарош зиндагӣ мекунаду ба хонааш кам меояд. Лекин марди бисёр дасткушод асту дастгири бечораҳо. Дирӯз гуфт аз сафар ки баргашт, ба хонадони шаҳидшудагон озуқа медиҳад.

– Одами аҷибест ин Дарвеш, номаш Дарвешу нишонаш шоҳона, – бо шӯхӣ мулоқоташро бо Сарвиноз ҷамъубаст кард Манзаршоҳ, – ҳазор раҳмат, валъамат. Ман хурсанд, ки падаратро ёфтӣ. Дигар орому осуда ба табъи дилат зиндагӣ мекунӣ.

– Ин ҳама ба шарофати туст, мир. Агар ба Бартанг намеомадӣ, Худо медонад, падарамро меёфтам ё на.

Пас аз соате, ҳангоми дамгирии кӯтоҳ, Манзаршоҳ Дарвешро аз тӯда ҷудо карда, ба ҷонибе бурду гуфт:

– Рости гапро гӯям, сахт ифтихор кардам, ки мамлакатамон чунин шахси тавонгару халқпарвар доштааст. Бо ақлу ғайрати худат заршӯӣ карда, коргоҳ сохтанат маро бисёр мафтун гардонд. Як андеша ба сарам омад. Модом ки бародарат дар Бухоро бошад, намешавад, ки ба ӯ тилло бибариву бозоратро равнақ бидиҳӣ? Ман бароят ёрӣ медиҳам.

Дарвеш, ки чунин саволро интизор надошт, бо ҳайрат даме ба чашмони Манзаршоҳ нигарист, зоро мехост муайян кунад, ки мир дар ин хусус чизе медонад ё ӯро тагпурсӣ карданист. Вале аз нигоҳи содаву меҳромези ҳамсуҳбат рамзе гирифта натавонисту посух дод:

– Ба ҷои дур бурдани зар хатари зиёд дорад, мир. Ғайр аз ин, ман равшан намедонам, ки Тағойбек дар кадом ҷои Бухорост. Аз кӯҳистон он сӯ ҳамаашро Бухоро мегӯянд.

– Шояд ба мулке рафта бошад, ки хоҳаратро дар он ба шавҳар додӣ, – ин бор чашмони Манзаршоҳ айёрона ба рӯи Дарвеш нигаристанд.

Дарвеш кӯшиш кард, ки сир бой надиҳад, вале аз чанд бор баҳам задани мижгонаш пай бурдан душвор набуд, ки ин пурсиш ӯро ба ташвиш оварда тавонистааст.

– Хоҳарам дар Қуқанд зиндагӣ мекунад, мир. Тиҷорати ман ҳам асосан бо Фарғона аст.

– Моҳи оянда ман Бухоро меравам, – гуфт Манзаршоҳ. – Агар бародаратро ҷустан хоҳӣ, ба ман ҳамроҳ шав.

– Ба Бухоро? – бо ҳароси ниҳоние дар овозаш наҷво кашид Дарвеш. – Не, ман беҳтараш ба Қуқанд меравам.

– Агар ҳамчун ҳоким амр диҳам ҳам, намеравӣ?

Дарвеш сар пеш андохту пас аз андеша ба дудилагӣ гуфт:

– Меравам.

– Сипос. Акнун пурсиши дигаре дорам. Аммо қавл деҳ, ки сухани рост мегӯӣ.

– Қавл медиҳам.

– Шунидам, гуфтаӣ, ки агар лозим ояд, тамоми вилоятро мехарӣ. Оё чунин қудрат дорӣ?

Ин суол тоқати худнигаҳдории Дарвешро тоқ кард; хобрагҳояш дамиданд, ба рухсораҳояш сурхӣ давид.

– Касе муҳобот кардааст, мир. Аммо камбағал ҳам нестам, шукри Худо.

– Барои чӣ мепурсам? – шарҳ дод Манзаршоҳ, – Ҳоло ман аз мардум хироҷро бардоштаам. Лекин баъди ду-се сол молиётро аз нав ҷорӣ кардан лозим аст. Ту ягон вақт аз пулу молат ба хазинаи давлат андоз супоридаӣ?

– Не, – хиҷолатмандона ҷавоб дод Дарвеш.

– Мисли худат даҳҳо кордороне ҳастанд, ки дар ҳисоби ҳукумат нестанд. Муҳассилон фақат андоз аз ғаллаву чорпоро медонанду халос. Лекин шумо ҳам ба хазинаи давлат чизе бояд бисупоред. Мақсад – дар рӯзҳои душвор аз ҳамин ҳисоб ба мардум ёрӣ дода тавонем; Худо нокарда душман ҳуҷум кунад, барои муҳофизати худ пулу мол дошта бошем.

Ин гап рӯҳи Дарвешро якбора бардошт. Ҷабини ахмзадааш боз гардид, дудилагиву нобоварӣ вуҷудашро тарк кард. Манзаршоҳ хурсанд шудани Дарвешро ба он рабт дод, ки худи ҳокими Рӯшон ӯ барин як шахси дар як кунҷи олам ноаёнро ба кори давлатдорӣ ҷалб кардан мехоҳад. Аммо вай аз куҷо медонист, ки баробари ба забон овардани ин пешниҳод дар дили Дарвеш орзуи деринааш – расидан ба ҳокимияти Шуғнон ҷӯш зад! Толеи накуро бингар, ки худи намояндаи ҳокимият ба Дарвеш ширкат дар кори давлатро талқин менамояд. Аввал ба дили Манзаршоҳ, сипас, ба дарвозаи давлат роҳ меёбад, он тараф майдон кушода мешавад.

– Мир, чӣ қадар лозим бошад, ба хазинаат хироҷ месупорам. Фақат ҳамон илтимоси маро аз ёдат набарор.

– Аз Вомар замин доданро?

– Ҳа.

– Бо ин мададе, ки ту ба ман расондӣ, на фақат замин, балки кадом мансаберо, ки бароят писанд бошад, медиҳам.

– Тасаддуқи ҷонат, – даст рӯи дил гузошт Дарвеш, – пас аз як моҳ ман корҳоямро дар Танимас саришта карда, ба Вомар меоям.

Дар дуроҳаи Булункӯл Манзаршоҳ бо Дарвешу ду ҳамроҳи дигари ӯ худоҳофизӣ карда, худ ҳамроҳи Мирзоазизу Лахман, Пасору Сарвиноз, Сарбаланду писарони ӯ ва боз чанд тани дигар галаи аспро пеш андохта, ба дараи Ғунд рӯ оварданд.

Манзаршоҳ медонист, ки Ғунд аз Рӯшони вай ба қади як кӯҳ баландӣ дорад, вале гарданаи Кӯҳтезак ба андозаи як кӯҳи дигар аз дараи Ғунд ҳам баландтар будааст. Оби рӯди машҳури Ғунд, ки яке аз сарчашмаҳои Панҷу Ому мебошад, аз дараву обкандаҳои ҳамин ағба чакра-чакраву ҷуя-ҷӯя оғоз мегирад. Ҳоло ки тахти офтоби тези тобистон дар сару рӯи ӯ қатра-қатра арақ заҳида, ба гардану синааш ҷорӣ мегашт, ҷамъ омадани оби Ғунд низ дар назараш ба ҳамин вазъ шабоҳат дошт. Кӯҳу ағбаҳои сардиписанд аз гармии ҳаво арақ мекунанд ва ин арақҳо поён рехта, ба рӯди калон табдил меёбанд. «Яъне рӯд арақи кӯҳистонҳост», – аз ин ташбеҳи аҷиби ёфтааш лабханд зад Манзаршоҳ ва ба поён нигарист. Корвонашон дар ҷодаи пурпечу хами ҷое тангу ҷое фарохи Кӯҳтезак баэҳтиёт қадам мезад. Дар поин водии фарохи баъзе гӯшаҳояш зардчатобу баъзе мавзеъҳояш хокистариву сабзранг ба мисли шахсе, ки азоби гузаштан аз ағбаро пушти сар кардаву акнун дам мегирифта бошад, барқад ба пушт афтодааст.

– Пасор, баъди ағба дар куҷо дам гирем, ки обу алаф дошта бошад? – пурсид Манзаршоҳ.

– Беҳтараш дар Тағарқақӣ.

– Чӣ гуфтӣ? Тақар… – забони Манзаршоҳ ба талаффузи номи шунидааш напечид.

– Тағарқақӣ, мир, – такрор кард Пасор.

Манзаршоҳ рӯ туруш кард:

– Поинтарҳояш чӣ номҳо доранд?

– Учқӯл, Ҷелондӣ, Қӯрғантуқай …

– Э бас кун! – хашмолуд хитобид Манзаршоҳ.

Пасор ҷилави аспашро кашид ва ҳайратомез пурсид:

– Чӣ шуд?

Манзаршоҳ ба ӯ баробар шуду ба ҳамон оҳанг суханашро давом дод:

– Наход номи кӯтал Кӯҳтезак бошаду давомаш Учкӯлу Пучкӯл?

– Номашон чунин бошад, ман чӣ гӯям? Номро аз худ бофта нашавад, мир!

– Дар ин ҷо қирғизҳо мезиҳанд ё тоҷикон?

– Ин ҷоҳо чарогоҳанд, мир. Гоҳе қирғизҳо мол мечаронанд, гоҳе халқи мо.

– Ба ин тараф ҳам ҳуҷум мекунанд?

– Қирғизҳо Ғунди Болоро гирифта буданд. Онҳо мардуми таҳҷоиро, ки дар ҳар деҳа ду-се буна беш набуданд, гурезонданд. Вақте ба қишлоқи Чарсем рӯ оварданд, Муҳаббатхон ба муқобилашон лашкар фиристода, онҳоро аз Ғунд пеш кард. Сабаб он, ки Чарсем чарогоҳи шоҳ асту ҳоло ҳам дар марғзорони он молу гови Юсуфалихон мечарад.

Манзаршоҳ водии васеъвусъату мусаттаҳро бо чашми харидориву ҳавас аз назар гузаронду гуфт:

– Фарохии ин мулкро тамошо кунед, андуволон! Рӯшон, ки дар назари мо васеътарин мамлакат аст, дар назди ин катаки мурғро монад. Мулкамонро соҳибӣ намекунему менолем, ки ин ҷоро қирғиз гирифту он ҷоро бадахшӣ. Эй Сарбаланд, қишлоқи ту чӣ ном дорад?

Сарбаланд аз саволи ногаҳонии мир гаранг шуда, ба Мирзоазиз нигарист. Мирзоазиз ангушт бар лаб ниҳод, ки хомӯш!

– Ману писаронам бо Пасор зиндагӣ мекунем, мир, – ба диранг посух гуфт Сарбаланд.

– Мо дар Булункӯлу атрофи он мезиҳем, – Пасор ба доди Сарбаланд расид, – лекин дар Бадчор хона андохтаем.

– Бадчор куҷост?

– Поинтар аз Дӯзахдара, дар як гӯшаи дур.

– Ҳо, дар ҳамин ҷоҳо хона созед, мемуред? – зардаолуд хитоб кард Манзаршоҳ.

– Мемурем, – посух дод Пасор, – зимистонаш ниҳоят дарозу хунук аст. Мо ранги қирғизҳо дар хиргоҳ зиндагӣ карда наметавонем.

– Ёд гирифтан даркор, андувол, вагарна заминамонро аз даст медиҳем.

– Шумораи қирғиз бисёр аст, нуфуси мо – кам, – тавзеҳ дод Пасор ва шӯхиомез афзуд: – Як Пасори бартангӣ куҷои Ғунди калонро нигоҳ кунад?

– Дуруст мегӯӣ, – ба шӯхии вай ҷавоби ҷиддӣ пеш овард Манзаршоҳ ва сар ба ҷайби тафаккур фурӯ бурд. Чанд дақиқа хомӯш асп ронду сипас ҷилави онро кашиду ба пас нигарист:

– Мирзоазиз, ту Хоҷаку Бӯзарро ба кадом тараф авор кардӣ?

– Аз Марғов гузаронда, раҳояшон кардам. Шояд Хутан рафтанд, шояд Сарикӯл.

– Кори нодуруст кардӣ, Мирзо.

– Барои чӣ нодуруст? Амри шоҳ чунин буд, мир.

– Дар ҳамин саргаҳ дар ягон деҳа сарашон медодӣ, сад бор беҳтар буд.

– Аз онҳо чӣ фоида? – гаранг шуд Мирзоазиз.

– Он ду муттаҳам, бешак, одамони баданд, лекин барои зиёд гардидани аҳолӣ дар сарҳад фоидаашон мерасид. Нек ҳам мардум аст, бад ҳам.

– Охир, ҳар дуяшон нокасу худозадаанд, мир, – бештар ҳайрон шуд Мирзоазиз.

– Медонам, Мирзо, медонам. Лекин чӣ қадар нокасу худозада бошанд ҳам, нокасу худозадаи худамон ҳастанд. Юсуфалихон бадарға кардани душманони худро дӯст медорад. Пас, барои чӣ ин хел одамонро бояд ҳатман ба Хитойу Қуқанд пеш кунем? Халқи бисёр надорем, ки ба ҳар тараф титу парешонаш созем. Бигузор раддимулкшудагон дар ҳамин ҷоҳо зиндагонӣ кунанд. Чӣ фарқ дорад, ки аз Баҳрпанҷа сад фарсангсор дуранд ё дусад? Об ки аз сар гузашт, чи як газ, чи даҳ газ.

Муҳокимаронии ғайриодии Манзаршоҳ ҳамаро ҳайрон кард. Ҳама лаҷоми аспҳоро кашида, ба мир мутаваҷҷеҳ шуданд. Сарбаланд бетоқатона пурсид:

– Мир, ҳамин гапро ба ҷид мегӯӣ ё ба мазоҳ?

– Тамоман ҷиддӣ.

Сарбаланд ба Мирзоазиз нигоҳи маънидор андохт. Мирзоазиз дудилагиашро бартараф сохту арз кард:

– Мир, айбам накун, аммо ман чунин корро аз пеши худ кардам.

– Чӣ кардӣ?

– Инҳоро на ба Қуқанд бурдам, на ба Чин. Дар ҳамин ҷо монондам.

Манзаршоҳи ҳайратзада, ба маънои гапи Мирзоазиз аввал сарфаро нарафта, даме ба чеҳрааш хира шуду сипас Сарбаланду ёронашро, ки дар интизори ҳукми мир дам ба дарун кашида буданд, бо нигоҳҳои омехтаи шодиву беқарорӣ аз назар гузаронду пурсид:

– Инҳо аворшудагонанд?

– Бале, мир, – тасдиқ кард Мирзоазиз ва нигоҳашро гурезонд. – Ғайр аз Дурманча, ки ёригари ман аст.

– Тавба, – наҷво зад Манзаршоҳ, – ба ин андоза зирак буданатро чашм надоштам, Мирзо. Чунин карда бошӣ, эътиқодам ба ақлу хиради ту бештар гашт.

– Чунин кардам, мир, – рӯҳ гирифт Мирзоазиз, – инҳоро ба Пасор супурдам, боқимондаро ба дараи Бадчор бурдам.

– Боракаллоҳ! – хитобид Манзаршоҳ, – фарзанди Ҷаҳонгири ватандӯст буданат дар ҳамин кори мушкил ҳам аён гашт.

– Мабодо ба гӯши шоҳ расад, Мирзоазиз дар бало мемонад, мир, – изҳори ташвиш кард Пасор.

– Аз худамон гап набарояд, дигар кӣ медонад, дар Ғунд чӣ гап асту дар Бартанг чӣ хабар.

– Савганд ба даргоҳи муқаддаси Имом Муҳаммади Боқир, ки аз байни мо дар ин бора хабаре ба дарбор нахоҳад рафт, – даст рӯи дил гузошт Пасор.

– Даргоҳи Имом гуфтӣ? – пурсид Манзаршоҳ.

– Оре, остони имоми чаҳорумамон Муҳаммади Боқир, – посух дод Пасор, – ту намедонистӣ?

– Не. Ҳатто нашунидаам, – гуфт Манзаршоҳ. – Он куҷост?

– Дар деҳи Имом, наздики Ванқалъа.

– Шукри Худо, – хурсанд шуд Манзаршоҳ, – даргоҳи имомро зиёрат мекунему дар ҳамон ҷо савганд мехӯрем, ки ин розро нигоҳ медорем. Касе шикаст, дар назди он бузургвор ҷавоб медиҳад.

Мирзоазиз ҷониби Дурманча нигоҳи теғдоре афканд. Дурманча сар поин андохт.

– Касе сирро афё кард, аввал дар назди ман ҷавоб медиҳад, – мушти гиреҳкардаашро ба ҳаво бардошт Мирзоазиз.

– Чи кори хубе мекунед, бародарон! – бо ҳарорату иштиёқ ба гап ҳамроҳ шуд Сарвиноз, – бадиро мукофот бадист. Мебинам, ки чашматон кушода шуд. Аз ин ҳама солҳои дарози дар Баҳрпанҷа

буданам як сабақ гирифтам: авлоди Абдураҳимхон шоҳ нест, савдогар аст. Барои онҳо халқи мо мол аст, бовар кунед – мол! Ба мисли ана ҳамин аспу хар. Хунамонро мемаканд, ҳаққамонро мехӯранд, мефурӯшанд, мекушанд, аз ватан беватан мекунанд. Халқи бечора на додрас дорад, на фарёдрас. Агар шумо – парвардагони шири модарони Шуғнонзамин ҳам думи ин ҳокимони чахту чанбарро бигиред, пас ин ёлу кӯполу китфу бозуе, ки падарони бузургтаборатон барои ҳимояи хоҳарону бародарони мазлуматон ба шумо бахшидаанд, ба тангаи сиёҳе намеарзанд. Дар остони муқаддас савганди накушодани сирри аворшудагон кам аст. Бо чунин қасам ба ҷое намерасем. Розе дар олам вуҷуд надорад, ки ошкор нагардад. Хосса, ки аз даҳ кас бештарему барои нигоҳ доштани роз баъзан як нафар ҳам зиёдатист. Пас, эй мардон, агар номусу шарофат дошта бошед, савганди несту нобуд кардани Юсуфалихону авлоди бедодашро ёд кунед. Ин хонаводаи ситамбунлодро нест кардед, мулк орому фақирон осуда мегарданд, илло ин ҳама қасаму номаатон, ба ғайр аз ҳарзадарой, дигар чизе буда наметавонад.

Сарвиноз гапашро тамом карду ҳиққосзанон гирист. Ҳама хомӯш, сухани ин зани ҷафокашидаро мулоҳизакунон, ба роҳ афтоданд.

– То Чарсем чӣ қадар роҳ аст? – овоз баланд кард Манзаршоҳ.

– Якрӯза роҳ, – посух гуфт Пасор.

– Дамгирии калон дар ҳамон ҷо мешавад! – амр дод Манзаршоҳ ва аспашро қамчин зад. – Роҳи сафед, оби соф!

Сари роҳ мири Рӯшон бисёр мехост, ки бо халқ мулоқот кунаду онҳоро даъват кунад, ки аз номҳои қирғизӣ гузаранд, вале то расидан ба деҳаи Имом на хонаеро диданду на ба одаме вохӯрданд. Фақат вақте ба Ҷелондеҳ расиданд, дар пуштакӯҳҳои дарасори ҷанубии он, ки Майсара ном доштааст, чанд айлоқҷои пур аз молу говро дучор омаданду халос. Ба сабаби аз роҳи калон дур ва дар он сӯи рӯди дар ин мавзеъ аллакай пуроби Ғунд воқеъ гаштани айлоқҳо, Манзаршоҳ дар ин ҷо таваққуф накард ва башитоб асп ронду соате пас корвонашон ба деҳаи Имом расид. Имом деҳаи сабзу хурраме будааст бо заминҳои ҳосилхези ҳазорзаҳу ҷав ва гандум. Дар канори чапи роҳ, ҷое, ки аз синаи кӯҳпоя чашмаи чун шиша шаффоф ҷӯшида мебаромад, дар байни анбуҳи дарахтони вану беди хуррамсабз иморатаке ба

назар метофт. Пасор сари аспашро ба ҳамон тараф тоб дод. Дигарон низ ба вай пайравӣ карданд. Вақте наздик расиданд, диданд, ки дар лаби чашма, ҳар ҷо-ҳар ҷо дар сояи дарахтон даҳ-дувоздаҳ нафар марду зан ва кӯдакон нишастаанд. Саворонро дида, аз байни онҳо ду нафар ба пешвозашон қадам заданд.

– Уҳу! – хитоб кард Мирзоазиз, – остонро ҳам қирғизҳо гирифтаанд-ку!

Дар ҳақиқат шахсони назди остон ҳамагӣ қирғиз буданд. Саворон пиёда гаштанду қирғизҳо ба онон салом доданд.

– Ассалому алайкум, бародарон, – яке аз онҳо, ки сараш луч буд, ба шуғнӣ забон баркушод, – биёед, хуш омадед!

Манзаршоҳ дилу бедилон дастони дарозкардаи онҳоро фишурду пӯписаомез гуфт:

– Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?

– Мо? – канда-канда хандаи тамаллуқолуд кард қирғизи қалпоқдор, – Чӣ кор мекунем? Зиёрат мекунем, тахсир.

– Аҳаа, – мад кашид Манзаршоҳ, – шумо аз ин қишлоқ нестед?

– Не, – ба ҳамон хандаву ҳамон суммот посух дод қирғиз, – албатта, не. Мо аз Тохтамиш омадаем, тахсир … барои зиёрати пайғамбар Алӣ.

– Кори хубе мекунед, – садои Манзаршоҳ оҳанги меҳрубонӣ пайдо кард, – пайғамбар Алӣ не, имом Муҳаммади Боқир.

– Мо инро остони «Пайғамбар Алӣ» мегӯем, тахсир, – гуфт қирғизи сарлучи одамсар, – ҳар сол аз мардуми мо касоне омада, зиёрат мекунанд.

– Остони Алӣ ҳам гӯед, иштибоҳе нест, – розӣ шуд Манзаршоҳ ва пурсид: – Остон ягон хизматгор дорад ё не?

– Дорад. Даруни пирхона нишастааст.

Манзаршоҳ пеш рафтан хост, ки қирғизи сарлуч аз дасташ гирифт:

– Тахсир, одами хонда менамоӣ, илтимос, ба як арзам доварӣ кун.

– Бигӯ, – қадам нигоҳ дошт Манзаршоҳ.

– Гап дар он, ки қавми ман ҷойҳои муқаддасро бо сари луч зиёрат мекунад, лекин остонбон рӯзи дуюм боз сари луч моро роҳ намедиҳад. Чӣ кор карданамонро намедонем.

– Шарикат сарпӯш дорад-ку, ту ҳам қалпоқе ба сар куну даро, – посух дод Манзаршоҳ.

– Шарикам аз қавми дигар аст, қавми ман дигар, тахсир. Агар сарамро пӯшида зиёрат кунам, қавмам қабул намекунад, агар бо сари луч дароям, мулло қабул надорад. Агар ягон шахси хондагӣ дахолат накунад, аз он диёри дур ин қадар азоб кашида омаданамон беҳуда мешавад.

Манзаршоҳ ҳайрон китф дарҳам кашиду ба ҳамроҳонаш нигарист.

– Росташ, ман саводи қазоват надорам. Дар байни мо одами хондагӣ кӣ бошад?

– Ман хондагиам, лекин ба ин гуна савол боре ҳам дучор наомадаам, – гуфт Мирзозиз.

– Илтимос, ёрӣ диҳед, – чашмони қирғизи сарлуч аз эҳсоси дилшикастагӣ моломол гаштанд.

– Ҳамроҳи ман биё, – гуфт Манзаршоҳ ва тоқиашро аз сар гирифту ба Лахман дароз кард. – Дар кисаат гузор.

Ва ба пеш қадам ниҳод. Қирғизи сарлуч аввал дудила шуд, аммо вақте охирин нафар аз пешаш гузашта рафт, аз паси онҳо кашола шуд.

Манзаршоҳу ёронаш ба қирғизҳо салом дода, ба пушти иморат гузаштанд. Сарвиноз дар назди занони қирғиз монд, ки бо хушнудии зиёд ҳамҷинсашонро пешвоз гирифта, ба сари дасторхон шинонданд. Ғусл дар оби гуворои чашма хастагии мусофиронро дарзамон бадар овард. Садои дарёвгарони наврасидаро шунида, остонбон аз дарбача баромаду ба тамошои онҳо истод. Вай ҷавонмарди тахминан чилсолаи қоқинаандоми сабзпӯше будааст бо риши чун ангишт сиёҳи то ишкам расида, бинии уқобӣ ва гӯшҳои калон. Аз либосу рафтор одамони калоншаванда будани меҳмононро пай бурд магар, ки пеш рафту салом дод ва шакаррезӣ кард:

– Бузургон марҳамат фармоянд ба остони муқаддаси имоми муттақиёни олам Мавлоно Муҳаммад Боқир ибни Мавлоно Зайнулобиддин ибни Мавлоно Ҳусейни шаҳиди дашти Карбало ибни Мавлоно Алии Муртазо.

Манзаршоҳ дудаста бо ҷавонмард расми салом баҷо оварду гуфт:

– Обу донаи бандаи дар назди ин остони бузург шарманда ҳамин рӯз кашидааст, ки сар ниҳодан ба санги он бар мо муяссар гардида бошад. Вақте аз Рӯшон мебаромадам, ба хаёлам ҳам намерасид, ки чунин бахте дар ин сафар насиби ман хоҳад шуд.

– Ҷонам фидои қадами муборакат, магар мир Манзаршоҳ ҳастӣ?

– Оре, Манзаршоҳам, бародар. Ту аз куҷо донистӣ?

– Зиёратгарони раҳгузар гуфтанд, – ва чашмаш ба қирғизи сарлуч афтоду ангушти ишора ҷонибаш рост карду афзуд, – якеашон ҳамин сарлуч.

Манзаршоҳ саволомез ба қирғиз нигарист. Чеҳраи вай аз хурсандӣ шукуфт:

– Оҳо, чи хушбахт одамам, ки бо худи паҳлавон Манзаршоҳ салом кардам! Овозаи ба Помир лашкар кашиданатонро тамоми халқ медонад.

– «Номи Рустам беҳ аз Рустам» гуфтани мардум ҳамин будааст, – лабханд зад Манзаршоҳ.

– Рустамашро надонам, лекин Манзаршоҳ беҳтар аз номаш будааст, тахсир, – хушгӯӣ кард қирғиз.

Остонбон каме саросема шуд ва давида, дарбачаро кушод, аммо зуд пӯшидашу:

– Қадаматон болои дида, аз дари калон дароед, – гуфт ва худ пеш даромад.

Онҳо дарун даромаданд. Остонбон ба сарҳои лучи Манзаршоҳу қирғиз нигоҳи гузарое афканду чизе нагуфта, дузону зад ва даст ба дуо бардошт. Дигарон ҳам болои намадҳои фарсуда дузону нишастанд ва омин гирифтанд. Остонбон дуои дуру дароз хонд. Сипас ҳамагӣ туғи байрақмонандро зиёрат карда, дасти ҳамдигарро бӯсиданд ва ин саодатро барои якдигар муборакбод гуфтанд. Остонбон бо баёни фасеҳ ва лаҳни малеҳ забон ба гуфтор кушод:

– Ба номи Мавлои замон, дидори ғайбӣ бароятон муборак бошад. Акнун, эй азизон, гӯш фаро диҳед ба ривояте, ки он ҳақиқатан ҳам муъҷизавӣ будани ин остонро ба шумо ошкор менамояд. Замоне душманон ба ҷони имоми замони давр Мавлоно Муҳаммади Боқир қасд мекунанд. Мавло ба наздиконаш мегӯяд,

ки ягона роҳи наҷот аз душманон паноҳ бурдани ӯ ба кӯҳи Ломиён мебошад. Онҳо ҳайрон шуда, мепурсанд, ки ин кӯҳ дар куҷост ва чӣ хосияте доштааст, ки мавло аз он паноҳ металабад? Ӯ дар ҷавоб мегӯяд, Ломиён дар Шуғнон мебошаду хосияташ он аст, ки аз тулуъ то ғуруби офтоб ба дувоздаҳ ранг медурахшад. Аз синаи ин кӯҳи муъҷизавӣ ҳафт чашма ҷорӣ мешавад. Ман дар ғори Ломиён даромада, аз он ҷо тамоми оламро идора мекунам. Кӯтоҳи гап, Мавлоно Муҳаммади Боқир ба гулбонги Ломиён – ба дараи мо меояд. Халқ ӯро бо иззату икроми зиёд пешвоз мегирад, барояш хона сохтанӣ мешаванд, аммо Мавло мегӯяд, ки барои пойдор намудани дин дар дунё ба ғори Ломиён медарояд. «Ман ба муҳимтарин корҳои худ дар ғор машғул мешавам, – мегӯяд Мавло. – Илтимосам ин, ки агар ба саратон ягон балои азим наояд, дигар маро баҳудаву беҳуда ташвиш надиҳед. Агар дучори бадбахтии сахте гардед, ба дари ғор омада, даф навозед. Он вақт ман берун меояму ба доди шумо мерасам». Мавло ҳақиқатан ба ғор даромада, бедарак мешавад. Мардум чанд моҳ мебинанд, ки аз имомашон на саре пайдосту на садое, ба маслиҳат мешинанд ва аз нодониву гумроҳӣ ба қароре меоянд, ки мавлои замонро биозмоянд, ки ваъдаи кардааш дуруст аст ё нодуруст. Хуллас, ба васвасаи шайтони раҷим боварм екунанду дафу дуҳул гирифта, ба дари ғор меоянд ва ҳаёҳу мебардоранд. Фурсате нагузашта, Мавлои замон сиҳату саломат, зебову барно берун меояду мепурсад, ки чӣ бадбахтие ба сарашон омада, ки ӯро аз кори муҳиммаш боздоштанд? Мардум лоҷавобу мулзам мемонанд. Мавло мефаҳмад, ки онҳо ба гапаш бовар накарда, барои озмудани ӯ ба чунин кор даст задаанд. Меранҷаду мегӯяд: «шумо гоҳе ғунд, гоҳе парешон будаед» ва ба ғор медарояду боре ҳам дигар бадар намеояд. Аз ҳамон вақт номи диёри мо Ғунд мешаваду мардумамон дар интизори баромадани Мавлои худ аз даруни ғор насл ба наслу фасл ба фасл чашми интизоранд. Ҳоло ҳам умед дорем, ки он бузургвор ба назди сагони даргоҳи худ мебарояду мо дар пояш афтида, барои гуноҳи азими бобоёнамон аз ӯ афв мепурсем.

Остонбон нақлашро анҷом доду мунтазири пурсише чашм ба сӯи меҳмонон дӯхт. Хомӯшии гарон хоначаро дар чодари хаёлҳои гарон печонд. Эҳсоси ногувори гуноҳ ба дилҳо рахна заду дар рагу

пайҳо пароканда гашт. Аҷаб эҳсосе! Барои гуноҳе, ки дар кадом қарн муридони шаккок ба он муртакиб шудаанд, акнун ранги шарм дар буҳтаи ҷон бояд омехту араққи хиҷолат аз рухсораи арғавон бояд рехт. Ин аст қудрати Кирдигори ҷаҳону ин аст ҳамбастагии инсон ба инсон!

– Аммо пирамон Носири Хусрав моро панд медиҳад, ки аз бахшоиши илоҳӣ ҳеҷ гоҳ ноумед набояд шуд, ба ин абёт:

***Худовандо, маро тавфиқ додӣ,***
***Дари маънӣ ба рӯи ман кушодӣ.***
***Агар саҳве бирафт аз мо, уфу кун,***
***Дарида пардаи корам, руфу кун.***
***Ба ҷуду фазли худ бар ман бибахшой,***
***Маро аз фазл роҳи рост бинмой.***
***Хирад дар хотири мо рахт бингор,***
***Хаторо бар забони банда магзор.***
***Бад-ин нодониву аҷзам бибахшой,***
***Маро аз фазл роҳи рост бинмой.***
***Аё Носир, ту дар роҳи Худованд***
***Умеди раҳматаш бар хеш пайванд.***

Ба валои он ҳазрати дарёшукӯҳ аз ҳафт ҷойи кӯҳи Ломиён чашмаҳо ҷорӣ гаштанду ин маконро ба гулистон мубаддал намуданд. Ҳафт чашма ба ҳам даромехта, рӯди равон мегарданд ва ҳар рӯз ба миқдори рангҳои кӯҳ – дувоздаҳ ранг – сангреза бо худ меоваранд. Сангрезаҳо бисёр дардҳоро шифо мебахшанд. Шумо ҳам чандеро бо худ бигиред. Агар ягон узватон дард кунад, сангро дар об тар карда, ба он гузоред, «ту дидӣ, ман надидам» мешавад.

Қиссаи асрорангези остонбон аҳли нишастро мабҳут кард. Онҳо ба болои санги остон назре аз қабили каллақанду қуруту нону яхниву тангаву ҷавоҳирот гузошта, як-як ба рӯи ҳавлӣ баромаданд. Қирғиз пеш аз баромадан ба остонбон нимтаъзиме карду гуфт:

– Тахсир, ба ману паҳлавон иҷозат додӣ, ки бо сари луч зиёрат кунем. Акнун, илтимос, ба дигар хешу қавми ман ҳам иҷозат бидеҳ. Рӯзи дуюм аст, ки вақтамон зоеъ магардад. Дар пеш роҳи дуру дароз дорем…

Манзаршоҳ китфи қирғизро фишурд ва оҳиста ба тарафи дар телааш дод.

– Исми шарифат чист, бародар? – пурсид Манзаршоҳ, вақте қирғиз дарро аз паси худ пӯшид.

– Худоназар, – посух дод остонбон.

– Номи ба касабаат мувофиқ, – гуфт Манзаршоҳ, – роҳашон бидеҳ, ки зиёрат кунанд, Худоназар. Расму русумашон ҳамин тавр бошад, бигузор мувофиқи орзуву ормонашон амал кунанд. Ман ҳам тоқӣ ба сар накардам, аммо имонам заррае накост, баръакс, бештар гашт.

Худоназар пушти сар хоридаву калла ҷунбонда розӣ шуд:

– Дар ин бора падару бобоям маро сахт таъкид карда буданд, мир. Лекин хотират баландӣ карду чизе нагуфтам. Охир, инҳо таомулро мешикананд.

– Мулло, буз ба пои худ овезон асту гӯсфанд ба пои худ. Ту беҳтар донӣ, аммо аз роҳи садманзила инҳо ба нийяти зиёрати имоми ману ту омадаанд, на барои намоиш додани қалпоқу рӯсарии худ. Барои инҳо таассуб накунӣ, беҳтар.

– Рост мегӯӣ, мир, – аз насиҳати Манзаршоҳ мутаассир гашт Худоназар, – минбаъд ба фармудаи ту мекунам.

Манзаршоҳ чашмонашро нимпӯш ва диққаташро барои ба хотир овардани андешае равона карду лаҳзае пас гуфт:

– Як дӯсти бадахшӣ доштам дар Файзобод, қозӣ буду ҳамеша чунин байт мегуфт:

***Дилтанг чӣ суд, илоҷи дилтанг чӣ суд?***
***Дар кори Худо ситезаву ҷанг чӣ суд?***

Дилро васеъ бигир, ки кори дин аз кори дунё тамоман фарқ дорад...

Пас аз он ки Сарвиноз ҳам остонро дарёвид, Манзаршоҳ пеш аз таҳтӯл нахуст худ савганд ёд кард, ки сирри дар хоки Шуғнон ҷойгузин намудани кӯчрондагонро то зинда аст, нигоҳ медорад ва ҳамраҳонашро низ қасам дод. Дар ин байн Худоназар барои онҳо аз хонаи худ корсон-корсон қалякабобу оши боқилоӣ овард ва тамоми меҳмонон, аз қирғиз то тоҷикро ба сари хони зиёфат шинонд ва худ рубоб гирифту ҳамроҳи ду писараш дар

васфи расулу аҳли байташ қасидаҳо хонда, вақти зоиронро ниҳоят хуш кард. Сипас Манзаршоҳу корвони Манзаршоҳ бо Худоназари остонбон ва қирғизҳои худотарсу мусалмон падруд гуфтанду ба роҳашон давом доданд. Раҳораҳ Манзаршоҳ мавзеъҳои сабзу хуррами ҷангалзор, кӯҳдоманаҳои сералаф ва деҳаҳои аз буна холии водиро дида, ба қароре омад, ки баробари расидан ба Баҳрпанҷа мавзӯи мардумнишин кардани сарҳади Ғунд ва Шохдараро назди Юсуфалихон ба миён мегузорад. «Рунду тунд ба рӯяш мегӯям, кӯчи мардумеро, ки ҳузурашонро дар пойтахт намехоҳӣ, на ба Чину Туркистон, балки ба ҳамин ҷоҳо бирон, вагарна пас аз се-чор сол қирғизҳо Шуғнонро бе кадом ҷангу хунохаспӣ соҳиб мегарданд».

Агар андешаи Манзаршоҳ ба дарбору сиёсат машғул бошад, дар сари Мирзоазиз мавзӯи тамоман дигаре чарх мезад. Манзараҳои зебо, оби фаровон, саҳроҳои пуралаф ва ҷангалзорони анбӯҳи Ғунд дили ҷавони ӯро шефтаву мафтун карда буданд. Бисёр мехост доиман дар оғӯши табиати афсонавии ин диёри нозанин бошад. Аз ҳавои ҷонбахши он нафас бикашад, аз оби тавонбахши он, ҳар гоҳе дилаш хост, бичашад ва ҳар бадбахтеро, ки бар ин хок пойи тааруз дароз бикунад, бикушад. «Замину зиндагӣ ин ҷосту мо дар пучоқи чормағзи байни дарёву кӯҳ устухонҳоямонро фишурда гаштаем. Ҳатто барои бузкашиву аспдавонӣ майдони кофие надорем. Лекин дар ин ҷо анбон-анбон замину майдон-майдон аспрезро ба ихтиёри аҳли вуҳуш гузоштаем. Ҳо, ана, он вусъатободи он бари дарёро нигар, чашмат аз беохирии он монда мешавад. Хона бисозу замин бишикан ва фарохпову қадрост зиндагонӣ бикун!» Вай бо қамчин он сӯи рӯди Ғундро нишон доду аз Дурманча пурсид:

– Он тараф чӣ ном дорад?

– Миёншаҳр.

– Буна дорад?

– Чор-панҷ буна дорад, ҳар-ҷо ҳар ҷо.

– Ин қадар деҳаи фарох будааст.

– Оре, фарох ва фарохофтоб.

Мирзоазиз асп маҳмез зада, ба Манзаршоҳ расид ва гуфт:

– Мир, агар иҷозат диҳӣ, ману Дурманча деҳаи ӯрӯяро чархе бизанем.

– Дар он ҷо чӣ мекунӣ? Ё ягон куч[1] дорӣ? – ҳазл кашид Манзаршоҳ.

– Росташ, ба тамошо меравам.

– Хай, равед, лекин бисёр наистед.

– Худо хоҳад, дар Оқмаҳмад ба шумо мерасем.

– Оқмаҳмад?

– Бале, Оқмаҳмад, – посух дод Дурманча, – аз ин ҷо як фарсанг дур аст.

– Боз номи қирғизӣ? – норозиёна ғур-ғур кард Манзаршоҳ, – ҳеҷ нафаҳмидам.

– Ҳамин ном ҳам қирғизӣ будааст? Росташ, ман диққат надодаам, – гуфт Мирзоазиз, рост дар байни Ғунди Боло-е!

– Лекин ягон қирғиз надорад, ҳамаашон шуғнонӣ, – Манзаршоҳро дилпур кардан хост Дурманча.

– Биравед, зуд бошед! – Манзаршоҳ ба сағрии аспи Мирзоазиз, шояд барои паст кардани хашми хеш, тозиёнае фуровард.

Мирзоазизу Дурманча сари аспонро ба сӯи дарёбод гардонда, лукка давонданд. Корвон роҳашро аз миёни ҷангалзори анбӯҳ ва марғзорони хуррам давом дод.

Офтоб сари кӯҳ нарасида, корвон ба деҳаи Чарсем даромад. Ин асно Мирзоазизу Дурманча низ дав-давон расида, ба ҳамсафарони худ ҳамроҳ шуданд.

– Чӣ хабар? – аз Мирзоазизи ба шафаташ расида пурсид Манзаршоҳ.

– Миёншаҳр ба ман сахт писанд афтод, мир! Макони фарох, ҷои зебо! – бо ваҷд хитоб кард ҷавонпаҳлавон.

– Боз ҳавои хона кардан дар он ҷо ба сарат наафтода бошад?

– Росташ, бисёр мехоҳам, мир. Гапи дили маро гуфтӣ, лекин Баҳшор куҷову Миёншаҳр куҷост?

– Чархофалаки дунё одамро ба ҳар ҷо партофтанаш мумкин, – гуфт Манзаршоҳ ва чашм ба кӯҳрезаи дарозрӯяи девормонанде дӯхт, ки пас аз убури ҷангалзор банохост аз пеш баромад.

---

[1] Куч – духтар, маъшуқа

Қалъаи таърифие, ки Муҳаббатхон сохта буд, дар аввали деҳ, миёни селкандае воқеъ будааст, ки тӯда-тӯда харсангҳои бузург дошт. Вақте Дурманча ба масобаи роҳбалад «ана, қалъа ҳамин аст» гуфт ва сари аспашро ҷониби чап гардонда, ба тарафи кӯҳ роҳ гирифт, барои Манзаршоҳ чанд дақиқа лозим шуд, ки аз баҳри бо чашм ҷустани иморати баланди таворадор бигзарад. Мавзее, ки «қалъа» номида шуд, чор иморати дуошёнаи сангин буданд ба дурии чил-панҷоҳ қадам аз ҳамдигар. Дар гирду атрофашон молу сутури бисёре, пароканда аз лаби дарё то миёни кӯҳдоманаҳо, чаро мекард. Пайдо шудани саворони мусаллаҳ дар назди қалъа хомӯшии гарони онро заррае барҳам надод. Дурманча дар назди иморати аввал истода, фарёд кашид:

– Касе ҳаст?

Аммо касе ҷавоб надод. Аҳли корвон пиёда шуд. Манзаршоҳ ба дидани сохту пардохти бино машғул шуд. Лахману Пасору чанд тани дигар аз паси ӯ рафтанд. Мирзоазизу Дурманча ва ду-се тани дигар ба қасди пайдо кардани касе сӯйи иморатҳои ҳамшафат қадам заданд. Сохтмон аз тӯпхонаҳои маъмулие, ки Манзаршоҳ дар мавзеъҳои гуногун дидаву дар барафроштани чанде аз онҳо шахсан иштирок кардааст, ҳеҷ камие надошт. Табақаи поёнии ин биноҳои низомӣ барои нигоҳ доштани бузу гӯсфанди ширдеҳ истифода шуда, на дар дошт, на дарича. Онро «ғиҷид», яъне оғил меномиданд. Табақаи дувум худи тӯпхона буд. Дар чор девораш равзанаҳои тирандозӣ дошт, ки «тоқ»-ашон мегуфтанд. Тӯпхона як дари ягонаи пастак аз чӯби мустаҳками дегз дошт, ки ба он тавассути нардбон мебаромаданд ва пас аз баромадан нардбонро боло кашида, ба ҳамин васила ворид шудани душманро ба дохили иморат номумкин мегардонданд. Ба ғиҷид аз боло тавассути нардбон фуромада, молро коҳу беда медоданд ва ширашро ҷӯшида, ба ҳамин тариқа ғизои одамонро таъмин менамуданд. Дар табақаи аввал ҳамчунин анбор барои нигоҳ доштани асбобу абзор, силоҳ, озуқа ва коҳу беда низ ҷой гирифта буд. Ҳар як тӯпхона дар замони ҷанг ба нуқтаи асосии муқовимат ба душман ва паноҳгоҳи боэътимоди сокинони гирду атроф мубаддал мегашт.

Ҳар чор иморати «қалъа» аз одам холӣ буд. Вале андоваи беосебу дарҳои лукдор ва тозагии гирду атрофаш аз он шаҳодат медоданд, ки он бенигоҳубин нест.

Ин асно Мирзоазизу Дурманча марди пастқади сиёҳчурдаи чиғдалибосеро пешандоз карда ба назди Манзаршоҳ расонданд. Мард риши фаххосии паҳну парешон, асои аз қадаш як оринҷ баландтар ва кашкӯле бар пушт афканда дошт. Баробари ба назди Манзаршоҳ расидан, бо табассуми ҳайратолуд ба ҳамаашон дудаста салом дода, меҳмонони ногаҳониро гарм пазируфт:

– Саломолек, саломолек, ҷонам садқа, чи хуш, ки омадед. Хуш омадед, хуш омадед!

– Ту кистӣ? Чаро дар қалъа ҷонзоде нест? Ин моли бешумор моли кӣ бошад? – паси ҳам саволҳои дилашро қатор кард Манзаршоҳ.

Мард саросема нашуда, бо нигоҳҳои санҷишомез тӯдаи одамони бегонаро аз назар гузаронда, ба ҷойи посух худ савол гузошт:

– Аввал шумо бигӯед, кӣ кистеду ба чӣ мақсад ба мулки ман омадаед?

Истодагарии як марди одии ҷулҳундинамо ба Манзаршоҳ писанд омад. Вай бо қаноатмандӣ лабханде шукуфонду гуфт:

– Номи ман Манзаршоҳ аст, ҳокими Рӯшон мебошам. Ин ҷавон Мирзоазиз – кордори Баҳрпанҷа, инаш Сарбаланд паҳлавон аз Хоруғ. Боз шинос кунам ё бас?

– Фаҳмидам, андуволон. Ман чӯпони шоҳи Шуғнонам. Номам – Тирандоз. Молеро, ки мебинед, аз они шоҳ асту ману бародарам онро мепоем.

– Фақат туву бародарат дар ҳамин қалъа мебошед? Ё посбонон ҳам дорад? – бетоқатона пурсид Манзаршоҳ.

– Ҳоло вақтинча қалъаро ба мо супурдаанд.

– Кӣ? Барои чӣ? Куҷо рафтанд? – садои Манзаршоҳ хашмолуд баромад.

– Посбонон қалъаро ба мо супурда ба ҷанг рафтанд!

Чунин ҷавоби ғайримунтазир гӯё оташаке буд, ки чун найза тори сарҳоро шикофта, дилу ҷигарро пора карда, ба замин расиду ҳамаро дар ҷояшон гулмех зад.

– Ба кадом ҷанг? – Манзаршоҳ аз беқарорӣ чанд қадам ҷониби Тирандоз гузошт.

– Эҳ, шумо чӣ хел ҳукуматдоред, ки дар пойтахт ҷанг асту шумо бехабар?

– Мо қариб як моҳ боз дар Помир будем, – ҷавоб дод Манзаршоҳ, – барои ҳамин.

– Ҳа-а, фаҳмо. Як ҳафта пеш оқсақол Шоҳсабой ба қалъа омада гуфт, ки бадахшиҳо ба пойтахт ҳуҷум кардаанду навкарон ба ҷанг раванд. Онҳо рафтанд.

– Тавбат-ун-насуҳо! – шигифтзадаву музтарибҳол хитоб кард Манзаршоҳ. – Оқсақол куҷост?

– Дар хонааш.

– Савор шаву нишон деҳ! – амр дод Манзаршоҳ ва ба тундии бод ҷаҳида, ба аспаш нишасту даст ба ҷӯпон дароз кард, ки ба қунҷиғааш бинишинад. Аҳли корвон ҳам дар як нафас ба саворихои худ нишаста, галаи аспони ба чаро сардодаро ҷамъ оварда, пеш андохтанд ва аз паси Манзаршоҳу Мирзоазиз ҳаракат карданд.

Оқсақоли Ғунди Боло Шоҳсабоиро ҳамроҳи панҷ нафари дигар дар сари шоҳроҳ дучор омаданд. Мирзоазиз оқсақолро дида, рост наздаш ронд:

– Ассалому алайкум, амаки Шоҳсабой! Ман меҳмон овардам, лекин ту, мебинам, ки рафта истодай.

Шоҳсабой ва ҳамроҳонаш дарзамон аз аспҳо фуромада, ба истиқболи меҳмонон шитофтанд. Манзаршоҳ Шоҳсабоиро ҳолпурсӣ карду дарҳол сари мақсад омад:

– Оқсақол, маро ту намешиносӣ. Мири Рӯшонам – Манзаршоҳ…

– Ҷонатро ниёзам, – гапи Манзаршоҳро бурид оқсақол, – номи баландатро бисёр шунидаам, вале надидаам. Чарсеми моро Ҳиндустон кардӣ, марди бузург!

– Ҳазор раҳмат, бародар. Чарсем худ Ҳиндустон будааст, вале ҳоло вақти тамошо надорем. Бояд ба пойтахт бидавонем.

– Мо ҳам азми пойтахт кардаем. Озуқа мебарему амри шоҳро гирифтанием.

– Боракаллоҳ! – Манзаршоҳ аз таҳти дил хурсанд шуд, – калон бояд ҳамин хел бошад. Ин бадбадахшиҳо дар ниҳоят бадиашонро карданд. Лекин қалъаро беодам гузоштан хуб нест.

– Медонаму ҳафтае пеш пайк чунин амр овард. Маҷбур итоат кардам.

– Чанд посбон дорад?

– Дувоздаҳ нафар.

– Харҷашонро кӣ медиҳад?

– Нонашонро мо тадорук мекунем, гӯшту равғанашон – аз ҳисоби моли подшоҳӣ. Дар ҳар даҳ рӯз барояшон як гӯсфанд мекушанд.

– Ҳоло, оқсақол, ман ана ин ҷавонмардонро то омадани навкарон ба посбонии қалъа муваккал мекунам. Калонашон Пасор, ҷанговари корозмуда аст. Дар вақти ҷанг кадом харкалла чунин фармони беақлона додааст, ки қалъаро бе дидбон гузоранд? Гапи маро қабул дорӣ?

– Қабул, ба ҷону дил қабул, мир, – даст ба сина гузошт Шоҳсабой.

– Ин тавр бошад, рафтем, ки ҳар дақиқа ғанимат аст. Пасор, илтимос, ту бо дастаат то расидани навкарон дар қалъа бош. Баъде ки навкар омад, дигар ихтиёрат, куҷое, ки дилат хоҳад, бирав.

– Маро бо ҳузурат сарафрози олам гардондӣ, Манзаршоҳ! – гуфт Пасор, – иншоollоҳ, Худованд моро боз ба ҳам мерасонад.

– Мардиву ҷавонмардии туро ба ҳама мегӯям, – ба посухаш гуфт Манзаршоҳ.

– Дар хона чизе бихӯрем, баъд роҳакӣ шавем, – муроот кард Шоҳсабой.

– Сипоси фаровон, оқсақол, ҳоло аз гулӯям чизе намегузарад. Ҳушу ёдам ба Баҳрпанҷа банд аст. Ҳарчи тезтар ҷунбем, беҳтар. Тамоми шаб роҳ равем, саҳар мерасидагистем.

– Иншоаллоҳ, то видоби аввал дар Баҳрпанҷа мешавем.

Манзаршоҳ Пасору ёронашро бародарвор ба оғӯш гирифта, хайрбод гуфт. Дасти Сарвинозро бӯсиду нимшунаво наҷво зад:

– Азобҳои кашидаат диламро реш кард, хоҳарам. Юсуфалихон нисбат ба ту адолат нигоҳ надошт.

Дар чашмони зебои зан даме шуълаи хашм барқ заду ҷояшро меҳрубонии аламолуд гирифт:

– Паҳлавон, бидон, ки Юсуфалихону авлодаш ҳеҷ гоҳ ба мардуми мо дӯст намешаванд. Туро ҳам барои садоқату зӯри бозувонат нигоҳ медоранд. Андаке густохӣ кардӣ ё дар панҷаат қувват на-

монд, ҷонашонро ҳам харида бошӣ, корагар намеояд. Хуни ману ту ҳеҷ гоҳ бо инҳо намеомезад.

Суханони Сарвиноз ба Манзаршоҳ нафориданд, аммо барои озурда нашудани хотири бе ҳамин ҳам ранҷури вай, фақат чунин ҷумлаи таскиномезро ба забон овroutine халос:

– Худованд дигар ба гул озорат надиҳад, хоҳари азиз!

Хуршед охирин табассумҳои ширини худро нисори сафариёни нобаҳангом намуда, дар паси қуллаҳои теғосои дараи Ғунд пинҳон мешуд. Манзаршоҳ бо дили пур аз ташвиш ва сари пур аз андешаҳои мағшуш башитоб асп меронд. Хабари ба Шуғнон ҳуҷум кардани бадахшиҳо дили сипаҳсолорро чун шаби бемаҳтоб сиёҳ карда буд.

## ОШТИИ НАНГОМЕЗ

Дар муддати ду рӯзи дигари будубоши худ дар Демурғон Маҳмудшоҳ фақат ба айшу ишрат машғул шуд. Сабаб: дилаш пур шуда буд, ки Юсуфалихон ҳам аз аспи ғурур фуромаду ҳам аз рикоби он. Ғайр аз ин, Асламхони гарданфарозу душмангудоз гаравгони дасти ӯст – агар шуғниён хурдтарин ҳаракате ба муқобили бадахшиҳо нишон бидиҳанд, дарзамон каллаи шоҳзода аз сари китфон мепарад. Барои ин ба пойҳояш завлона зада, дар чирезаки суфатанӯри хонаи Ширинбек ҷояш додаанд ва Аъзами Бомакониро ба посбонии ӯ баргуморидаанд.

Асламхон шоҳу муқаррабонашро намебинад, танҳо хандаҳои мастонаву бӯйи ғализи бангу афюнашонро мешунаваду нафрат дар вуҷудаш талотум мезанад. Аз ҳама бештару баландтар Аёзи амраднамуд қиқирросу бидиррос мезанад. Маҳмудшоҳ кам механдад, аммо баланду ноҳамвор ва охирашро ҳатман бо сулфа ҷамъубаст менамояд.

Аз тамоми сокинони Демурғон танҳо Ширинбек иҷозаи рафтуомад дар ҳудуди деҳаро дошт. Вай ба хонаҳое, ки соҳибонашон ба қавлу қасами шоҳон бовар карда, баргашта буданд, рафта, аз онҳо барои обу нони бадахшониён молу озуқа ҷамъ меоварду ба дасти таббохон месупурд. Ошпазони чирадасти сияҳпӯш аз он ҳар гуна хӯрок мепуханду ба хӯрди сипоҳ медоданд. Аммо обу нони

Маҳмудшоҳу даҳ-дувоздаҳ аъёну акобири ӯ тамоман ҷудо буд. Ҳар рӯз Сурхалишоҳи ёвари Юсуфалихон, вақти видоби дувум дар аспаробае то сафи аввали лашкари бадахшиҳо озуқа меовард ва ба дасти сипаҳбуд месупурду гашта мерафт. Дар халтаву сабаду сиптакҳо, кӯзаву қӯттиву сандуқҳо аз асалу шинниву ҳалвову бат сар карда, то биринҷу мошу нахуду боқилову риванд, гӯшти бузу гӯсфанду оҳуву мешаку хушгов, мурғу кабку тазарву кабӯтар, равғани зағиру чипосу[1] бодому чормағзу арзан, шаробу гулобу шираву шарбат, ребосу чукриву рову рошаку анзуру ҳулбуву райҳон ва ғайраву ҳоказо бебаркаш ба дасти хонсолори Маҳмудшоҳ мерасиду таҳийяву пухта мешуду зебу зиннати дасторхон мегашт. Ширинбек бо зану фарзандонаш ҳамоно дар чодаркаппаи гӯшаи боғаш шабҳоро мегузаронду рӯзҳо аз бими он ки мабодо касе дар пайи занони хонаводааш наафтад, ташвишу изтироб як лаҳза ҳам дилашро тарк намекард. Рӯзе, ки маҷлиси айш сар шуду аз шоҳ то аҳли рикобаш сархушу ширакайф гаштанд, Ширинбек дар ин бора ба Аъзами Бомаконӣ маддаи дилашро кафонд. Сабаби ба ин афсар бовар карданаш он буд, ки Бомаконӣ на май мехӯрд, на мухаддирот мекашид. Вай арзи соҳиби хонаро ҷиддӣ гӯш карду гуфт:

– Ғам нахӯр, оқсақол, инҳо ҳама медонанд, ки зинҳордори аҳли ин байт ман ҳастам. Дигар ки Маҳмудшоҳ ба зану духтар майле надорад. Вайро Аёзаш хотир медиҳад.

Ва хандаи истеҳзоомезе карду пайи кори худ рафт. Ширинбек пас аз ин бо дили пур, танҳо писари хурдиашро дар назди занон посбон гузошта, писарони дигару наберагонашро ҳам водор намуд, ки қисми зиёди ташвиши такудави гирд овардани озуқа ва иҷрои супоришҳои бешумори меҳмонони нохондаро ба гардан бигиранд. Ҳамчунин дар кунҷи дилаш аз Аёзи бетамизи бенамоз миннатдор ҳам шуд, ки дар чунин ҳоли танг бо Маҳмуди арвоҳнохушнуд ёр асту чашми ӯро ба сӯи авратинаҳои хонаводаи ӯ кӯр гардондааст.

«Пас масҷиду меҳробу дину шариат бароятон чӣ лозим, манҳусони лаънатӣ!» – Маҳмуду муқаррабонашро дар дил нафрину ҳақорат мекард Ширинбек, – «Боз мо дар пешатон кофар будаему шумо мусулмон! Бар зоту заминатон ҳазорон тфу!» Аммо ҳангоми эътироз набуду вақти баланд кардани овоз. Ширинбек ҳатто шарм

[1] Чипос - пахта

медошт, ки дар ин бобат ба писаронаш гӯшонае занад, чи расад ба Гуланори порсову покдомани худ, ки агар чунин гапро шунавад, эътиқодаш аз тамоми мардони олам мегардад, минҷумла аз шавҳари худаш. Ширинбек аслан ба мадорову оштӣ ҷустани Юсуфалихон бо ин истилогарони ҳаромхиштак розӣ набуд. Омодагии сипоҳи Шуғнон душманро ба таҳлука гузошта буд ва Ширинбек бовари тамом дошт, ки дар ин ҷанг шуғниён ҳатман дастболо мешуданд. Ва акнун ки хислату одоби Маҳмудшоҳи каллаварамро аз наздик донист, аз сулҳталабии Юсуфалихон ангушти надомат мегазид. «Кош фармонравоямон Асламхон мебуду оламро аз ин зотҳои ношариф мепардахтем».

Аммо ҳоло ин ҳама шабеҳи «қуд-қуди мокиён пас аз тухм кардан» аст. Ин бегоҳ Маҳмудшоҳ туҳфаву пойтахсӣ ва боҷу хироҷашро мегираду, –дурусташ меситонаду! – фардо субҳ фотеҳу музаффар ба Бадахшонаш бармегардад. «Аз ҳама шармовараш бардабарот аст! Боз чи қадар модар бефарзанду чи қадар фарзанд бедилбанд мегардад!»

Чун рӯзи дигар, мувофиқи ваъда, Юсуфалихон худаш анвоу аҷноси пойтахсиро ба хонаи Ширинбек овард ва чашми Ширинбек ба ҳафтод нафар писару духтари ба ҳамдигар баста афтод, дуд аз димоғаш ба осмони ҳафтум бархост. Онҳо ҳамагӣ беовоз мегиристанду дар чашмонашон фарёди гунбадшикоф гиреҳ баста буд. Зеро аз даҳони касе садое мебаромад, Ханҷартилову Ношак дарзамон ба пушташ тозиёнае фуроварда, хомӯшаш мекарданд. Юсуфалихон фармуд бору бандро аз улоғон фуроранд ва худ ҳамроҳи Мурассаъ, Муборак ва Ширинбек ба назди Маҳмудшоҳ даромад. Маҳмудшоҳ ба эҳтироми шоҳи Шуғнон на танҳо барнахост, балки аз ҷояш наҷунбид. Ҳатто ба саломаш алек нагирифту пурсид:

– Ҳамаашро овардӣ, шоҳак?

Юсуфалихон аз хиҷолату ғазаб суп-сурх шуд, худро аз гуфтани тарғузаву пичинг базӯр нигоҳ дошту бо табассуми сохта гуфт:

– Чизе гуфтам, овардам.

– Лоилоҷат гузоштам, вагарна, иллобиллоҳ, агар ту хареро барои ман раво медоштӣ.

Юсуфалихон сар дар пеш афканд ва дам назад.

– Ба гӯшат бигир! – гапашро давом дод Маҳмудшоҳ, – ҳар сол дар ҳамин соату замон ҳамин қадар молу чиз ва ғулому каниз меорӣ. Агар шуду дер кардӣ ё сар боз задӣ, аз худат гила кун. Фомидӣ?

– Фаҳмидам, – оромона посух дод Юсуфалихон. – Албатта, ба саломат меоям.

– Ту наё! Фомидӣ, наё! Саломи хунукат ба ман даркор нест. Хироҷатро фирист, кофист. Нафиристодӣ, ман ба ту боз саломи оташин мефиристам. – Ва заҳрханди жарфе заду ба Аёз, ки дар паҳлуяш дузону нишаста, якзайл ангуштон бар кулчаи зонувон зада, гӯё ба муносибати мағлубияти рақибони Маҳмудшоҳ доира менавохт, назар андохту афзуд: – Ё биёяд?

– На, на, чӣ лозим, шоҳам! – китфу бозувони худро ҷунбонда маҳин-маҳин садо баровард Аёз, – Зару сим ва писару духтари хубрӯ фиристад, барои мо ҳамонаш ҳам бас.

Маҳмудшоҳ қиқиррос хандиду ба Юсуфалихон рӯй овард:

– Ҳоло дилат хуб ба хубрӯёни шуғнониат месӯзад-а?

– Заррае ҳам парво надорам, – хунсардона посух дод Юсуфалихон, – инҳоеро, ки пешкаш овардам, ҳамагӣ зурriyати душманони ҷонии мананд. Бо дили фарох ба шумо мебахшамашон!

Ин гап чун тир дили Ширинбекро шикофид, дар вуҷудаш нисбат ба Юсуфалихон эҳсоси нафрат талотум зад. Вале ба ҷуз аз фишурдани сиву ду дандон ба ҳамдигар аз дасташ чӣ коре ҳам меомад?

– Кори дурусте мекунӣ, Юсуф, – сохтакорона лаб инҷ намуд Аёз. – душмани душмани ман дӯсти ман аст.

Юсуфалихон лаҳзае ба Аёзи носарфароз хашмолуд нигоҳи тунде андохту пас чашм сӯйи замин гурезонд ва гуфт:

– Метавонӣ қабул кунӣ. Девонбегӣ Мубораку оқсақол Ширинбеку писарам Асламхон месупоранд. Ман фардо субҳ то намози бомдод ба гуселатон мерасам. Сад сар молро фармудам, ки ҳамин ҳоло тарафи Файзобод ҳай кунанд. Мурассаъ, рафтем!

Ва рӯгардон шуду бо қадамҳои тез ҳузури Маҳмудшоҳро тарк кард. То Ширинбеку Муборак баромаданд, ки шоҳу саркӯтвол аспонашонро резачорпо давонда, дар як нафас дар паси дарахтон аз назарҳо гоиб шуданд.

Ин асно Аъзами Бомаконӣ Асламхонро низ аз хона бароварда, ба назди Ширинбеку Муборак овард ва гуфт:

– Шаҳбачаро тандурусту беосеб ба дасти шумо месупорам.

Онҳо Асламхонро ба оғӯш гирифта, салом доданду сипас ҳар се ба супурдани бухчаву бағоч пардохтанд. Ҳафтод хуфии ҷавон дар боғи Ширинбек паст-паст менолиданду қисмати бади худро лаънат мехонданд. Ханҷартилову Ношак шофҳо дар миёну милтиқҳо сари китф гирдашон мегаштанду ҳар замон дӯғу пӯписаашон мекарданд. Бо хоҳиши Гуланор Ширинбеку Давлатназар ҷавонаеро, ки ба чи сабабе он рӯз аз айлоқ фуромада, хона омада буд, забҳ намуданд ва Гуланору синхорони ӯ барои асирони ҷигартофта боҷ пухта, худоӣ доданд.

"Қудрати Худовандро бинед, – гуфт Гуланор, – аз ҳамон кӯҳи баланд ин моли ҳалол ба пойи худаш омад, ки ғарибонро сер кунем.

***Сабзаи болои кӯҳ аз оби борон тар шавад,***
***Бенавоёнро Худо ризқи ҳавоӣ медиҳад".***

То тира гаштани рӯз Асламхону Мубораку Ширинбек сандуқҳои сангҳои пурқимату зару сим, ҷуволҳои ғаллаҷот, бастаҳои қолину сӯзаниву бӯрёву намаду парчаро як ба як ҳисоб карда, ба дасти одамони Маҳмудшоҳ супурданд ва ба бом баромаданду дар интизори субҳ болои намади дуандозе паҳлуи ҳам дароз кашиданд. Ҳеҷ кадомашонро ба чашм хоб наёмад. Ҳар се бесаброна дамидани субҳро интизор буданд. Субҳеро, ки ниҳоят пойи Маҳмуди Ғазнавии навбаромаду лашкари ғаддори ӯ аз хоки Шуғнонзамин канда мешуд...

## ХАБАРИ НОХУШ

Бо ҳама шитобу тундпайӣ Манзаршоҳу ёронаш фақат наздики чошт аз тангноҳои дараи Сучон баромада, ба водии фарохи Хоруғ қадам гузоштанд. Хоруғи серзамину пурбоғ онҳоро бо меваҳои ҳил-ҳил пухтаву киштзорони серҳосил ва бӯйи сармасткунандаи боғу роғаш пешвоз гирифт. Пас аз Ғунди бемеваву Сучони камзамин Хоруғи чор сӯяш боғу бӯстон равзаи ризвони афсонавиро дар ёдҳо ба ҷилва меовард. Манзаршоҳ аз баландии Дашти Боло манзараҳои биҳиштосои воҳаи доирамонандро, ки ду рӯдбори се-

роб дар саргаҳи он ба ҳам расида, ба як рӯди бузург табдил меёфтанду он рӯди навтавлид ҷӯшону хӯрӯшон аз миёнаш мегузашт, тамошо мекарду аз зебоии ин диёри сабзу хуррам ҷаҳон-ҷаҳон ҳаловат мебурд. Водиро дар охири он кӯҳи осмонхароше, ки дар роҳи дарёбод афтода буд, ба ду дараи фарохи дигар тақсим карда, дарвозабони ҷомааш кабуду саллааш сафеди таҳамтанеро ба ёд меовард, ки гӯё хазонаи пурганҷеро зери ҳимоя гирифта бошад.

Галаи асп чангу ғубори тунукеро ба ҳаво бархезонда, ҷониби водӣ нишеб шуд. Мирзоазиз дар шафати Манзаршоҳ қарор гирифту лаҷоми самандашро кашид.

– Баҳрхоруғ! – хушнуду қаноатманд нидо баровард ҷавонпаҳлавон, – ҳӯ, он сарсафед кӯҳи Виёд, фарсанге онсӯтар – Баҳрпанҷа. Дараи рӯбарӯи мо Шохдара аст, бисёр фароху дароз.

Манзаршоҳ каф ба пешонӣ лапар карда, чашмонашро дақиқае дигар чаро доду гуфт:

– Рӯшон зебост, аммо Хоруғ бисёр дилкаш будааст. Баҳрпанҷа дар назди ин аз катаки мурғ калонтар нест.

– Рост мегӯӣ, – тасдиқ кард Мирзоазиз, – боз бунааш ҳам кам. Он тарафи Панҷ чӣ намак дорад, ки ваҷаб ба ваҷаб хона сохтаанд? Ин ҷоро бубин: тамоми Баҳрхоруғ ҳамагӣ ... – вай ба шумурдани хонаҳо пардохт, аммо якбора бозистоду хитобид: – Оҳо, саворонро бинед, чӣ кашокаше доранд!

Манзаршоҳ нигоҳашро ба самти чап, ба сӯи деҳае, ки қисмати зиёдаш дар паси теппае, ки болояш истода буданд, паноҳ мегашт, равона сохту худ низ ба таҳлука афтод. Панҷ-шаш савор ба ҳар сӯ метохтанду мардумро титу парешон мекарданд.

– Яке бадахшиҳо то ба ин ҷо расида бошанд, – хавотиромез гуфт Лахман, – ин доду бедодро бин.

– Худо медонад, – изтироболуд ба гап ҳамроҳ шуд Шоҳсабой, – чӣ кунем?

– Оқсақол, ту бо ду нафар аспҳоро саришта кун, мо сари ҷанҷол меравем. – Ва аспашро маҳмез заду хитоб кард: – Тохтем!

Онҳо дар ду-се дақиқа худро ба деҳа расонданд. Манзаршоҳ тозиёнаро дар сараш ҷавлон дода, роҳи навкареро гирифту бонг зад:

– Ин чӣ бедодӣ? Шумо кистед?

Навкар шамшер аз ғилоф кашида, ба Манзаршоҳ ҳамла бурдан хост, вале дар лаҳзаи охир ҷилави аспашро тунд кашиду фарёд баровард:

– Мир Манзаршоҳ?!

– Бале. Аммо ту кистӣ?

– Ман даҳаи сипоҳи шоҳ мебошам.

– Ба ҷойи задану кӯфтани бадахшиҳо ба мардуми худ теғ кашида истодаед. Ё бекор мондаед? – пӯписа кард Манзаршоҳ. – Пешандози халқро фавран бас кунед!

– Бас кунед! – то расидани неруяш гулӯдаррон овоз андохт даҳа ва рӯ ба Манзаршоҳу ҳамроҳони расидааш овард: – Шоҳ бо бадахшиҳо ба муросо расиду ду рӯз пеш онҳоро гуселонид. Моро барои ҷамъ овардани канизон фиристод. Мардум, албатта, духтар намедиҳад, лекин мо маҷбур астем...

– Юсуфалихон дар сари пирӣ канизро ба сараш мезанад? – ваҷоҳати Манзаршоҳ беҷо шуд.

– Сур дорад, – тавзеҳ дод даҳа, – духтарашро ба писари шоҳи Чатрор медиҳад. Арӯсро бояд бист канизак ҳамроҳӣ бикунанд.

– Бист канизак? – сарашро дошт Манзаршоҳ. – Ту чиҳо гуфта истодаӣ, бародар?

– Оре. Ман бояд аз Баҳрхоруғ шаш духтар бирасонам...

Ин асно марди қоқиандоми сарвқади камбағалнамое, ки дар сар тоқии фарсудаи нилобӣ, дар по кашфҳои чӯбӣ ва дар тан яктаҳи дарози шивинчии санаф дошт, бо қадамҳои тунду қиёфаи ғазаболуд ба наздашон расид ва бонг зад:

– Мо аз бадахшиву қатаған менолидем, шумо аз онон ҳам гузарондед, ломазҳабони лачартинат! Лаънати Худову халқ бар ту бод, Юсуфалихони мардумозор!

***Эй шоҳи бетамизак,***
***Гардан мисоли қезак.***
***Дар ришу дар фашат кард***
***Халқи гурусна мезак.***
***Кун духтару занатро***
***Бар ғосибон канизак!***
***Тезӣ макун, ки монем***
***Мо дар паси ту тезак!***

– Шоир! – бо ғазаб тозиёнаашро такон дод даҳа, – даматро бигир, ки дар ҷонам задӣ.

Вале мард баландтару баландтар фарёд кашид:

– Ба хубӣ ҷонатонро бигиреду нест шавед, набошад аз Баҳрхоруғ мурдаатонро мебароранд. Ин қадар хуфиро таги пои Маҳмуди лаънатӣ партофтед, бас набуд, ки боз ба сари мо омадед.

Даҳа ин бор ба гиребонаш даст андохтан хост, ки Манзаршоҳ намонд:

– Шиддат накун, мон гапашро гӯяд, – ва аз асп фуромаду ба назди мард рафт. – Ассалом, бародар, номат чист ва дар бораи хуфиҳо чӣ гуфтӣ?

– Номам Қудрат, Қудрати Шуғнонӣ, – ғазабашро фурӯ бурда, оромтар посух дод мард, – охир, ду рӯз пеш, назар ба шунидамон, ё ҳаштод ё сад духтару писарро аз бағали падару модаронашон канда, ба Маҳмудшоҳ ҳадя доданд. Унҳо ҳам фарзандони мо магар нест...

Давоми гапи Қудратро Манзаршоҳ дигар нашунид. Чашмонаш сиёҳӣ, гӯшҳояш қуфл заданд. Вай ду каф ба рухсораҳо бурду ларзида-ларзида сари по нишастан гирифт. Қудрат зуд ду даст зери бағалаш бурд, то фарши замин нагардад. Лахману Мирзоазиз дарҳол аз сари зинҳо парида, ба ёрии Қудрат шитофтанд.

– Об! – хитоб кард Қудрат ва ба сӯи ҷӯйбор давид.

То ба ҳуш омадани Манзаршоҳ мардуми оромгашта саворони навомадаро гирдпеч карда, мехостанд сабаби беҳуш шудани афсари гаронҷуссаи калоннамойро бидонанд, вале он мард базудӣ бархост, оби дар тоқӣ овардаи Қудратро то охир нӯшиду ба мардум муроҷиат кард:

– Ягон духтарро ба инҳо намесупоред! Шунидед? Як духтарро ҳам!

Дар байни халқ ҷунбиш афтод.

– Ман ба шоҳ чӣ гӯям? – хашмолуд садо дардод даҳа.

– Ту? Ҳеҷ нагӯ! Ман мегӯям! – садои сипаҳсолор аз хашм хирросӣ бадар омад. – Ҳоло халқро ба ҳолаш гузореду аз паси ман – ба Баҳрпанҷа!

Ва бо ду-се ҷаҳиш худро ба асп расонду савор шуд. Навкарони зердаст ба даҳа нигаристанд. Даҳа як ба сӯи издиҳом, як ба

Манзаршоҳ ва Мирзоазизу Лахмани ҳар яке баробари кӯҳе нигаристу ҷониби аспаш ҷунбид.

– Шоир, ман номатро шунидааму шеъратро медонам, – рӯ ба Қудрат овард Манзаршоҳ, – ба диловариат аҳсант! Сар амон монад, ба гулбонгат меоям. Паноҳ ба Худо!

Манзаршоҳ даст ба аломати хайрбод афшонду аспашро қамчин зад. Ҳамсафарону навкарон аз пасаш шитофтанд.

Ба ҳамин тариқа, ҳамсафарон то лаби Панҷ якрост асп давонданд. Манзаршоҳ тамоми роҳ боре ҳам ба ақиб назар наандохт. Маълум буд, ки хашмаш меҷӯшад. “Хоби дар Бартанг дидаам беҳуда набудааст. Рӯҳи Кекеи порсо маро аз бадбахтии ба сари хуфиён омада огоҳ карда будаасту ман нафаҳмидам. Афсӯс, сад афсӯс!” – худро дарунпокӣ мехӯрд Манзаршоҳ ва дандон месовид. Лахману Мирзоазиз аз оқибати ғазаби сипаҳсолор меандешиданд. Зеро медонистанд, ки аз душмании Манзаршоҳ Худо худаш нигаҳ дорад. То хасмашро ба хоки сияҳ нашинонад, ором намегирад. Ба ҳамин шаст метавонад рост ба боргоҳи Юсуфалихон дарояду тахту тоҷашро ба сараш реза-реза кунад. Ҳоло коре карда, ӯро аз саманди ҷаҳл фуровардан лозим. На Лахман, на Мирзоазиз ба чунин кор қодир набуданд. Синну солашон имкон намедод: ба он мемонд, ки чӯҷа очаашро ҷив-ҷив ёд бидиҳад. Танҳо касе, ки ҳаққи насиҳат кардан дорад, Шоҳсабоии куҳансол аст. Вале ӯ худро ё қасдан ақиб гирифта меояд, – аз паси галаи аспон, – ё роҳи дур хастааш кардаву тез ронда наметавонад.

Дар пудгоҳ[1] одам набуд. Ду ханкаши ҷавон аз бекорӣ сурббозӣ мекарданд. Маълум, ки он сӯи дарё пойи равандагонро батамом кандааст. Манзаршоҳ аз асп фуромаду ба лаби ларё шитофт ва чанд бор сарашро ғӯтонда, тафси баданро паст карду дасту по шуст ва то расидани Шоҳсабоӣ по дар об нишаст. Мирзоазизу Лахман ҳам чунин карданд. Ниҳоят Шоҳсабоӣ ҳам расиду сапал-сапал ба лаби об фуромада, дасту рӯ шуст ва пурсид:

– Мир, хан киро кунам ё худамон бигзарем?

Манзаршоҳ гӯё мунтазири ҳамин суол бошад, по аз об даркашид ва бо попеч онҳоро хушккунон ҷавоб дод:

[1] Пудгоҳ – ҷойи убури дарё

– Ману ёронам ба Бахрпанҷа мешитобем. Аз шумо хоҳиш: галаро баҳузур гузаронда, ба девонбегӣ супоред. Ман шоҳро як мебинаму саросема Рӯшон меравам. – Ва сукуте варзиду ба Мирзоазиз рӯ овард: – Мирзоҷон, бачам, туву Дурманча ҳам ба дастёрии инҳо бимонед. Худо насиб карда бошад, боз мебинем.

Шоҳсабоӣ аз авзои нофароҳами Манзаршоҳ рамуз гирифт, ки ӯ нийяти баде ба шоҳ дорад. Бинобар ин лаб ба насиҳат кушод:

– Андувол, мебинам, ки аз димоғат дуд мебарояд. Аммо оқилон гӯянд, дуд мераваду сиёҳии дег мемонад. Сари ғазаб ягон кори олам дуруст наомадааст. Беҳтараш имшабро дар ин тараф рӯз кунему фардо аз дарё бигузарем.

– Ҳазор раҳмат барои дилсӯзӣ, мӯйсафед. Вале кори ман ҳоло ба нангу номус печидааст. Хуб, ин кори ман аст. Аммо ту, ки дар охирин деҳкадаи Шуғнон ҳукуматдор ҳастӣ, бар он бикӯш, ки қирғизон дигар дарунтар наоянд. Ман дар ин бора шоҳро изтироб хоҳам дод. Дар ин кор Мирзоазиз ба ту ёрӣ мекунад. Ё не? – ба Мирзоазиз муроҷиат намуд мир.

– Албатта, бегуфтугӯ, – ҷавоб дод Мирзоазиз.

– Ҳолати сарҳадро ба чашми худат дидиву аз ман беҳтар медонӣ. Юсуфалихон ба он тараф ягон бор нарафта бошад, аз куҷо медонад, ки замини худро аз даст дода истодаем. Мирзоҷон, ба гувоҳии ҳамин ҷамъ, ба номи футуввати ҳазрати Алӣ, гирифтани пеши роҳи қирғизро ба ту месупорам. Ба умеди шоҳу девонбегӣ нашав, ки мулкамонро аз даст медиҳем. Қабул дорӣ?

– Қабул дорам! – гӯё ба ин кор пешакӣ омода бошад, қатъиву ифтихоромез ҷавоб дод Мирзоазиз.

– Савганд бихӯр.

– Қасам ба шеби алами Алии Муртазо.

– Ло фато илло Алӣ, ло сайфа илло Зулфиқор, – даст ба дуо бардошт Манзаршоҳ. – Ҳар балову ҳар қазо аз пеш ояд, рад кунад Парвардигор. Омин!

Ҳама омин гирифтанду даст ба рӯй кашиданд. Манзаршоҳ Мирзоазизро ба оғӯш гирифту аз ду чашмаш бӯсид. Сипас бо Шоҳсабоиву ҳамраҳони ӯ, як-як даст дода, хайрбод гуфту бо қадамҳои тунд ҷониби аспаш рафт ва онро ба тарафи рӯдбори аз пуробӣ монанд ба фили дамон ронд. Лахман ва даҳаву зердастонаш

низ аспҳои худро ба об андохтанд. Вақте ҷонварон ба он соҳил наздик шуданд, ҳамагӣ ба ханҳо нишаста, соҳили муқобилро омоч гирифтанд.

## ИСТЕЪФОИ МАНЗАРШОҲ

Хабари ба пойтахт ҳуҷум овардани шоҳи Бадахшон мардумро ба таҳлука гузошта буд, аммо овозаи ба ғуломиву канизӣ додани даҳҳо навҷавони хуфӣ тамоми Шуғнонро ба ларза андохт. Ингор замин сахт ҷунбиду ҳама ҷо чӯл гашту чаповул шуд. Мардуме, ки пас аз дафъи шарри Муҳаббатхон ба ватани бобоии худ баргашта, акнун ба зиндагонии осуда хӯ мегирифт, аз Юсуфалихон чунин зулми гӯшношунидро ба ҳеҷ ваҷҳ интизор надошт. Оре, гоҳу ногоҳ аз ҳар гӯшаеву каноре хабаре мерасид, ки "фулон касро авор карданд" ё "кӯчи биҳмадон хонаводаро бастанду хонахез рон-данд". Албатта, ин сон хабарҳо изтиробангез буданд, аммо на даҳшатовар. Мамлакати калон дузд ҳам дораду роҳзан ҳам, зонӣ ҳам дораду даюс ҳам, давлатситез хам дораду хиёнаткор ҳам. Ва-зифаи шоҳ аст, ки давлатро аз касофати чунин ашхос эмин нигоҳ дорад. Ва халқ, дар умум, дар ин мавзӯъ аз Юсуфалихон гилае ҳам надошт. Чаҳор соли ҳукмронии вай бо амонӣ гузашт; фикраш ба ободии мулк буд – дар Поршинев ҷӯй баровард, кони лаълро ба кор андохт, ба шустани тилову гудохтани оҳан амр дод; дар ги-рифтани андоз адолат риоя мекард; сипоҳи доимӣ нигоҳ медошт; ҳатто шасти лашкари Бадахшонро ба як ҷанги кӯтоҳ гардонда, агар мусолимат дар миён намеафтод, яқинан пирӯзӣ ба даст мео-вард. Ба масхара гирифтани хуфиён дар ҷашни Наврӯз ҳам мар-думро аз шоҳ дилсард нагардонд – хуфиён шоҳро масхара кар-данд, шоҳ дар маъракаи наврӯзии худ онҳоро ба шеваи мутоибаву бозӣ ҷазои сазовор дод. Аммо накушт, накӯфт, ба зиндон наан-дохт. Буду шуд як пирашон мурд – он ҳам айби худаш. Шӯхӣ ма-кун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб!

Вале ба ғуломӣ додани хуфиёни ҷавони бегуноҳ ба тамоми аъмоли неки Юсуфалихон дар они воҳид хати бутлон кашид! "Ниҳоят Юсуфалихон ҳам дар асл кӣ будани худро нишон дод!" – мегуфтанд доноёни мулк, онҳое, ки аслу насаби шоҳони

Шуғнонро хуб мешинохтанд ва мутмаин буданд, ки ба накӯӣ майл намудани Юсуфалихон ҷуз фиреби назар чизи дигаре нест. Оре, дуруст гуфтаанд, ки “мева аз дарахташ дур намеафтад”. Расо сиву панҷ сол пеш, ба хотири нигоҳ доштани мансаби худ Абдураҳимхон – падари Юсуфалихон, беш аз сад наврасу навҷавони хуфиро ба шоҳи Қундуз тортуқ дода буд. Ҳанӯз доғу дарди он мазлумон аз ёдҳо пок нагашта, боз Юсуфалихон ба ин пастӣ даст зад. Ва ин бор ҳам хуфиён! Дарае, ки ҳамагӣ ҳафт деҳаи кӯчак дораду ҳафтод-ҳафтоду панҷ хонавода. Ин мардум дар пеши Худованд ба чӣ гуноҳи азиме муртакиб шудаанд, ки ҳама вақт фоли сиёҳи қисмат ба номи онон меафтад? Чӣ дуои баде дар ҳаққашон рафта бошад, ки ҷумлаи хидматгорони шоҳони Шуғнон аз ин қавм асту боз чормағзи бардагиро низ дар сари сахти онҳо мешикананд?!

Хабари шуми бардабароти хуфиён чун селаи зоғони сиёҳ дар ду-се рӯз ба чор сӯи Шуғнон паҳн гашту дасту дили мардумро аз кору зиндагӣ хунук гардонд. Вожаи “Хуф” сари забонҳо ҷой гирифту ба рамзи таҳлукаву бим табдил ёфт. Зеро баид набуд, зулмеро, ки шоҳ имрӯз бар хуфиён раво донист, фардо ба сари онон биёраду навкарон ҷигарпораҳошонро аз ҷигаргоҳашон берун бикашанд ва ягона баҳонаи зинда мондан дар ҷаҳони зулмониро дар замири дилашон билкул бикушанд.

Хуф дигар як фаромӯшхонаи домани риштакӯҳҳо набуд. Он ба дорулҳазани ор, ба озмоишгоҳи нанг, ба остони номус мубаддал гашт. “Хуф”-у “номус” ҳаммаъно шуданд, якҷо шуданд, якто шуданд.

Кӯрдуди оҳи синаи бирёни хуфиҳо дар фазои Шуғнонзамин пар-пар зада, осмони беғубори фасли тобистонро дар назари фуқаро тираву тазйиқовар ба ҷилва меовард. Ин сӯгро фармони тозаи шоҳ дар хусуси гирифтани бист канизи қадрас барои духтараш, ки ба шаҳбачаи чатрорӣ шавҳар мекард, пурсӯзтару шадидтар месохт. Даҳони халқ хун мепурхид, аммо Юсуфалихон ҳоло ба шунидани гапи вазири худ вақт надорад, чи расад ба сағиру фақир. Гиребонаш аз мушти Маҳмудшоҳи аблаҳбашара нав халос шуда буду акнун тараддуди сури ба таъхир уфтодаи духтарашро гирифтааст. Нийят дорад, то охири ҳафта арӯсро гусел кунаду па-

сон кори сохтусози Баҳрпанҷаро ба охир расонад. Баҳрпанҷаро тавре барои зиндагонӣ мутобиқ созад, ки ба муҳосираи яксола тобовар гардад. Худо нокарда, дар сари Маҳмудшоҳ ё кадом дунёталаби дигар ҳавои тасхири Шуғнон бияфтад, қалъаи Баҳрпанҷа бояд истодагарӣ ва муқовимат карда тавонад. Саройи санг истеҳкоми баде нест, аммо Баҳрпанҷа бояд номбардори шоҳ Юсуфалихон бошад! Саройи санг иморати дӯстдоштаи Муҳаббатхон буд. Дар ҳамон ҷо зиндагӣ кард, дар ҳамон ҷо саг барин мурд. Юсуфалихон барои ҳамин ҳам аз рӯзи аввали ба Шуғнон даромадан қалъаи Баҳрпанҷаро интихоб кард. То ду рӯзи пеш дар ин андеша буд, ки минбаъд Саройи сангро ба чӣ мақсаде истифода барад? Анбор? Қӯрхона? Ахтахона?.. Ду рӯз пеш масъалаи ҷойгузини меҳмононе, ки аз навоҳии дур ба хурсандӣ меоянд, пеш баромаду шоҳ ба қарори қатъӣ омад, ки Саройи сангро корвонсарой мекунад. Он барои қабули беш аз сад меҳмон имконият дорад. Фақат саройдори бадасту поеро ба он муваккал кардан лозим асту халос. Бигузор, аз лангарпартофтагон пуле бигирад ва ба хазинаи давлат бисупорад. Оҳиста-оҳиста ҳам Саройи санг обод мегардад, ҳам қалъаи Баҳрпанҷа.

Хазинаро Юсуфалихон пурра ба Баҳрпанҷа кӯчонд. Ин кори махфиву муҳимро ҳамин шаб то кафидани чашми рӯз анҷом доданд. Чор нафар устои нақбзанро то рамақи охирини ҷонашон барои ҷобаҷо кардани халтаву сандуқҳои пур аз тангаву тилло ва молу матои гуногун кор фармуданду чанд дақиқа пеш аз даромадани шоҳ ба он ниҳонгоҳи зеризаминӣ ҳар чорашонро буғӣ карда куштанд. Шоҳ дар равшании машъалони хушбӯй таҳхонаро қадам ба қадам аз назар гузаронду кори анҷомдодаро писандид. Сипас ба сари мурдаҳои паҳлуи ҳам росткарда омаду болои сарашон дақиқае сукут варзид. Чун бовар ҳосил кард, ки дар ҳақиқат ҳам ҳеҷ кадоме аз онҳо нафас намекашад, даст ба рӯй кашиду амр дод:

– Дар худи ҳамин ҷо заминро канда, дафнашон кунеду хокашонро чунон ҳамвор созед, ки рӯзи дигар худатон ҳам ҷояшро наёбед.

Сияҳсар, Муборак ва Мурассаъ таъзим карданду пасопеш садо бароварданд:

– Иҷро мекунем, тасаддуқ.

Шоҳ мамнунона сар ҷунбонд ва роҳи баромадро пеш гирифт. Сурхалишоҳ низ ба сӯйи ҳамкоронаш сар ҷунбонду думболи Юсуфалихонро гирифт.

Ба ҳамин минвол, наздики пешин шоҳ аз сури фардои духтараш мамнуну аз пинҳон намудани хазинаи гаронмояи давлаташ қаноатманд, дар боргоҳ бо Сурхалишоҳ масъалаҳои хурду резаи хурсандиро муҳокима мекарданд, ки банохост дар башаст боз шуд ва марди паҳлавонҷуссаи сиёҳҷурдае бо ришу мӯйи дарози жӯлида худро ба миёнаи пойгаҳ расонду дар баробари шоҳ истод. Юсуфалихон, ки чунин густохии ҳайратоварро дар боргоҳ ба ҳеҷ ваҷҳе чашмдор набуд, нохудогоҳ ду қадам ақиб рафту даст ба шамшер бурд, вале дар лаҳзаи охир меҳмони нохондаро шинохту бо таҳайюр бонг зад:

– Манзаршоҳ?!

Аммо аз Манзаршоҳи сар поин андохтаву чун мори аъфӣ варамида садое барнахост.

– Бале, Манзаршоҳ, худи худаш, – ба ҷойи мир ҷавоб дод Сурхалишоҳ, – ба ту чӣ шуд?

– Манзаршоҳ, гап зан! Ба ту чӣ шуд? – ба ташвиш сӯяш қадам гузошт шоҳ.

– Беҳтараш ту ба ман фаҳмон, ки ба ту чӣ шуд? – бо садои аз ғояти хашм канда-канда забон кушод Манзаршоҳ. – Наздик наё, ки ман худамро дошта наметавонам.

Юсуфалихон бозистод ва садо баланд кард:

– Ту хоби бад дидаӣ-чӣ? Дар сарат ҳуш наменамояд. Чӣ бало зад туро?

– Не, Юсуфалихон, ин ту ба ман фаҳмон, ки туро чӣ бало зад, ки аҳдатро шикастиву хуфиёни бенаворо фурӯхтӣ ва дар ҳаққи ман хиёнат кардӣ!?

– Ҳоо, ана гап дар куҷо будааст! – тамасхуромез нидо дод шоҳ, – ман хаёл кардам, ки ягон иттифоқи муҳим афтода, ки ту шохатро ба ман тез карда омадаӣ. Хуфиён чӣ касанд, ки ту ба маҳзи онҳо бо ман чунин гап мезанӣ?

Ин суханони шоҳ ба оташи ғазаби Манзаршоҳ равған рехтанд. Вай муштони гиреҳбастаашро ба ҳаво бардошт:

– Магар дар Наврӯз он бечорагонро мазоқу масхара карда, сипас гуноҳашонро ба ман набахшида будӣ? Агар гап дар товони мо-

лат бошад, онро ҳам ҷамъ овардем. Ман барои талофии он ба Помир сафар кардам, дар он ҷо барои сарҳадамон бо қирғизҳо хун рехтам, ту бошӣ ҳаққи бародариву дӯстии бистсолаамонро пос надоштиву ба хиёнат даст задӣ!

Аз густохиву тундгӯии бебоконаи Манзаршоҳ хун ба сари Юсуфалихон зад:

– Эй Манзараки бедарак, забон нигоҳ дор, ки аз ҳалқумат бехӣ меканамаш! Ту агар барои талофии қарзи хуфиёни бетармолиат куҷое рафтӣ, онро бар ман миннат накун. Агар бо қирғизҳо қазияе дошта бошӣ, онро ҳам ба сари ман назан. Аммо агар туву хуфиёни бемиёнат қарзи маро надиҳед, аз банди биниатон онро меканам...

– Бедарак туӣ! – гапи Юсуфалихонро бо садои ғафси баландаш бурид Манзаршоҳ, – Туӣ, ки заррае ба номусу нанги ман дар назди халқи Рӯшон фикр накардӣ! Ман ба аҳди бародарии ту бовар карда, фақиронро замонат додам, ки то сари кор ҳастам, ҷони онҳо дар амон асту ба зану фарзандашон касе дастдарозӣ нахоҳад кард. Ту инро медонистӣ, Юсуф, аммо маро ба одам нагирифтӣ. Лаънати Худо бар ту бод, бадандеши нопокдарун!

Юсуфалихон аз ғазаб ҳуш бохту даст ба шамшер бурд.

– Забонатро бубанд, ки мекушамат! – чун мор фишшос зад шоҳ.

– Ту маро мекушӣ, хоинбача?! – қоҳ-қоҳ зад Манзаршоҳ, – ҳоло дар тамоми Шуғнон марде пайдо нашудааст, ки Манзаршоҳро аз ҷояш ҷунбонда тавонад. – Шамшератро ба ғилоф биандоз, ки болои хашм каллаи кадуятро аз тани беарзишат ҷудо накунам.

Сурхалишоҳ чун дид, ки ҷанг ногузир шудан дорад, ҷониби дар қадам бардошт, ки посбононро огоҳ кунад. Вале Манзаршоҳ ӯро баргардонд:

– Наҷунб, ки мушт мехӯрӣ, Сурхалишоҳ! Дар пушти дар писарам Лахман истодааст. Ман ба ин даюси беномус гапамро мегӯяму меравам. Ин бор аз баҳри хуни касифаш мегузарам. – Ва ба шоҳ рӯ овард: – Бахтатро сиёҳ накуну шамшератро ба ғилофаш андоз! Маро медонӣ, ки аз теғи бараҳна ба шӯр меоям.

Юсуфалихон ночор теғ ба наём андохт.

– Акнун ҳушу гӯшатро ҷамъ ору охирин суханҳои маро шунав, ки чӣ мегӯям. Соате пас оқсақол Шоҳсабоӣ бист асп оварда, ба саи-

сат месупорад. Бист аспи боқимонда бо сад сар бузу гӯсфанд ва чил бози шикорӣ дар майдони Вомар қарор дорад. Ду рӯз пас одамони ман оварда, ба ту месупоранд. Агар боз ягон қарзу фарзе дар гардани ман дошта бошӣ, бигӯ, месупорамаш. Ман аз ҳамин соат, аз ҳамин лаҳза, аз ҳамин дам дигар бо ту барин шоҳи маккори хиёнатпеша кор намекунам! Дову дастгоҳамро гирифта, ба ватани бобоии худ мурочиат мекунам. Аз паси ман одам нафирист, ки мекушамаш. Касе, ки бошад, бароям фарқ надорад, мекушам!

– Яъне истеъфо медиҳӣ? – ғурунгос зад Юсуфалихон.

– Чизе, ки бароят маъқул бошад, ҳамон, – давом дод Манзаршоҳ. Фақат дил хуш накун, ки аз барои ту шона холӣ мекунам. Не! Ман ба халқам дигар чашме надорам, ки нигоҳ кунам, рӯйе надорам, ки бинамоям. Маро дар пеши халқи Рӯшон шармандаи ду дунё кардӣ, харпадари ҳаромзода!

Аз ин гап ранги аз ғазаб сурхидаи Юсуфалихон ба сапедӣ майл намуд. Вай боз даст ба қабзаи шамшер бурд ва дод зад:

– Хомӯшшш!!!

Вале ку он қудрату қуввае, ки паланги дамони рӯшониро аз шасташ бигардонад! Манзаршоҳ, баръакс, бештар оташ гирифт:

Медонӣ, ҳамин субҳ дар ҳаққат чӣ шеъри аҷибе шунидам? Гӯшҳои харонаатро дарозтар куну бишнав, ки он шоир дар бораат чӣ гуфт:

***Эй шоҳи бетамизак,***
***Гардан мисоли қезак.***
***Дар ришу дар фашат кард***
***Халқи гурусна мезак.***
***Кун духтару занатро***
***Бар ғосибон канизак!***
***Тезӣ макун, ки монем***
***Мо дар паси ту тезак!***

Байти охирин косаи сабри Юсуфалихонро лабрез намуд. Вай нохудогоҳ теғ аз ғилоф баркашиду ба сари Манзаршоҳ ронд. Манзаршоҳ дасти теғдори ӯро дар ҳаво доштy ба буни гарданаш чунон муште фуровард, ки олам дар назари шоҳ торикистон шуд. Ҳанӯз ба замин наафтода, мушти оҳанини Манзаршоҳ ба пушти са-

раш бархӯрд. Аз бинии Юсуфалихон хун фаввора заду ӯ рӯйнокӣ фарши замин гашт. Сурхалишоҳ бо бадани чун барги бед ларзон ба сари ӯ хам шуд.

– Ту шоҳро куштӣ, мир! – бо ҳарос чиррос баровард дафтардор.

– Мурд, хас кам, ҷаҳон пок! – бонг зад Манзаршоҳ, – оё аз ҳамин ҳоле, ки дорад, мурданаш беҳтар нест?!

Манзаршоҳ ба пушти Юсуфалихон бо кароҳат туфе андохту башаст ҷониби дар рафт. Сурхалишоҳ сари шоҳро бардошту болои зонувони худ гузошт.

**21 январи соли 2019 – 8 ноябри соли 2020.**

## МУНДАРИҶА

Палтан ..........................................................................................3
Бороншитоб.....................................................................................16
Шеъри шуғнонӣ ..............................................................................25
Вохӯрӣ бо шоҳбонуи қирғизон.......................................................36
Тантанаи англисҳо..........................................................................52
Ҷанг бо уқоб ...................................................................................86
Сафари қатъшуда............................................................................96
Кӯчрон ..........................................................................................105
Саломи оташин.............................................................................118
Муқобилат бо бадахшиён.............................................................129
На ҷанг, на мадоро........................................................................132
Раъйи Сайид Фаррухшоҳ...............................................................135
Дар саргаҳи Танимас ....................................................................142
Шабохун........................................................................................162
Қарори қатъӣ ................................................................................178
Гуфтушунид ..................................................................................179
Пас аз гуфтушунид .......................................................................191
Рӯзи сиёҳи Хуф .............................................................................202
Зӯғ аз ҳафт остон ..........................................................................218
Никоҳ ба дарахт.............................................................................227
Ҳуҷум ба Аличор...........................................................................235
Ҷанги нобаробар............................................................................241
Оштии нангомез ............................................................................290
Хабари нохуш................................................................................294
Истеъфои Манзаршоҳ....................................................................300

*Ато Мирхоҷа*

# САРОЙИ САНГ

## Романи таърихӣ

***Қисми сеюм***

Ба чоп 31.12.2020 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman.
Ҷузъи чопии шартӣ 19,25.
Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши № 251.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com